# КОДЕКСИ ГУМРУКИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2004, №12, қ.2, мод.703, мод.704; с.2006, №3, мод.159; с.2007, №7, мод.681; с.2008, №6, мод.459, №10, мод.818; с.2011, №3, мод.160, №6, мод.458; с.2012, №4, мод.250, №7, мод.695, мод.724, №8, мод.818, №12, қ.1, мод.1000; с.2013, №12, мод.879; с.2015, №3, мод.211; с.2016, №3, мод.151, №7, мод.625, №11, мод.882; с.2017, №5, қ.1, мод.278, мод.279; с.2018, №2, мод.68, №7-8, мод.528; с.2019, №4, мод.228, №6, мод.323; с.2020, №1, мод.24; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2020, № 1746)

(Қонуни ҶТ аз 3.03.2006 № 169, аз 30.07.2007 № 319, аз 18.06.2008 № 401, аз 6.10.2008 № 437, аз 25.03.2011 № 693, аз 28.06.2011 № 747, аз 16.04.2012 № 800, аз 03.07.2012 № 845, аз 03.07.2012 № 874, аз 01.08.2012 № 881, аз 28.12.2012 № 906, аз 28.12.2013 № 1035, аз 18.03.2015 № 1189, аз 15.03.2016 № 1298, аз 23.07.2016 № 1347, аз 14.11.2016 № 1366, аз 30.05.2017 № 1421, № 1422, аз 21.02.2018 № 1512, аз 3.08.2018 № 1545, аз 4.04.2019 № 1600, аз 20.06.2019 № 1621, аз 2.01.2020 № 1678, аз 17.12.2020 № 1746, аз 29.01.2021 № 1768, аз 18.03.2022 № 1868, аз 19.07.2022 № 1906, аз 24.12.2022 № 1932, аз 13.11.2023 № 2001, аз 13.11.2024 №2108)

Кодекси мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии фаъолияти гумрукро муайян намуда, ба ҳимояи истиқлолият ва амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъол сохтани муносибатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар системаи муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, таъмини ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон, субъектҳои хоҷагидорӣ ва мақомоти давлатӣ ва аз ҷониби онҳо риоя намудани ӯҳдадориҳо дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ нигаронида шудааст.

## ФАСЛИ I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ АСОСӢ

### Моддаи 1. Танзими гумрукӣ ва фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Танзими гумрукӣ аз муқаррар намудани тартиб ва қоидаҳое иборат мебошад, ки шахсон ҳангоми риоя намудани онҳо ҳуқуқи аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - сарҳади гумрукӣ) интиқол додани мол ва воситаҳои нақлиётро амалӣ менамоянд.

Танзими гумрукӣ мувофиқи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

2. Фаъолияти гумрукӣ маҷмӯи усулҳо ва воситаҳои таъмини риояи тадбири танзими гумрукию тарифӣ, мамнӯият ва маҳдудиятҳоеро дар бар мегирад, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ вобаста бо интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ муқаррар шудааст.

3. Роҳбарии умумии фаъолияти гумрукиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).

Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ бо мақсадҳои гумрукӣ татбиқи мустақими вазифаҳоро дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ва

истифодаи якхелаи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ҳамаи мақомоти гумрук дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

4. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи танзими гумрукӣ бо мақсади ҳамоҳангсозӣ ва мутаносибии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва амалияи умумиэътирофшудаи байналмилалӣ иштирок менамояд.

**Моддаи 2. Ҳудуди гумрукӣ ва сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон** (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421)

1. Ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳудуди ягонаи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҷойгир бошанд, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шуда, қисми ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мерав止анд. Моли дар ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҷойгиршуда бо мақсади истифодаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз, инчунин мамнӯият ва маҳдудияти дорои хусусияти иқтисодӣ, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд, ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун моли берун аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиршуда ба ҳисоб мерав止анд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421, аз 19.07.2022 № 1906).

3. Доираи ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин доираи ҳудуди дар қисми 2 ҳамин модда нишондодашуда сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

4. Сарҳади гумрукӣ, ба истиснои доираи минтақаҳои дар қисми 2 ҳамин модда муайяншуда ба Сарҳади давлатӣ мувофиқ аст (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421, аз 19.07.2022 № 1906).

**Моддаи 3. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ**

1. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз ҳамин Кодекс, қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки қабули онҳоро ҳамин Кодекс пешбинӣ намудааст, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад (Қонуни ҶТ 14.11.2016 № 1366).

2. Қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои вобаста ба фаъолияти гумрукӣ, аз ҷумла муносибатҳои муқаррар намудани тартиби интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ, муносибатҳоеро, ки дар ҷараёни барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гумрукӣ ба миён меоянд, шикоят нисбати санад, амалӣ (беамалии) мақомоти гумрук ва шахсони мансабдори онҳо, инчунин муносибатҳо оид ба муқаррар намудан ва татбиқи низоми гумрукӣ, муайян, татбиқ намудан, тағйир додан ва ситонидани пардохтҳои гумрукиро танзим менамояд.

3. Агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба муқаррароти ҳамин Кодекс меъёрҳои дигар муқаррар шуда бошанд, меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ татбиқ мегарданд.

**Моддаи 4. Тартиби мавриди амал қарор додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ**

(Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 № 1298)

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ бо тартиби пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" мавриди амал қарор дода мешаванд (Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 № 1298).

**Моддаи 5. Қувваи бозгашти санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ**

1. Амали санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ нисбати муносибатҳое, ки то ҷорӣ намудани онҳо ба миён омадаанд, татбиқ намегардад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки агар дар худи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба мавриди амал қарор додани онҳо тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

2. Меъёрҳои муқарраркунанда ё вазнинкунандаи ҷавобгарӣ ё вогузорандан ӯҳдадориҳои иловагӣ ба зиммаи субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии гумрукӣ қувваи бозгашт надоранд.

3. Меъёрҳои сабуккунандаи ҷавобгарии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии гумрукӣ қувваи бозгашт доранд.

**Моддаи 6. Талабот ба санадҳои қонунгузории гумрук, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ**

1. Муқаррароти санадҳои қонунгузории гумрук, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ бояд чунон баён гарданд, ки ҳар як шахс ҳуқуқ ва вазифаҳои худ, аз ҷумла ҳангоми интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ иҷрои кадом амал, кай ва тартиби иҷрои онро дақиқ донад.

2. Муқаррароти санади меъёрии ҳуқуқии мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ наметавонанд хилофи муқаррароти санадҳои қонунгузории гумрук ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд ё талабот, мамнӯият ва маҳдудиятеро муайян намоянд, ки онҳо дар санадҳои қонунгузории гумрук ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нашудаанд.

Хориҷ карда шуд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).

3. Ҳеҷ кас барои вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ ба ҷавобгарӣ кашида намешавад, ба шарте, ки ин вайронкунӣ аз сабаби носаҳеҳӣ ва гуногунфаҳмии меъёрҳои ҳуқуқии дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ мавҷуда ба миён омада бошад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).

4. Нисбати санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ, ки ба ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар навъи фаъолияти иқтисодӣ дахл мекунад,

тибқи тартиби судӣ, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят кардан мумкин аст.

**Моддаи 7. Истифодаи тадбирҳои танзими тарифи гумрукӣ, мамнӯият ва маҳдудиятҳои мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда**

Дар фаъолияти гумрукӣ тадбирҳои танзими гумрукию тарифӣ, мамнӯият ва маҳдудиятҳои мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон муқарраргардида, ки дар рӯзи қабули декларатсияи гумрукӣ амал мекунанд, истифода бурда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

**Моддаи 8. Тартиби баҳисобгирии мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс**

1. Муқаррар намудани рӯзи оғоз ва рӯзи анҷоми мӯҳлатҳои мувофиқи ҳамин Кодекс муқарраршуда, ки барои давра ё рӯзи фаросии ҳодиса муайян мегардад, мувофиқи тартиби пешбининамудаи ҳамин Кодекс муқаррар карда мешавад.

2. Агар мувофиқи ҳамин Кодекс барои баҳисобгирии мӯҳлатҳо тартиби махсус муқаррар нашуда бошад, барои муайян кардани рӯзи оғоз ва рӯзи анҷоми мӯҳлатҳо дар фаъолияти гумрукӣ қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 3 моддаи 129 ҳамин Кодекс истифода мегарданд.

**Моддаи 9. Муносибат бо маълумоте, ки мақомоти гумрук гирифтааст**

1. Ҳама гуна маълумоте, ки мақомоти гумрук гирифтааст, дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии гумрук, дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ танҳо барои мақсадҳои гумрукӣ истифода бурда мешаванд.

2. Мақомоти гумрук ва шахсони мансабдори онҳо, дигар шахсони ба маълумот иҷозатдошта, ки дар қисми 1 ҳамин модда зикр шудаанд, тибқи қонун ва ё қарордод ҳуқуқ надоранд маълумоти дорои сирри давлатӣ, тиҷоратӣ, бонкӣ, андоз ё дигар сирри қонунан ҳифзшавандаро ифшо намоянд, барои мақсадҳои шахсӣ истифода баранд ё ба шахси сеюм, аз ҷумла ба мақомоти давлатӣ диҳанд, ба истисноии ҳолатҳое, ки дар ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

Мақомоти гумрук метавонанд тибқи тартиби байни мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ва мақоми давлатии ваколатдор мувофиқашуда, бо риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳимояи сирри давлатӣ, тиҷоратӣ, бонкӣ, андоз ва дигар сирри қонунан ҳифзшаванда ва дигар маълумоти махфӣ (конфиденсиалӣ) маълумоти гирифтаашонро ба мақоми давлатии ваколатдор диҳанд, агар чунин маълумот барои ин мақомот ҷиҳати иҷрои вазифаҳои мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаашон гузошташуда зарур бошад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

Мақомоти ваколатдори давлатӣ, шахсони мансабдори онҳо, шахсони дигаре, ки тибқи қонун ба маълумоти махфии аз мақомоти гумрук гирифташуда

иҷозат доранд, ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ надоранд чунин маълумотро ифшо намоянд, паҳн кунанд, ба мақсадҳои шахси истифода баранд ё онро ба шахси сеюм диҳанд.

3. Маълумоти дар қисми 1 ҳамин модда зикршуда, ки сирри давлатӣ, тиҷоратӣ, бонкӣ, андоз ё дигар сирри қонунан ҳифзшавандаро ташкил медиҳад ва дигар маълумоти махфӣ (конфиденсиалӣ) дорои низоми махсуси ҳифз ва иҷозат мебошад.

4. Гум кардани ҳуҷҷатҳои дорои сирри давлатӣ, тиҷоратӣ, бонкӣ, андоз ё дигар сирри қонунан ҳифзшаванда, маълумоти махфӣ (конфиденсиалӣ), ифшои чунин маълумот, истифодаи онҳо барои мақсадҳои шахсӣ ё додани онҳо ба шахси сеюм боиси ҷавобгарии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

5. Маълумоти махфӣ оид ба амалиёти воридотию содиротии мушаххаси фаъолияти иқтисодии хориҷӣ танҳо ба суд ва мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ вобаста ба тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ пешниҳод карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 874, аз 19.07.2022 № 1906).

**Моддаи 10. Мафҳумҳои асосӣ**

1. Дар ҳамин Кодекс мафҳумҳои асосӣ ба маънои зайл истифода бурда мешаванд:

1) амалиёти гумрукӣ - амалҳои алоҳида нисбати мол ва воситаҳои нақлиёт, ки аз ҷониби шахсон ва мақомоти гумрук ҳангоми барасмиятдарории гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт иҷро карда мешаванд;

2) андозҳо - андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо, ки мақомоти гумрук вобаста ба интиқоли мол аз сарҳади гумрукӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон меситонанд;

3) андозҳои дохилӣ - андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз, ки ҳангоми муомилоти мол дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

4) боркашон (интиқолдиҳанда) - шахсе, ки молро аз сарҳади гумрукӣ ва таҳти назорати гумрукӣ дар доираи ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол медиҳад ё барои истифодаи воситаи нақлиёт масъул аст (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

5) брокери гумрукӣ (намоянда) - миёнараве, ки амалиёти гумрукиро аз номи декларант ва (ё) бо супориши он ё шахси дигар, ки ба зиммаи ӯ чунин масъулият гузошта шудааст, иҷро мекунад ё ба вай ҳуқуқ дода шудааст, ки амалиёти гумрукиро мувофиқи ҳамин Кодекс анҷом диҳад;

6) воридоти мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон - интиқоли воқеии мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт ба ҳудуди гумрукӣ ва ҳамаи дигар амалҳои мувофиқи ҳамин Кодекс пешбинишуда бо мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт то замони иҷозати онҳо аз ҷониби мақомоти гумрук (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

7) воситаҳои нақлиёт - ҳама гуна киштии дарёӣ (аз ҷумла лихтерҳои худгард ва ғайрихудгард, баржаҳо, инчунин киштиҳои болдор), киштиҳои дорои болиштҳои пурбод, тайёраҳо, нақлиёти автомобилӣ (аз ҷумла ядакҳо,

нимядакҳо, воситаҳои нақлиёти омехта) ё воҳиди ҳаракаткунандаи роҳи оҳанро дар бар мегирад, ки барои ҳамлу нақли байналмилалии интиқоли пулакии шахсон ё ҳамлу нақли пулакӣ ва ройгонӣ бори саноатӣ ва тиҷоратӣ истифода мешаванд, инчунин қисмҳои эҳтиётии штатӣ, олот ва таҷҳизот, сӯзишворию равғанҳои молидании дар бакҳои штатӣ мавҷуда, агар онҳо якҷоя бо воситаҳои нақлиёт интиқол дода шаванд;

8) декларант - шахсе, ки молро декларатсия мекунад ё аз номи ӯ мол декларатсия карда мешавад;

9) декларатсияи гумрук - ҳуҷҷати дорои шакли муайян, ки дар он тибқи ҳамин Кодекс маълумоти барои мақомоти гумрук зарури зикр карда мешавад;

10) интиқоли мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ - бо усулҳои гуногун ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид кардан ё аз он содир кардани молу воситаҳои нақлиёт (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

11) интиқоли ғайриқонунии мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ - амали воридот ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё содироти мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт аз ин ҳудуд бо вайрон намудани тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

12) иҷозати мол - амали мақомоти гумрук, ки ба шахсони манфиатдор барои истифода ва (ё) ихтиёрдории мол тибқи низоми гумрукӣ иҷозат медиҳад;

13) иҷозати шартӣ - иҷозати мол ва воситаҳои нақлиёт бо маҳдудиятҳо ва шартҳои муқарраршуда оид ба истифода ва ихтиёрдории онҳо;

14) мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ мақоми давлатии дахлдор, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини бевоситаи иҷрои вазифаҳо дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ва истифодаи якхелаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи ҳамаи мақомоти гумрук дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор шудааст (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

15) мақомоти гумрук - мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ва воҳидҳои тобеи он, ба истисноИ ҳолатҳое, ки дар ҳамин Кодекс мақомоти гумруки давлатҳои хориҷӣ ёдовар шудаанд;

16) мол - ҳама гуна амволи манқули ҳам ба мақсадҳои тиҷоратӣ ва ҳам ғайритиҷоратӣ аз сарҳади гумрукӣ интиқолшаванда, инчунин воситаҳои нақлиёти марбут ба амволи ғайриманқул, ки аз сарҳади гумрукӣ интиқол дода мешаванд. Воситаҳои нақлиёти дар банди 7 ҳамин қисм нишондодашуда ба мол тааллуқ надоранд;

17) моли ватанӣ - моле, ки барои мақсадҳои гумрук дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои статуси муомилоти озод мебошад, яъне моле, ки аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон содир нашудааст ва пурра дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол гардидааст, моли барои муомилоти озод дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатдодашуда ва моле, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моли барои муомилоти озод дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатдодашуда истеҳсол гардидааст (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

18) моли хориҷӣ - моле, ки моли ватанӣ ҳисобида намешавад;

19) моли тахти назорати гумрукӣ қарордошта - моли хориҷие, ки то замони иҷозати он ба муомилоти озод, интиқоли воқеии мол аз сарҳади гумрукӣ ҳангоми содирот ё худ то замони нобудкунии он, ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст, инчунин моли ватанӣ аз замони содироти он аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон то замони интиқоли воқеии он аз сарҳади гумрукӣ (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

20) муомилоти озод - муомилоти мол дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни мамнӯият ва маҳдудиятҳои пешбининамудаи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

21) назорати гумрукӣ - маҷмӯи тадбирҳо, аз ҷумла дар асоси арзёбӣ ва идоракунии таваккале, ки мақомоти гумрук бо мақсади таъмини риояи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678);

22) низоми гумрукӣ - расмиёти гумрукие мебошад, ки маҷмӯи талабот ва шартҳо, аз ҷумла тартиби нисбати мол ва воситаҳои нақлиёт истифода бурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз, мамнӯият ва маҳдудиятҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мақоми мол ва воситаҳои нақлиётро ба мақсадҳои гумрукӣ вобаста бо мақсади интиқоли онҳо аз сарҳади гумрукӣ ва истифодабарӣ дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё берун аз ин ҳудуд дар бар мегирад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

23) расмиёти гумрукӣ - маҷмӯи муқаррароте, ки статуси мол ва воситаҳои нақлиёти аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолшавандаро барои мақсадҳои гумрукӣ муайян менамояд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

24) содироти мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон - пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ ё анҷом додани амалҳои дар сархати дуюми ҳамин банд зикршуда, ки мустақиман ба содироти мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт, инчунин дигар амалҳои мувофиқи ҳамин Кодекс барои мол ва воситаҳои нақлиёт то замони интиқоли ҳақиқии онҳо аз сарҳади гумрукӣ пешбинишуда нигаронида шудааст (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

Ба амалҳое, ки мустақиман ба содироти мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд, амали дохил шудани (воруди) шахси воқеии аз Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷшаванда ба минтақаи назорати гумрукӣ, ворид шудани воситаҳои нақлиёт ба нуқтаи гузаргоҳ аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баровардани он аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоридани мол ба ташкилотҳои нақлиётӣ ва (ё) муросилоти байналмилалӣ тавассути ташкилотҳои (муассисаҳои) алоқаи почта барои ирсол берун аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, амали шахс ҷиҳати бо мол ва воситаҳои нақлиёт мустақиман баромадан аз сарҳади гумрукӣ берун аз маҳалҳое, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд, ба ҳисоб меравад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

25) статуси (мақоми) мол ва воситаҳои нақлиёт барои мақсадҳои гумрукӣ - мавҷуд будан ё набудани мамнӯият ва маҳдудиятҳо барои ҳуқуқи истифода ва ихтиёрдории мол ва воситаҳои нақлиёт, ки мувофиқи ҳамин Кодекс муқаррар шудааст;
26) шахсони манфиатдор - шахсоне, ки манфиати онҳо тавассути қарор, амалӣ (беамалии) мақомоти гумрук нисбати мол ва воситаҳои нақлиёт мустақиман ва инфиროди дахолат карда мешавад, агар аз ҳамин Кодекс тартиби дигаре барнаояд;
27) шахсон - шахси воқеӣ ва ҳуқуқм, агар аз ҳамин Кодекс тартиби дигаре барнаояд;
28) шахсони хориҷӣ - шахсоне, ки шахсони ватанӣ ҳисобида намешаванд;
29) шахсони ватанӣ - шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахси бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳали истиқомати доимӣ дорад, соҳибкори инфиродӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, инчунин шахси ҳуқуқие, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
30) шахси ҳуқуқии ватанӣ - шахси ҳуқуқие, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст;
31) экспедитор - шахсе, ки мувофиқи шартномаи экспедитсияи нақлиётӣ мутобиқи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад;
32) ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ - ҳисобнома-фактура (инвойс), номнависи (спетсификатсияи) бор, варақаи бастабандӣ ва ҳуҷҷатҳои дигаре, ки ҳангоми анҷом додани фаъолияти савдои хориҷӣ ва дигар фаъолият, инчунин барои тасдиқи аҳдҳо вобаста ба интиқоли мол тавассути сарҳади гумрукӣ истифода мегарданд (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678);
33) ҳуҷҷатҳои гумрукӣ - ҳуҷҷатҳое, ки танҳо барои мақсадҳои гумрукӣ таҳия шудаанд;
34) ҳуҷҷатҳои нақлиётӣ (борбарӣ) - коносамент, борхат ё дигар ҳуҷҷатҳое, ки мавҷудият ва мазмуни шартномаро барои интиқоли мол тасдиқ менамоянд ва ҳангоми интиқоли байналмилалӣ ҳамроҳикунандаи мол ва воситаҳои нақлиёт мебошанд;
35) молҳои қалбакӣ - молҳои дорои объектҳои моликияти зеҳнии бо вайрон намудани ҳуқуқҳои соҳибҳуқуқ тайёргардида ва (ё) аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолшавандае, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз мешаванд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 874);
36) соҳибҳуқуқ - шахсе, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ҳуқуқи истисноӣ ба объекти моликияти зеҳнӣ мебошад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 874);
37) боздошти иҷозат - дар сурати ҷой доштани шубҳа оид ба қалбакӣ будани молҳо аз ҷониби мақомоти гумрук тамдид гардидани мӯҳлати қабули қарор дар бораи иҷозати онҳо, ки мутобиқи низоми интихобгардидаи гумрукӣ интиқол дода мешаванд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 874);

38) феҳристи гумрукии объектҳои моликияти зеҳнӣ - номгӯи молҳои дорои объектҳои моликияти зеҳнии мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзшаванда (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 874);

39) Мамнӯият ва маҳдудиятҳо - чораҳои ҳимояи манфиати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар савдои хориҷӣ, воридоти мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, содироти он аз ин ҳудуд, аз ҷумла системаи чораҳои назорати содирот, тасдиқи мутобиқат ба стандартҳо ва талабот оид ба бехатарии мол, аз ҷумла регламентҳои техникӣ, талаботи байторӣ, фитосанитарӣ, карантинӣ, санитарию эпидемиологӣ, фармасевтӣ ва радиатсионӣ, инчунин сертификати мутобиқат, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва (ё) санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон муқаррар гардидаанд (Қонуни ҶТ 28.12.2012 № 906, аз 30.05.2017 № 1421);

40) боҷи гумрукӣ - пардохти ҳатмие, ки дар ҳолати интиқоли мол тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақомоти гумрук тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи ғайринақдӣ ситонида мешавад (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678, аз 13.11.2023 № 2001).

2. Ҳамаи мафҳумҳои дигар дар ҳамин Кодекс мутобиқи мазмуне, ки дар дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд, истифода бурда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).

## БОБИ 2. ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ ИНТИҚОЛИ МОЛ ВА ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ АЗ САРҲАДИ ГУМРУКӢ

### Моддаи 11. Интиқоли мол (аз ҷумла асъор ва сарватҳои асъорӣ) ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Ҳамаи шахсон барои интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ҳуқуқи баробар доранд.

2. Мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс интиқол дода мешаванд.

Тартиби интиқоли асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, қоғазҳои қиматноки бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаёфта, асъори хориҷӣ ва сарватҳои асъории дигар тибқи ҳамин Кодекс ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мегардад.

### Моддаи 12. Риояи мамнӯият ва маҳдудиятҳо ҳангоми интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ

1. Моле, ки воридоташ ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст, аз ҷониби мақомоти гумрук боздошта шуда, нисбати онҳо тадбирҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегарданд. Агар дар ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, чунин мол бояд бетаъхир аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда шавад. Ин молро интиқолдиҳанда мебарорад. Ҳангоми набудани имконоти баровардан ё

фавран набаровардан ин мол бояд дар анбори нигаҳдории муваққатӣ ё маҳали дигаре, ки минтақаҳои назорати гумрукӣ мебошанд (моддаи 403), аз ҳисоби шахсони дар моддаи 15 ҳамин Кодекс зикргардида ҷойгир карда шавад. Мӯҳлати ниҳоии нигаҳдории чунин мол 3 шабонарӯз муайян карда шудааст, агар мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати моли алоҳида мӯҳлати дигаре муқаррар нашуда бошад. Моли мазкур ҳангоми ба охир расидани ин мӯҳлат мувофиқи боби 58 ҳамин Кодекс ихтиёрдорӣ карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
Моле, ки воридоти он ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд карда шудааст (ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс аз ҷониби мақомоти гумрук иҷозат дода мешавад), бо риояи талабот ва шартҳои муқарраршудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои воридот иҷозат дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Моле, ки содироташ аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, бояд аслан содир карда нашавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
Моле, ки содироташ аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд карда шудааст, бо риояи талабот ва шартҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои содирот иҷозат дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
3. Хароҷоти декларантҳо, интиқолдиҳандагон ё шахсони алоҳида вобаста ба риояи мамнӯият ва маҳдудиятҳо барои воридоти мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё содироти он аз ин ҳудуд мувофиқи моддаи 15 ҳамин Кодекс аз ҷониби мақомоти гумрук ҷуброн карда намешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 13. Расмиёти гумрукӣ ва назорати гумрукӣ**

1. Ҳамаи мол ва воситаҳои нақлиёте, ки аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода мешаванд, тибқи тартиб ва шартҳои муайяннамудаи ҳамин Кодекс бояд ҳатман мавриди барасмиятдарорӣ ва назорати гумрукӣ қарор гиранд.
2. Ҳангоми амалӣ намудани расмиёт ва назорати гумрукӣ мақомоти гумрук ва шахсони мансабдори онҳо ҳуқуқ надоранд талабот ва маҳдудиятҳоеро муқаррар намоянд, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии гумрук ва ё дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нашудаанд.

**Моддаи 14. Истифодабарӣ ва ихтиёрдории мол ва воситаҳои нақлиёт**

1. Ҳеҷ кас ба истифодабарӣ ва ихтиёрдории мол ва воситаҳои нақлиёт то замони иҷозати онҳо ҳуқуқ надорад, ба истисноии тартиб ва шартҳое, ки ҳамин Кодекс муқаррар намудааст.
2. Баъди иҷозати мол ва воситаҳои нақлиёт истифодабарӣ ва ихтиёрдории онҳо тибқи низоми арзгардидаи гумрукӣ анҷом дода мешавад.

**Моддаи 15. Ӯҳдадорӣ оид ба татбиқи амалиёти гумрукӣ барои иҷозати мол**

Агар ҳамин Кодекс тартиби дигаре муқаррар накарда бошад, ӯҳдадорӣ оид ба татбиқи амалиёти гумрукиро барои иҷозати мол инҳо ба зимма мегиранд:

1) агар мол аз сарҳади гумрукӣ тибқи аҳди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ аз ҷониби шахси ватанӣ басташуда интиқол дода шавад - шахси ватание, ки чунин аҳдро бастааст ё аз номи ӯ ё бо супориши ӯ аҳд ба имзо расидааст;
2) агар мол аз сарҳади гумрукӣ бе бастани аҳд аз ҷониби шахси ватанӣ интиқол дода шавад - шахсе, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи соҳибӣ ё ҳуқуқи истифодабарии молро дорад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
3) шахсони дигаре, ки тибқи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) ҳамин Кодекс бо моли таҳти назорати гумрукӣ қарордошта барои иҷрои амали дорои аҳамияти ҳуқуқӣ аз номи худ ба сифати дахлдор баромад карда метавонанд.

**Моддаи 16. Кафолатҳо барои иҷрои пурраи ӯҳдадориҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс**

Дар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати мол мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд аз шахси кафолатдиҳанда иҷрои ӯҳдадориҳояшро мувофиқи муқаррароти ҳамин Кодекс, аз ҷумла ҷиҳати пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз мувофиқи боби 46 ҳамин Кодекс талаб намоянд.

## БОБИ 3. АМАЛҲО ДАР СОҲАИ ФАЪОЛИЯТИ ГУМРУКӢ

**Моддаи 17. Амалҳо дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ**

Фаъолияти шахси ҳуқуқӣ ба сифати боркашони гумрукӣ, соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ, соҳибони анборҳои гумрукӣ, соҳибони мағозаҳои савдои бебоҷ, танзимгари ваколатдори иқтисодӣ ва брокерҳои гумрукӣ (намояндаҳо), бо шарти мувофиқан дохил намудан ба Феҳристи боркашонҳои гумрукӣ, Феҳристи соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ, Феҳристи соҳибони анборҳои гумрукӣ, Феҳристи соҳибони мағозаҳои савдои бебоҷ, Феҳристи танзимгари ваколатдори иқтисодӣ ё Феҳристи брокерҳои гумрукӣ (намояндаҳо) (минбаъд дар ҳамин боб Феҳристи шахсони дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ амалкунанда) иҷозат дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678, аз 19.07.2022 № 1906).

**Моддаи 18. Феҳристи шахсони дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ амалкунанда**

(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906)

1. Феҳристи шахсони дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ амалкунанда мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ба роҳ монда мешавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
2. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ вазифадор аст на камтар аз як маротиба дар ҳар се моҳ Феҳристи шахсони дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ амалкунандаро дар воситаҳои ахбори омма ва сомонаи расмии интернетии худ нашр намояд (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678, аз 19.07.2022 № 1906).

**Моддаи 19. Дохил намудани шахси ҳуқуқӣ ба Феҳристи шахсони дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ амалкунанда**

(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906)

1. Шахси ҳуқуқӣ ба Феҳристи шахсони дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ амалкунанда мутобиқи шартҳои муқарраркардаи ҳамин Кодекс дохил карда мешавад. Барои дохил намудан ба ин феҳристҳо музд ситонида намешавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
2. Барои дохил намудан ба яке аз Феҳристҳои шахсоне, ки дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ амал мекунанд, шахси ҳуқуқӣ ба мақомоти гумрук бо аризаи хаттии дорои маълумоти пешбининамудаи ҳамин Кодекс ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи маълумоти дар ин ариза нишондодашуда, бо номгӯи муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс муроҷиат менамояд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
3. Ҳуҷҷатҳои дар қисми 2 ҳамин модда пешбинишуда метавонанд дар шакли асл ва ё нусхаи бо тартиби ҷори тасдиқшудаи онҳо пешниҳод карда шаванд.
Баъди анҷоми баррасии ариза мақоми гумрук вазифадор аст бо хоҳиши тарафи аризадиҳанда нусхаи аслии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо ба вай баргардонад.
4. Мақоми гумрук аризаро дар давоми на дертар аз 30 рӯзи қабул баррасӣ менамояд. Мақоми гумрук хулосаро ҳангоми қабули қарор ҷиҳати ба феҳристи дахлдор дохил намудани аризадиҳанда ба мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ мефиристад. Барои ба расмият даровардани қарори мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ мақоми гумрук ба аризадиҳанда дар бораи дохил карда шудани ӯ ба чунин феҳрист шаҳодатнома медиҳад. Аризадиҳанда ҳуқуқ дорад фаъолияти дахлдорро дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ аз рӯзи гирифтани шаҳодатнома оғоз намояд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
Мақоми гумрук ҳуқуқ дорад ба феҳристи дахлдор дохил карда шудани аризадиҳандаро танҳо дар сурати шартҳои ба феҳристи дахлдор дохил намуданро риоя накардани ӯ, ки ҳамин Кодекс пешбинӣ намудааст, рад намояд. Қарор дар бораи рад баъди қабул шуданаш ба шакли хаттӣ фавран ба аризадиҳанда расонида мешавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
5. Мақоми гумруке, ки аризаро баррасӣ менамояд, ҳуқуқ дорад аз шахсони сеюм, инчунин аз мақомоти давлатӣ ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи маълумоти аризадиҳандаро талаб намояд. Шахсони мазкур вазифадоранд дар давоми даҳ рӯзи гирифтани дархост ҳуҷҷатҳо ё маълумоти дархостшударо пешниҳод намоянд.

**Моддаи 20. Шаҳодатномаи ба яке аз феҳристҳо дохил намудани шахсоне, ки дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ амал мекунанд**

(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906)

1. Шаҳодатномаи ба яке аз феҳристҳо дохил намудани шахсоне, ки дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ амал мекунанд (баъдан дар ҳамин боб шаҳодатнома), аз рӯи намунаи муайянкардаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ дода мешавад. Шаҳодатнома бояд маълумоти ҳамин Кодекс пешбининамударо дошта бошад. Шаҳодатномаро ба шахси дигар додан мумкин нест (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
2. Дар бораи тағйирёбии маълумоти дар ариза ё дар ҳуҷҷатҳои замимави зикршуда мутобиқи қисми 2 моддаи 19 ҳамин Кодекс шахси ҳуқуқӣ (вориси

ҳуқуқии вай), ки дар яке аз феҳристҳои шахсони дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ амалкунанда дохил карда шудааст, вазифадор аст мақоми гумрукро ба таври хаттӣ дар давоми панҷ рӯзи сар задани ҳодисаи дахлдор ё аз рӯзи ба шахс маълум шудани он огоҳ намояд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

Мақоми гумрук дар давоми 5 рӯзи кори мутобиқати маълумоти нави зикршударо ба шартҳое, ки барои дохил намудани шахси ҳуқуқӣ ба яке аз феҳристҳо муқаррар шудаанд, месанҷад ва агар маълумоти дар шаҳодатнома зикршаванда тағйир ёбад, мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қисми 4 моддаи 19 ҳамин Кодекс масъалаи додани Шаҳодатномаи навро баррасӣ менамояд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

3. Шаҳодатнома аз тарафи мақоми гумрук танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаҳои 98, 113, 145, 231 ва қисми 4 моддаи 263 ҳамин Кодекс бозхонда мешавад.

Қарор дар бораи бозхонди шаҳодатнома аз тарафи мақоми гумрук ба шахси ҳуқуқие, ки нисбати ӯ чунин қарор қабул шудааст бояд рӯзи дигари қабули қарор ба таври хаттӣ бо фаҳмонидани сабаби қабули чунин қарор расонида шавад. Ин қарор ба роҳбар ё намояндаи ваколатдори шахси ҳуқуқӣ бо гирифтани имзо ё дигар намуди тасдиқкунандаи далел ва санаи қабули ин қарор супорида мешавад. Агар шахсони номбаршуда аз гирифтани ин қарор саркашӣ кунанд, он бо мактуби супориши ба воситаи почта равон карда мешавад.

Қарор дар бораи бозхонди шаҳодатнома баъд аз 15 рӯзи қабули чунин қарор эътибори қонуни пайдо мекунад.

Намунаи қарор дар бораи бозхонди шаҳодатнома аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ тасдиқ карда мешавад.

4. Бозхонди шаҳодатнома боиси аз феҳристи дахлдор хориҷ кардани шахси ҳуқуқие, ки дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ амал мекунад, мегардад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

5. Аризаи дохил намудан ба феҳристи дахлдор пас аз бозхонди шаҳодатнома, баъди бартараф намудани сабабҳое, ки барои чунин бозхонд асос гардидаанд ва дар ҳолатҳои бозхонди шаҳодатнома бо сабаби якчанд маротиба ба ҷавобгарии маъмури кашида шудани шахси ҳуқуқӣ баъди ба охир расидани мӯҳлате, ки шахс таҳти ҷазои маъмурӣ қарор дошт, баррасӣ карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

**Моддаи 21. Хориҷ намудани шахси ҳуқуқӣ аз феҳристҳои шахсоне, ки дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ амал мекунанд**

(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906)

1. Шахси ҳуқуқӣ аз феҳристҳои шахсоне, ки дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ амал мекунанд, дар ҳолатҳои зерин хориҷ карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):

1) бо хоҳиши ҳамин шахс аз рӯзи дигари аз ҷониби мақоми гумрук гирифтани аризаи хаттии шахс ҳангоми хориҷ намудан аз феҳристи дахлдор (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906);

2) баъди ба охир расидани мӯҳлати амали шаҳодатномае, ки қисми 2 моддаи 96, қисми 3 моддаи 111, қисми 2 моддаи 142, қисми 3 моддаи 229 ва қисми 3

моддаи 263 ҳамин Кодекс муқаррар кардааст, аз рӯзи дигари ба охир расидани чунин мӯҳлат;
3) ҳангоми қабул намудани қарори бозхонди шаҳодатнома - аз рӯзи эътибори қонуни пайдо кардани чунин қарор;
4) ҳангоми барҳам додани шахси ҳуқуқӣ баъди як рӯзи аз ҷониби мақоми бақайдгиранда ба Феҳристи ягонаи давлатии шахси ҳуқуқӣ қайд намудани шахси ҳуқуқие, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни барҳамхӯри фаро мерасад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906);
5) ҳангоми боздоштани фаъолияти шахси ҳуқуқӣ дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ, ба истиснои дигаргунсозӣ - аз рӯзи дигаре, ки азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба охиррасида ҳисоб мешавад.
2. Аз Феҳристи шахсони дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ амалкунанда хориҷ кардани шахси ҳуқуқӣ ин шахсро (вориси ҳуқуқии ӯро) аз ӯҳдадориҳои ба охир расонидани амалиёти гумрук оид ба интиқол ё нигоҳдошти моли таҳти назорати гумрукӣ қарордошта ё иҷрои дигар амале, ки ӯҳдадории иҷрои он то хориҷ намудани шахси ҳуқуқӣ аз Феҳристи дахлдор тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ба миён омадааст, озод намекунад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

## БОБИ 4. ИТТИЛООЪДИҲӢ ВА МУШОВАРА

### Моддаи 22. Гирифтани иттилоот оид ба сабабҳои қабули қарор, амалӣ (беамалии) содиршуда

1. Шахсе, ки нисбати вай аз ҷониби мақоми гумрук ё шахси мансабдор қарор қабул гардидааст ё амале анҷом дода шудааст, инчунин шахсе, ки то гузашти мӯҳлати муайян нисбати вай қарор қабул нашудааст ё ки бояд иҷро гардад, вале иҷро нашудааст, ҳуқуқ дорад ба ин мақоми гумрук оид ба сабаб ва асосҳои қабул шудани қарор ё амали иҷрошуда ё сабабҳои қабул нашудани қарор ё анҷом надодани амали дахлдор муроҷиат намояд, агар ин мустақиман ё ба таври инфиродӣ ба ҳуқуқ ва манфиатҳои шахси номбаршуда дахл дошта бошад.
2. Дархост бояд дар давоми шаш моҳи қабули қарор, иҷрои амал (беамали) ё ба анҷом расидани мӯҳлати қабули онҳо ё иҷрои амал ё аз рӯзе, ки ин шахс оид ба қабули қарор ё анҷом додани амал (беамали) огоҳ гардидааст, пешниҳод карда шавад.
3. Шахси манфиатдор барои пешниҳоди маълумоти зарурӣ метавонад ҳам хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ бо дархост муроҷиат намояд. Дархости шифоҳӣ бояд аз ҷониби мақоми гумрук дар рӯзи қабули дархост баррасӣ карда шавад. Ҳангоми додани дархости хатти ба он бояд дар давоми 10 рӯзи гирифтани дархостнома хаттӣ ҷавоб дода шавад.

### Моддаи 23. Иттилоот дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи фаъолияти гумрукӣ

1. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ва дигар мақомоти гумрук дастрасии ройгони иттилоотро вобаста ба санади меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи соҳаи фаъолияти гумрукӣ, аз ҷумла бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, тахтаҳои иттилоотӣ, гӯшаи иттилоотӣ, варақаҳои

маълумот ва маводи дигари нашрӣ, инчунин воситаҳои техникии видеоӣ, аудиоӣ ва воситаҳои дигари техникии барои пахши иттилоот истифодашаванда таъмин менамоянд (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678, аз 19.07.2022 № 1906).
2. Мақомоти гумрук дар хусуси санади меъёрии ҳуқуқии таҳияшаванда, инчунин оид ба тағйиру иловаҳо ба санади меъёрии ҳуқуқии эътибори қонуни пайдонакарда дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ, аз ҷумла бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дастрасии иттилоотро таъмин менамоянд, ба истиснои ҳолатҳое, ки огоҳсозии қаблӣ оид ба таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои гузаронидани назорати гумрукӣ монеа мешавад ё ба паст гардидани самаранокии онҳо мусоидат менамояд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
3. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои гумруки дар нашрияҳои расмии худ чопи санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро, ки ҳамин мақомот қабул кардаанд, инчунин санадҳои қонунгузории гумрукӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ таъмин менамояд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
Моддаи 24. Машварат оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ва дигар масъалаҳое, ки таҳти салоҳияти мақомоти гумрук қарор доранд
1. Ҳангоми машварат бояд на танҳо иттилоотӣ дархостшуда, балки ҳама гуна иттилоотӣ ба кор иртиботдоштае, ки мақомоти гумрук ба маълумоти шахси манфиатдор расонидани онро мувофиқи мақсад медонанд, пешниҳод гардад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).
Мақомоти гумрук ба шахсони манфиатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ, ки таҳти салоҳияти ин мақомот қарор доранд, машварат медиҳанд. Сардори мақоми гумрук (шахси ивазкунандаи вай) шахсони мансабдори мақомоти гумрукро, ки ба гузаронидани машварат ваколатдоранд, муайян менамояд. Иттилоот оид ба дархости шахси манфиатдор дар мӯҳлати кӯтоҳтарин, вале на дертар аз як моҳи гирифтани чунин дархост пешниҳод карда мешавад.
2. Машварат аз ҷониби мақомоти гумрук ҳам шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ ройгон дода мешавад. Бо талаби шахси манфиатдор мақоми гумрук вазифадор аст иттилоотро дар шакли хаттӣ пешниҳод намояд, ки он барои қабули қарор ё иҷрои амал (беамали) аз ҷониби мақомоти гумрук ҳангоми анҷом додани амалиёти гумрукӣ нисбати мол ва воситаҳои нақлиёт асос шуда наметавонад.
3. Мақомоти гумрук барои зараре, ки дар натиҷаи таҳрифи матни санади ҳуқуқии бе огоҳонӣ ва назорати онҳо интишоршуда расонида шудааст, инчунин барои зараре, ки дар натиҷаи машварати ғайритахассусии шахсони барои гузаронидани чунин машварат салоҳиятнадошта расонида шудааст, масъул намебошанд.

## БОБИ 5. ОМОРИ ГУМРУКИ

### Моддаи 25. Омори гумрукии тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Ба мақсади таҳлили вазъи тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, назорати воридоти пардохтҳои гумрукӣ ба буҷети давлатӣ, назорати асъор, таҳлили ҳолат, афзоиш ва рушди тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

баланси савдою пардохт ва дар маҷмӯъ иқтисодиёт мақомоти гумрук ҷамъоварӣ ва коркарди маълумотро оид ба интиқоли мол аз сарҳади гумрукӣ анҷом дода, маълумоти омори тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоте, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, пешниҳод мекунанд.
Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ маълумоти омори гумрукиро оид ба тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташкилотҳои байналмилалӣ тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.
Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ маълумоти омори мақомоти гумрукро оид ба тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тартиб ва мӯҳлати муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор менамояд.
2. Омори гумрукии тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш бурда мешавад.
3. Омори гумрукии тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи методологияе, ки муқоисаи маълумотро оид ба тиҷорати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамкорони тиҷорати хориҷии он таъмин менамояд, пеш бурда мешавад.

**Моддаи 26. Омори гумрукии махсус**

1. Мақомоти гумрук бо мақсади иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда омори гумрукии махсусро мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои гумрук ба роҳ мемонанд.
2. Маълумоти омори гумрукии махсус аз ҷониби мақомоти гумрук танҳо барои мақсадҳои гумруки истифода бурда мешавад.

**Моддаи 27. Ҳуҷҷатҳо ва маълумоте, ки барои мақсадҳои омори истифода мешаванд**

1. Барои мақсадҳои омор ҳуҷҷатҳо ва маълумоте, ки шахсон тибқи муқаррароти ҳамин Кодекс пешниҳод мекунанд, истифода бурда мешаванд.
2. Нисбати иттилооте, ки барои мақсадҳои омор истифода мешавад, муқаррароти пешбининамудаи моддаи 9 ҳамин Кодекс татбиқ мегардад.

## БОБИ 6. КИШВАРИ ИСТЕҲСОЛКАРДАИ МОЛ, НОМГӮИ МОЛҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ ХОРИҶӢ

**Моддаи 28. Соҳаи истифодаи ҳамин боб**

1. Муайян намудани кишвари истеҳсолкардаи мол тибқи муқаррароти пешбининамудаи ҳамин боб дар ҳамаи ҳолатҳое, ки истифодаи тадбирҳои танзими тарифи гумрукӣ ва мамнӯияту маҳдудиятҳои тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда ба кишвари истеҳсолкардаи мол вобаста бошад, муайян карда мешавад.
2. Қоидаҳои муайян намудани кишвари истеҳсолкардаи мол бо мақсади татбиқи тарифҳои имтиёзнок (преференсияҳо) ё беимтиёзи сиёсати тиҷорат муқаррар карда мешаванд.

**Моддаи 29. Муайян намудани кишвари истеҳсолкардаи мол**

1. Кишвари истеҳсолкардаи мол кишваре ба ҳисоб меравад, ки дар он мол пурра истеҳсол шудааст (моддаи 30) ё тибқи мизони муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ё тартиби муайяннамудаи ҳамин Кодекс мавриди коркарди ҳамаҷониба қарор гирифтааст (моддаи 31). Ҳамзамон кишвари истеҳсолкардаи мол метавонад гурӯҳи кишварҳо ё иттиҳоди гумрукҳои кишварҳо ё минтақа ё қисми кишвар фаҳмида шавад, агар ин барои муайян намудани кишвари истеҳсолкардаи мол зарур бошад.
2. Бо дархости декларант ё шахси дигари манфиатдор мақомоти гумрук оид ба муайян намудани кишвари истеҳсолкардаи мол тибқи моддаҳои 41 - 44 ҳамин Кодекс қарори пешаки қабул менамоянд.

**Моддаи 30. Моле, ки пурра дар ин кишвар истеҳсол карда шудааст**

Моли пурра дар ин кишвар истеҳсолкардашуда инҳо ҳисобида мешаванд:
1) канданиҳои фоиданоке, ки аз қаъри замини ҳамин кишвар ва ҳудуди баҳрҳо ва қаъри баҳрҳои он гирифта шудаанд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
2) маҳсулоти растанӣ, ки дар ҳамин кишвар парвариш ва ҷамъоварӣ карда шудаанд;
3) чорвое, ки дар ҳамин кишвар тавлид ва парвариш ёфтааст;
4) маҳсулоти дар ҳамин кишвар аз чорвои дар он ҷо парваришёфта гарифта шудааст;
5) маҳсулоте, ки дар натиҷаи шикор ё моҳидорӣ дар ҳамин кишвар гирифта шудааст;
6) маҳсулоти шикори моҳӣ аз баҳр ва дигар маҳсулоти моҳӣ, ки дар киштии баҳрии ҳамин кишвар коркард шудааст (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845);
7) маҳсулоте, ки дар киштиҳои коркарди баҳрии ҳамин кишвар пурра аз маҳсулоти дар банди 6 ҳамин модда зикршуда гирифта шудааст;
8) маҳсулоти аз қаъри баҳрҳо ва сарватҳои зерибаҳрӣ берун аз ҳудуди баҳрии ҳамин давлат гирифташуда, ба шарте ки ҳамин давлат барои коркарди қаъри ин баҳр ва сарватҳои зерибаҳрӣ ҳуқуқи истисноӣ дошта бошад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845, аз 30.05.2017 № 1421);
9) шикастапораҳо ва партовҳо (ашёи дуюмдараҷа), ки дар натиҷаи истеҳсолот ё амалиёти дигар оид ба коркард дар ин ё он кишвар истеҳсол шудаанд, инчунин маҳсулоти қаблан истифодашуда, ки дар ҳамин кишвар ҷамъоварӣ гардида, танҳо барои коркарди он ба сифати ашё ба кор меоянд;
10) маҳсулоти технологияҳои олӣ, ки дар объектҳои кайҳоние гирифта шудааст, ки дар фазои кайҳонӣ қарор доранд, агар ҳамин кишвар кишвари бақайдгирии объекти дахлдори кайҳонӣ бошад;
11) моле, ки дар ҳамин кишвар маҳз аз маҳсулоти дар бандҳои 1-10 ҳамин модда зикргардида тайёр шудааст;
12) қувваи барқе, ки дар ҳудуди ҳамин кишвар истеҳсол шудааст.
13) Хориҷ карда шуд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845, аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 31. Мизони (критерияҳои) коркарди кифоя**

1. Агар дар истеҳсоли мол ду ё зиёда кишвар иштирок намоянд, кишвари истеҳсолкардаи мол кишваре ҳисоб меёбад, ки дар он амалиёти охирини

коркард ё истеҳсоли моли тибқи муқаррароти ҳамин модда ҷавобгӯи мизони коркарди дахлдор мебошад, сурат гирифтааст.
2. Агар нисбати намуди моли алоҳида ё ягон кишвар хусусиятҳои муайян намудани кишвари истеҳсолкардаи моле, ки ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудааст, тибқи қисми 4 ҳамин модда махсус зикр нагардад, қоидаи умуми татбиқ карда мешавад. Мол маҳсули ҳамон кишваре ба ҳисоб меравад, ки агар дар натиҷаи амалиёти коркард ё истеҳсоли мол рамзи таснифотии мол нисбати Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар сатҳи ҳама гуна чор аломати аввали он тағйир ёфта бошад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421, № 1422).
3. Сарфи назар аз муқаррароти пешбининамудаи қисми 2 ҳамин модда, ин амалиётҳо ҷавобгӯи мизони дахлдори коркард ҳисобида намешаванд:
1) амалиёти ҳифзи мол ҳангоми нигаҳдошт ва интиқоли он;
2) амалиёти омода намудани мол барои фурӯш ва интиқол (тақсими партияи мол), ташкили ирсолот, навбандӣ, бастабандии нав);
3) амалиёти оддии сарҷамъ кардан ва амалиёти дигаре, ки иҷрои он ҳолати молро мувофиқи тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон куллан тағйир намедиҳад;
4) якҷоякунии моле, ки дар кишварҳои мухталиф истеҳсол шудааст, агар хусусияти маҳсулоти ниҳоӣ аз хусусияти моли якҷояшаванда фарқи калон надошта бошад.
4. Барои муайян намудани кишвари истеҳсолкардаи мол мувофиқи тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мизони коркарди куллии мол низ дар чунин ҳолатҳо истифода бурда мешавад:
1) анҷом додани амалиёти муайяни истеҳсолӣ ё технологӣ барои он, ки кишвари истеҳсолкардаи мол ҳамон кишваре ҳисобида шавад, ки амалиёт дар он сурат гирифтааст;
2) тағйир додани арзиши мол, ҳангоме, ки ҳиссаи фоизии арзиши масолеҳи истифодашуда ё арзиши изофашуда ба ҳиссаи муқаррааргардидаи нархи маҳсулоти ниҳоӣ баробар мешавад (қоидаи ҳиссаи адвалорӣ).
5. Ҳангоми муайян намудани тартиби татбиқи мизони коркарди дахлдори моли алоҳидае, ки аз кишварҳои барояшон тарифи имтиёзнок фароҳамовардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешавад. Бо мақсади пешниҳоди тарифи имтиёзнок Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад шартҳои истифодаи хариди мустақим ва интиқоли мустақими молро муайян намояд.

**Моддаи 32. Хусусиятҳои муайян намудани кишвари истеҳсолкардаи мол**

1. Моли ба партияҳо ҷудокардашуда ё васл карданашудае, ки бинобар шароити истеҳсолӣ ё нақлиёти имконияти як партия карда фиристоданаш вуҷуд надорад, ҳамчунин моле, ки як партияаш иштибоҳан ба чанд партия тақсим карда шудааст, бо хоҳиши декларант ҳангоми муайян кардани кишвари истеҳсолкардаи мол бояд ҳамчун моли ягона, яклухт дониста шавад.
2. Шартҳои истифодаи қисми 1 ҳамин модда аз инҳо иборатанд:
1) пешаки огоҳонидани мақоми гумрук аз моли ба қисмҳо ҷудо кардашуда ё васл карданашудае, ки ё бо якчанд партия фиристода шудааст, бо зикри

сабаби чунин молрасонӣ ва пешниҳоди мушаххасоти ҳар як дастаи мол бо зикри рамзи таснифотии мол мувофиқи Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, арзиш ва кишвари истеҳсолкардаи мол, ки ба ҳар як дастаи мол дахл дорад ё пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунандаи иштибоҳан ба чанд даста тақсим карда шудани мол (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1422);
2) тамоми дастаи молро аз як давлат фиристодани як боррасон,
3) декларатсия кардани тамоми дастаи мол дар як мақоми гумрук,
4) ворид намудани тамоми дастаи мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлате, ки аз рӯзи декларатсияи гумрукиро қабул кардани мақоми гумрук ё ба анҷом расидани мӯҳлати пешниҳоди декларатсия кардани дастаи аввали мол бештар аз як сол набошад. Бо дархости асосноки декларант ин мӯҳлат аз ҷониби мақоми гумрук ба мӯҳлати барои ворид намудани тамоми дастаи ин мол зарурӣ дароз карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
3. Таҷҳизот, қисмҳои эҳтиётӣ ва асбобу анҷоме, ки барои истифодаи мошину таҷҳизот ва дастгоҳу воситаҳои нақлиёт заруранд, маҳсули ҳамон кишваре ба ҳисоб меравaнд, ки мошину таҷҳизот, дастгоҳу воситаҳои нақлиёт ба онҳо марбутанд, ба шарте ки ин таҷҳизоту қисмҳои эҳтиётӣ ва асбобу анҷом ҳамроҳи ҳамин мошину таҷҳизот, дастгоҳҳо ё воситаҳои нақлиёт ба миқдоре якҷоя оварда ва истифода бурда шаванд, ки маъмулан онҳоро бо ин таҷҳизот мефиристанд.
4. Бастабанде, ки дар он мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешавад, низ маҳсули ҳамон кишваре дониста мешавад, ки дар он мол истеҳсол шудааст, ба истиснои ҳолатҳое, ки бастабанди мол бояд алоҳида декларатсия карда шавад. Дар ин ҳолат кишвари истеҳсоли бастабанд алоҳида аз кишвари истеҳсолкардаи мол муайян карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 33. Тасдиқи кишвари истеҳсолкардаи мол**

1. Барои тасдиқи кишвари истеҳсолкардаи мол мақоми гумрук ҳуқуқ дорад аз ин кишвар мувофиқи ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 36 ҳамин Кодекс пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи кишвари истеҳсолкардаи молро талаб намояд.
2. Ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи кишвари истеҳсолкардаи мол аз ин ё он кишвар декларатсияи истеҳсоли мол (моддаи 34) ё дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сертификати истеҳсоли мол мебошад (моддаи 35).

**Моддаи 34. Декларатсияи истеҳсоли мол**

1. Ҳуҷҷати тасдиқкунандаи кишвари истеҳсолкардаи мол тибқи ҳамин Кодекс метавонад декларатсияи истеҳсоли мол бошад, ки дар шакли озод таҳия шудааст, ба шарте, ки дар он маълумот оид ба муайян намудани кишвари истеҳсолкардаи мол зикр шуда бошад. Ба сифати чунин декларатсия метавонанд ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои мансуб ба мол истифода гарданд, ки дорои маълумот оид ба кишвари истеҳсолкардаи мол буда, аз ҷониби тайёркунанда, фурӯшанда ё содиркунанда вобаста ба содир намудани мол таҳия шудаанд.

2. Агар дар декларатсияи истеҳсоли мол маълумот оид ба кишвари истеҳсолкардаи мол ба мизоне асос ёфта бошад, ки аз мизони дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 30 ва 31) истифодашаванда фарқ мекунад, кишвари истеҳсолкардаи мол мувофиқи мизоне муайян карда мешавад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мегардад.

**Моддаи 35. Сертификати истеҳсоли мол**

1. Сертификати истеҳсоли мол ҳуҷҷатест, ки кишвари истеҳсолкардаи молро бе чунучаро тасдиқ менамояд ва аз ҷониби мақоми ваколатдор ё ташкилотҳои ҳамин кишвар ё кишварҳои содиркунанда дода шудааст, агар дар кишвари содиркунанда сертификат дар асоси маълумоти кишвари истеҳсолкардаи мол дода шавад.

Агар дар Сертификати истеҳсоли мол маълумот оид ба кишвари истеҳсолкардаи мол ба мизоне асос ёфта бошад, ки аз мизони дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 30 ва 31) истифодашаванда фарқ дорад, кишвари истеҳсолкардаи мол мувофиқи мизоне муайян карда мешавад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мегардад.

2. Ҳангоми содир намудани мол аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон сертификати истеҳсоли мол, агар сертификати мазкур мувофиқи шартҳои қарордод, мувофиқи қоидаҳои миллии кишвари воридкунандаи мол зарур бошад ё агар мавҷуд будани сертификати мазкур тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда бошад, аз ҷониби мақомот ё ташкилоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

Мақомот ва ташкилотҳое, ки сертификати истеҳсоли молро додаанд, вазифадоранд нусхаи он ва дигар ҳуҷҷатҳоеро, ки дар асоси онҳо кишвари истеҳсолкардаи мол тасдиқ шудааст, дар давоми чор сол нигаҳ доранд.

3. Сертификати истеҳсоли мол ҳамзамон бо декларатсияи гумрукӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо ҳангоми барасмиятдарории гумрукии моли ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда пешниҳод карда мешавад. Ҳангоми гум кардани сертификат нусхаи расман тасдиқшудаи он қабул карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

4. Агар сертификати истеҳсоли мол ба таври зарурӣ ба расмият дароварда нашуда бошад (тасҳеҳшуда, ифлос, тасҳеҳоти тасдиқнашуда, имзо ва мӯҳрҳои дахлдор надорад, маълумоти дар сертификат зикршуда имконият намедиҳад муносибати он бо моли декларатсияшаванда муқаррар карда шавад, дар сертификат кишвари истеҳсолкардаи мол ё меъёрҳои, он ки дар асоси онҳо дар бораи кишвари истеҳсолкардаи мол хулоса бароварда шудааст, аниқ муайян карда нашудааст, ба шарте ки зикри ин мизон тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ бошад) ё агар муайян гардад, ки сертификат дорои маълумоти носаҳеҳ мебошад, мақоми гумрук ҳуқуқ дорад ба мақомоти салоҳиятдор ё ташкилотҳои давлатӣ, ки сертификати кишвари истеҳсолкардаи молро додаанд, бо хоҳиши пешниҳоди ҳуҷҷатҳои иловагӣ ё дақиқсозандаи маълумот муроҷиат намояд.

5. Мақоми гумрук ҳуқуқ дорад ба мақомоти салоҳиятдор ё ташкилотҳои кишваре, ки сертификати истеҳсоли молро додаанд, бо хоҳиши пешниҳоди ҳуҷҷатҳои иловагӣ ё дақиқсозандаи маълумот, инчунин бо мақсади гузаронидани санҷиши ҷузъи муроҷиат намояд. Гузаронидани чунин санҷиш барои ба муомилот иҷозат додани мол дар асоси маълумот оид ба кишвари истеҳсолкардаи он, ки ҳангоми барасмиятдарории гумрукии он истифода шудааст, монеа шуда наметавонад.

**Моддаи 36. Пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи кишвари истеҳсолкардаи мол**

1. Ҳангоми воридоти мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати тасдиқкунандаи кишвари истеҳсолкардаи мол дар сурате нишон дода мешавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давлати истеҳсолкардаи чунин мол тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳои тарифӣ фароҳам оварад. Дар ин ҳолат ҳуҷҷати тасдиқкунандаи кишвари истеҳсолкардаи мол ҳамзамон бо пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ ба мақомоти гумрук манзур мегардад. Дар айни замон имтиёзҳои тарифии фароҳамоварда метавонанд бо зарурати пешниҳоди сертификати кишвари истеҳсолкардаи мол тибқи намунаи муайяни пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

Мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд ҳуҷҷати тасдиқкунандаи кишвари истеҳсолкардаи молро, дар ҳолатҳои алоҳида танҳо ҳангоми муайян намудани носаҳеҳии маълумоти зикргардида оид ба кишвари истеҳсолкардаи мол, ки барои татбиқи меъёри боҷи гумрукӣ ва андоз ва (ё) мамнӯият ва маҳдудиятҳои тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида таъсир мерасонанд, талаб намоянд.

2. Сарфи назар аз муқаррароти пешбининамудаи қисми 1 ҳамин модда пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунандаи кишвари истеҳсолкардаи мол дар ҳолатҳои зайл талаб карда намешавад:

1) агар моли ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда ба низоми гумрукии байналмилалии транзит ё низоми гумрукии воридоти муваққатӣ бо пешниҳоди пурра озод намудан аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз манзур шуда бошад, ба истисноои ҳолатҳое, ки мақомоти гумрук нишонаҳоеро ошкор намудаанд, ки кишвари истеҳсолкардаи мол давлате мебошад, ки воридоти молаш ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ё транзити он аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

2) агар арзиши умумии моли аз сарҳади гумруки интиқолшаванда, ки дар як вақт ва бо як усул, аз тарафи як интиқолдиҳанда ба номи як қабулкунанда, дар як воситаи нақлиёт, бо як борхати молу нақлиёт фиристодашуда, то 400 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар бошад (Конун аз 06.10.2008с. № 437);

3) агар мол аз сарҳади гумрукӣ аз ҷониби шахси воқеӣ тибқи боби 37 ҳамин Кодекс интиқол дода шавад;

4) дар ҳолатҳои дигаре, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

**Моддаи 37. Шартҳои иловагии иҷозати мол ҳангоми муайян намудани кишвари истеҳсолкардаи он**

1. Дар ҳолатҳои мавҷуд набудани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи кишвари истеҳсолкардаи мол ё ҳангоми ошкор шудани нишонаҳои он ки ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда дуруст ба расмият даровbooarда нашудаанд ва (ё) дорои маълумоти носаҳеҳ мебошанд, то пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи кишвари истеҳсолкардаи мол ё дақиққунандаи маълумот:

1) агар мақомоти гумрук нишонаҳоеро ошкор намуда бошанд, ки кишвари истеҳсолкардаи мол кишварест, ки муносибати тиҷоратию сиёсӣ бо он низоми мусоидаткунандаи миллиро пешбинӣ наменамояд ё пардохти боҷҳои гумрукӣ аз рӯи меъёрҳои зикргардида пешниҳод карда мешавад боҷҳои гумрукии мол бояд аз рӯи меъёрҳое пардохта шаванд, ки онҳо нисбати моли кишваре истифода мешаванд, ки муносибатҳои тиҷоратию сиёсӣ бо онҳо низоми нисбатан мусоидаткунандаи миллиро пешбинӣ накардаанд;

2) агар мақоми гумрук нишонаҳои онро ошкор намояд, ки кишвари истеҳсолкардаи мол давлатест, ки нисбати воридоти моли он тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдудият муқаррар карда шудааст, барои муомилоти мол ба шарти аз ҷониби декларант пешниҳод шудани ҳуҷҷатҳое иҷозат дода мешавад, ки риоя гардидани маҳдудиятҳои муқарраршуда ё таъмини пардохти боҷҳои зиддидемпингӣ ё ҷуброниро тасдиқ намояд;

3) агар мақоми гумрук нишонаҳоеро ошкор кунад, ки кишвари истеҳсолкардаи мол кишваре буда метавонад, ки воридоти моли он ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст, дар ин ҳолат барои муомилоти мол иҷозат дода намешавад.

2. Нисбати моли дар банди 1) қисми 1 моддаи мазкур зикршуда низоми имтиёзнок ё низоми нисбатан мусоидаткунандаи миллӣ ба шарте татбиқ (барқарор) карда мешавад, ки агар кишвари истеҳсолкардаи моли мазкур дар муддати то як сол аз рӯзи аз ҷониби мақоми гумрук қабул намудани декларатсияи гумрукӣ тасдиқ шавад. Дар ин ҳолат маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андозҳои пардохтшуда мувофиқи моддаи 397 ҳамин Кодекс баргардонида мешаванд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

**Моддаи 38. Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ**

1. Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти амалияи байналмилалии системаи таснифоти қабулгардидаи мол тасдиқ карда мешавад.

2. Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ барои андешидани тадбири танзими гумрукию тарифӣ ва ғайритарифӣ, инчунин намудҳои дигари

фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, пешбурди омори гумрукии тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешавад.

**Моддаи 39. Пешбурди Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ**

Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷиро пеш мебарад.

Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ:

1) Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар созмонҳои байналмилалӣ дар бобати таҳия, ворид намудани тағйиру иловаҳо, тафсир ва татбиқи асосҳои байналмилалии Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ намояндагӣ мекунад;

2) ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба асосҳои байналмилалии Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, тавзеҳи байналмилалии онҳо ва қарорҳо оид ба тафсири ин асосҳо назорат менамояд;

3) ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати мутобиқгардонии Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷи ба асосҳои байналмилалии он пешниҳод манзур медорад;

4) бо мақомоти давлатии манфиатдор ҷиҳати таҳия ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ пешниҳодот тартиб медиҳад;

5) нусхаи назоратии Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷиро таҳия намуда, ҳамзамон ба талабот нигоҳ медорад;

6) нашри Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ тавзеҳи байналмилалӣ ва қарорҳо оид ба тафсири асосҳои байналмилалиро таъмин менамояд, аз ҷумла дар сомонаи расмии интернетии худ (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678);

7) қарорҳои иҷрояшон ҳатмиро оид ба таснифоти моли алоҳида таҳия, тасдиқ ва нашр менамояд, аз ҷумла дар сомонаи расмии интернетии худ (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678);

8) вазифаҳои дигареро, ки барои пешбурди Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ заруранд, ба ҷо меоварад.

**Моддаи 40. Таснифоти (классификатсияи) мол**

1. Мол ҳангоми декларатсиякунонӣ дар мақомоти гумрук (боби 14) бояд мавриди таснифот қарор гирад, яъне нисбати мол тибқи Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ рамзи таснифотӣ муайян карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1422).

2. Мувофиқи дархости декларант мақомоти гумрук оид ба таснифи мол мувофиқи моддаҳои 41-44 ҳамин Кодекс пешакӣ қарор қабул менамоянд.

3. Дар ҳолатҳои муайян намудани вайронкунии қоидаҳои таснифи мол ҳангоми декларатсиякунони мақоми гумрук ҳуқуқ дорад молро мустақилона тасниф намояд.

4. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ дар хусуси таснифи намудҳои алоҳидаи мол қарорҳ қабул карда, нашри онҳоро таъмин менамояд, аз ҷумла дар сомонаи расмии интернетии худ(Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).

5. Қарорҳои мақомоти гумрук дар хусуси таснифи мол ҳатмӣ мебошанд. Декларант ҳуқуқ дорад нисбати чунин қарорҳо мувофиқи боби 7 ҳамин Кодекс шикоят намояд.

6. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ташаккули махзани маълумотро оид ба қарорҳо дар бораи таснифоти мол таъмин менамояд (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).

**Моддаи 41. Қабули қарори пешакӣ**

1. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ва мақомоти гумрукӣ, ки аз ҷониби он муайян карда мешаванд, тибқи дархости шахси манфиатдор мувофиқи Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар бораи таснифоти мол нисбати моли мушаххас, дар бораи истеҳсоли мол аз кишвари мушаххас (кишвари истеҳсолкардаи мол) қарори пешакӣ қабул менамояд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012  № 845).

2. Шакл ва тартиби қабули қарори пешакӣ аз ҷониби мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян карда мешавад.

3. Қарорҳои пешакӣ, ба истиснои маълумоти дорои сирри давлатӣ, тиҷоратӣ, бонкӣ, андоз ва сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда, инчунин маълумоти дигари махфӣ (конфиденсиалӣ), ки ба шахси манфиатдор дахл дорад, дар сомонаи расмии интернетии мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ дарҷ карда мешаванд(Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).

**Моддаи 42. Дархост дар бораи қабули қарори пешакӣ**

1. Шахсе, ки ба қабули қарори пешакӣ манфиатдор аст, ба мақоми дахлдори гумрук нисбати қабули қарори пешакӣ дархостнома ирсол менамояд.

Ин дархостнома бояд барои қабули қарори пешакӣ дорои ҳамаи маълумоти зарури бошад. Ба дархостнома бояд чошнӣ ва (ё) намунаи молҳо, номгӯйи тиҷоратӣ, номгӯйи истеҳсолкунандаи мол, тафсиру сурат, тасвир, нақша, ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ, техникӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо замима карда шаванд (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).

Дархостнома дар бораи қабули қарори пешакӣ дар мӯҳлати муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ" баррасӣ мегардад.

2. Агар маълумоти дар дархостномаи қабули қарори пешакӣ зикрнамудаи муроҷиаткунанда барои қабули қарори пешакӣ нокифоя бошад, мақоми гумрук дар давоми 30 рӯз аз санаи гирифтани чунин дархостнома муроҷиаткунандаро оид ба зарурати пешниҳоди маълумоти иловагӣ огоҳ менамояд ва мӯҳлати пешниҳоди онро муқаррар мекунад, ки ин мӯҳлат набояд аз 30 рӯз зиёд бошад. Ҳангоми дар мӯҳлати муқарраршуда пешниҳод накардани маълумоти иловагӣ, дархостнома дар бораи қабули қарори пешакӣ рад карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

Дархостнома дар бораи қабули қарори пешакӣ дар он сурат рад карда мешавад, агар дар ҳуҷҷатҳои ба он замимагардида ва маълумоти иловагие, ки бо дархости мақоми гумрукии баррасикунандаи дархостнома дар бораи қабули қарори пешакӣ пешниҳод шудааст, маълумоти бо ҳам мухолиф ҷой дошта бошад.

Рад намудани дархостномаи қабули қарори пешакӣ ба муроҷиати такрории муроҷиаткунанда, ки қабули қарори пешакиро дархост кардааст, монеа намегардад, ба шарти бартараф кардани омилҳое, ки боиси раддияи дархостномаи мазкур гардида буданд (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678, аз 19.07.2022 № 1906).

**Моддаи 43. Моҳияти ҳуқуқӣ ва мӯҳлати амалӣ қарори пешакӣ**

Қарори пешакӣ барои ҳамаи мақомоти гумрук ҳатмӣ мебошад. Қарори пешакӣ аз рӯзи қабул гардиданаш ба мӯҳлати 3 сол амал мекунад, ба шарте, ки он тағйир наёфта ё бозхонд нашуда ё амалӣ он тибқи моддаи 44 ҳамин Кодекс қатъ нашуда бошад.

**Моддаи 44. Қатъи амал, тағйир додан ё бозхондани Қарори пешакӣ**

1. Мақомоти гумрук метавонанд дар бораи қатъи амали қарори пешакӣ, тағйир додан ё бозхондани қарори пешакии қабулнамудаи худ ё мақомоти поёнии гумрук (тағйир додан ё бозхондани қарори пешакӣ, ки худашон ё мақомоти поёнии гумрук қабул кардаанд) танҳо дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи ҳамин модда қарор қабул кунанд.

Қарор дар бораи қатъи амал, тағйир додан ва бозхондани қарори пешакӣ ба шахсе, ки барояш қарори пешакӣ дода шудааст, дар шакли хаттӣ, дар рӯзи дигари қабул гардидани қарор дар бораи қатъи амал, тағйир додан ё бозхондани қарори пешакӣ фиристода мешавад.

2. Агар қарор дар бораи амали қарори пешакӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои қалбакии пешниҳоднамудаи муроҷиаткунанда қабул шуда бошад, он бекор карда мешавад. Қарор дар бораи қатъи амали қарори пешакӣ аз рӯзи қабули қарори пешакӣ эътибори қонуни пайдо мекунад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

3. Қарори пешакӣ дар сурати тағйир ёфтани Номгӯйи молии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ё ошкор гаштани хатоҳое, ки зимни қабули қарори пешакӣ роҳ дода шудаанд, тағйир дода мешавад.

Тағйирот дар мӯҳлати дар қарори тағйир додани қарори пешакӣ зикршуда, аммо на камтар аз 3 моҳи баъди рӯзи қабули қарор дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори пешакӣ эътибор пайдо мекунанд (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).

4. Қабули қарори пешакӣ метавонад дар ҳолатҳои зайл бозхонда шавад:

1) ҳангоми тағйирёбии Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, аз ҷониби Ташкилоти умумиҷаҳонии гумрукӣ қабул шудани қарорҳои таснифотие, ки барои татбиқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ мебошанд;

2) агар тибқи созишномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба масъалаҳои муайян намудани кишвари истеҳсолкардаи мол тартиб ва шартҳои дигари муайян намудани кишвари истеҳсолкардаи мол муқаррар карда шуда бошанд.

Қарор дар бораи бозхонди қарори пешакӣ бояд дар давоми 3 рӯзи баъди интишори расмии санадҳои номбаршуда қабул гардад ва ҳамзамон бо он эътибори қонуни пайдо мекунад (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).

5. Қарор дар бораи тағйир додан ё бекор кардани қарори пешакӣ оид ба муайян намудани кишвари истеҳсолкардаи мол метавонад аз ҷониби суд аз нав баррасӣ гардад.

## БОБИ 7. ШИКОЯТ АЗ ҚАРОР, АМАЛИ (БЕАМАЛИИ) МАҚОМОТИ ГУМРУК ВА ШАХСОНИ МАНСАБДОРИ ОНҲО

### Моддаи 45. Ҳуқуқ барои шикоят

Ҳар шахс ҳуқуқ дорад нисбати қарор, амали (беамалии) мақомоти гумрук ё шахсони мансабдори онҳо шикоят намояд, ба шарте, ки бо чунин қарор, амал (беамали) ба ақидаи ин шахс, ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии ӯ поймол карда ё барои амалӣ гаштани онҳо монеаҳо эҷод шуда ё ғайриқонунӣ ба зиммаи ӯ ӯҳдадории нав гузошта шуда бошад.

### Моддаи 46. Тартиби пешниҳоди шикоят

1. Аз қарор, амалӣ (беамалии) мақомоти гумрук ё шахсони мансабдори онҳо ба мақомоти гумрук, прокуратура ва (ё) суд шикоят кардан мумкин аст.

Пешниҳоди шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ва шахсони мансабдори онҳо ба мақомоти гумрук имконияти ҳамзамон ё минбаъд ба прокуратура ё суд пешниҳод намудани шикоятномаи дорои ҳамин мазмунро истисно наменамояд. Шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) мақомоти гумрук ва шахсони мансабдори онҳо, ки ба мақомоти гумрук, прокуратура ё суд ирсол шудааст, аз ҷониби ҳамин мақомот баррасӣ мегардад.

2. Тартиби пешниҳоди шикоят, тартиби баррасӣ ва тартиби ҳалли шикоятӣ ба прокуратура ва суд фиристодашавандаро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

3. Тартиби пешниҳоди шикоят, баррасӣ ва ҳалли шикояте, ки ба мақомоти гумрук нисбати қарор, амали (беамалии) мақомоти гумрук ё шахсони мансабдори онҳо ирсол шудааст, тибқи ҳамин боб муқаррар гардида, ҳангоми шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) мақомоти гумрук ва шахсони мансабдори он истифода бурда мешавад, ба истиснои қарорҳои мақомоти гумрук (шахсони мансабдори мақомоти гумрук) нисбати парвандаҳо оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ.

### Моддаи 47. Тартиби пешниҳоди шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ва шахсони мансабдори он ба мақомоти гумрук

(Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845)

1. Нисбати қарор, амали (беамалии) мақомоти гумрук ба мақоми болоии гумрук шикоят карда мешавад.

Шикоят нисбати амали (беамалии) шахси мансабдори мақоми гумрук ба мақоми гумрукие, ки ин шахс хизматро адо мекунад (вазифаи давлатиро ишғол менамояд) ва агар нисбати қарори амали (беамалии) сардори мақоми гумрук бошад, ба мақоми болоии гумрук арз карда мешавад.

Шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ё шахси мансабдори он метавонад мустақиман ба мақоми болоии гумрук, инчунин тавассути мақоми гумруке, ки нисбати қарор, амали (беамалии) он ё сардори он шикоят пешниҳод шудааст, дода шавад.

2. Мақоми гумрук, ки нисбати қарор, амали (беамалии) он ё сардори он шикоят пешниҳод шудааст, онро бо маводи тасдиққунанда ба мақоми болоии гумрук дар давоми 5 рӯзи ворид шуданаш ирсол менамояд.
Агар мақоми гумруке, ки нисбати қарор, амали (беамалии) мақомоти гумрук ва шахсони мансабдори онҳо шикоят гирифтааст, ҳуқуқи баррасиро надошта бошад, вазифадор аст дар мӯҳлати 5 рӯз онро ба мақоми гумруке фиристад, ки бояд мувофиқи ҳамин модда шикоятро баррасӣ намояд ва дар ин бора шахси шикоятнамударо ба таври хаттӣ огоҳ созад.
3. Шикоят нисбат ба қарор, амали (беамалии) мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ба ҳамин мақом пешниҳод карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).

**Моддаи 48. Мӯҳлати пешниҳоди шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ё шахси мансабдори он**

1. Шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ё шахси мансабдори он метавонад дар муҳлати як моҳ дар ҳолатҳои зерин пешниҳод карда шавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):
1) аз рӯзе, ки шахс дар бораи поймол гардидани ҳуқуқ, озодӣ ё манфиатҳои қонунӣ, гузоштани маҳдудият ҷиҳати амалӣ намудани онҳо ё ғайриқонунӣ ба зиммаи вай гузоштани ӯҳдадориҳо огоҳ шудааст ё бояд огоҳ мегардид;
2) аз рӯзи гузаштани мӯҳлати муқарраршуда барои қабули қарор ё иҷрои амал аз ҷониби мақоми гумрук ё шахси мансабдори он, ки қабул ва иҷрои амал мувофиқи ҳамин Кодекс пешбини шудааст.
2. Шикоят нисбати қарор оид ба парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ метавонад дар мӯҳлати даҳ шабонарӯз аз лаҳзаи супорида шудани нусхаи қарор ё гирифтани он пешниҳод карда шавад ва бо тартиби муайяннамудаи Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

**Моддаи 49. Барқарор намудани мӯҳлати пешниҳоди шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ва шахси мансабдори он**

1. Ҳангоми гузаронидани мӯҳлати пешниҳоди шикоят бо сабабҳои узрнок он метавонад тибқи аризаи шахси нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ё шахси мансабдори он бо шикоят муроҷиатнамуда аз ҷониби мақоми гумруки ваколатдори баррасии чунин шикоят барқарор карда шавад.
2. Мӯҳлати гузаронидашудаи шикоят ҳангоми воқеан барои баррасӣ қабул намудани шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ва шахсони мансабдори он барқароршуда ҳисоб меёбад.

**Моддаи 50. Шакл ва мазмуни шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ва шахсони мансабдори он**

1. Шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ва шахси мансабдори он дар шакли хаттӣ супорида мешавад ва бояд аз ҷониби муроҷиаткунанда имзо карда шавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
2. Шахсе, ки бо шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ва шахси мансабдори он муроҷиат намудааст, метавонад ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳолатҳои дар шикоят зикршударо пешкаш нанамояд. Агар пешниҳоди чунин ҳуҷҷатҳо барои баррасии шикояти мазкур дорои аҳамияти

калон бошад ва ин ҳуҷҷатҳо дар мақоми гумруке, ки нисбати қарор, амали (беамалии) он ва шахси мансабдори он шикоят шудааст, мавҷуд набошад, мақоми гумруки баррасикунандаи шикояти мазкур ҳуқуқ дорад онҳоро аз шахси шикоятнамуда талаб кунад. Дар ин ҳолат мӯҳлати баррасии шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ва шахси мансабдори он то пешниҳоди ҳуҷҷатҳои талабнамудаи мақоми гумрук, вале на бештар аз 3 моҳ боздошта мешавад. Ҳангоми аз ҷониби шахс пешниҳод нашудани ҳуҷҷатҳои талабнамудаи мақоми гумрук қарор нисбати шикояти мазкур бе назардошти далелҳое, ки барои тасдиқи онҳо ҳуҷҷатҳо пешниҳод нашудаанд, қабул карда мешавад.

**Моддаи 51. Оқибати пешниҳоди шикоят нисбати қарор, амали мақоми гумрук ё шахси мансабдори он**

1. Пешниҳоди шикоят нисбати қарор, амали мақоми гумрук ва шахси мансабдори он иҷрои қарор ва амали таҳти шикоят қарордоштаро бознамедорад.

2. Ҳангоми мавҷуд будани асосҳои кофи барои гумони он, ки шикоят нисбати қарор ё амал мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нест, инчунин дар ҳолате, ки агар бознадоштани иҷрои қарор, амал метавонад хусусияти бебозгашт дошта бошад, мақоми гумруки баррасикунандаи шикоят ҳуқуқ дорад иҷрои қарор ва (ё) амали шикоятшавандаро то қабули қарор вобаста ба моҳияти шикоят пурра ё қисман боздорад.

**Моддаи 52. Асосҳо барои моҳиятан рад намудани баррасии шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ва шахси мансабдори он**

1. Агар мӯҳлати муқарраргардидаи пешниҳоди шикоят риоя нашуда бошад ва шахс дар бораи барқарор намудани мӯҳлати гузаронидаи пешниҳоди шикоят бо ариза муроҷиат накарда бошад ё худ аризаи барқароркунии мӯҳлати гузашта барои шикоят рад карда шуда бошад, мақоми гумрук метавонад баррасии шикоятро нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ва ё шахси мансабдори он моҳиятан рад намояд.

2. Қарор ҳангоми моҳиятан рад намудани баррасии шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ва шахси мансабдори он бояд дар давоми 3 рӯзи воридшавии шикояти мазкур қабул карда шавад.

3. Оид ба қарори мақомоти гумрук дар бораи моҳиятан рад намудани баррасии шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ва шахси мансабдори он ба мақоми болоии гумрук ё суд шикоят кардан мумкин аст.

**Моддаи 53. Бозхонди шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ё шахси мансабдори он**

1. Шахсе, ки нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ё шахси мансабдори он бо шикоят муроҷиат кардааст, метавонад то қабули қарор оид ба шикоят дар ҳама ҳолат шикояти худро бозхонад.

2. Шикояти такрорӣ оид ба ҳамин масъала метавонад дар доираи мӯҳлати муқаррарнамудаи моддаи 48 ҳамин Кодекс пешниҳод карда шавад.

**Моддаи 54. Мақоми гумруке, ки шикоятро нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ё шахси мансабдори он баррасӣ менамояд**

1. Шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук аз ҷониби мақоми болоии гумрук баррасӣ карда мешавад.
2. Шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) шахси мансабдори мақоми гумрук аз ҷониби мақоми гумруке, ки ин шахс дар он хизмат менамояд (вазифаи давлатиро ишғол менамояд) ва шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) сардори мақоми гумрук аз ҷониби мақоми болоии гумрук баррасӣ карда мешавад.
3. Аз номи мақоми гумрук қарор дар бораи шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ё шахси мансабдори онро сардори ҳамин мақоми гумрук ё шахси мансабдори аз ҷониби он ваколатдоршуда қабул менамояд. Ҳамзамон шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ё шахси мансабдори он наметавонад аз ҷониби шахси мансабдоре, ки қарори таҳти шикоят қарордоштаро қабул кардааст, амали (беамалии) таҳти шикоят қарордоштаро анҷом додааст ё шахсе, ки нисбат ба мансаби ишғолнамудаи он поёнтар қарор дорад, баррасӣ гардад.

**Моддаи 55. Мӯҳлати баррасии шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ё шахси мансабдори он**

Шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ё шахси мансабдори он бояд аз ҷониби мақоми гумрук дар давоми як моҳ аз рӯзи воридшавӣ ва дар ҳолатҳое, ки омӯзиш ва тафтиши иловагӣ талаб карда намешавад - дар давоми на зиёда аз 15 рӯз баррасӣ гардад.
Агар барои баррасии шикоят гузаронидани тафтиши махсус, дархости ҳуҷҷатҳои иловагӣ ё худ қабули дигар чораҳо тақозо гардад, сардори мақоми гумруки баррасикунандаи шикоят метавонад мӯҳлати ҳаллӣ шикоятро на бештар аз як моҳ тамдид намояд ва дар ин бора ба муроҷиаткунанда хаттӣ, бо зикри сабаби тамдид хабар диҳад. Мӯҳлати умумии баррасии шикоят набояд аз ду моҳ зиёд бошад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

**Моддаи 56. Қарори мақомоти гумрук оид ба шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ё шахси мансабдори он**

1. Амал ҷиҳати татбиқи қарори мақоми гумрук дар бораи қонеъ намудани шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук, шахси мансабдори он бояд аз ҷониби мақомоти гумрук, ки қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук, шахси мансабдори он ғайриқонунӣ дониста шудааст, дар давоми 5 рӯзи корӣ аз рӯзи ворид шудани ин қарор ба ин мақомот анҷом дода шавад, агар дар қарори мазкур мӯҳлати дигаре муайян нашуда бошад.
Зараре, ки ба муроҷиаткунанда дар натиҷаи сари вақт иҷро накардани қарор расонида шудааст, мувофиқи моддаи 472 ҳамин Кодекс ҷуброн карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
2. Шахси мансабдори мақоми гумрук, ки шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ё шахси мансабдори онро аз номи мақоми гумрук баррасӣ менамояд, ҳангоми ошкор намудани нишонаҳои гуноҳи шахси мансабдори мақомоти гумрук ё иҷрои номатлуби вазифаҳои ба зиммаи шахси мансабдори мақоми гумрук гузошташуда барои ҷалби ин шахси мансабдор ба ҷавобгарии интизоми тибқи тартиби муқарраргардида тадбирҳо меандешад.

3. Нусхаи қароре, ки оид ба баррасии шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ё шахси мансабдори он қабул гардидааст, ба шахси бо шикоят муроҷиаткарда дар доираи мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи моддаи 55 ҳамин Кодекс фиристода мешавад. Дар қарор далелу асосҳои қабули он, инчунин маълумот дар бораи ҳуқуқи шахси бо шикоят муроҷиатнамуда ба овардани шикояти минбаъда нисбат ба қарори мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд нишон дода шавад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).

4. Оид ба қарори мақоми гумрук нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ё шахси мансабдори он ба мақоми болоии гумрук ё ба суд шикоят кардан мумкин аст.

**Моддаи 57. Тартиби соддагардонидашудаи шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) шахси мансабдори мақоми гумрук**

1. Тибқи тартиби соддагардонидашуда нисбати қарор, амали (беамалии) шахси мансабдори гумрук ё дидбонгоҳи гумрукӣ вобаста ба интиқоли мол аз сарҳади гумрукӣ, ки арзиши он аз 400 нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар намебошад, шикоят кардан мумкин аст (Конун аз 06.10.2008с. № 437).

2. Тартиби соддагардонидашудаи шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) шахси мансабдори гумрук аз шикояти шифоҳии шахс мувофиқан ба шахси мансабдори мақоми болоии гумрук ё дидбонгоҳи гумрукӣ ва дар сурати шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) сардори дидбонгоҳи гумрук - ба сардори гумрук, ки дар минтақаи фаъолияти он чунин дидбонгоҳи гумрук қарор дорад, иборат мебошад.

3. Баррасии шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) шахси мансабдори гумрук ба тартиби соддагардонидашуда бетаъхир анҷом дода шуда, қарор нисбати он фавран қабул карда мешавад.

4. Ҳангоми шикоят тибқи тартиби соддагардонидашуда бо хоҳиши шахси нисбати қарор, амали (беамалии) шахси мансабдори мақоми гумрук бо шикоят муроҷиатнамуда шахси мансабдори мақоми гумрук, ки ин шикоятро баррасӣ менамояд, дар бораи баррасии шикоят тибқи тартиби соддагардонидашуда санад таҳия менамояд, ки он дар бораи шахси мансабдори баррасикунандаи шикоят, шахси бо шикоят муроҷиатнамуда, мазмуни мухтасари шикоят ва қарори қабулшуда маълумотро дар бар мегирад. Ҳангоми рад кардани баррасии шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) шахси мансабдори мақоми гумрук тибқи тартиби соддагардонидашуда дар ҳамин санад сабабҳои чунин рад нишон дода мешавад. Шакли санадро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян менамояд. санади баррасии шикоятро нисбати қарор, амали (беамалии) шахси мансабдори мақоми гумрук бо тартиби соддагардонидашуда шахси мансабдори мақоми гумрук, ки шикоятро баррасӣ намудааст ва шахсе, ки бо шикоят муроҷиат кардааст имзо мегузоранд. Нусхаи санад дар бораи баррасии шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) шахси мансабдори мақоми гумрук тибқи тартиби соддагардонидашуда ба шахси бо шикоят муроҷиатнамуда супорида мешавад.

5. Баррасии шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) шахси мансабдори мақоми гумрук тибқи тартиби соддагардонидашуда ва қабули қарор барои шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ё шахси мансабдори он тибқи тартиби умумӣ монеъ шуда наметавонад.

ФАСЛИ II. РАСМИЁТИ ГУМРУКӢ

ЗЕРФАСЛИ 1. БАРАСМИЯТДАРОРИИ ГУМРУКӢ

## БОБИ 8. МУҚАРРАРОТИ АСОСИИ БАРАСМИЯТДАРОРИИ ГУМРУКӢ

### Моддаи 58. Доираи истифодаи ҳамин боб

Муқаррароти ҳамин боб ҳамаи амалиёти гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёти аз сарҳади гумрукӣ интиқолшавандаро дар бар мегирад.

### Моддаи 59. Тартиби барасмиятдарории гумрукӣ

1. Барасмиятдарории гумруки тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи он қабул гардидаанд, анҷом дода мешавад.

2. Талаботи мақомоти гумрук ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ бояд асоснок ва тибқи талаботи муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ва зарурияти таъмини риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд карда шаванд.

3. Тартиб ва технологияи барасмиятдарории гумрукӣ вобаста ба намуди моли аз сарҳади гумрукӣ интиқолшаванда, навъи нақлиёти барои чунин интиқол истифодашаванда, гурӯҳи шахсони интиқолдиҳандаи мол ва воситаҳои нақлиёт муқаррар карда мешавад.

4. Амалиёти гумрукӣ сарфи назар аз кишвари истеҳсолкардаи мол, давлати ирсолкунанда ва таъиноти мол баробар татбиқ мешавад.

### Моддаи 60. Оғоз ва анҷоми барасмиятдарории гумрукӣ

1. Барасмиятдарори гумрукии мол чунин оғоз меёбад:

1) ҳангоми воридоти мол - дар лаҳзаи пешниҳоди декларатсияи қаблии гумрукӣ ба мақоми гумрук ё ҳуҷҷатҳо тибқи моддаи 72 ҳамин Кодекс (вобаста ба он, ки кадом амал аввал анҷом дода мешавад) ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс бошад, аризаи шифоҳӣ ё анҷоми амалҳои дигаре, ки дар бораи нияти шахс ҷиҳати барасмиятдарории гумрукӣ гувоҳӣ медиҳанд;

2) ҳангоми содироти мол - дар лаҳзаи пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс бошад, - аризаи шифоҳӣ ё анҷоми амалҳои дигаре, ки дар бораи нияти шахс ҷиҳати барасмиятдарории гумрукӣ гувоҳӣ медиҳад.

2. Барасмиятдарории гумрукӣ бо иҷрои амалиёти гумрукӣ, ки тибқи ҳамин Кодекс барои нисбати мол қабул намудани расмиёти гумрукӣ, ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукӣ ё анҷом додани амали ин низом, агар ин низоми гумрукӣ дар мӯҳлати муайян амал намояд, ичунин барои ҳисоб ва пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз заруранд, хотима меёбад.

### Моддаи 61. Иҷозати мақоми гумрук барои анҷом додани амалиёти гумрукӣ

1. Агар барои анҷом додани амалиёти гумрукии алоҳида иҷозати мақоми гумрук зарур бошад, чунин иҷозат бетаъхир, баъди он, ки шахси мансабдори

ваколатдори мақоми гумрук итминон пайдо намояд, ки шартҳои зарурии муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс барои гирифтани чунин иҷозат иҷро шудаанд, дар мӯҳлати на дертар аз санҷиши декларатсияи гумрукӣ, ҳуҷҷатҳои дигар ва санҷиши мол (қисми 1 моддаи 400) дода мешавад.
Агар санҷиши риояи шартҳои додани иҷозат баъди додани он тавонад бе зарар барои назорати гумрукӣ анҷом пазирад ва агар ҳангоми минбаъд ошкор намудани риоя нашудани чунин шарт вайрон кардани қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонад бартараф гардад, иҷозат то гузаронидани санҷиш дода мешавад.
2. Агар дар ҳамин Кодекс пешбинӣ шуда бошад, ки иҷозат аз ҷониби мақоми гумрук дар шакли хаттӣ дода мешавад, тартиби додани чунин иҷозат ва шакли онро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар менамояд.
3. Иҷозати мақоми гумрук инчунин аз ҷониби мақоми гумрук анҷом додани амалҳои дигар низ ба ҳисоб меравад.

**Моддаи 62. Маҳал ва вақти барасмиятдарории гумрукии мол**

1. Барасмиятдарории гумрукии мол дар маҳалҳои ҷойгиршавии мақомоти гумрук дар вақти кори ин мақомот анҷом дода мешавад.
2. Бо дархости асосноки декларант ё шахси дигари манфиатдор амалиёти алоҳидаи гумрукӣ ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ метавонад берун аз маҳали ҷойгширшавӣ ва берун аз вақти кори мақомоти гумрук тибқи моддаҳои 465 ва 466 ҳамин Кодекс анҷом дода шаванд.

**Моддаи 63. Ҳуҷҷатҳо ва маълумоте, ки барои барасмиятдарории гумрукӣ заруранд**

1. Барои барасмиятдарории гумрукӣ шахсони дар ҳамин Кодекс муайянгардида бояд ба мақомоти гумрук ҳуҷҷатҳо ва маълумоти барои барасмиятдарории гумрукӣ заруриро пешниҳод намоянд.
Мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ пешниҳоди танҳо ҳамон ҳуҷҷатҳо ва маълумотеро талаб намоянд, ки барои таъмини риояи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон заруранд ва пешниҳоди онҳо тибқи ҳамин Кодекс пешбинӣ шудааст.
2. Номгӯи ҳуҷҷатҳо ва маълумот, талабот нисбати маълумоте, ки барои барасмиятдарории гумрукӣ нисбати расмиёти мушаххаси гумрукӣ ва низомҳои гумрукӣ заруранд, аз ҷониби мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ тибқи ҳамин Кодекс муайян карда мешавад. Ҳамзамон мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ҳуқуқ дорад номгӯи маълумот ва ҳуҷҷатҳои барои барасмиятдарории гумрукӣ заруриро бо назардошти гурӯҳи шахсони интиқолдиҳандаи мол ва воситаҳои нақлиёт, навъи мол, мақсади истифодаи мол, талаботи низомҳои гумрукӣ ё навъи нақлиёте, ки барои интиқоли мол аз сарҳади гумрукӣ истифода мешавад, ихтисор намояд. Мӯҳлати пешниҳоди ҳуҷатҳо ва маълумоти зарурӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ, агар ҳамин Кодекс тартиби дигаре муайян накарда бошад, аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар карда мешавад.

3. Номгӯи ҳуҷҷатҳо ва маълумоти барои барасмиятдарории гумрукӣ зарурӣ бояд расман интишор карда, аз ҷумла дар сомонаи расмии интернетии мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ шаванд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ, ки номгӯи ҳуҷҷатҳо ва маълумоти барои барасмиятдарории гумрукӣ заруриро муайян менамоянд, мутобиқи моддаи 4 ҳамин Кодекс эътибори қонунӣ пайдо мекунад (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).
4. Агар ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошанд, шакли ҳуҷҷатҳои гумрукиро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян мекунад.
5. Бо мақсади соддагардонӣ ва суръатбахшии барасмиятдарории гумрукӣ мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ бо мақомоти гумрукии давлатҳои хориҷӣ дар бораи эътирофи муштараки ҳуҷҷатҳои барои мақсадҳои гумрукӣ истифодашаванда созишнома ба имзо мерасонад.
6. Мақомоти гумрук ҳуқуқ надоранд қабули ҳуҷҷатҳои барои барасмиятдарории гумрукӣ заруриро аз сабаби дар онҳо мавҷуд будани маълумоти носаҳеҳ, ки ба муайян намудани андозаи пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз, ба қабули қарори мақомоти гумрук нисбати мамнӯият ва маҳдудиятҳо тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир намерасонад, рад намоянд. Ҳангоми радди мақоми гумрук ҷиҳати қабули ҳуҷҷатҳои зикршуда ин мақом шахси пешниҳоднамудаи ҳуҷҷатҳоро дар бораи сабабҳои рад огоҳ менамояд. Бо дархости ҳамин шахс мақоми гумрук огоҳии мазкурро дар шакли хаттӣ пешниҳод менамояд.
7. Ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ метавонанд дар шакли асл ё нусха пешниҳод карда шаванд, ки онҳоро шахси пешниҳоднамуда, декларант ё мақоми ваколатдоре, ки чунин ҳуҷҷатро додааст, тасдиқ намудаанд ё ба таври нотариалӣ тасдиқ шудаанд. Ҳангоми пешниҳоди нусхаи ҳуҷҷатҳои мазкур, ки шахси пешниҳоднамуда ё декларант тасдиқ кардааст, мақоми гумрук тибқи зарурат мувофиқати нусхаи чунин ҳуҷҷатҳоро бо асли онҳо муқоиса менамояд, сипас нусхаи асли ин ҳуҷҷатҳо ба шахси пешниҳоднамуда баргардонида мешавад.
8. Ҳуҷҷатҳои барои барасмиятдарории гумрукӣ зарурӣ метавонанд тибқи ҳамин Кодекс дар шакли ҳуҷҷатҳои электронӣ пешниҳод карда шаванд.

**Моддаи 64. Иштироки шахсони манфиатдор ва намояндагони онҳо ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ**

Шахсони манфиатдор ё намояндагони онҳо ҳуқуқ доранд ва бо талаботи мақомоти гумрук вазифадоранд ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ иштирок намоянд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).

**Моддаи 65. Забони барасмиятдарории гумрукӣ**

Барасмиятдарории гумрукӣ, аз ҷумла пур кардани ҳуҷҷатҳои барои барасмиятдарории гумрукӣ зарурӣ, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс, бо забони давлатӣ ё забони муоширати байни миллатҳо анҷом дода мешавад. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ҳуқуқ дорад ҳолатҳои дигареро муайян намояд, ки мақомоти гумрук барои

мақсадҳои гумрукӣ метавонанд ҳуҷҷатҳо ва маълумотро бо забонҳои хориҷие, ки шахсони мансабдори гумрукӣ ин забонро медонанд, қабул кунанд.

**Моддаи 66. Барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати дигар мақомоти давлатӣ**

Барасмиятдарори танҳо баъди анҷом додани назорати давлатии санитарию карантинӣ, карантинию фитосанитарӣ, байторӣ ва намудҳои дигари назорати давлатии воридоти мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё содироти онҳо аз ин ҳудуд сурат гирад, агар мол тибқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти муқаррароти пешбининамудаи қисми 3 моддаи 77 ҳамин Кодекс бояд ҳатман мавриди чунин назорат қарор гиранд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 67. Тартиби дар навбати аввал барасмиятдарории гумрукӣ**

Ҳангоми ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудан ва аз ҳудуди он содир намудани моле, ки барои рафъи оқибати офатҳои табиӣ, садамаҳо ва фалокат заруранд, инчунин моли зудвайроншаванда, ҳайвоноти зинда, маводи радиоактивӣ, муросилоти байналмилалии почта, бори экпресс, иттилоот ва маводи дигар барои воситаҳои ахбори омма, маводи барои мақомоти олии ҳокимият таъингардида ва дигар моли шабеҳ, ҳамчунин нисбати моле, ки аз сарҳади гумрукӣ танзимгари ваколатдори иқтисодӣ интиқол медиҳад, барасмиятдарории гумрукии онҳо ба таври соддагардонидашуда ва дар навбати аввал анҷом дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421, аз 2.01.2020 № 1678).

**Моддаи 68. хориҷ карда шуд**

(Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678)

## БОБИ 8(1). ТАНЗИМГАРИ ВАКОЛАТДОРИ ИҚТИСОДӢ

**Моддаи 68(1). Танзимгари ваколатдори иқтисодӣ**

(Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678)

1. Танзимгари ваколатдори иқтисодӣ - шахси ҳуқуқии ватание мебошад, ки ба Феҳристи танзимгарони ваколатдори иқтисодӣ дохил карда шуда, ба шартҳои моддаи 68(2) Кодекси мазкур ҷавобгӯ буда, ҳуқуқи истифодаи содагардонии махсуси пешбининамудаи моддаи 684 Кодекси мазкурро дорад.

2. Мақоми танзимгари ваколатдори иқтисодӣ аз ҷониби мақомоти гумрук ба шахси ҳуқуқии ватанӣ бо роҳи додани шаҳодатнома дар бораи дохил намудан ба Феҳристи танзимгарони ваколатдори иқтисодӣ дода мешавад. Шакл ва тартиби додан, бекор кардан, бозхондан ва боздоштани амали шаҳодатнома дар бораи дохил намудан ба Феҳристи танзимгарони ваколатдори иқтисодӣ аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян карда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).

**Моддаи 68(2). Шартҳои додани мақоми танзимгари ваколатдори иқтисодӣ**

(Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678)

Шартҳои аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ гирифтани мақоми танзимгари ваколатдори иқтисодӣ аз инҳо иборатанд:
1) таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ мутобиқи моддаи 384 Кодекси мазкур;
2) иҷрои фаъолияти савдои хориҷӣ на камтар аз се сол то рӯзи мурожиат ба мақоми гумрук;
3) дар рӯзи муроҷиат ба мақоми гумрук мавҷуд набудани уҳдадориҳои иҷронашудаи пардохтҳои гумрукӣ, фоизҳо, ҷаримаҳо аз рӯи қарорҳо оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд;
4) мавҷуд набудани ҳолатҳои дар давоми 1 (як) сол пеш аз муроҷиат ба мақоми гумрук ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудан барои ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ;
5) мавҷуд будани низоми баҳисобгирии молҳо, ки имконият медиҳад маълумоти ба мақомоти гумрук ҳангоми барасмиятдарории гумрукии мол пешниҳодшударо бо маълумот оид ба гузаронидани амалиёти хоҷагидорӣ мувофиқи талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқоиса намояд (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).

**Моддаи 68(3). Феҳристи танзимгарони ваколатдори иқтисодӣ**

(Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678)

1. Дохил намудан ба Феҳристи танзимгарони ваколатдори иқтисодӣ дар асоси муроҷиати шахсе, ки ба талаботи муқаррарнамудаи моддаҳои 681 ва 682 Кодекси мазкур ҷавобгӯ мебошад, амалӣ карда мешавад.
2. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ Феҳристи танзимгарони ваколатдори иқтисодиро пеш мебарад ва таъмини нашри онро дар сомонаи расмии интернетии худ анҷом медиҳад (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).

**Моддаи 68(4). Содагардонии махсуси ба танзимгари ваколатдори иқтисодӣ пешниҳодшаванда**

(Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678)

1. Ба танзимгари ваколатдори иқтисодӣ содагардонии махсуси зерин пешниҳод карда мешавад:
1) анҷом додани амалиёти гумрукӣ вобаста ба ворид шудани мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баровардани мол аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барасмиятдарории гумрукӣ ва иҷозати мол дар навбати аввал;
2) дар навбати аввал гузаронидани назорати гумрукӣ, дар сурати таъини он дар шакли азназаргузаронии гумрукӣ ё муоинаи гумрукӣ;
3) нигаҳдории муваққатии мол дар бино, майдончаҳои кушода ва ҳудуди дигари танзимгари ваколатдори иқтисодӣ;
4) иҷозати мол то пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ мутобиқи моддаи 150 Кодекси мазкур;
5) анҷом додани амалиёти гумрукӣ вобаста ба иҷозати мол дар бино, майдончаҳои кушода ва ҳудудҳои дигари танзимгари ваколатдори иқтисодӣ;

6) пешниҳод накардани таъмини иҷрои уҳдадории пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ҳангоми ҷойгир намудани мол таҳти расмиёти гумрукии транзити дохилии гумрукӣ аз ҷониби танзимгари ваколатдори иқтисодӣ, ки ҳамчун декларант нисбати ин мол баромад мекунад, дар ҳолатҳое, ки пешниҳоди чунин таъминот тибқи моддаи 86 Кодекси мазкур муқаррар карда шудааст;
7) пешниҳод накардани таъмини иҷрои уҳдадории пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ҳангоми иҷозати мол, аз ҷониби танзимгари ваколатдори иқтисодӣ, ки ҳамчун декларант нисбати ин мол баромад мекунад, бо хусусиятҳои пешбининамудаи моддаҳои 151 ва 160 Кодекси мазкур.
2. Содагардониҳои махсусе, ки моддаи мазкур пешбинӣ намудааст, танҳо дар ҳолатҳое татбиқ мегарданд, агар танзимгари ваколатдори иқтисодӣ ҳамчун декларанти моле, ки нисбати он истифодаи чунин содагардониҳои махсус пешбинӣ шудааст, ҳуқуқи баромад карданро дошта бошад.
3. Номгӯйи молҳое, ки нисбати онҳо содагардониҳои махсуси моддаи мазкур пешбинӣ намегарданд, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).

## БОБИ 9. РАСИДАНИ МОЛУ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ БА ҲУДУДИ ГУМРУКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421)

### Моддаи 69. Маҳал ва вақти расидани мол ва воситаҳои нақлиёт ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон

(Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421)
1. Расидани мол ва воситаҳои нақлиёт ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар гузаргоҳҳо аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, дар вақти кории мақомоти гумрук (моддаи 466), иҷозат дода мешавад. Дар маҳалҳои дигар мол ва воситаҳои нақлиёт ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон расонида шаванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ тадбирҳои эҳтиётиеро, ки интиқолдиҳанда барои пешгирии истифодаи беиҷозати мол ва воситаҳои нақлиёт дар ҳудуди гумрукӣ ҳангоми расиданашон берун аз вақти кори мақоми гумрук бояд андешад, муайян менамояд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845, аз 30.05.2017 № 1421).
Барои расидани намудҳои моли алоҳида ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон нуқтаҳои гузаргоҳҳоро аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Баъди гузаштан аз сарҳади гумрукӣ интиқолдиҳанда вазифадор аст мол ва воситаҳои нақлиёти овардаи худро дар нуқтаи гузаргоҳ ё маҳалҳои дигари дар қисми 1 ҳамин модда (маҳали расидан) зикршуда расонад ва онҳоро ба мақомоти гумрук пешниҳод кунад. Дар айни замон тағйири ҳолати мол ё вайрон кардани бастабандии онҳо, инчунин тағйирдиҳӣ, барҳамдиҳӣ, нобудсозӣ ё вайронкунии тамғаю мӯҳрҳо ва воситаҳои дигари ҳаммонандсозӣ иҷозат дода намешавад.

3. Мақомоти гумрук вазифадоранд дар шакли оммафаҳм оид ба нуқтаҳои гузаргоҳҳо аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҳдудиятҳои муқарраршуда ва вақти кори мақомоти гумрук маълумот пешниҳод намоянд.
4. Муқаррароти ҳамин модда нисбати моле, ки тавассути нақлиёти дарёӣ ё ҳавоӣ аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бе таваққуф дар бандар ё фурудгоҳи дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгирбуда убур мекунанд, татбиқ намегардад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 70. Тадбирҳое, ки ҳангоми садама ва таъсири қувваи рафънопазир ё дигар ҳолатҳо андешида мешаванд**

1. Агар молрасонӣ аз маҳали убури сарҳади гумрукӣ ба маҳали расидан қатъ гардад, инчунин агар киштиҳои дарёӣ ва ҳавопаймо ночор таваққуф кунанд ё фуруд оянд ё дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи садама ва таъсири қувваи рафънопазир ё ҳолатҳои дигари барои боррасонӣ монеашаванда таваққуф ва фуруд дар маҳалҳои муайяншуда номумкин бошад, интиқолдиҳанда вазифадор аст барои ҳифзи молу воситаҳои нақлиёт тамоми тадбирҳоро андешад ва фавран дар бораи ин ҳолатҳо ва маҳали ҷойгиршавии молу воситаҳои нақлиёт ба наздиктарин мақоми гумрук хабар диҳад, инчунин молро ба наздиктарин мақоми гумрук интиқол диҳад (агар воситаи нақлиёти ӯ зарар дида бошад) ё интиқоли онҳоро ба ҳама гуна ҷойи дигар, ки мақоми гумрук нишон додааст, таъмин намояд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Мақомоти гумрук хароҷоти интиқолдиҳанда ва дигар шахсонро, ки вобаста ба риояи талаботи ҳамин модда ба миён омадааст, ҷуброн намекунанд.

**Моддаи 71. Огоҳонидани пешакии мақомоти гумрук дар бораи расидани мол ва воситаҳои нақлиёт ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

(Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421)

Маъмурияти дидбонгоҳи гузаргоҳ аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (роҳбарияти фурудгоҳ, аэродром, бандарҳо, истгоҳҳои роҳи оҳан, стансияҳо) мақоми гумрукро қаблан дар бораи маҳал ва вақти расидани воситаҳои нақлиёт дар нуқтаҳои гузаргоҳ аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби бо маъмурияти гузаргоҳи мазкур ва мақоми гумрук тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқашуда огоҳ менамояд.

**Моддаи 72. Пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва маълумот дар бораи расидани мол ва воситаҳои нақлиёт ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

(Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421)

1. Ҳангоми расидани мол ва воситаҳои нақлиёт ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолдиҳанда вазифадор аст ба мақомоти гумрук ҳуҷҷатҳо ва маълумоти пешбининамудаи моддаҳои 73 - 76 ҳамин Кодексро вобаста ба навъи нақлиёте, ки дар он ҳамлу нақли байналмилалӣ амалӣ мегардад, пешниҳод намояд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ҳуқуқ дорад рӯйхати маълумоти дар моддаҳои 73-76 ҳамин Кодекс пешбинишударо ихтисор намояд. Мақоми гумрук ҳуқуқ надорад аз интиқолдиҳанда пешниҳоди маълумоти дигарро талаб намояд.

Агар ҳуҷҷатҳои дар моддаҳои 73-76 ҳамин модда пешбинишуда дорои маълумоти зарурӣ набошанд, интиқолдиҳанда вазифадор аст ба мақоми гумрук маълумоти нокифояро бо роҳи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дигари иловагии ба таври озод таҳияшуда хабар диҳад.
2. Интиқолдиҳанда ҳуқуқ дорад ба мақоми гумрук ҳуҷҷатҳо ва маълумотро то воқеан расидани мол ва воситаҳои нақлиёт ба ҳудуди гумрукии Тоҷикистон пешниҳод намояд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
3. Интиқолдиҳанда ҳуқуқ дорад ҳуҷҷатҳоро (қисми ҳуҷҷатҳоро) тибқи ҳамин Кодекс ва тибқи тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ дар шакли ҳуҷҷатҳои электронӣ пешниҳод намояд.
4. Ҳангоми аз ҷониби интиқолдиҳанда пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳо бо забони хориҷӣ мақомоти гумрук ҳангоми зарурат ҳуқуқ доранд танҳо тарҷумаи маълумоти пешбининамудаи моддаҳои 73-76 ҳамин Кодексро ба забони давлатӣ ё забони муоширати байналмилалӣ талаб намоянд.
5. Аз номи интиқолдиҳанда ҳуҷҷатҳо ва маълумотро метавонад шахсе, ки бо супориши вай амал мекунад, пешниҳод намояд.

**Моддаи 73. Ҳуҷҷатҳо ва маълумоте, ки ҳангоми ҳамлу нақли байналмилали тавассути нақлиёти автомобилӣ пешниҳод карда мешаванд**

1. Ҳангоми ҳамлу нақли байналмилали тавассути нақлиёти автомобилӣ интиқолдиҳанда ба мақоми гумрук маълумоти зеринро хабар медиҳад:
1) дар бораи қайди давлатии воситаҳои нақлиёт;
2) ном ва суроғаи интиқолдиҳандаи мол;
3) номи давлати ирсолкунанда ва давлати таъиноти мол;
4) ном ва суроғаи фиристанда ва гирандаи мол;
5) дар бораи фурӯшанда ва қабулкунандаи мол мувофиқи ҳуҷҷатҳои тиҷоратие, ки интиқолдиҳанда дорад;
6) дар бораи миқдори ҷойҳои бор, маркировкаи онҳо ва навъи бастабандии мол;
7) номгӯй, инчунин рамзи мол мувофиқи талаботи байналмилалии тавзеҳ ва кодгузории мол дар сатҳи на камтар аз 4 рақами аввал (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1422);
8) вазни умумии мол (бо кг) ё ҳаҷми мол (бо метри мукааб) ба истиснои моли калонҳаҷм;
9) дар бораи мавҷудияти моле, ки воридоташон ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ ё маҳдуд карда шудаанд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
10) дар бораи маҳал ва таърихи таҳияи борхати нақлиётии байналмилалӣ;
2. Интиқолдиҳанда маълумоти дар қисми 1 ҳамин модда зикршударо бо роҳи ба мақоми гумрук пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои зерин хабар медиҳад:
1) ҳуҷҷатҳо ба воситаи нақлиёт;
2) борхати нақлиётии байналмилалӣ;
3) ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ ба моли интиқолшаванда, ки интиқолдиҳанда дорад.

**Моддаи 74. Ҳуҷҷатҳо ва маълумоте, ки ҳангоми ҳамлу нақли байналмилали тавассути нақлиёти дарёӣ пешниҳод карда мешаванд**

1. Ҳангоми ҳамлу нақли байналмилали тавассути нақлиёти дарӣ интиқолдиҳанда ба мақоми гумрук маълумоти зеринро хабар медиҳад:

1) дар бораи қайди киштӣ ва мансубияти миллии он:
2) номгӯ ва тавсифи киштӣ:
3) ному насаби капитан:
4) ному насаб ва суроғаи агенти киштӣ:
5) дар бораи теъдоди мусофирони киштӣ, ному насаби онҳо, шаҳрванди (табаият), таърих ва маҳали таваллуд, бандари таваққуф ва фуруд:
6) дар бораи теъдод ва ҳайати экипаж:
7) номгӯи бандари сафар ва бандари даромади киштӣ:
8) номгӯи, теъдоди умумӣ ва тавсифи мол:
9) дар бораи теъдоди ҷойҳои бор, маркировкаи онҳо ва навъи бастабандии мол:
10) номгӯи бандари боргирӣ ва бандари борфарорӣ:
11) рақами коносаментҳо ё дигар ҳуҷҷатҳое, ки мавҷудият ва мазмуни қарордоди интиқоли баҳриро барои моли дар бандари мазкур холишаванда тасдиқ менамояд;
12) номгӯи бандарҳои фаровардани моли дар кишти боқимонда;
13) номгӯи бандарҳои аввалаи ирсоли мол;
14) номгӯи захираҳое, ки дар киштӣ мавҷуданд ва нишон додани теъдоди онҳо;
15) тавзеҳи ҷойгиркунии мол дар киштӣ;
16) дар бораи мавҷуд будани (мавҷуд набудани) муросилоти почтаҳои байналмилалӣ дар киштӣ;
17) дар бораи мавҷуд будани (мавҷуд набудани) моле, ки ворид кардани онҳо ба ҳудуди гумрукии Тоҷикистон манъ ё маҳдуд аст, аз ҷумла асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзишҳои асъорӣ, ки ҳайати экипаж бо худ дорад, доруворӣ, ки дар таркибашон воситаҳои нашъадор, маводи сахттаъсир, моддаҳои психотропи ва заҳрнок мавҷуд аст (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
18) дар бораи мавҷуд будани (мавҷуд набудани) моли хатарнок, аз ҷумла яроқу лавозимоти ҷангӣ.

2. Интиқолдиҳанда маълумоти дар қисми 1 ҳамин модда зикршударо бо роҳи ба мақоми гумрук пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои зерин хабар медиҳад:

1) декларатсияи умумӣ;
2) декларатсияи бор;
3) декларатсияи захираҳо дар киштӣ;
4) декларатсия дар бораи ашёи шахсии ҳайати экипажи киштӣ;
5) таъиноти киштӣ;
6) рӯйхати мусофирон;
7) ҳуҷҷате, ки Ковенсияи умумиҷаҳонии почта тақозо менамояд;
8) коносаментҳо ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки мавҷудият ва мазмуни қарордоди интиқоли дарёиро тасдиқ мекунанд.

**Моддаи 75. Ҳуҷҷатҳо ва маълумоте, ки ҳангоми ҳамлу нақли байналмилали тавассути нақлиёти ҳавоӣ пешниҳод карда мешаванд**

1. Ҳангоми ҳамлу нақли байналмилали тавассути нақлиёти ҳавоӣ интиқолдиҳанда ба мақомоти гумрук маълумоти зеринро хабар медиҳад:

1) зикри аломати мансубияти миллӣ ва аломати бақайдгирии ҳавопаймо;

2) рақами рейс, зикри самти парвоз, нуқтаи парвоз, ҷойи фуруди ҳавопаймо;

3) номи истифодабарандаи ҳавопаймо;

4) теъдоди ҳайати экипаж;

5) дар бораи теъдоди мусофирон, ном ва насаби онҳо; номгӯи маҳалҳои саворшавӣ ва фурудоии онҳо;

6) зикри навъи мол;

7) рақами борхат, миқдори ҷой дар ҳар як борхат;

8) номи нуқтаи боргирӣ ва борфарорӣ;

9) дар бораи миқдори захираҳои киштӣ, ки ба он бор карда ё фароварда мешаванд;

10) дар бораи мавҷуд будани (мавҷуд набудани) муросилоти почтаҳои байналмилалӣ дар киштии ҳавоӣ;

11) дар бораи мавҷуд будани (мавҷуд набудани) моле, ки ворид кардани он ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ ё маҳдуд аст, аз ҷумла асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзишҳои асъорӣ, ки ҳайати экипаж бо худ дорад, доруворӣ, ки дар таркибашон воситаҳои нашъадор, моводи сахттаъсир, моддаҳои психотропӣ ва заҳрнок мавҷуданд, инчунин аслиҳа ва лавозимоти ҷангӣ (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Интиқолдиҳанда маълумоти дар қисми 1 ҳамин модда зикршударо бо роҳи ба мақоми гумрук пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои зерин хабар медиҳад:

1) ҳуҷҷати муқаррарии (стандартии) интиқолдиҳанда, ки мувофиқи созишномаи байналмилалӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ (декларатсияи генералӣ) пешбинӣ шудааст;

2) ҳуҷҷати дорои маълумот дар бораи моли тавассути ҳавопаймо интиқолшаванда (борхат);

3) ҳуҷҷати дорои маълумот дар бораи захираҳои ҳавопаймо;

4) борхати бори ҳавопаймо;

5) ҳуҷҷати дорои маълумот оид ба интиқоли мусофирон ва бағоҷи онҳо (руйхати мусофирон);

6) ҳуҷҷате, ки Ковенсияи умумиҷаҳонии почта тақозо менамояд.

**Моддаи 76. Ҳуҷҷатҳо ва маълумоте, ки ҳангоми интиқоли байналмилалӣ тавассути нақлиёти роҳи оҳан пешниҳод карда мешаванд**

1. Ҳангоми ҳамлу нақли байналмилалӣ тавассути нақлиёти роҳи оҳан интиқолдиҳанда ба мақоми гумрук маълумоти зеринро хабар медиҳад:

1) номгӯ ва суроғаи ирсолкунандаи бор;

2) номгӯ ва суроғаи қабулкунандаи бор;

3) номгӯи истгоҳи ирсолкунанда ва истгоҳи таъиноти мол;

4) дар бораи теъдоди ҷойи бор, оид ба маркировкаи он ва навъи бастабандии мол;

5) номгӯ, инчунин коди мол тибқи Системаи ҳамоҳангшудаи тасниф ва рамзгузории мол ё Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, дар сатҳи на камтар аз 4 рақами аввал (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1422);
6) вазни умумии мол (бо кг);
7) рақамҳои ҳаммонандсозии контейнерҳо.
2. Интиқолдиҳанда маълумоти дар қисми 1 ҳамин модда зикршударо бо роҳи нишон додани ҳуҷҷатҳои зерин хабар медиҳад:
1) борхати роҳи оҳан;
2) ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ барои интиқоли мол, ки дар ихтиёри интиқолдиҳанда мавҷуданд.

**Моддаи 77. Амалиёт бо молу воситаҳои нақлиёт дар маҳали расидани онҳо**

1. Баъди расидани мол ва ба мақоми гумрук пешниҳод намудани ҳуҷҷату маълумоти дахлдор молро метавон фаровард, ба дигар воситаи нақлиёт бор кард (моддаи 78), дар анбори муваққати ҷой кард (боби 12), ба низоми муайяни гумрукӣ ё транзити дохилии гумрукӣ арзшуда ворид намуд (боби 10).
2. Аз лаҳзаи пешниҳоди мол ба маҳали боррасонӣ чунин мол статуси таҳти нигаҳдошти муваққатӣ қарордоштаро мегирад. Бо анҷом ёфтани мӯҳлати ниҳоии нигаҳдории муваққатӣ (моддаи 103) мақомоти гумрук моли мазкурро тибқи боби 57 ҳамин Кодекс ихтиёрдорӣ менамоянд.
3. Агар мақомоти гумрук санҷиши молеро анҷом диҳанд, ки нисбати воридоти он ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мамнӯият ва маҳдудиятҳо муқаррар шудаанд ва таъмини риояи онҳо инчунин таҳти салоҳияти дигар мақомоти давлатӣ низ мебошад, мақомоти гумрук ҳамоҳангсозии ин амалиёт ва баробар анҷом додани онҳоро таъмин менамоянд.
4. Воситаҳои нақлиёт бояд тибқи боби 36 ҳамин Кодекс ба расмияти гумрукӣ даровarда шаванд.

**Моддаи 78. Борфарорӣ ва азнавборкунӣ дар маҳали расидани мол**

1. Борфарорӣ ва азнавборкунии мол аз воситаҳои нақлиёте, ки ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудааст, дар маҳали расидан ва дар вақти кори мақомоти гумрук дар маҳали махсус барои чунин мақсадҳо пешбинигардида анҷом дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
Дар ҷойҳои дигар ва (ё) дар вақти ғайрикории мақоми гумрук борфарорӣ ва азнавборкунии мол бо иҷозати мақоми гумрук, ки бо дархости шахси манфиатдор тибқи моддаҳои 465 ва 466 ҳамин Кодекс дода шудааст, анҷом дода мешавад.
2. Ҷойи борфарорӣ ва азнавборкунии он минтақаи назорати гумрукӣ ҳисобида мешавад. Ҷойи мазкур бояд тарзе сохта ва муҷаҳҳаз гадад, ки ҳифзи молро таъмин намояд ва имконияти ба он дохилшавии шахсоне, ки дар борфарорӣ ва борбардорӣ иштирок наменамоянд, истисно карда шавад.
3. Бо дархости шахсе, ки дар бандарҳо амалиётро бо мол анҷом медиҳад, мол метавонад дар ҷойҳои борфарорӣ ва азнавборкунӣ бе ҷойгиркунонӣ дар анборҳои нигаҳдории муваққатӣ дар мӯҳлати барои иҷрои амалиёт зарурӣ,

вале дар доираи мӯҳлати муайяннамудаи моддаи 103 ҳамин Кодекс, нигоҳ дошта шаванд.
4. Ҳангоми гум кардани мол ё бе иҷозати мақомоти гумрук додани он ба шахсони сеюм масъулият барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз мутобиқи ҳамин Кодекс ба зиммаи шахсе мебошад ки ин амалиётро анҷом медиҳад.
5. Фаровардани моле, ки воридоти он ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ шудааст, иҷозат дода намешавад.

## БОБИ 10. ТРАНЗИТИ ДОХИЛИИ ГУМРУКӢ

### Моддаи 79. Транзити дохилии гумрукӣ

1. Транзити дохилии гумрукӣ расмиёти гумрукие мебошад, ки мувофиқи он моли хориҷӣ тавассути ҳудуди гумрукии Тоҷикистон бидуни ситонидани боҷи гумрукӣ, андоз ва татбиқи тадбирҳои мамнӯият ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодии тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда интиқол дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Транзити дохилии гумрукӣ ҳангоми интиқоли мол аз маҳали расидани он то маҳали ҷойгиршавии мақоми гумрукӣ таъинот (моддаи 92), аз маҳали ҷойгиршавии мол ҳангоми декларатсиякунонии он то маҳали баровардани он аз ҳудуди гумрукии Тоҷикистон, байни анборҳои нигаҳдории муваққатӣ, анборҳои гумрукӣ, инчунии дар ҳолатҳои дигари интиқоли моли хориҷӣ дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешавад, агар ба ин мол таъмини пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз пешбинӣ нашуда бошад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
3. Муқаррароти ҳамин боб нисбати моле, ки тавассути нақлиёти ҳавоӣ интиқол дода мешавад, агар ҳавопаймо ҳангоми парвоз дар хати сайри доимии байналмилалӣ дар маҳали расидани мол муваққатан ё ночор (ба сабаби техникӣ) бе фаровардани қисми мол фуруд ояд, инчунин нисбати моли тавассути қубур ё хати барқ интиқолшаванда татбиқ намегардад.
4. Интиқоли мол тибқи расмиёти транзити дохилии гумрукӣ метавонад аз ҷониби ҳама гуна интиқолдиҳанда, аз ҷумла боркашони гумрукӣ анҷом дода шавад.

### Моддаи 80. Иҷозат барои транзити дохилии гумрукӣ

1. Транзити дохилии гумрукӣ бо иҷозати хаттии мақоми гумрук, ки дар минтақаи фаъолияти он интиқоли мол тибқи расмиёти транзити дохилии гумрукӣ (мақоми гумрукӣ ирсолкунанда) оғоз мегардад, иҷозат дода мешавад.
2. Иҷозат ба транзити дохилии гумрукӣ ба инҳо дода мешавад:
1) ба интиқолдиҳанда;
2) ба экспедитор, агар вай шахси ватанӣ бошад;
3) ба шахсоне, ки дар қисми 6 ҳамин модда зикр шудаанд.
3. Ба транзити дохилии гумрукӣ бо риояи шартҳои зерин иҷозат дода мешавад:
1) агар воридоти мол ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ нашуда бошад;

2) агар нисбати моли воридшаванда дар маҳали расидани он назорати сарҳадӣ ва дигар намуди назорати давлатӣ гузаронида шуда бошад, дар ҳолате, ки агар мол тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҳали расидани он бояд таҳти чунин назорат қарор гирад;
3) агар нисбати мол ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи риояи маҳдудиятҳо мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати интиқоли ин мол тавассути ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда бошанд (Қонуни ҶТ 28.12.2012 № 906, аз 30.05.2017 № 1421);
4) агар нисбати ин мол ҳуҷҷати назоратии расидани мол (моддаи 81) пешниҳод шуда бошад;
5) агар мол бо аломатҳои ҳаммонандсозӣ таъмин бошад:
6) агар воситаи нақлиёт ба таври зарурӣ муҷаҳҳаз бошад, дар ҳолате, ки мол таҳти тамға (пломба) ва мӯҳрҳои гумрукӣ интиқол дода шавад (моддаи 84);
7) агар барои таъмини риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳо андешида шуда бошанд (моддаи 86).
4. Иҷозат ба транзити дохилии гумрукӣ баъди пешниҳоди мол ба мақоми гумрукӣ ирсолкунанда фавран, баъди он, ки мақоми гумрук ба риояи шартҳои муқаррарнамудаи қисми 3 ҳамин модда итминон ҳосил мекунад, аммо на дертар аз як шабонарӯзи қабули ҳуҷҷати назоратии расидани мол дода мешавад (моддаи 81). Ҳуҷҷати назорати расидани мол аз ҷониби мақоми гумруки ирсолкунанда дар мӯҳлати 30 дақиқа қабул карда мешавад, агар он ба ҳамаи талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ бошад.
Ҳангоми додани иҷозат барои транзити дохилии гумрукӣ мақоми гумруки ирсолкунанда мӯҳлати транзити дохилии гумрукӣ (моддаи 82) ва маҳали расонидани молро муайян менамояд (моддаи 85).
5. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ метавонад ҷиҳати иҷозат надодани интиқолдиҳанда ё экспедитор ба транзити дохилии гумрукӣ, ки якчанд маротиба ӯҳдадории худро оид ба интиқоли мол тибқи транзити дохилии гумрукӣ иҷро нанамудааст, агар тибқи қарор маълум гардад, ки оид ба қонунвайронкуниҳои маъмурӣ дар фаъолияти гумрукӣ нисбати он ҷавобгарии маъмурӣ андешида шудааст ва ҳатто агар яке аз ин қарорҳо иҷро нашуда бошад ё ҳамин интиқолдиҳанда ё экспедитор ӯҳдадориҳояшро оид ба пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз тибқи моддаи 90 ҳамин Кодекс иҷро накарда бошад, қарор қабул намояд. Қарори мазкур бояд дар мӯҳлати 5 рӯзи баъди пардохти ҷаримаи маъмурӣ, боҷҳои гумрукӣ ва андоз тибқи моддаи 90 ҳамин Кодекс бекор карда шуда, дар ин бора интиқолдиҳанда ё экспедитор, ки нисбати онҳо чунин қарор қабул шудааст, дар мӯҳлати муқарраршуда дар шакли хатти огоҳ карда мешаванд.
6. Ҳангоми интиқоли мол тибқи транзити дохилии гумрукӣ ба маҳали расидани мол (моддаи 85), ки маҳали ҷойгиршавии мақоми гумрук ҳисоб намешавад, иҷозати транзити дохилии гумрукӣ ба таври истисно ба шахсе дода мешавад, ки тибқи ҳамин Кодекс ба зиммааш нигаҳдории мол ва иҷрои дигар амалиёт бо мол дар маҳали расидани мол гузошта шудааст. Дар ин ҳолат шахси мазкур ӯҳдадориҳо ва масъулиятҳои барои экспедитор

муқаррарнамудаи ҳамин бобро бо назардошти ҳолатҳои қисми 5 моддаи 92 ҳамин Кодекс ба зимма дорад.
7. Агар иҷозат ба транзити дохилии гумрукӣ барои риоя нашудани бандҳои 1 - 3 қисми 3 ҳамин модда дода нашавад, мақоми гумрук ҳуқуқ дорад ба интиқолдиҳанда иҷозат диҳад, ки молро ба анбори нигаҳдории муваққатӣ ё дигар ҷойҳои минтақаи назорати гумрукӣ ҳисобшаванда интиқол диҳад, бо шарти мушоияти гумрукии воситаҳои нақлиёте, ки тавассути онҳо мол интиқол дода мешавад.
Эзоҳ: 1. Бо мақсади истифодаи ҳамин боб таҳти мафҳуми воситаҳои нақлиёт инчунин воситаҳои нақлиёте фаҳмида мешавад, ки дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мол тавассути онҳо интиқол дода мешаванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Бо мақсади истифодаи ҳамин боб таҳти мафҳуми экспедитор шахсе фаҳмида мешавад, ки тибқи қарордоди экспедитсияи нақлиётӣ мутобиқи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад.
**Моддаи 81. Декларатсияи транзитӣ**
1. Ба сифати декларатсияи транзити мақоми гумруки интиқолдиҳанда ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ, нақлиёти (борбари) ва (ё) ҳуҷҷатҳои гумрукии дорои маълумоти дар қисми 2 ҳамин модда зикршударо қабул мекунад.
2. Барои гирифтани иҷозат ба транзити дохилии гумруки интиқолдиҳанда (экспедитор) ба мақоми гумруки интиқолдиҳанда маълумоти зеринро пешниҳод менамояд:
1) дар бораи ном ва ҷои интиқолдиҳанда (қабулкунанда) тибқи ҳуҷҷатҳои нақлиётӣ;
2) дар бораи мамлакати интиқолдиҳандаи (мамлакати таъинот) мол;
3) дар бораи ном ва ҷои интиқолдиҳандаи мол ё экспедитор, агар экспедитор барои транзити дохилии гумруки иҷозат гирифта бошад;
4) дар бораи воситаи нақлиёте, ки тавассути он бор дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода мешавад, ҳангоми боркашони тавассути нақлиёти автомобилӣ бошад - ҳамчунин дар бораи ронандаи воситаи нақлиёт (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
5) дар бораи намуд ё ном, миқдор ва нархи мол тибқи ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ, нақлиёти (борбари), вазн ё ҳаҷм, рамзи мол, тибқи Системаи ҳамоҳангшудаи тавсифот ва рамзгузории мол ё Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар сатҳи на камтар аз чор аломати аввал (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1422);
6) дар бораи миқдори умумии ҷои бор;
7) дар бораи маҳали таъиноти мол;
8) дар бораи ба нақша гирифтани азнавборкунӣ ё дигар амалиёти борбардорӣ ё борфарорӣ дар роҳ;
9) дар бораи ба нақша гирифтани мӯҳлати интиқоли мол (моддаи 82);
10) дар бораи хати сайр, агар интиқоли мол бо хатҳои сайри муайян ба ҷо оварда шавад (қисми 3 моддаи 86).
3. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ҳуқуқ дорад номгӯи маълумоти дар қисми 2 ҳамин модда зикршударо бо назардошти

категорияи шахс, молу воситаҳои нақлиёти интиқолшаванда, навъи мол, инчунин вобаста ба навъи нақлиёт ихтисор намояд.
4. Агар ҳуҷҷатҳои тибқи қисми 1 ҳамин модда пешниҳодшуда ҳамаи маълумоти дар қисми 2 ҳамин модда зикршударо надошта бошанд, ин маълумот иловатан, бо роҳи ба шакли хаттӣ дохил намудани маълумоти нокифоя ба декларатсияи транзитӣ пешниҳод карда мешавад. Шакли декларатсияи транзитӣ ва тартиби пур кардани онро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян менамояд.
5. Мақоми гумрук ҳуқуқ надорад аз интиқолдиҳанда ё экспедитор дигар маълумотро, ба истиснои маълумоти дар қисми 2 ҳамин модда зикргардида, талаб намояд.
6. Дар хусуси қабули ҳуҷҷатҳо ба сифати декларатсияи транзитӣ тибқи қисми 1 ҳамин модда шахси мансабдори мақоми гумрук дар чунин ҳуҷҷатҳо тибқи намуна ва тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ сабт мегузорад.
7. Декларатсияи транзитиро ба шакли ҳуҷҷати электрони пешниҳод кардан мумкин аст. Тартиби пешниҳоди декларатсияи транзитӣ ба шакли ҳуҷҷати электронӣ ва тартиби истифодаи онро дар транзити гумрукии дохили мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ тибқи ҳамин Кодекс муайян менамояд.
8. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати декларатсияи транзитӣ ҳуҷҷатҳое, ки чунин санадҳо муқаррар кардаанд, истифода бурда мешавад.

**Моддаи 82. Мӯҳлати транзити дохилии гумрукӣ**

1. Мӯҳлати ниҳоии транзити дохилии гумрукӣ, агар интиқол тавассути нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳан сурат гирад, наметавонад аз мӯҳлати ба ҳисоби 2000 км дар як моҳ муайяншуда зиёд бошад ва дар ҳолате, ки агар интиқол тавассути нақлиёти ҳавоӣ сурат гирад - ин мӯҳлат аз рӯзи гирифтани иҷозат барои транзити дохилии гумрукӣ набояд аз се рӯз зиёд бошад.
2. Ҳангоми гирифтани иҷозат ба транзити дохилии гумрукӣ мӯҳлати транзити дохилии гумрукӣ аз ҷониби мақоми гумруки ирсолкунанда дар доираи мӯҳлати муқаррарнамудаи қисми 1 ҳамин модда, вобаста ба аризаи интиқолдиҳанда (экспедитор), мӯҳлати муқаррарии интиқоли мол, навъи нақлиёт ва имкониятҳои воситаи нақлиёт, хати сайри он ва дигар шароити ҳамлу накл муқаррар карда мешавад.
3. Бо дархости асосноки шахси манфиатдор мақоми гумрук мӯҳлати муқаррарнамудаи транзити дохилии гумрукиро дар доираи мӯҳлати муқаррарнамудаи қисми 1 ҳамин модда тамдид менамояд. Агар ҳангоми интиқоли мол тибқи расмиёти транзити дохилии гумруки интиқолдиҳанда дар мӯҳлати аввали муқарраргардида аз сабаби садама ё таъсири қувваи рафънопазир молро расонида натавонад, бо иҷозати мақоми гумрук дар шакли хатти мӯҳлати транзити дохилии гумрукӣ метавонад ба мӯҳлати зиёда аз мӯҳлати ниҳоии муқаррарнамудаи қисми 1 ҳамин модда тамдид карда шавад.

**Моддаи 83. Ҳаммонандсозии (идентификатсияи) мол ва ҳуҷҷатҳои он**

1. Мақоми гумруки ирсолкунанда ҳаммонандсозии молеро, ки ба расмиёти гумрукии транзити дохилии гумрукӣ фаро гирифта шудаанд, бо мақсади таъмини имконияти аз ҷониби мақоми гумруки таъинот (қисми 1 моддаи 92) ошкор намудани аломати гирифтани бор, ҷойгузории бор дар нақлиёт ё иҷрои ягон амалиёт бо бор, агар амалҳои мазкур ҳангоми интиқоли ин мол мувофиқи транзити дохилии гумрукӣ сурат гирифта бошанд, анҷом медиҳад.
2. Бо мақсади ҳаммонандсозии мол мақоми гумруки ирсолкунанда ҳуқуқ дорад воситаҳои зеринро истифода намояд:
1) гузоштани тамғаҳои (пломбаҳои) гумрукӣ ва мӯҳрҳо ба нақлиёт, контейнер ё бордони ҷудошаванда;
2) гузоштани нишонҳои ҳаммонандсозии рақамӣ, ҳарфӣ ё маркировкаи дигар, гузоштани тамға (пломба) ва мӯҳрҳо ба ҷойҳои бори алоҳида;
3) гузоштани штамп;
4) гирифтани чошниҳо ва намунаҳо;
5) тавсифи мол ва воситаҳои нақлиёт;
6) истифодаи нақшаҳо, суратҳои калонҳаҷм таҳияшуда, фотосуратҳо, видеосабтҳо, ороишҳо;
7) истифодаи нақшаҳои таҳиянамудаи шахсони мансабдори мақомоти гумрук суратҳои калонҳаҷм таҳияшуда, фотосуратҳо, видеосабтҳо, ороишҳо;
8) воситаҳои дигари имкондиҳандаи ҳаммонандсозии мол, инчунин тамғаҳои (пломбаҳои) ирсолкунандаи мол.
3. Ҳаммонандсозии мол бо роҳи гузоштани тамғаю (пломбаю) мӯҳри гумрукӣ ба воситаҳои нақлиёт, контейнер ё бордони ҷудошаванда бо риояи шартҳои муқаррарнамудаи моддаи 84 ҳамин Кодекс амалӣ карда мешавад.
Дар ҳолатҳои дигар ҳаммонандсозии мол бо истифодаи воситаҳои дигари муқаррарнамудаи қисми 2 ҳамин модда анҷом дода мешавад.
4. Мақомоти гумрук инчунин тамғаҳои (пломбаҳои) гумрукӣ ё воситаҳои дигари ҳаммонандсозии мақомоти гумруки давлатҳои хориҷиро истифода мебаранд, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар:
1) тамғаҳои (пломбаҳои)гумрукӣ ё воситаҳои дигари ҳаммонандсозӣ аз ҷониби мақоми гумруки ирсолкунанда нокифоя ё ба мизони муайяннамудаи қисми 1 моддаи 84 ҳамин Кодекс беэътимод ҳисобида шаванд;
2) мақоми гумруки ирсолкунанда муоинаи гумрукии молро анҷом диҳад.
Агар мақомоти гумрук тамғаҳои (пломбаҳои) гумрукӣ ё воситаҳои дигари ҳаммонандсозии мақомоти гумруки давлатҳои хориҷиро истифода баранд, барои тағйир додан, нест ё нобуд кардан ё хароб намудани ин воситаҳои ҳаммонандсозӣ мамнӯиятҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс нисбати воситаҳои ҳаммонандсозии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегарданд.
5. Мақомоти гумрук ҳаммонандсозии ҳуҷҷатҳои нақлиёти (борбари), инчунин ҳуҷҷатҳои тиҷоратии моли дар ихтиёри интиқолдиҳанда бударо барои мақсадҳои гумрукӣ амалӣ менамоянд.
Барои мақсадҳои ҳаммонандсозии ҳуҷҷатҳо мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд воситаҳои зеринро истифода баранд:
1) гузоштани мӯҳр ва штамп дар ҳуҷҷатҳо;

2) гузоштани воситаҳои махсуси часпанда ва махсуси ҳимоятӣ;
3) ҷойгир намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои мақсадҳои гумрукӣ дар қисматҳои боргузории воситаҳои нақлиёт, контейнерҳо ё бордонҳои ҷудошаванда, ки ба онҳо тамғаю (пломбаю) мӯҳри гумрукӣ гузошта мешаванд;
4) гузоштани ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои мақсадҳои гумрукӣ дар сейфлифофаҳо.

**Моддаи 84. Таҷҳизонидани воситаҳои нақлиёт, контейнерҳо ва бордонҳои ҷудошаванда ҳангоми интиқоли мол таҳти тамға (пломба) ва мӯҳрҳои гумрукӣ**

1. Воситаҳои нақлиёт, контейнерҳо ё бордонҳои ҷудошаванда барои интиқоли мол таҳти тамғаю (пломбаю) мӯҳри гумрукӣ иҷозат дода мешаванд, ба шарте агар тамғаю (пломбаю) мӯҳри гумрукӣ мустақиман ба ҳамин воситаҳои нақлиёт, контейнерҳо ва бордонҳои ҷудошаванда тарзе гузошта шуда бошанд, ки сохт ва таҷҳизонии онҳо имкон медиҳад:
1) тамғаю (пломбаю) мӯҳри гумрукӣ ба таври оддӣ ва эътимодбахш гузошта шаванд;
2) мол аз қисми борҷои тамғашудаи (пломбашудаи) воситаи нақлиёт бе гузоштани пайҳои назарраси кушодани борҷои воситаи нақлиёт ё хароб кардани тамғаю (пломбаю) мӯҳри гумруки мол ба борҷойҳои воситаи нақлиёт гирифта ё гузошта нашаванд;
3) дар воситаҳои нақлиёт ва борҷои он барои пинҳон намудани мол ҷойҳои махфӣ набошанд;
4) ҳамаи ҷойҳое, ки дар онҳо мол гузошта шудаанд, барои азназаргузаронии гумруки дастрас бошанд.
2. Талаботи муқаррарнамудаи қисми 1 ҳамин модда нисбати нақлиёт, контейнер ё бордони ҷудошаванда иҷрошуда ҳисобида мешавад, агар воситаи нақлиёт, контейнер ё бордони ҷудошаванда ҷавобгӯи талаботи техникие бошад, ки мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар менамояд.
3. Дар бораи иҷозат додани воситаи нақлиёт, контейнер ё бордони ҷудошаванда ба интиқоли мол таҳти тамғаю (пломбаю) мӯҳри гумрукӣ мақоми гумруки ирсолкунанда қарор қабул менамояд, агар воситаи нақлиёт, контейнер ё бордони ҷудошаванда пешаки ба интиқол таҳти тамғаю (пломбаю) мӯҳри гумрукӣ иҷозат дода нашуда бошад.
Қарори мазкур аз ҷониби мақоми гумруки ирсолкунанда дар рӯзи муроҷиати шахси манфиатдор қабул карда мешавад.
4. Мувофиқати воситаи нақлиёт, контейнер ё бордони ҷудошаванда ба талаботи дар қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда зикргардида метавонанд сари вакт, бо роҳи гирифтани гувоҳнома дар бораи иҷозат додани воситаи нақлиёт, контейнер ё бордони ҷудошаванда ба интиқоли мол таҳти тамғаю (пломбаю) мӯҳри гумрукӣ тасдиқ карда шавад.
Гувоҳнома дар бораи иҷозат додани воситаи нақлиёт, контейнер ё бордони ҷудошаванда ба интиқоли мол таҳти тамғаю (пломбаю) мӯҳри гумрукӣ бо тартиби зайл дода мешавад:
1) инфиродӣ;

2) вобаста ба конструксияи (навъи) воситаи нақлиёт ё бордони ҷудошаванда.
Гувоҳнома дар бораи иҷозат додани воситаи нақлиёт, контейнер ё бордони ҷудошаванда ба интиқоли мол таҳти тамғаю (пломбаю) мӯҳри гумрукӣ аз тарафи мақоми гумрук дар асоси аризаи шахси манфиатдор дар давоми 5 рӯзи гирифтани аризаи мазкур дода мешавад. Гувоҳномаи мазкур то даврае амал мекунад, ки дар конструксияи воситаи нақлиёт, контейнер ё бордони ҷудошаванда тағйирот сурат нагирад. Гувоҳнома дар бораи иҷозат додани воситаи нақлиёт, контейнер ё бордони ҷудошаванда ба интиқоли мол таҳти тамғаю (пломбаю) мӯҳри гумрукӣ ҳангоми ба шахси дигар гузаштани ҳуқуқи соҳибии воситаи нақлиёт, контейнер ё бордони ҷудошаванда эътибори худро нигоҳ медорад. Шакли гувоҳнома дар бораи иҷозат додани воситаи нақлиёт, контейнер ё бордони ҷудошаванда барои интиқоли мол таҳти тамғаю (пломбаю) мӯҳри гумрукӣ ва тартиби додани онҳо аз ҷониби мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар карда мешавад.
5. Мақомоти гумрук пешаки иҷозат додани воситаи нақлиёт, контейнер ё бордони ҷудошавандаро барои интиқоли мол таҳти тамғаю (пломбаю) мӯҳри гумрукӣ, ба истиснои ҳолатҳои зерин, талаб наменамоянд:
1) агар интиқоли молро боркаши гумрукӣ анҷом дода бошад (боби 11);
2) иҷозати пешакӣ дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда бошад.

**Моддаи 85. Маҳали расонидани мол ҳангоми транзити дохилии гумрукӣ**

1. Маҳали расонидани молро ҳангоми транзити дохилии гумрукӣ мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ дар асоси маълумот дар бораи маҳали таъиноти дар ҳуҷҷатҳои нақлиёти (борбари) зикргардида муайян менамояд. Маҳали расонидани мол минтақаи назорати гумрукие мебошад, ки дар ҳудуди фаъолияти мақоми гумрукӣ таъинот қарор дорад (қисми 1 моддаи 92). Ҳамзамон моли интиқолшаванда аз ҷойҳои расидааш (моддаи 69) ба маҳали ҷойгиршавии мақоми гумрук расонида мешавад (моддаи 464) (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Дар сурати тағйир додани маҳали таъинот мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи нақлиёт ҳангоми транзити дохилии гумруки интиқолдиҳанда ҳуқуқ дорад ба мақоми гумрук бо дархости тағйир додани маҳали расонидани бор муроҷиат намояд. Дар ин ҳолат интиқолдиҳанда метавонад ба ҳама гуна мақоми гумруке, ки дар хати сайри он мавҷуд аст, бо ариза, ки дар шакли озод таҳия шудааст, дар мавриди тағйир додани маҳали таъинот муроҷиат намояд ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи тағйир додани маҳали таъинот, инчунин ҳуҷҷатҳои пешбинамудаи қисми 3 моддаи 92 ҳамин Кодексро пешниҳод кунад.
Қарор дар бораи тағйир додани маҳали расонидани бор аз ҷониби мақоми гумрук дар рӯзи дигари гирифтани ариза ва ҳуҷҷатҳои дар сархати 1 ҳамин қисм зикргардида қабул карда мешавад. Қарори мазкур бо роҳи анҷом додани транзити дохилии гумрукӣ нисбати моле, ки маҳали расонидани он тағйир дода шудааст ва додани иҷозати нав ба транзити дохилии гумрукӣ (моддаи 80) ба расмият даровarda мешавад. Иҷозати нав ба транзити дохилии

гумрукӣ дар рӯзи қабули қарор дар бораи тағйир додани маҳали расонидани бор дода мешавад.

**Моддаи 86. Тадбирҳо барои таъмини риояи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми транзити дохилии гумрукӣ**

1. Интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт тибқи расмиёти транзити дохилии гумрукӣ ҳангоми риояи шартҳои зерин амалӣ мегардад:

1) моле, ки воридоташ ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва содироташ аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда нашудааст (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

2) барасмиятдарории декларатсияи транзитӣ тибқи моддаи 81 ҳамин Кодекс,

3) таъмини яке аз тадбирҳои интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт тибқи қисми 2 ҳамин модда.

2. Ба тадбирҳои таъмини назорати боррасонӣ ва воситаҳои нақлиёт тибқи расмиёти гумрукии транзити дохилии гумрукӣ инҳо дохил мешаванд:

1) таъмини пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз бо роҳи дохил намудани маблағ ба суратҳисоби депозитии мақоми гумрук (гарави пулӣ) (Қонуни ҶТ аз 13.11.2023 № 2001);

2) таъмини пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз бо роҳи ба гарав гузоштани амвол;

3) кафолати бонк;

4) интиқоли мол аз ҷониби боркашони гумрукӣ;

5) мушоияти гумрукии мол;

6) дигар тадбирҳои пешбининамудаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Шахси интиқолдиҳандаи мол ва воситаҳои нақлиёт ҳуқуқ дорад яке аз тадбирҳои номбаршударо интихоб намояд.

3. Ҳангоми интиқоли мол тибқи расмиёти транзити дохилии гумрукӣ тавассути нақлиёти роҳи оҳан муқаррароти қисми 2 ҳамин модда истифода намешавад.

4. Тадбири таъмини расонидани мол ва воситаҳои нақлиёт тибқи транзити дохилии гумрукӣ ҳангоми интиқол дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути нақлиёти ҳавоӣ ва боркашонҳои гумрукӣ истифода намешавад.

5. Рӯйхати моле, ки интиқолаш дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пардохти ҳатмии боҷҳои гумрукӣ ва андоз таъмин мегардад, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва тасдиқ карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

6. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад хати сайри интиқоли намудҳои алоҳидаи молро тибқи транзити дохилии гумрукӣ муқаррар намояд. Дар ҳолатҳои дигар хати сайр барои интиқоли намудҳои дигари мол, ки ҳангоми интиқоли он тавассути ҳудуди гумрукӣ ҳодисаҳои муттасил вайрон кардани қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст ё тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мамнӯият ва маҳдудиятҳо муқаррар гардидааст, муайян карда

мешавад. Ҳамзамон хати сайрро интиқолдиҳанда интихоб менамояд. Хати сайрӣ аз ҷониби интиқолдиҳанда арзшуда ҳангоми интиқоли мол барои ӯ ҳатмӣ мебошад. Тағйир додани хати сайр бо иҷозати хаттии мақоми гумрук мумкин аст (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 87. Мушоияти гумрукӣ**

1. Мушоияти гумрукӣ - ҳамроҳи кардани воситаҳои нақлиёти интиқолдиҳандаи мол тибқи транзити дохилии гумрукӣ мебошад, ки аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти гумрук танҳо бо мақсади таъмини риояи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми транзити дохилии гумрукӣ анҷом дода мешавад.

2. Мақоми гумрук ҳуқуқ дорад оид ба мушоияти гумрукӣ дар ҳолатҳои зерин қарор қабул кунад:

1) агар таъмини пардохти боҷи гумрукӣ дар асоси банди 1 қисми 2 моддаи 86 ҳамин Кодекс пешниҳод карда нашавад;

2) интиқоли намудҳои алоҳидаи мол, ки дар асоси системаи таҳлили хатар ва идораи онҳо тибқи ҳамин Кодекс муайян карда шуда бошад;

3) аз ҷониби интиқолдиҳанда ақалан як маротиба дар тӯли сол аз рӯзи муроҷиат барои иҷозати транзити дохилии гумрукии мол ба ҷойи таъинот расонида нашудааст ва он тибқи қарори эътибори қонуни пайдокарда дар хусуси таъини ҷазои маъмурӣ аз рӯи парвандаи қонуншиканиҳо дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ тасдиқ шуда бошад;

4) баргашта баровардани моле, ки иштибоҳан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудааст ё моле, ки воридоти он манъ аст, агар маҳали интиқоли воқеии моли зикршуда аз сарҳади гумрукӣ ҳангоми содироти он бо маҳали ҷойгиршавии ин мол мувофиқат накунад;

5) интиқоли мол тибқи қисмҳои 6 ва 7 моддаи 80 ҳамин Кодекс;

6) интиқоли моле, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати он мамнӯият ва маҳдудият муқаррар шудааст.

3. Барои мушоияти гумрукӣ дар ҳаҷми муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хироҷи гумрукӣ ситонида мешавад.

**Моддаи 88. Вазифаҳои интиқолдиҳанда ҳангоми транзити дохилии гумрукӣ**

Ҳангоми интиқоли мол тибқи транзити дохилии гумруки интиқолдиҳанда вазифадор аст:

1) мол ва ҳуҷҷатҳои онро мувофиқи мӯҳлати муайяннамудаи мақоми гумрук ба маҳали расонидани мол тибқи хати сайри дахлдор интиқол диҳад, агар ин хати сайрӣ муайян ё арзшуда бошад;

2) ҳифзи мол, тамғаю (пломбаю) мӯҳри гумрукӣ ё дигар воситаҳои ҳаммонандкуниро таъмин намояд, агар онҳо истифода шуда бошанд;

3) нисбати мол бе иҷозати мақомоти гумрук ба азнавборкунӣ, борфарорӣ, борбардорӣ ва амалиёти дигарро иҷозат надиҳад, ба истисной азнавборкунии бор ба нақлиёти дигар, ки мувофиқи қисми 1 моддаи 89 ҳамин Кодекс пешбинӣ шудааст.

**Моддаи 89. Азнавборкунӣ, борфарорӣ, борбардорӣ ва дигар амалиёт нисбати мол**

1. Азнавборкунӣ, борфарорӣ, борбардорӣ ва дигар намуди амалиёт, ки тибқи транзити дохилии гумрукӣ анҷом дода мешавад, бо иҷозати мақоми гумруки ирсолкунанда (қисми 1 моддаи 80) ё мақоми гумруке, ки дар минтақаи он амалиёти дахлдор амалӣ мегардад, анҷом дода мешавад. Агар аз нав бор кардани мол аз як воситаи нақлиёт ба воситаи дигари нақлиёт бе вайрон кардани тамғаю (пломбаю) мӯҳри гумрукӣ имконпазир бошад, чунин амал баъди огоҳонидани пешакии мақоми гумрук иҷозат дода мешавад. Тартиби огоҳониданро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян менамояд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).
2. Мақоми гумрук метавонад барои амалиёти боркунии мол дар ҳолатҳое иҷозат надиҳад, ки агар он боиси нобудшавии мол ё тағйирёбии хосияти он гардад.

**Моддаи 90. Ҷавобгарии интиқолдиҳанда ва экспедитор ҳангоми транзити дохилии гумрукӣ**

1. Ҳангоми нарасонидани моли хориҷӣ ба мақоми гумруки таъинот (қисми 1 моддаи 92) интиқолдиҳанда ё экспедитор, агар барои транзити дохилии гумрукӣ экспедитор иҷозат гирифта бошад, вазифадор аст боҷҳои гумрукии воридотӣ ва андозҳоро тибқи ҳамин Кодекс пардозад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).
Агар молро интиқолдиҳанда ба қабулкунанда ё шахси дигар бе иҷозати мақоми гумрук дода бошад, шахсе, ки ин борро ба соҳиби гирифтааст, барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз масъул мебошад, агар муайян карда шавад, ки ҳангоми гирифтани ин мол ин шахс аз вайрон кардани қоидаҳои гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳ буд ё бояд онро медонист.
2. Интиқолдиҳанда ва экспедитор барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз масъул нестанд, дар сурате, ки агар ин мол дар натиҷаи садама, ҳодисаи рафънопазир ё талафи табиӣ дар шароити оддии интиқол (борбари) нобуд шудааст ё тамоман талаф шуда бошад.
Мақомоти гумрук ҳуқуқ надоранд ба интиқолдиҳанда ё экспедитор дар асоси он, ки интиқол тавассути хати сайри муайяншуда сурат нагирифтааст ё мӯҳлати муайяншудаи транзити дохилии гумрукӣ риоя нашудааст, оид ба пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз талабот пеш гузоранд, агар шароиту талаботи дигари муайянкардаи ҳамин боб иҷро шуда бошад.
3. Дар сурати ҳангоми транзити дохилии гумрукӣ аз нав бор кардани мол аз як воситаи нақлиёт ба воситаи дигари нақлиёт масъулияти пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ба зиммаи интиқолдиҳандае (экспедиторе) хоҳад буд, ки барои транзити дохилии гумрукӣ иҷозат гирифтааст.
4. Ҳангоми интиқоли мол тавассути нақлиёти роҳи оҳан мутобиқи транзити дохилии гумрукӣ масъулият барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ба зиммаи роҳи оҳан, ки молро талаф кардааст ё онро бе иҷозати мақомоти гумрук додааст, гузошта мешавад. Талабот оид ба супоридани пардохтҳои гумрукӣ ва андоз аз ҷониби мақомоти гумруки роҳи оҳани таъинот пешниҳод карда мешавад. Муқаррароти ҳамин қисм нисбати ҳолатҳое, ки агар иҷозати транзити дохилии гумрукӣ ба экспедитор дода шуда бошад, инчунин ҳангоми интиқоли мол тибқи муросилоти мустақими омехта, агар иҷозати

транзити дохилии гумрукӣ ба интиқолдиҳандаи навъи дигари нақлиёт дода шуда бошад, татбиқ намегардад.

**Моддаи 91. Тадбирҳои ҳангоми садама ва (ё) таъсири қувваи рафънопазир андешидашаванда, ки монеи интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт ҳангоми транзити дохилии гумрукӣ мегарданд**

Ҳангоми садама ва (ё) таъсири қувваи рафънопазир интиқолдиҳанда вазифадор аст:

1) барои таъмини нигаҳдории мол ва воситаҳои нақлиёт тамоми тадбирҳои заруриро андешад;

2) дар бораи ҳодисаи рухдода ба мақоми дахлдори ваколатдори давлатӣ ва минбаъд ба мақоми гумруки наздиктарин бетаъхир хабар диҳад. Мақоми гумруки огоҳёфта вазифадор аст бетаъхир мақоми гумруки ирсолкунанда ва таъинотро огоҳ намояд, инчунин дар бораи имконияти интиқоли минбаъдаи мол бо риояи қоидаҳои транзити дохилии гумрукӣ қарор қабул кунад.

Мақомоти гумрук хароҷоти интиқолдиҳандаро вобаста ба андешидани тадбирҳои дар ҳамин модда пешбинишуда ҷуброн намекунанд.

**Моддаи 92. Анҷоми расмиёти транзити дохилии гумрукии мол**

1. Мақоми гумруке, ки дар он транзити дохилии гумрукӣ (мақоми гумруки таъинот) хотима меёбад, анҷоми транзити дохилии гумрукии молро дар мӯҳлати кӯтоҳтарини имконпазир, вале на дертар аз 24 соат аз лаҳзаи бақайдгирии расидани воситаи нақлиёт, бо роҳи ба интиқолдиҳанда додани гувоҳнома дар бораи анҷоми транзити дохилии гумрукӣ тибқи намунаи муайянкардаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ба расмият медарорад, агар ҳангоми санҷиши ҳуҷҷатҳо ва ҳаммонандсозии мол ҳамин мақоми гумрук вайронкунии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро ошкор накарда бошад.

2. Мақоми гумруки таъинот вазифадор аст расидани воситаи нақлиётро ба маҳали боррасонӣ дар мӯҳлати 2 соат аз лаҳзаи аз ҷониби интиқолдиҳанда пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳои дар қисми 3 ҳамин модда зикршуда ба қайд гирад ва фавран, баъди бақайдгирӣ ба интиқолдиҳанда дар бораи расидани воситаи нақлиёт тибқи намунаи муайянкардаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ тасдиқнома диҳад.

3. Барои анҷоми транзити дохилии гумруки интиқолдиҳанда вазифадор аст ба мақоми гумруки таъиноти мол, ҳуҷҷати назорати расидани мол (моддаи 81), инчунин ҳуҷҷатҳои дигари барои мол доштаашро дар давоми 1 соати расидани воситаи нақлиёт ба маҳали молрасонӣ ва ҳангоме, ки агар мол берун аз вақти кории мақоми гумрук расида бошад - дар давоми як соати оғози кори ҳамин мақоми гумрук пешниҳод намояд. Ҳангоми интиқоли мол тавассути нақлиёти роҳи оҳан мӯҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои мазкур набояд аз 12 соат зиёд бошад.

4. Дар маҳали молрасонӣ то анҷоми транзити дохилии гумрукӣ воситаҳои нақлиёт дар минтақаи таҳти назорати гумрукӣ ҷойгир карда мешаванд. Ҷойгиркунии воситаҳои нақлиёт дар минтақаи назорати гумрукӣ барои ҳар вақту соат иҷозат дода мешавад.

5. Ҳангоми интиқоли мол ба маҳали молрасонӣ, ки маҳали ҷойгиршавии мақоми гумрук (қисми 6 моддаи 80) намебошад, транзити дохилии гумрукӣ метавонад бе пешниҳоди мол ба мақоми гумруки таъинот хотима ёбад.
Шахси барои транзити дохилии гумрукӣ иҷозатгирифта вазифадор аст молро барои нигаҳдорӣ қабул намуда, ба иҷрои амале, ки боиси тағйир ёфтани ҳолати мол, вайроншавии бастабандии он мегардад, роҳ надиҳад, истифода ва ихтиёрдории онро то лаҳзаи аз ҷониби мақоми гумрук тасдиқ наёфтани расонидани мол ба анборҳои нигаҳдории муваққатӣ, анбори гумрукӣ ё ҷойи дигар, ки тибқи қоидаҳои муқаррарнамудаи ҳамин боб чун ҷойи молрасони муайян шудааст, таъмин намояд. Зимнан, мол бояд дар бинои алоҳида ё дар майдони иҳоташуда, бо лавҳаи дорои иттилооте, ки ҳаммонандсозии онро имконпазир мегардонад, ҷой дода шавад.
Барои анҷом додани транзити дохилии гумрукӣ дар мақоми гумруки таъинот ҳамзамон бо ҳуҷҷатҳои дар қисми 3 ҳамин модда зикршуда дар давоми як шабонарӯзи расидани воситаҳои нақлиёт ба маҳали молрасонӣ ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи қабули мол пешниҳод карда мешавад. Дар давоми се рӯзи пешниҳод шудани ҳуҷҷатҳои зикршуда мақоми гумрук расидани молро тибқи намуна ва тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ тасдиқ менамояд.

## БОБИ 11. БОРКАШОНИ ГУМРУКӢ

### Моддаи 93. Боркашони гумрукӣ

1. Боркашони гумрукӣ шахси ҳуқуқии ватание буда метавонад, ки ба Феҳристи боркашонҳои гумрукӣ дохил карда шудааст (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
2. Боркашони гумрукӣ интиқоли моли таҳти назорати гумрукӣ бударо тибқи ҳолат ва шартҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс анҷом медиҳад.
3. Боркашони гумрукӣ ҳуқуқ дорад минтақаи фаъолияти худро бо минтақаи як (якчанд) мақоми гумрук (мақомоти гумрук) маҳдуд созад.
4. Муносибати боркашони гумрукии мол бо ирсолкунандагони мол ё экспедиторҳо дар асоси шартнома муқаррар мегардад. Аз ҷониби боркашони гумрукӣ набастани шартнома оид ба интиқоли мол ҳангоми мавҷудияти имконияти бастани чунин шартнома иҷозат дода намешавад.

### Моддаи 94. Шартҳои дохил намудан ба Феҳристи боркашонҳои гумрукӣ

(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906)

Шартҳои ба Феҳристи боркашонҳои гумрукӣ дохил намудан аз инҳо иборатанд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):
1) фаъолият ҷиҳати интиқоли бор дар мӯҳлати на камтар аз ду сол;
2) таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ мутобиқи моддаи 384 ҳамин Кодекс;
3) мавҷуд будани иҷозатнома (литсензия) барои фаъолият дар соҳаи интиқоли бор, агар ба чунин намуди фаъолият мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;
4) дар ихтиёр доштани (таҳти моликият, пешбурди хоҷагидорӣ, идоракунии оперативӣ ё таҳти иҷора) воситаҳои нақлиётӣ барои интиқоли мол

истифодашаванда, аз ҷумла воситаҳои нақлиёти барои интиқоли мол бо тамғаю (пломбаю) мӯҳри гумрукӣ муносиб (моддаи 84);
5) мавҷудияти шартнома дар бораи суғуртаи хавфи масъулияти шаҳрвандии худ, ки мумкин аст дар натиҷаи зарар ба моли тибқи шартномаи интиқол ба интиқолдиҳанда супурдашуда ё аз сабаби вайрон кардани ӯҳдадориҳое, ки аз қарордод бармеояд, расад. Маблағи суғурта наметавонад аз андозаи 6000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо камтар бошад (Конун аз 06.10.2008с. № 437).
Эзоҳ: Бо мақсади истифодаи ҳамин боб таҳти воситаҳои нақлиёт инчунин воситаҳои нақлиёте, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бор мекашонанд, дар назар дошта шудааст (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 95. Ариза дар бораи дохил намудан ба Феҳристи боркашонҳои гумрукӣ**

(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906)

1. Шахс ба Феҳристи боркашонҳои гумрукӣ дар асоси аризаи ӯ, мувофиқи муқаррароти моддаҳои 93 ва 94 ҳамин Кодекс дохил карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
2. Ариза дар бораи дохил намудан ба Феҳристи боркашонҳои гумрукӣ бояд инҳоро дар бар гирад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):
1) муроҷиат ба мақоми гумрук бо хоҳиши дохил намудан ба Феҳристи боркашонҳои гумрукӣ (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906);
2) маълумот дар бораи номгӯй, шакли ташкилию ҳуқуқӣ, маҳали ҷойгиршавӣ, оид ба кушодани суратҳисобҳои бонкӣ, инчунин маълумот дар бораи миқдори сармояи оинномавии (ҷамъшавандаи) пурра ташаккулёфта, фонди оинномавӣ ё аъзоҳаққии аризадиҳанда;
3) маълумот дар бораи мӯҳлати иҷрои фаъолият дар соҳаи интиқоли бор ;
4) маълумот дар бораи нияти маҳдуд кардани минтақаи фаъолияти худ дар ҳудуди минтақаи як (якчанд) мақоми гумрук (мақомоти гумрук) ё маҳдуд накардани минтақаи фаъолияти худ (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
5) маълумот дар бораи воситаҳои нақлиётӣ таҳти соҳибии худ қарордошта (миқдори умумӣ, тавсифи техникӣ), ки барои истифода ҳангоми иҷрои фаъолият ҳамчун боркашони гумрукӣ пешбинӣ мегардад, аз ҷумла оид ба воситаҳои нақлиёти барои интиқоли мол бо тамға (пломба) ва мӯҳрҳои гумрукӣ муносиб (моддаи 84);
6) маълумот дар бораи таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ мутобиқи моддаи 384 ҳамин Кодекс;
7) маълумот дар бораи шартномаи (шартномаҳои) суғурта кардани хавфи масъулияти шаҳрвандии аризадиҳанда.
3. Ба ариза барои дохил намудан ба Феҳристи боркашонҳои гумрукӣ иҷозатнома оид ба иҷрои фаъолият дар соҳаи интиқоли бор, агар чунин намуди фаъолият мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад, инчунин ҳуҷҷатҳои зерини тасдиқкунандаи маълумоти пешниҳодшуда замима мегарданд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):
1) маълумот дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ;

2) ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи ихтиёрдории воситаҳои нақлиёте, ки барои истифода ҷиҳати иҷрои фаъолият ба сифати боркашони гумрукӣ ба инобат гирифта шудаанд;
3) маълумот дар бораи иҷозат доштани воситаҳои нақлиёт барои интиқоли мол бо тамға (пломба) ва мӯҳрҳои гумрукӣ;
4) ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ мутобиқи моддаи 384 ҳамин Кодекс;
5) тасдиқномаҳои бонкҳо дар бораи дар онҳо кушода шудани суратҳисобҳо;
6) шартномаи (полиси) суғурта (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).

**Моддаи 96. Шаҳодатнома дар бораи дохил намудан ба Феҳристи боркашонҳои гумрукӣ**

(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906)

1. Шаҳодатнома дар бораи дохил намудан ба Феҳристи боркашони гумрукӣ инҳоро дар бар мегирад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):
1) номи боркаши гумрукӣ, зикри шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва маҳали ҷойгиршавӣ;
2) маълумот дар бораи ҳаҷм ва шакли таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ мутобиқи моддаи 384 ҳамин Кодекс;
3) нишон додани минтақаи фаъолияти боркаши гумрукӣ, ҳангоме, ки он фаъолияти худро дар ҳудуди минтақаи фаъолияти як (якчанд) мақоми гумрук (мақомоти гумрук) маҳдуд карда бошад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Шаҳодатнома дар бораи дохил намудан ба Феҳристи боркашонҳои гумрукӣ дар давоми се сол эътибор дорад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

**Моддаи 97. Вазифаҳои боркашони гумрукӣ**

Боркаши гумрукӣ вазифадор аст:
1) шарт ва талаботи муқаррарнамудаи ҳамин Кодексро ҳангоми интиқоли моле, ки таҳти назорати гумрукӣ қарор доранд, риоя кунад;
2) баҳисобгирии моли таҳти назорати гумрукӣ қарордоштаро ба роҳ монад ва ба мақомоти гумрук дар бораи интиқоли чунин мол ҳисобот пешниҳод намояд (моддаи 405).
3) боҷу андозҳои гумрукиро дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи 90 ҳамин Кодекс пардозад;
4) махфияти маълумотӣ аз ирсолкунанда, қабулкунандаи мол ё экспедитор гирифтаро нигоҳ дорад.

**Моддаи 98. Бозхонди шаҳодатнома дар бораи дохил намудан ба Феҳристи боркашонҳои гумрукӣ**

(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906)

Шаҳодатнома дар бораи дохил намудан ба Феҳристи боркашони гумруки дар ҳолатҳои зерин аз ҷониби мақоми гумрук бозхонда мешавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):
1) аз ҷониби боркашони гумрукӣ риоя нашудани ҳатто яке аз шартҳои дохил намудан ба Феҳристи боркашони гумрукӣ, ки моддаи 94 ҳамин Кодекс муқаррар кардааст (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906);
2) аз ҷониби боркашони гумрукӣ риоя нашудани ӯҳдадориҳои пешбининамудаи банди 3 моддаи 97 ҳамин Кодекс;

3) аз сабаби иҷро накардани ӯҳдадориҳо ҷалби чандинкаратаи боркаши гумрукӣ ба ҷавобгарии маъмури барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ.

БОБИ 12. НИГАҲДОРИИ МУВАҚҚАТИИ МОЛ

**Моддаи 99. Нигаҳдории муваққатии мол**

Нигаҳдории муваққатии мол расмиёти гумрукие мебошад, ки тибқи он моли хориҷӣ бидуни пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ва бе татбиқи маҳдудиятҳои нисбати он муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, то иҷозат додани он мутобиқи низоми муайяни гумрукӣ ё то ҷойгиркунии онҳо таҳти расмиёти дигари гумрукӣ таҳти назорати гумрукӣ нигоҳ дошта мешавад.

**Моддаи 100. Анборҳои нигаҳдории муваққатӣ**

1. Нигаҳдории муваққатии мол дар анборҳои нигаҳдории муваққатӣ анҷом дода мешавад, агар ҳамин боб тартиби дигаре муқаррар накарда бошад.

Анборҳои нигаҳдории муваққатӣ биноҳои махсус ҷудогардида ва барои чунин мақсадҳо таҷҳизонидашуда ва (ё) майдончаҳои кушодае мебошанд, ки ба талаботи муқаррарнамудаи моддаи 107 ҳамин Кодекс мувофиқанд.

2. Анборҳои нигаҳдории муваққати минтақаи назорати гумрукӣ ба шумор меравад.

3. Мол мумкин аст дар ҳама гуна анбори нигаҳдории муваққатӣ, бо назардошти маҳдудиятҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс ҷойгир карда шавад.

**Моддаи 101. Ҷойгиронии мол дар анборҳои нигаҳдории муваққатӣ**

1. Дар анборҳои нигаҳдории муваққатӣ мумкин аст ҳама гуна моли хориҷӣ, аз ҷумла моле ҷойгир карда шавад, ки ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вайрон кардани тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст (қисми 1 моддаи 12) (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Моле, ки мумкин аст ба моли дигар зарар расонад ё шароитҳои махсуси нигаҳдориро талаб кунад, бояд дар анборҳо ё дар биноҳои алоҳидаи анборҳои нигаҳдории муваққатӣ, ки барои нигаҳдории чунин мол мутобиқ гардонида шудаанд, бо риояи талаботи ҳатмии муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта шавад.

3. Анборҳои нигаҳдории муваққатӣ мумкин аст дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаҳои 418 ва 435 ҳамин Кодекс барои нигаҳдории мол истифода бурда шавад.

**Моддаи 102. Ҳуҷҷатҳое, ки барои ҷойгиронии молҳо дар анбори нигаҳдории муваққатӣ заруранд**

(Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845)

1. Ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҷойгиронии молҳо дар анбори нигаҳдории муваққатӣ декларатсияи мухтасар аст.

2. Декларатсияи мухтасар на дертар аз рӯзи дигари корӣ баъд аз ба мақоми гумрук пешниҳод намудани мол ва воситаҳои нақлиёт манзур мегардад. Агар дар давоми ин мӯҳлат молҳо таҳти низоми гумрукии муайян ҷой дода шаванд, декларатсияи мухтасар пешниҳод намегардад.

3. Декларатсияи мухтасар бояд дорои маълумоте бошад, ки дар ҳуҷҷатҳои молҳамроҳикунанда нишон дода шудаасту, барои ҳаммонандкунии молҳо зарур аст, инчунин дорои маълумот оид ба ҷойи нигаҳдории муваққатии молҳои воридшуда бошад.
4. Шакли декларатсияи мухтасар ва тартиби пур кардани онро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар менамояд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).

**Моддаи 103. Мӯҳлати нигаҳдории муваққатии мол**

1. Мӯҳлати нигаҳдории муваққатии мол ду моҳ мебошад. Мақоми гумрук дар асоси дархости асосноки шахси манфиатдор мӯҳлати мазкурро тамдид мекунад. Тартиби тамдиди мӯҳлат аз ҷониби мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар мегардад.
Мӯҳлати ниҳоии нигаҳдории муваққатии мол 4 моҳ мебошад, агар ҳамин модда мӯҳлати дигареро муқаррар накарда бошад.
2. Моли зуд вайроншаванда мумкин аст дар анбори нигаҳдории муваққатӣ дар доираи мӯҳлати ҳифзи сифати он, ки истифодаи ин молро тибқи таъиноташ имконпазир месозад, нигоҳ дошта шавад, вале ин мӯҳлат набояд аз мӯҳлати муқаррарнамудаи қисми 1 ҳамин модда бештар бошад.
3. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи 12 ва қисми 8 моддаи 418 ҳамин Кодекс нигаҳдории муваққатии мол дар мӯҳлати дар ин моддаҳо зикршуда анҷом дода мешавад. Тамдиди ин мӯҳлатҳо иҷозат дода намешавад.
4. Баҳисобгирии мӯҳлати нигаҳдории муваққатии мол аз рӯзи ҷойгиронии он дар анбори нигаҳдории муваққатӣ ё аз рӯзе оғоз мешавад, ки мол тибқи ҳамин Кодекс дорои статуси моли ба таври муваққати нигаҳдоришаванда мегардад. Дар сурати истифодаи транзити дохилии гумрукӣ ҳангоми интиқоли мол аз маҳали расидан ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон то маҳали ҷойгиршавии мақоми гумрук баҳисобгирии мӯҳлати нигаҳдории муваққатии ин мол аз рӯзи анҷоми транзити дохилии гумрукӣ аз нав оғоз мегардад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
5. Мол баъди анҷоми мӯҳлатҳои пешбининамудаи ҳамин модда мутобиқи боби 57 ҳамин Кодекс ихтиёрдори карда мешавад.

**Моддаи 104. Амалиёт бо моле, ки таҳти нигаҳдории муваққатӣ қарор дорад.**

1. Шахсони ваколатдори мол ва намояндагони онҳо ҳуқуқ доранд бо моли таҳти нигаҳдории муваққатӣ қарордошта амалиёти муқаррарии барои таъмини нигаҳдории бетағйири мол заруриро анҷом диҳанд (аз ҷумла молро аз назар гузаронанд ва чен кунанд, дар ҳудуди анбори нигаҳдории муваққатӣ ҷойҳои онро иваз намоянд), ба шарте агар ин амалҳо боиси тағйири ҳолат, вайроншавии бастабандҳо ва (ё) тағйир додани воситаҳои ҳаммонандкунии гузошташуда нагарданд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Амалиёти дар қисми 1 ҳамин модда зикрнашударо (аз ҷумла, гирифтани чошнӣ ва намунаи мол, таъмири бастбанди мол, инчунини амалиёти баровардани мол аз анборҳои нигаҳдории муваққатӣ ва интиқоли минбаъдаи

он) шахсони ваколатдори мол ва намояндагони он бо иҷозати мақоми гумрук анҷом медиҳанд.
Мақоми гумрук ҳуқуқ дорад чунин амалиётро танҳо дар сурате рад намояд, ки агар иҷрои он боиси талафот ва тағйирёбии ҳолати мол гардад.

**Моддаи 105. Моли корношоям, харобгардида ва вайроншуда**

Моле, ки дар натиҷаи садама ё таъсири қувваи рафънопазир дар давраи нигаҳдории муваққатии мол корношоям, вайрон ё хароб гаштааст, бояд таҳти низоми гумрукии арзнамудаи декларант ҷой дода шавад, чунон ки агар он ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли корношоям, харобгардида ё вайроншуда ворид карда шудааст (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 106. Навъҳои анборҳои нигаҳдории муваққатӣ**

1. Анборҳои нигаҳдории муваққатӣ метавонанд пӯшида ва кушода бошанд.
2. Анборҳои нигаҳдории муваққатӣ агар барои истифодаи ҳама гуна мол ва ҳама гуна шахс дастрас бошанд, анборҳои кушода ба ҳисоб мераванд.
3. Анборҳои нигаҳдории муваққатӣ агар барои нигаҳдории моли соҳиби анбор (моддаи 108) ё барои нигаҳдории моли муайян, аз ҷумла муомилоташ маҳдуд ва (ё) талабкунандаи шароити махсуси нигаҳдори пешбинӣ шуда бошад, анборҳои пӯшида мебошанд.

**Моддаи 107. Талабот нисбати ободонӣ, таҷҳизонӣ ва маҳали ҷойгиршавии анборҳои нигаҳдории муваққатӣ**

1. Биноҳо ва (ё) майдончаҳои кушода, ки барои истифода ба сифати анборҳои нигаҳдории муваққатӣ таъин гардидаанд, бояд тавре обод ва таҷҳизонида шаванд, ки ҳифзи молро таъмин намоянд ва дастрасии шахсони бегонаро (ки кормандони анбор нестанд, нисбати мол ваколатдор ё намояндаи шахси ваколатдор нисбати мол намебошанд) имконнопазир гардонанд, инчунин имконият диҳанд, ки назорати гумруки нисбати чунин мол анҷом дода шавад.
2. Биноҳо ва ё майдончаҳои кушода, ки барои истифода ба сифати анборҳои нигаҳдории муваққатӣ пешбинӣ шудаанд, бояд дорои ҳудуди муҳофизатшаванда бошанд, ки воситаҳои нақлиёти интиқолдиҳандаи мол дар мӯҳлати барои анҷом додани транзити дохилии гумруки зарурӣ таваққуф кунанд. Ин ҳудуд минтақаи назорати гумрукӣ ҳисоб карда мешавад. Воситаҳои нақлиётие, ки бори таҳти назорати гумрукиро интиқол медиҳанд, метавонанд ба ин минтақа дар ҳама вақти шабонарӯз дохил шаванд (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).
3. Мутобиқи қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ барои ободонӣ, таҷҳизонӣ ва маҳали ҷойгиршавии анборҳои нигаҳдории муваққатӣ бо мақсади таъмини назорати гумрукӣ талаботи ҳатмӣ муқаррар менамояд.
4. Бо қарори мақоми гумрук талаботи алоҳидаи барои ободонӣ ва таҷҳизонии анборҳои пӯшида пешбининамудаи ҳамин модда метавонад нисбати анборҳои дар ҳудуди корхонаҳо қарордошта, ки соҳиби онҳо фаъолияти истеҳсолиро анҷом медиҳад, истифода нагардад, агар меъёрҳои муқаррарнамудаи қисми 1 ҳамин модда риоя карда шавад.

Эзоҳ: Бо мақсади истифодаи ҳамин модда таҳти мафҳуми воситаи нақлиёт воситаи нақлиёте фаҳмида мешавад, ки тавассути он дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мол интиқол дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 108. Соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ**

1. Соҳиби анбори нигаҳдории муваққати шахси ҳуқуқии ватание буда метавонад, ки ба Феҳристи соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ дохил карда шуда бошад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

2. Соҳиби анбори нигаҳдории муваққати нигаҳдории моли таҳти назорати гумрукӣ қарордоштаро тибқи ҳолат ва шартҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс таъмин менамояд.

3. Муносибати соҳиби анбори нигаҳдории муваққатӣ бо шахсоне, ки моли худро дар он нигаҳ медоранд, дар асоси шартнома ба роҳ монда мешавад. Агар барои бастани шартнома ҷиҳати нигаҳдории мол дар анбори нигаҳдории муваққатӣ шароит мавҷуд бошад (ба истиснои анбори пӯшида, ки барои нигаҳдории моли соҳиби анбор истифода мегардад), соҳиби анбори гумрукӣ наметавонад аз бастани шартнома саркашӣ кунад.

4. Соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ метавонанд мақомоти гумрук бошанд, ки бе дохил намудан ба Феҳристи соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ ба фаъолият ба сифати соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ (моддаи 115) машғуланд. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ вазифадор аст номгӯи анборҳои нигаҳдории муваққатиеро, ки соҳибони онҳо мақомоти гумрук мебошанд, инчунин тағйироти ба ин номгӯи дохилшударо на камтар аз як маротиба дар шаш моҳ дар нашрияҳои расмии худ ва сомонаи расмии интернетии худчоп кунад (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678, аз 19.07.2022 № 1906).

**Моддаи 109. Шартҳои дохил намудан ба Феҳристи соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ**

(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906)

1. Шартҳои дохил намудан ба Феҳристи соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ аз инҳо иборатанд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):

1) соҳибии (таҳти моликият, пешбурди хоҷагидорӣ ё таҳти иҷора будани) анборҳои кушода, бино ва (ё) майдончаҳои кушодаи барои истифодаи нигаҳдории муваққатӣ ва ба сифати анборҳои нигаҳдории муваққатӣ таъингардида, ки ҷавобгӯи талаботи муқаррар гардида мебошанд (моддаи 107);

2) таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ мувофиқи моддаи 384 ҳамин Кодекс;

3) мавҷудияти қарордод дар бораи суғуртаи хавфи масъулияти шаҳрвандии худ, ки мумкин аст дар натиҷаи расонидани зарар ба моли таҳти нигаҳдори мавҷудбудаи шахси дигар ё вайрон кардани шартҳои дигари нигаҳдорӣ бо шахсони дигар фаро расад. Маблағи суғурта, ки дар доираи он суғуртакунанда ӯҳдадор шудааст ҳангоми фарорасии ҳар як ҳолати суғурта зарари ба моликияти шахсон расонидашударо ҷуброн намояд, тибқи масоҳати муфид ё ҳаҷми муфид ба ҳисоб гирифта шуда, агар ба сифати

анбори гумрукӣ майдончаи кушода истифода шуда бошад, аз ҳисоби ҳаҷми 5 - нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои ҳар як метри мураббаи масоҳати муфид ё агар ба сифати анбори гумрукӣ бино истифода шуда бошад, аз ҳисоби ҳаҷми 2 - нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои ҳар як метрии мукааби масоҳати муфид муқаррар карда мешавад, вале он наметавонад аз ҳаҷми 8000 - нишондиҳанда барои ҳисобҳо камтар бошад (Конун аз 06.10.2008с. № 437).

2. Агар соҳибии бино ва (ё) майдончаи кушода дар асоси шартномаи иҷора амалӣ гардад, пас чунин шартнома бояд ба мӯҳлати на камтар аз як сол аз рӯзи додани ариза ҷиҳати дохил намудан ба Феҳристи соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ баста шавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

**Моддаи 110. Ариза барои дохил намудан ба Феҳристи соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ**

(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906)

1. Шахс ба Феҳристи соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ дар асоси аризаи ҷавобгӯи талаботи муқаррарнамудаи моддаҳои 108 - 109 ҳамин Кодекс дохил карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

2. Ариза барои дохил намудан ба Феҳристи соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ бояд инҳоро дар бар гирад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):

1) муроҷиат ба мақомоти гумрук барои дохил намудан ба Феҳристи соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906);

2) маълумот дар бораи номгӯй, шакли ташкилию ҳуқуқӣ, маҳали ҷойгиршавӣ, кушодани суратҳисобҳои бонкӣ, инчунин андозаи сармояи оинномавии (ҷамъшавандаи) пурра ташаккулёфта, фонди оинномавӣ ё аъзоҳаққии аризадиҳанда;

3) маълумот дар бораи навъи анбори нигаҳдории муваққатӣ (барои анбори пӯшида, инчунин асоснокии зарурат ва ба мақсад мувофиқ будани интихоби чунин анбор);

4) маълумот дар бораи биноҳо ва (ё) майдончаҳои кушодае, ки дар ихтиёри аризадиҳанда қарор дошта, барои истифода ба сифати анбори нигаҳдории муваққатӣ дар назар гирифта шудаанд, маҳали ҷойгиршавии онҳо, ободонӣ, таҷҳизонӣ ва таъминоти моддию техникӣ;

5) маълумот дар бораи таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ мутобиқи моддаи 384 ҳамин Кодекс;

6) маълумот дар бораи шартномаи (шартномаҳои) суғуртаи хавфи масъулияти шаҳрвандии аризадиҳанда.

3. Ба аризаи дохил намудан ба Феҳристи соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ ҳуҷҷатҳои зерине, ки тасдиққунандаи маълумоти пешниҳодшуда мебошанд, замима мегарданд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):

1) гувоҳнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ;

2) ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи ихтиёрдории биноҳо ва (ё) майдончаҳои кушода, ки барои истифода ҳамчун анбори нигаҳдории муваққатӣ таъин гардидаанд;

3) лоиҳаҳо ва нақшаҳои биноҳо ва (ё) майдончаҳои кушода, ки барои истифода ҳамчун анбори нигаҳдории муваққатӣ таъин гардидаанд;

4) ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ мутобиқи моддаи 384 ҳамин Кодекс;
5) тасдиқномаҳои бонкҳо дар бораи дар ин бонкҳо кушодани суратҳисобҳо;
6) шартномаи (полиси) суғурта (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).
4. Барои ҳар бинои аз нигоҳи ҳудуд махсусгардонидашуда ва (ё) ҳар майдончаи кушодаи аз нигоҳи ҳудуд махсусгардонидашуда, ки барои истифода ҳамчун анбори нигаҳдории муваққатӣ таъингардида, аризаи алоҳида пешниҳод карда мешавад.

**Моддаи 111. Шаҳодатнома барои дохил намудан ба Феҳристи соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ**

(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906)
1. Соҳиби анбори нигаҳдории муваққатӣ ба Феҳристи соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ ба ҳар як бинои ҳудудан махсусгардонидашуда ё ҳар майдончаи кушодаи ҳудудан махсусгардонидашуда, ки ба сифати анбори нигаҳдории муваққатӣ истифода мегардад, дохил карда мешавад. Ба ҳар як бинои ҳудудан махсусгардонидашуда ё ҳар майдончаи кушодаи ҳудудан махсусгардонидашуда, ки ба сифати анбори нигаҳдории муваққатӣ истифода мегардад, барои дохил намудан ба Феҳристи соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ шаҳодатномаи алоҳида дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
2. Шаҳодатнома барои дохил намудан ба Феҳристи соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ инҳоро дар бар мегирад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):
1) номи соҳиби анбори нигаҳдории муваққатӣ, шакли ҳуқуқию ташкилии он ва зикри маҳали ҷойгиршавиаш;
2) маълумот дар бораи ҳуқуқи ихтиёрдории бино ва (ё) майдончаи кушода, ки ба сифати анбори нигаҳдории муваққатӣ истифода бурда мешавад;
3) маълумот дар бораи таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ мутобиқи моддаи 384 ҳамин Кодекс;
4) зикри навъи анбори нигаҳдории муваққатӣ;
5) зикри маҳали ҷойгиршавии анбори нигаҳдории муваққатӣ.
3. Шаҳодатнома дар бораи дохил намудан ба Феҳристи соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ дар давоми се сол эътибор дорад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

**Моддаи 112. Вазифаҳои соҳиби анборҳои нигаҳдории муваққатӣ**

1. Соҳиби анбори нигаҳдории муваққатӣ вазифадор аст:
1) шарт ва талаботи муқаррарнамудаи ҳамин Кодексро нисбати нигаҳдории мол, ки таҳти назорати гумрукӣ қарор доранд, таъмин намояд.
2) баҳисобгирии нигаҳдории моли таҳти назорати гумрукӣ қарордоштаро анҷом дода, ба мақомоти гумрук дар бораи нигаҳдории ин мол (моддаи 405) ҳисобот пешниҳод намояд;
3) ҳифзи моли дар анборҳои нигаҳдории муваққатӣ мавҷуда ва воситаҳои нақлиёти дар ҳудуди ҳамшафати он бударо, ки минтақаи назорати гумрукӣ ҳисоб мешавад, таъмин намояд,

4) имконияти ҷойгиркунии шабонарӯзии мол ва воситаҳои нақлиётро дар анборҳои нигаҳдории муваққатӣ ё дар ҳудуди ҳамшафат ба анбор, ки минтақаи назорати гумрукӣ ҳисоб мешавад, таъмин намояд,
5) бе иҷозати мақоми гумрук имконнопазирии дастрасии шахсони бегонаро ба мол ва воситаҳои нақлиёти дар анбори мазкур ё ҳудуди ҳамшафати он таъмин намояд,
6) дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 2 ҳамин модда, инчунин дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи 90 ҳамин Кодекс, агар соҳиби анбори нигаҳдории муваққатӣ ба транзити дохилии гумрукӣ иҷозат дошта бошад, боҷи гумрукӣ ва андозро мепардозад.
2. Соҳиби анбори нигаҳдории муваққатӣ ҳангоми талаф ё бе иҷозати мақомоти гумрук додани моли дар анборҳои нигаҳдории муваққатӣ ҷойгиршуда барои супурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз масъул мебошад. Соҳиби анбори нигаҳдории муваққатӣ барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз танҳо ҳангоме масъул намебошад, ки агар мол дар натиҷаи садама, таъсири қувваи рафънопазир ё нобудшавии табиӣ дар шароити муқаррарии нигаҳдорӣ тамоман талаф ёфта бошад.

**Моддаи 113. Бозхондани шаҳодатнома дар бораи дохил намудан ба Феҳристи соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ**

(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906)

Шаҳодатнома барои дохил намудан ба Феҳристи соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ дар ҳолатҳои зерин бозхонда мешавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):
1) аз ҷониби соҳиби анбори нигаҳдории муваққатӣ риоя нашудани ҳатто яке аз шартҳои талаботи Феҳристи соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ, ки моддаи 109 ҳамин Кодекс муқаррар кардааст (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906);
2) аз ҷониби соҳиби анбори нигаҳдории муваққатӣ риоя нашудани талаботи банди 6 қисми 1 моддаи 112 ҳамин Кодекс;
3) ҷалби чандкаратаи соҳиби анбори нигаҳдории муваққатӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ барои содир кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ.

**Моддаи 114. Амалиёт бо мол ҳангоми аз Феҳристи соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ хориҷ намудани соҳиби анбори нигаҳдории муваққатӣ**

(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906)

Ҳангоми бозхондани шаҳодатнома дар бораи дохил намудан ба Феҳристи соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ ё хориҷ намудани соҳиби анбори нигаҳдории муваққатӣ аз ин Феҳрист моли дар анбори нигаҳдории муваққатӣ қарордошта бояд аз ҳисоби вай, дар давоми 2 моҳи баъди рӯзи хориҷшавӣ фарорасанда ба анбори дигари нигаҳдории муваққати гузаронида шавад. Аз рӯзи дигари баъди хориҷ кардани соҳиби анбори нигаҳдории муваққатӣ аз Феҳристи соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ ба ҷойгиркунии мол дар анбори нигаҳдории муваққатӣ иҷозат дода намешавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

**Моддаи 115. Нигаҳдории мол дар анборҳои нигаҳдории муваққатии мақомоти гумрук**

1. Анборҳои нигаҳдории муваққатии мақомоти гумрук анборҳои кушода буда, бояд ба талаботи муқаррарнамудаи моддаи 107 ҳамин Кодекс ҷавобгӯ бошанд.

2. Ҳангоми нигаҳдории мол дар анборҳои нигаҳдории муваққатии мақомоти гумрук муносибатҳои мутақобилаи мақомоти гумрук бо шахсоне, ки молро дар ин анборҳо ҷойгир намудаанд, тибқи ҳамин Кодекс ва Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад. Нисбати шартномае, ки мақоми гумрук бо шахси ҷойдиҳандаи мол дар анбори нигаҳдории муваққатӣ мебандад, талаботи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои шартномаи оммавӣ муқаррар шудаанд, татбиқ мегардад. Агар барои бастани шартнома ҷиҳати нигаҳдории мол дар анбори нигаҳдории муваққатӣ шароит мавҷуд бошад, соҳиби анбори гумруки наметавонад аз бастани шартнома саркаши кунад.

Барои нигаҳдори дар анбори нигаҳдории муваққати қабул намудани мол мақоми гумрук ба шахси молро ҷойгирнамуда мувофиқи намунаи муайянкардаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ расид медиҳад.

3. Ҳуқуқ, вазифа ва масъулияти мақомоти гумрук вобаста ба нигаҳдории мол аз ҷониби ин мақомот аз моҳияти ӯҳдадориҳо тибқи муқаррароти умумии нигаҳдорӣ бармеояд, ки қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти муқаррароти ҳамин Кодекс пешбинӣ намудааст.

Мақоми гумрук барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ҳангоми талаф шудани моли дар анбори нигаҳдории муваққатӣ қарордошта ҷавобгар мебошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар мол дар натиҷаи садама, таъсири қувваи рафънопазир ё талафи табиӣ дар шароити мӯътадили нигаҳдорӣ тамоман нобуд шуда бошад.

4. Барои нигаҳдории мол дар анбори нигаҳдории муваққатии мақоми гумрук мувофиқи шартнома музд ситонида мешавад. Ҳаққи пардохт барои нигаҳдории мол дар анбори нигаҳдории муваққатӣ мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 116. Хусусиятҳои нигаҳдории муваққатии моле, ки тавассути нақлиёти роҳи оҳан интиқол дода мешавад**

1. Тибқи дархости роҳи оҳан нигаҳдории муваққатии моли тавассути нақлиёти роҳи оҳан интиқолёбанда то фаровардани он мустақиман дар воситаҳои нақлиёти дар хатҳои роҳи оҳан қарордоштаи ин роҳи оҳан, дар ҷойҳое, ки анбори нигаҳдории муваққатӣ нестанд ва маҳали ҷойгиршавии он бо мақомоти гумрук мувофиқа шудааст, иҷозат дода мешавад.

Маҳалҳои мазкур минтақаи назорати гумрукӣ ба шумор меравад. Роҳи оҳан вазифадор аст амнияти молро таъмин намуда, дастрасии шахсони бегонаро ба он истисно намояд.

2. Моле, ки дар воситаҳои нақлиёт дар минтақаи назорати гумрукӣ нигаҳдорӣ мешаванд, тибқи ҳамин модда барои мақсади гумрукӣ ҳамчун моли таҳти нигаҳдории муваққатӣ қарордошта баррасӣ мегарданд. Фаровардани бор ва

интиқоли он ба маҳалҳои дигар бо иҷозати мақоми гумрук анҷом дода мешавад.

3. Ҳангоми талафи моли дар воситаҳои нақлиёти дар минтақаи назорати гумрукӣ қарордошта ё бе иҷозати мақомоти гумрук додани он, масъулияти пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо ба зиммаи роҳи оҳан мебошад.

**Моддаи 117. Нигаҳдории муваққатӣ дар анбори гирандаи мол**

1. Бо иҷозати мақоми гумрук нигаҳдории муваққатӣ метавонад дар анборҳои гирандаи мол дар ҳолати зайл анҷом дода шавад:

1) ҳангоми истифодаи расмиёти махсуси соддагардонидашуда танзимгари ваколатдори иқтисодӣ (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678);

2) ҳангоми зарурати нигаҳдории муваққатии моле, ки шароити махсуси нигаҳдориро тақозо менамоянд, агар дар маҳали наздиктарин барои нигаҳдории чунин мол анбори махсусгардонидашуда мавҷуд набошад.

2. Ҳангоми додани иҷозат барои нигаҳдории муваққатӣ дар анборҳои қабулкунандаи мол мақоми гумрук ҳуқуқ дорад таъмини супоридани пардохтҳои гумрукиро талаб намояд.

3. Қабулкунандаи бор ҳангоми нигаҳдории мол дар анбор худ вазифадор аст ҳамаи дигар талаботи ҳамин моддаро риоя намояд. Дар анборҳои қабулкунандаи мол ба нигаҳдории моли хориҷие, ки ба шахсони сеюм таалуқ доранд, иҷозат дода намешавад.

**Моддаи 118. Ҷойгир намудани мол дар анборҳои нигаҳдории муваққатӣ аз ҷониби мақомоти гумрук**

1. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи 12, моддаҳои 418 ва 435 ҳамин Кодекс мол метавонанд дар анборҳои нигаҳдории муваққатии мақомоти гумрук ҷойгир карда шаванд.

Подош барои нигаҳдорӣ ва ҷуброни хароҷот ба соҳиби анборҳои нигаҳдории муваққатӣ дар ҳолатҳои зикргардида аз ҳисоби шахсони дар ҳамин моддаҳо муқарраршуда анҷом дода мешавад.

2. Агар хароҷоти нигаҳдорӣ аз ҳисоби воситаҳои буҷети давлатӣ сурат гирад, ин хароҷот ба соҳиби анбори нигаҳдории муваққатӣ аз ҷониби мақомоти гумрук дар доираи ҳаҷми зарурӣ ва хароҷоти ҳуҷҷатан тасдиқгардида, ки соҳиби анбори нигаҳдории муваққатӣ масраф намудааст, ҷуброн карда мешавад.

## БОБИ 13. БАРОВАРДАНИ МОЛ ВА ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ АЗ ҲУДУДИ ГУМРУКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421)

**Моддаи 119. Маҳал ва мӯҳлати баровардани мол ва воситаҳои нақлиёт аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

(Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421)

1. Баровардани мол ва воситаҳои нақлиёт аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - баровардани мол ва воситаҳои нақлиёт) дар нуқтаҳои гузаргоҳҳо аз Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд ва дар вақти кории мақомоти гумрук (моддаи 466) иҷозат дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Муқаррароти ҳамин модда нисбати моли тавассути роҳҳои дарёӣ ва ҳавоӣ интиқолёбанда, ки аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бе таваққуф дар бандарҳо ё фурудгоҳҳои воқеъ дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон убур мекунанд, татбиқ намегардад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 120. Пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва маълумот**

1. Мол ва воситаҳои нақлиёт бо иҷозати мақомоти гумрук баровардa мешаванд.

2. Барои гирифтани иҷозат аз мақоми гумрук ҷиҳати баровардани мол ва воситаҳои нақлиёт ба мақоми гумрук ҳуҷҷатҳои гумрукии тасдиққунандаи нигаҳдории ин мол таҳти низоми гумрукӣ, ки баровардани молро аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд, пешниҳод карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

3. То баровардани мол ва воситаҳои нақлиёт интиқолдиҳанда вазифадор аст ба мақоми гумрук ҳуҷҷатҳо ва маълумоти пешбининамудаи моддаҳои 73 - 76 ҳамин Кодексро вобаста ба навъи нақлиёти интиқолдиҳандаи моли байналмилалӣ пешниҳод намояд.

Агар ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда дорои маълумоти пешбининамудаи моддаҳои 73 - 76 ҳамин Кодекс набошанд, интиқолдиҳанда вазифадор аст ба мақоми гумрук маълумоти зарурӣро бо усули пешниҳоди дигар ҳуҷҷатҳои дар ихтиёраш буда ё ҳуҷҷатҳои иловагие, ки дар шакли соддагардонидашуда таҳия намудааст, манзур дорад.

Мақоми гумрук ҳуқуқ надорад аз интиқолдиҳанда маълумоти дар моддаҳои 73 - 76 ҳамин Кодекс пешбининашударо талаб намояд.

Аз номи интиқолдиҳанда ҳуҷҷатҳо ва маълумотро метавонад ҳар шахси дигари ваколатдорнамудаи ӯ пешниҳод намояд.

**Моддаи 121. Боркунии мол ба воситаи нақлиёте, ки аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ мешавад**

(Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421)

1. Боркунии мол ба воситаи нақлиёти аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷшаванда баъди аз ҷониби мақоми гумрук қабул кардани декларатсияи гумрукӣ ва дар ҳуҷҷатҳои бору нақлиёт гузоштани штампи "Ба боркуни иҷозат дода шудааст" иҷозат дода мешавад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки агар ҳангоми барасмиятдарории гумрукии мол мақоми гумрук пешниҳоди молро барои санҷиш талаб нанамояд, инчунин агар интиқоли мол тибқи низоми гумрукии транзити байналмилалии гумрукӣ қарор дошта бошад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Шахсони мансабдори мақомоти гумрук бо мақсади азназаргузаронии мол ҳуқуқ доранд ҳангоми боркунии он ба нақлиёти аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон убуркунанда иштирок намоянд. Дар ин ҳолат мол дар маҳале, ки ҷойгиронии он бо мақомоти гумрук мувофиқа шудааст ва дар вақти кории мақоми гумрук бор карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

Бо дархости шахси манфиатдор мақоми гумрук ҳуқуқ дорад ба боркунии берун аз вақти кории ин мақом тибқи моддаи 466 ҳамин Кодекс иҷозат диҳад.

**Моддаи 122. Талабот нисбати мол ҳангоми баровардани он аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
(Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421)
1. Мол бояд аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеан тибқи ҳамон теъдод ва ҳолате, ки ҳангоми ҷойгиронии он таҳти низоми муайяни гумрукӣ қарор дошт, баровварда шавад, ба истисноитағйирёбии теъдод ва ҳолати мол дар натиҷаи фарсудашавии табиӣ, талаф ё тағйирёбии хосияти табиии мол ҳангоми интиқоли мӯътадил, инчунин тағйирёбии теъдоди он дар натиҷаи қисмате, ки дар воситаи наклиёти интиқолдиҳанда боқӣ мемонад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Ҳангоми талаф ё дигар шудани ҳолати мол дар натиҷаи садама ё таъсири қувваи рафънопазир ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи регламент ва стандартҳои амалкунандаи техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ҳангоми тағйир ёфтани маълумот дар бораи миқдори мол аз сабаби норасоии усули андозагири шахс барои риоя накардани муқаррароти ҳамин модда ҷавобгар намебошад.
3. Ҳангоми пешниҳоди мол ба мақоми гумруки маҳали баровардани он ва дархости декларант мақоми гумрук миқдори моли воқеан баровардашударо тасдиқ менамояд.

## БОБИ 14. ДЕКЛАРАТСИЯ КАРДАНИ МОЛ

**Моддаи 123. Моле, ки бояд декларатсия карда шавад**
Мол ҳангоми интиқол аз сарҳади гумрукӣ, тағйири низоми гумрукӣ, инчунин дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи моддаҳои 183, 184, 247 ва 435 ҳамин Кодекс бояд декларатсия карда ба мақоми гумрук пешниҳод шавад.

**Моддаи 124. Декларатсия кардани мол**
1. Мол бо роҳи ба мақомоти гумрук дар шакли муқарраршуда арз намудани маълумоти боэътимод дар бораи мол, низоми гумрукии он ва маълумоти дигари барои мақсадҳои гумрук зарурӣ (ба тарви хаттӣ, шифоҳӣ, конклюдентӣ ва электронӣ) декларатсия карда мешавад.
Мол аз ҷониби декларант ё брокери гумрук (намоянда) (боби 15) бо интихоби декларант декларатсия карда мешавад.
2. Шакл ва тартиби декларатсия кардани мол дар ҳолатҳое, ки ҳамин Кодекс танзим нанамудааст, аз ҷониби мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумруки муайян карда мешавад.
3. Рӯйхати маълумоте, ки бояд дар декларатсияи гумрукӣ зикр гардад, танҳо бо маълумоте маҳдуд мегардад, ки барои мақсадҳои ҳисоб ва ситонидани боҷҳои гумрукӣ ва андоз, ташаккули омори гумрукӣ ва татбиқи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошанд.
4. Ҳангоми истифодаи декларатсияи гумрукӣ ба сифати ҳуҷҷати баҳисобгирӣ бо мақсади назорати асъор, ки мақомоти гумрук анҷом медиҳанд, дар декларатсияи гумрукӣ бояд маълумоте низ зикр шаванд, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими асъор ва назорати асъор барои чунин мақсадҳо заруранд.
5. Декларатсияи гумрукӣ аз ҷониби тартибдиҳандаи он тасдиқ ва аз ҷониби корманди ин шахси ҳуқуқӣ имзо карда мешавад. Декларатсия бо роҳи

гузоштани мӯҳр тасдиқ карда мешавад, агар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси тартибдиҳандаи декларатсияи гумрукӣ мӯҳр дошта бошад.
6. Номгӯи маълумоте, ки бояд дар декларатсияи гумрукӣ зикр гардад ва шакли пешниҳоди онҳо бояд расман чоп карда шаванд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ, ки номгӯи маълумоти дар декларатсияи гумрукӣ зикршавандаро муайян мекунанд, тибқи моддаи 4 ҳамин Кодекс эътибори қонуни пайдо мекунанд.

**Моддаи 125. Маҳали декларатсия кардани мол**

1. Декларатсияи гумрукӣ мумкин аст ба ҳар мақоми гумрукӣ дорои ҳуқуқи қабули декларатсия пешниҳод гардад.
2. Бо мақсади таъмини самаранокии назорати риояи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ҳуқуқ дорад мақоми гумруки дахлдорро барои декларатсияи намудҳои алоҳидаи мол танҳо дар ин ҳолатҳо муайян кунад:
1) ҳангоми зарурати истифодаи таҷҳизоти махсусгардонидашуда ва (ё) донишҳои махсус барои барасмиятдарории гумрукии чунин мол ба монанди арзишҳои фарҳангӣ, аслиҳа, техникаи ҳарбӣ ва лавозимоти ҷангӣ, маводи радиоактивӣ ва таҷзияшаванда;
2) вобаста ба навъи нақлиёти мавриди истифодаи интиқоли моли байналмилалӣ истифодашаванда (автомобилӣ, дарёӣ, ҳавоӣ, роҳи оҳан, қубурӣ ва хатӣ интиқоли барқ);
3) ҳангоми интиқоли намудҳои алоҳидаи мол аз сарҳади гумрукӣ, ки нисбати онҳо вайронкунии қонунгузории гумруки муттасил ба қайд гирифта шудааст ё мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мамнӯият ва маҳдудият муқаррар гардидааст;
4) ҳангоми зарурати назорати махсуси моли алоҳидаи дорои объекти моликияти зеҳни (интеллектуалӣ) тибқи номгӯи муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Дар сурати пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ ба мақоми дигари гумрук, ки қисми 2 ҳамин модда муайян намудааст, декларатсияи гумрукӣ дар рӯзи пешниҳод аз ҷониби мақоми гумрукие, ки декларатсияи гумрукиро гирифтааст, ба мақомоти гумрукии дахлдор фиристода мешавад.
Мӯҳлати қабули декларатсияи гумрукӣ (моддаи 132) дар чунин ҳолат ба мӯҳлате тамдид мегардад, ки барои ирсоли он зарур аст, вале набояд аз ду рӯзи кори зиёд бошад.
4. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ, ки ҷойи декларатсияи баъзе навъҳои молро муайян кардааст, тибқи моддаи 4 ҳамин Кодекс эътибори қонуни пайдо мекунанд.

**Моддаи 126. Декларант**

1. Ба сифати декларант шахсони дар моддаи 15 ҳамин Кодекс зикргардида, инчунин дигар шахсоне, ки тибқи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо риояи муқаррароти қисми 2 ҳамин модда ҳуқуқи ихтиёрдории молро доранд, метавонанд баромад намоянд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Танҳо шахси ватанӣ декларант буда метавонад, ба истисноИ ҳолатҳои интиқоли мол аз сарҳади гумрукӣ:
1) аз ҷониби шахсони воқеӣ барои истифодаи шахсӣ, оилавӣ, хонаводагӣ ва дигар эҳтиёҷоте, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ марбут нест;
2) аз ҷониби шахсони хориҷие, ки аз имтиёзҳои гумрукӣ тибқи боби 39 ҳамин Кодекс истифода мебаранд;
3) аз ҷониби ташкилотҳои хориҷие, ки намояндагиашон дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраргардида ба қайд гирифта (аккредитатсия) шудаанд, ҳангоми ариза ба мақоми гумрук таҳти низомҳои гумрукии воридоти муваққатӣ, реэкспорт, транзит, инчунин низоми гумрукии иҷозат барои муомилоти озоди мол, ки барои истифодаи шахсии ҳамин намояндагиҳо ворид карда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
4) аз ҷониби интиқолдиҳандагони хориҷӣ ҳангоми арзи низоми гумрукии транзит;
5) дигар ҳолатҳое, ки шахси хориҷӣ барои ихтиёрдории мол дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз доираи муомилоти иқтисодии хориҷӣ ҳуқуқ дорад ва яке аз тарафҳои он шахси ватанӣ мебошад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 127. Ҳуқуқу вазифаҳои декларант**

1. Ҳангоми декларатсияи мол ва иҷрои дигар амалҳои гумруки, ки барои иҷозати мол зururанд, декларант ҳуқуқ дорад:
1) моли декларатсияшавандаро аз ҷумла то пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ аз назар гузаронад ва онҳоро чен кунад;
2) бо иҷозати мақоми гумрук чошнӣ ва намунаи моли декларатсияшавандаи ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшавандаро гирад. Декларатсияи гумрукии алоҳида барои гирифтани чошнӣ ва намунаи мол ба шарте пешниҳод карда намешавад, ки агар чунин чошнӣ ва намуна дар декларатсияи гумрукии мол нишон дода шаванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
3) ҳангоми азназаргузаронии моли декларатсияшаванда (моддаҳои 412 ва 413), дар сурати аз ҷониби шахси мансабдори мақоми гумрук гирифтани чошнӣ ва намунаи мол иштирок кунад (моддаи 424);
4) бо натиҷаҳои тадқиқотҳои дар мақоми гумрук мавҷудаи чошнӣ ва намунаи моли декларатсияшавандаи худ шинос шавад;
5) барои декларатсия кардани мол дар шакли ҳуҷҷатҳои электронӣ ҳуҷҷатҳо ва маълумоти зарурирро тибқи ҳамин Кодекс пешниҳод намояд;
6) аз дигар ваколатҳо ва ҳуқуқҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс истифода барад.

2. Ҳангоми декларатсия кардани мол ва анҷом додани дигар расмиёти гумрукӣ декларант вазифадор аст:
1) ба мақоми гумрук декларатсияи гумрукӣ, маълумот ва ҳуҷҷатҳои зарурирро пешниҳод намояд (моддаи 131);
2) бо талаби мақоми гумрук моли декларатсияшавандаро пешниҳод намояд;

3) тибқи фасли 3 ҳамин Кодекс боҷҳои гумрукӣ ва андозро пардозад ё пардохти онҳоро таъмин намояд.

3. Декларант барои риоя накардани вазифаҳои дар қисми 2 ҳамин модда пешбинишуда, дарҷ намудани маълумоти носаҳеҳ дар декларатсияи гумрукӣ, инчунин барои ба брокери гумрукӣ (намоянда) пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои беэътибор, аз ҷумла қалбакӣ ва (ё) дорои маълумоти баръало бардурӯғ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад (Қонуни ҶТ аз 24.12.2022 № 1932).

**Моддаи 128. Хусусиятҳои хоси декларатсия кардани моли мухталифи марбут ба як партия**

1. Бо хоҳиши декларант моли мухталифи як партия метавонад бо нишон додани як рамзи таснифотии Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ декларатсия карда шавад, ба шарте агар ба ин рамзи таснифоти мувофиқат кунанд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1422):

1) меъёри нисбатан баланди боҷҳои гумрукӣ (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347);

2) меъёри нисбатан баланди аксизи гумрукӣ (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347);

3) меъёри нисбатан баланди андоз аз арзиши изофашуда (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347);

4) коди ин мол ба сатҳи 4 рақами аввал мувофиқат кунад.

2. Маълумот дар бораи номгӯй ва теъдоди моли як партия аз ҷониби декларант бо роҳи пешниҳоди рӯйхати мол арз карда мешавад. Ба сифати чунин рӯйхат шарҳи номнависи (спетсификатсияи) бор, варақаи бастабандӣ, рӯйихат ва дигар ҳуҷҷатҳои шабеҳ истифода бурда мешавад. Барои мақсадҳои гумрукӣ рӯйхати мол ба сифати қисми таркибии декларатсияи гумрукӣ баррасӣ карда мешавад.

3. Агар нисбати яке аз моли дар як партия мавҷуда тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдудият муқаррар шуда бошад, декларатсияи чунин мол бо зикри як рамзи таснифоти мувофиқи Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ декларантро аз риояи чунин маҳдудият озод намекунад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1422).

4. Бо мақсади санҷиши риояи муқаррароти қисми 3 ҳамин модда мақоми гумрук ҳуқуқ дорад аз декларант пешниҳоди маълумоти аниқкунандаи баъзе моли декларатсияшавандаро талаб кунад.

**Моддаи 129. Мӯҳлати пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ**

1. Декларатсияи гумрукии моли ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи моддаҳои 150, 309 ва 316 ҳамин Кодекс, дар мӯҳлати на дертар аз 15 рӯзи баъди пешниҳоди мол ба мақоми гумрукӣ маҳали расидани он ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё аз рӯзи анҷоми транзити дохилии гумрукӣ пешниҳод карда мешавад, агар мол дар маҳали расидани он декларатсия карда нашуда бошад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Агар мӯҳлати дар қисми 1 ҳамин модда зикршуда барои ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо ва маълумот барои декларант нокифоя бошад, бо муроҷиатномаи

асосноки декларант мақоми гумрук мӯҳлати пешниҳоди декларатсияи гумрукиро тамдид мекунад. Тамдиди мӯҳлати пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ бояд боиси вайрон кардани мӯҳлати нигаҳдории муваққатии мол нагардад.

3. Агар анҷоми мӯҳлати пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ ба рӯзи ғайрикории мақоми гумрук рост ояд, рӯзи анҷоми ин мӯҳлат рӯзи минбаъдаи кории мақоми гумрук ҳисобида мешавад.

4. Декларатсияи гумрукӣ барои моли аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон содиршаванда, ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи моддаи 336 ҳамин Кодекс, то баровардани онҳо аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 130. Декларатсияи пешакии мол**

1. Декларатсияи гумрукии моли хориҷӣ метавонад то лаҳзаи расидани он ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё то анҷоми транзити дохилии гумрукӣ пешниҳод карда шавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Агар барои мақсадҳои гумрукӣ истифодаи ҳуҷҷатҳои нақлиёти (борбарӣ) ё тиҷоратии мушоияткунандаи мол зарур бошад, мақоми гумрук ҳангоми декларатсияи пешакии мол нусхаи ин ҳуҷҷатҳои тасдиқнамудаи декларантро мегирад ва ҳангоми зарурат, баъди расидани мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти дар нусхаи ҳуҷҷатҳои мазкур мавҷударо бо маълумоти нусхаҳои асл муқоиса менамояд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

3. Баъди анҷоми санҷиши декларатсияи гумрукӣ ва пардохти маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андоз то расидани мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин декларатсияи гумрукӣ метавонад ба сифати ҳуҷҷати ягона ҷиҳати истифодаи расмиёти гумрукӣ нисбати ин мол истифода гардад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

4. Агар мол ба мақоми гумрукӣ декларатсияи гумрукиро қабулкарда тибқи қисми 1 ҳамин модда дар давоми 15 рӯзи қабули он пешниҳод нашавад, декларатсияи гумрукӣ пешниҳоднашуда ба ҳисоб меравад.

**Моддаи 131. Пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ҳангоми декларатсия кардани мол**

1. Декларатсияи гумрукии бор ба мақоми гумрук бояд ҳамзамон бо пешниҳоди нусхаи электронӣ ва ҳуҷҷатҳои барои мақсади гумрукӣ зарурии пешбининамудаи ҳамин модда пешниҳод карда шавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

Шакли нусхаи электронии декларатсияи гумрукии борро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян менамояд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

2. Декларант метавонад нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи маълумоти арзшударо дар асоси ӯҳдадори ҷиҳати пешниҳоди ҳуҷҷати дахлдор ба мақоми гумрук дар мӯҳлати санҷиши декларатсияи гумрукӣ пешниҳод намояд, агар чунин ҳуҷҷат барои қабули қарор дар бораи иҷозати додани мол ҳатмӣ бошад.

Агар пешниҳоди ҳуҷҷатҳои алоҳида дар мӯҳлати зикргардида имконнопазир бошад, дар асоси аризаи асосноки декларант мақомоти гумрук иҷозат

медиҳанд нусхаи онҳо бо пешниҳоди минбаъдаи ҳуҷҷатҳо дар мӯҳлати барои ҷамъоварии онҳо зарурӣ, вале на дертар аз 30 рӯзи тақвимии баъди бақайдгирии декларатсияи гумрукӣ манзур карда шаванд. Декларант барои пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳо дар мӯҳлати муқарраршуда ё нишон додани маълумоти носаҳеҳ дар нусхаи ҳуҷҷатҳои қаблан пешниҳоднамуда масъул мебошад.

Агар ба мақоми гумрук пештар ҳуҷҷатҳое пешниҳод шуда бошанд, ки тибқи онҳо барасмиятдарории гумрукии маҷмӯи минбаъдаи мол сурат гирифтааст, дар ин ҳолат пешниҳоди нусхаи чунин ҳуҷҷатҳо кифоя аст.

3. Агар дар коргузории мақоми гумрук ҳуҷҷатҳое боқи монанд, ки барои қабули қарор ҷиҳати иҷозат додани мол заруранд, мақоми гумрук барои декларант дар нусхаи ин ҳуҷҷатҳо бо зикри мақоми гумруке, ки дар он ин ҳуҷҷатҳо нигоҳ дошта мешаванд, сабти дахлдор мегузорад. Ин сабт бо мӯҳри дорои рақами шахсии шахси мансабдори мақоми гумрук тасдиқ карда мешавад.

4. Қарордод, ҳисобнома-фактураҳо (инвойсҳо), ҳуҷҷатҳои нақлиётӣ, ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз баъди иҷозати мол бояд ба декларант баргардонида шаванд ва онҳо дар давоми се соли бақайдгирии декларатсияи гумрукии бор нигоҳ дошта мешаванд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

5. Декларатсияи гумрукӣ ба мақоми гумрук бояд ҳамзамон бо ҳуҷҷатҳое пешниҳод гардад, ки дар асоси онҳо декларатсияи гумрукӣ пур карда шудааст. Ба ин гуна ҳуҷҷатҳо мансубанд (Қонуни ҶТ 28.12.2012 № 906):

1) ҳуҷҷатҳое, ки ваколатҳои шахси пешниҳодкунандаи декларатсияи гумрукиро тасдиқ менамоянд;

2) ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678);

3) ҳуҷҷатҳои нақлиётӣ (марбут ба ҳамлу нақл);

4) ҳуҷҷатҳое, ки риояи мамнӯият ва маҳдудиятҳоро тасдиқ менамоянд;

5) ҳуҷҷатҳое, ки супоридан ва (ё) таъмини пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андозҳоро тасдиқ менамоянд (Қонуни ҶТ 28.12.2012 № 906).

6. Тибқи талаботи низомҳои гумрукии интихобшуда иловатан ба ҳуҷҷатҳои асосии дар қисми 5 ҳамин модда зикршуда мувофиқи тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ дигар ҳуҷҷатҳои барои мақсадҳои гумрукӣ зарурӣ пешниҳод карда мешаванд.

7. Агар декларант довталаби имтиёзи пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз, аз ҷумла ҳангоми арзи низоми гумрукие, ки низоми гумрукии пурра ё қисман озод намудан аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз, нисбати мол истифода набурдани мамнӯият ва маҳдудияти тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида ё кам кардани заминаи андоз бошад, ӯ вазифадор аст ба мақоми гумрук ҳуҷҷатҳои дахлдори тасдиқкунандаи шартҳои арзро пешниҳод намояд.

8. Бо мақсади тасдиқи арзиши гумрукии арзшуда декларант вазифадор аст ҳуҷҷатҳои асоснокkунандаи арзиши гумрукии арзшуда ва усули барои муайян намудани арзиши гумруки интихобнамудаашро пешниҳод кунад.

9. Агар пешниҳоди ҳуҷҷатҳои алоҳида ҳамзамон бо декларатсияи гумрукӣ имконнопазир бошад, бо муроҷиатномаи асосноки декларант мақоми гумрук дар шакли хаттӣ барои пешниҳоди ин ҳуҷҷатҳо дар мӯҳлати барои ҷамъоварии онҳо зарурӣ, аммо на дертар аз 45 рӯзи баъди қабули декларатсияи гумрукӣ иҷозат медиҳад, агар дар ҳамин Кодекс мӯҳлати дигари пешниҳоди ҳуҷҷатҳои алоҳида ва маълумот пешбинӣ нашуда бошад. Декларант дар шакли хаттӣ оид ба пешниҳоди ҳуҷҷатҳо дар мӯҳлати муайяншуда ӯҳдадорӣ манзур медорад.

10. Дар ҳолати ба мақоми гумрук пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳое, ки метавонанд ҳангоми барасмиятдарории гумрукии дигар мол истифода гарданд, бо дархости декларант мақоми гумрук оид ба қабули ҳуҷҷатҳо тибқи намунаи муайяннамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ тасдиқномаи хаттӣ медиҳад. Тасдиқнома то дохил намудани тағйирот ба ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ё то гузаштани мӯҳлати амали он эътибор дорад. Тасдиқномаи мазкурро декларант метавонад ҳангоми барасмиятдарории гумрукии мол, бидуни пешниҳоди иловагии ҳуҷҷатҳои қабулкардаи мақоми гумрук истифода барад. Декларант ҳуқуқ дорад ҳуҷҷатҳои мазкурро то пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ манзур дорад.

**Моддаи 132. Қабули декларатсияи гумрукӣ**

1. Далели пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ ва манзур доштани ҳуҷҷатҳои зарурӣ дар рӯзи гирифтани онҳо аз ҷониби мақоми гумрук сабт мегардад. Мақоми гумрук бо дархости шахси пешниҳодкардаи декларатсияи гумрукӣ дар бораи гирифтани декларатсияи гумрукӣ ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ (аз ҷумла дар шакли ҳуҷҷати электронӣ) бетаъхир тасдиқнома медиҳад.

2. Мақоми гумрук декларатсияи гумрукии пешниҳодшударо дар рӯзи расидани он қабул менамояд, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар:

1) декларатсияи гумрукӣ ба мақоми гумруке пешниҳод шуда бошад, ки ҳуқуқи қабули декларатсияи гумрукиро надорад;

2) декларатсияи гумрукӣ аз ҷониби шахсе пешниҳод шуда бошад, ки ба ин кор ваколатдор набошад;

3) дар декларатсияи гумрукӣ маълумоти зарурӣ зикр нашуда бошад (моддаи 124);

4) декларатсияи гумруки имзо нашуда бошад ё ба таври зарурӣ тасдиқ нашуда бошад ё мувофиқи шакли муқарраршуда таҳия нагардида бошад;

5) ҳангоми пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ ҳуҷҷатҳои барои барасмиятдарории гумрукӣ зарурӣ пешниҳод нашуда бошанд, ба истиснои ҳуҷҷатҳое, ки метавонанд баъди қабули декларатсияи гумрукӣ мутобиқи қисми 9 моддаи 131 ҳамин Кодекс пешниҳод карда шаванд;

6) нисбати моли декларатсияшаванда амале, ки бояд мутобиқи ҳамин Кодекс пеш аз пешниҳод ё ҳамзамон бо пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ анҷом дода шавад, сурат нагирифта бошад.

3. Декларатсияи гумрукӣ аз лаҳзаи қабул ҳамчун ҳуҷҷати тасдиққунандаи далели дорои аҳамияти ҳуқуқӣ эътибор пайдо мекунад.

4. Агар декларатсияи гумрукӣ аз ҷониби мақоми гумрук қабул нашуда бошад, чунин декларатсия барои мақсади гумрукӣ пешниҳоднашуда дониста мешавад.
5. Мақоми гумрук сабабҳои қабул накардани декларатсияи гумрукиро ба шахси пешниҳодкунандаи декларатсия на дертар аз рӯзи дигари пешниҳод шудани декларатсияи гумрукӣ огоҳ менамояд. Бо дархости шахси пешниҳодкунандаи декларатсияи гумрукӣ чунин огоҳинома дар шакли хаттӣ манзур мегардад.

**Моддаи 133. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба маълумоти дар декларатсияи гумрукии арзшуда**

1. Бо дархости асосноки хаттии декларант ба маълумоти қаблан дар декларатсияи гумрукии қабулшуда арзнамудаи ӯ тағйиру иловаҳо ворид кардан мумкин аст.
2. Тағйиру иловаҳо ба маълумоти дар декларатсияи гумрукии қабулгардида арзшуда бо иҷозати мақоми гумрук зимни риояи шартҳои зерин имконпазир аст:
1) агар мақоми гумрук дар лаҳзаи гирифтани дархости декларант носаҳеҳии маълумоти дар декларатсияи гумрукӣ зикршударо муайян накарда бошад, ба истиснои ҳолати ошкорсозии носаҳеҳиҳое, ки ба қабули қарор дар бораи иҷозати мол таъсир намерасонанд;
2) агар мақоми гумрук то лаҳзаи гирифтани дархости декларант санҷиши молро оғоз накарда бошад;
3) агар тағйиру иловаҳои воридшаванда ба қабули қарор дар бораи додани иҷозат ба мол таъсир нарасонанд ва боиси зарурати тағйир додани маълумоте нагарданд, ки ба муайян кардани андозаи маблағи пардохти боҷҳои гумрукӣ ва истифодаи мамнӯияту маҳдудиятҳои тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда таъсир расонанд.
3. Шахсони мансабдори мақомоти гумрук ҳуқуқ надоранд бо ташаббуси худ ё супориш ё хоҳиши шахсони манфиатдор декларатсияи гумрукиро пур кунанд, тағйир диҳанд ё маълумоти дар декларатсияи гумрукӣ арзшударо пурра кунанд, ба истиснои ворид намудани танҳо он маълумоте, ки таҳти салоҳияти мақомоти гумрук қарор дорад, инчунин тағйир додан ё пурра кардани маълумоти рамзгузоришудае, ки барои коркарди мошини истифода мешавад, ба шарте агар чунин маълумот дар шакли рамзгузоринашуда дар декларатсияи гумрукӣ мавҷуд бошад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1422).

**Моддаи 134. Бозхондани декларатсияи гумрукӣ**

1. Тибқи муроҷиати хаттии декларант декларатсияи гумрукии қабулшуда барои моли хориҷӣ мумкин аст аз ҷониби ӯ пеш аз додани иҷозат ба чунин мол барои арз таҳти низоми дигари гумрукӣ бозхонда шавад.
Бозхондани декларатсияи гумрукӣ бо иҷозати хаттии мақоми гумрук имконпазир аст, агар пеш аз гирифтани ин дархост мақоми гумрук носаҳеҳии маълумоти дар декларатсияи гумрукӣ зикршударо муайян накарда бошад, ба истиснои ҳолати ошкор шудани носаҳеҳиҳое, ки ба қабули қарор дар бораи додани иҷозат ба мол таъсир намерасонад.

Ҳангоми додани иҷозат барои бозхондани декларатсияи гумрукӣ мақоми гумрук барои пешниҳоди декларатсияи гумрукии нав мӯҳлат муайян мекунад ва ин мӯҳлат наметавонад аз рӯзи додани иҷозати бозхонд бештар аз 15 рӯз бошад. Бозхондани декларатсияи гумрукӣ барои дароз кардани мӯҳлати пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз асос шуда наметавонад.

2. Тибқи муроҷиати хаттии декларант декларатсияи гумрукии қабулшуда барои моли ватанӣ, ки аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон содир карда мешавад, мумкин аст аз ҷониби вай сарфи назар аз мақсади чунин бозхонд, қабл аз баровардани мол аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, баъди додани иҷозати ҷойгиркунии мол таҳти низоми гумрукии арзшуда бозхоста шавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

Бозхондани декларатсияи гумрукӣ бо иҷозати хаттии мақоми гумрук иҷозат дода мешавад, ба шарте агар мақоми гумрук то гирифтани дархости декларант носаҳеҳии маълумоти дар декларатсияи гумрукӣ зикршударо муайян накарда бошад, ба истисноии ҳолати ошкорсозии носаҳеҳиҳое, ки ба қабули қарор дар бораи ҷойгиркунии мол таҳти низоми гумрукии арзшуда таъсир намерасонанд.

Ба ин мол барои пешниҳоди декларатсияи гумрукии нав мӯҳлат муқаррар намегардад.

**Моддаи 135. Декларатсияи гумрукии нопурра**

1. Агар декларант бинобар сабабҳои ба ӯ вобастанабуда барои пур кардани декларатсияи гумрукӣ дорои маълумоти зарурӣ набошад, мақоми гумрук метавонад ба пешниҳоди декларатсияи гумрукии нопурра иҷозат диҳад, ба шарте агар дар он барои иҷозат додани мол, ҳисоб ва супурдани пардохтҳои гумрукӣ, тасдиқкунандаи риояи маҳдудиятҳо мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда, инчунин имкондиҳандаи ҳаммонандсозии мол тибқи маҷмӯи хусусиятҳои микдорӣ ва сифатӣ маълумоти зарурӣ дарҷ шуда бошад.

Декларант ҳангоми пешниҳоди декларатсияи гумрукии нопурра дар шакли хаттӣ ӯҳдадорӣ ба зимма мегирад, ки маълумоти нокифояро дар мӯҳлати муайяннамудаи мақоми гумрук пурра хоҳад кард ва ин муддат наметавонад аз рӯзи қабули декларатсияи гумрукии нопурра аз ҷониби мақоми гумрук бештар аз 45 рӯз бошад.

2. Агар мақоми гумрук декларатсияи гумрукии нопурраро қабул кунад, дар ин сурат ҳамон талабот ва шартҳои қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла тартиби ҳисоб ва супурдани пардохтҳои гумрукие истифода мегардад, ки дар ҳолатҳои пешниҳоди ибтидоии декларатсияи гумрукии пурра ва ба таври дахлдор пуркардашуда истифода бурда шудааст.

**Моддаи 136. Декларатсияи гумрукии даврӣ**

1. Ҳангоми интиқоли мунтазами ҳамон як мол аз ҷониби ҳамон як шахс мақоми гумрук ҳуқуқ дорад барои пешниҳоди декларатсияи гумрукии даврӣ ба ҳама моли аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи муайян интиқолшаванда иҷозат диҳад.

2. Мол метавонад ҳамчун ҳамон як мол баррасӣ шавад, агар он мувофиқи Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ рамзи таснифотии якхела дошта бошад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1422).
3. Мол ҳангоме ҳамчун мунтазам аз ҷониби ҳамон як шахс аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолёбанда ҳисобида мешавад, ки агар ҳамон як шахс дар давоми 30 рӯзи тақвими расонидани як Номгӯи молҳоро 3 маротиба ё бештар анҷом диҳад.
4. Барои мақсади гумрукӣ чун маҷмӯи ягона (партия) ҳамон як моле баррасӣ карда мешавад, ки аз як нуқтаи гузаргоҳ интиқол ёфта, барасмиятдарории гумрукии он дар ҳамон як мақоми гумрук дар давоми 30 рӯзи тақвимӣ, тибқи як шартномаи (қарордоди) тиҷорати хориҷӣ, сарфи назар аз теъдоди молрасонии алоҳида, анҷом дода мешавад.
5. Боҷҳо ва андозҳои гумрукӣ то қабули декларатсияи даврии гумрукӣ ё дар рӯзи қабули он пардохта мешаванд.
6. Ҳангоми барасмиятдарории мол бо истифодаи расмиёти даврии декларатсия санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар рӯзи аз ҷониби мақомоти гумрук қабул кардани декларатсияи даврии гумрукӣ амал мекунанд, истифода бурда мешаванд.
7. Декларатсияи даврӣ бо роҳи пешниҳоди декларатсияи даврии гумрукӣ то оғози давраи расидани мол (воридот ё содирот) амалӣ мешавад. Зимнан декларатсияи гумрукии даврӣ барои маҷмӯи ягонаи мол пур карда мешавад.
8. Дар давоми 10 рӯзи тақвимии баъди анҷоми давраи молрасонӣ, ки дар ҷараёни он интиқоли мол бо истифодаи расмиёти декларатсияи даврӣ сурат гирифтааст, декларатсияи пурраи гумрукии бор бо назардошти миқдори воқеии моли ворид ва содиршуда пешниҳод карда мешавад.
9. Агар воридоти мол дар ҳаҷме, ки аз ҳаҷми дар декларатсияи гумрукии даврӣ зикргардида фарқ кунад, декларатсияи пурраи гумрукии бор бо назардошти миқдори воқеии бори воридшуда пур карда мешавад. Дар ин сурат декларатсияи даврии гумрукӣ барои давраҳои минбаъдаи молрасонӣ бо назардошти ин тағйирот пур карда мешавад.
10. Тартиби барасмиятдарории гумрукии мол бо истифодаи декларатсияи даврии гумрукӣ аз ҷониби мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян карда мешавад.

**Моддаи 137. Хусусиятҳои декларатсияи моли ватанӣ ҳангоми содир намудани онҳо аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

(Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421)

1. Ҳангоми содир намудани моли ватанӣ аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хоҳиши декларант тартиби соддагардонидашудаи декларатсия тибқи моддаҳои 135, 136 ва 138 ҳамин Кодекс истифода бурда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Тартиби соддагардонидашудаи декларатсия кардани моли ватанӣ дар сурате истифода мешавад, ки агар он ба назорати гумрукӣ мамоният накунад ва декларантро аз риояи талабот ва шартҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар бобати пурра ва саривақт пардохтани боҷҳои гумрукӣ ва андоз, риояи

мамнӯият ва маҳдудияти муқаррар намудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин риояи низоми гумрукии муайяншуда озод наннамояд.

Дар сурати аз ҷониби мақоми гумрук рад намудани истифодаи тартиби соддагардонидашудаи декларатсияи моли ватанӣ мақоми гумрук дар ин бора декларантро тибқи қисми 5 моддаи 132 ҳамин Кодекс, бо зикри шартҳое, ки барои татбиқи ин тартиб заруранд, огоҳ месозад.

3. Моле, ки тавассути хати қубур ва бо хати барқ интиқол меёбад, тибқи тартиби муайяннамудаи боби 40 ҳамин Кодекс декларатсия карда мешавад.

**Моддаи 138. Декларатсияи гумрукии муваққатии даврии моли ватанӣ**

1. Ҳангоми содироти моли ватанӣ аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нисбаташ барои барасмиятдарории гумрукӣ имконияти пешниҳоди маълумоти аниқ вуҷуд надорад, бо тартиби маъмулии тиҷорати хориҷӣ декларатсикунонии муваққатии даврии мол бо роҳи пешниҳоди декларатсияи муваққатӣ иҷозат дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Баъди баровардани моли ватанӣ аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон декларант вазифадор аст декларатсияи гумрукии пурра ва ба таври дахлдор пуркардашударо ба ҳама моли ватании дар давоми мӯҳлати муайян интиқолдодашуда пешниҳод намояд. Декларатсияи гумрукии пурра ва ба таври дахлдор пуркардашуда, дар мӯҳлати муқаррарнамудаи мақоми гумрук тибқи аризаи декларант пешниҳод карда мешавад. Ҳангоми муқаррар намудани чунин мӯҳлат, мӯҳлате, ки ба декларант ҷиҳати гирифтани маълумоти барои декларатсияи гумрукии пурра ва ба таври дахлдор пуркардашуда зарури ба инобат гирифта мешавад. Мӯҳлати ниҳоии пешниҳоди декларатсияи гумрукии пурра ва ба таври дахлдор пуркардашуда аз рӯзи дигари тамом шудани мӯҳлати баровардани моли декларатсияшуда 90 рӯзро ташкил медиҳад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

3. Мӯҳлате, ки дар тӯли он эҳтимоли баровардани моли декларатсияшавандаи ватанӣ бо истифодаи декларатсияи гумрукии муваққатӣ сурат мегирад, аз ҷониби декларант муайян карда мешавад. Ин давра нисбати моли ватание, ки таҳти андозбандии содироти қарор мегирад ё нисбат ба он мамнӯият ва маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад, наметавонад аз як моҳи тақвими зиёд бошад, вале декларатсияи гумрукии муваққатӣ дар мӯҳлати на бештар аз 15 рӯз то оғози ин давра аз ҷониби мақоми гумрук қабул карда мешавад.

4. Дар декларатсияи гумрукии муваққатӣ арзи маълумот бо назардошти нияти содироти миқдори эҳтимолии моли ватанӣ дар давоми мӯҳлати муайян, арзиши гумрукии шарти (нарх), ки тибқи нақшаи интиқоли миқдори моли ватанӣ аз сарҳади гумрукӣ, инчунин вобаста ба шартҳои пешбининамудаи аҳди фаъолияти иқтисоди хориҷӣ хусусияти истеъмолии моли ватанӣ ва тартиби муайян кардани нархи онҳо дар рӯзи пешниҳоди декларатсияи гумрукии муваққатӣ муайян мегардад, иҷозат дода мешавад.

Баровардани моли ватанӣ аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз миқдори дар декларатсияи гумрукии муваққатӣ арзшуда, ба истиснои

ҳолатҳои муқаррарнамудаи қисмҳои 1 ва 2 моддаи 122 ҳамин Кодекс, иҷозат дода намешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

5. Ҳангоми истифодаи декларатсияи гумрукии муваққати мамнӯият ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯзи аз тарафи мақоми гумрук қабул намудани ин декларатсия истифода бурда мешаванд. Меъёрҳои боҷҳои воридотӣ дар рӯзи қабули декларатсияи гумрукии муваққатӣ аз тарафи мақоми гумрук, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс, қабул карда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347).

6. Боҷҳои гумрукии содиротӣ якҷоя бо пешниҳоди декларатсияи гумрукии муваққатӣ ба мақоми гумрук супорида мешаванд. Агар маблағи пардохтшавандаи боҷҳои гумрукии содиротӣ дар натиҷаи дақиқсозии маълумоти дар қисми 4 ҳамин модда зикргардида зиёд шавад, маблағи иловагии боҷҳои гумрукии содиротӣ якҷоя бо декларатсияи гумрукии пурра ва ба таври дахлдор пуркардашуда пардохта мешавад. Дар чунин ҳолат фоизҳо ҳисоб карда намешавад. Маблағи барзиёд супорида ё барзиёд ситонидашудаи боҷҳои гумрукии содиротӣ тибқи моддаи 396 ҳамин Кодекс баргардонида мешавад (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).

Мушахассоти пардохти боҷҳои гумрукии содироти ҳангоми интиқоли мол тавассути қубур ё хати барқ мутобиқи моддаҳои 312 ва 314 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад.

7. Агар баъди гузашти 4 моҳ аз рӯзи қабули декларатсияи муваққатии гумруки моли ватанӣ аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда нашаванд, декларатсияи гумрукие, ки дар он баровардани чунин мол арз шудааст, пешниҳоднашуда ба ҳисоб меравад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

Мақоми гумрук бо дархости асосноки шахси манфиатдор мӯҳлати мазкурро тамдид мекунад, вале он набояд бештар аз 4 моҳи дигар бошад.

## БОБИ 15. БРОКЕРИ ГУМРУК (НАМОЯНДА)

### Моддаи 139. Брокери гумрук (намоянда)

1. Брокери гумрук (намоянда) шахси ҳуқуқии ватание буда метавонад, ки ба Феҳристи брокерони гумрук (намояндагон) ба қайд гирифта шудааст (моддаи 140). Корхонаи давлати наметавонад брокери гумрук (намоянда) бошад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

2. Брокери гумрук (намоянда) мувофиқи ҳамин Кодекс аз номи декларант ё шахсони манфиатдори дигар тибқи супориши онҳо амалиёти гумрукиро анҷом медиҳад.

3. Брокери гумрук (намоянда) ҳуқуқ дорад доираи фаъолияти худро бо иҷрои амалиёти гумрукӣ нисбати намудҳои муайяни мол, мувофиқи Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ё нисбати моли аз сарҳади гумрукӣ бо воситаҳои навъи муайяни нақлиёт интиқолшаванда, инчунин иҷрои амалиёти алоҳидаи гумрукӣ ё минтақаи фаъолият дар доираи минтақаи фаъолияти як (якчанд) мақоми гумрук (мақомоти гумрук) маҳдуд созад.

4. Муносибати брокери гумрук (намоянда) бо декларантҳо ва шахсони дигари манфиатдор дар асоси шартнома ба роҳ монда мешавад. Аз ҷониби

брокери гумрук (намоянда) рад намудани бастани шартнома ҳангоми мавҷудияти шартҳои қобили қабули бастани он иҷозат дода намешавад.

**Моддаи 140. Шартҳои дохил намудан ба Феҳристи брокерони гумрук (намояндагон)**

(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906)

Шартҳои дохил намудан ба Феҳристи брокерони гумрук (намояндагон) аз инҳо иборатанд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):

1) мавҷудияти на камтар аз ду мутахассиси барасмиятдарии гумрукии дорои шаҳодатномаи тахассуси дар штати дархосткунанда (моддаи 146);

2) мавҷудияти сармояи ибтидоии оинномавии (ҷамъшавандаи) пурра ташаккулёфта, фонди оинномавӣ ё аъзоҳаққии дархосткунанда;

3) таъмини пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз мутобиқи моддаи 384 ҳамин Кодекс;

4) мавҷудияти шартномаи суғуртаи хавфи маъсулияти шаҳрвандии худ, ки мумкин аст бар асари расонидани зарар ба молу мулки шахсони муаррифишаванда ё вайрон шудани шартномаҳо бо ин шахсон ба миён ояд. Маблағи суғурта наметавонад аз андозаи 6000 - нишондиҳанда барои ҳисобҳо камтар бошад (Конун аз 06.10.2008с. № 437).

**Моддаи 141. Ариза дар хусуси дохил намудан ба Феҳристи брокерони гумрук (намояндагон)**

(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906)

1. Шахс ба Феҳристи брокерони гумрук (намояндагон) дар асоси ариза, ки ҷавобгӯи талаботи муқаррарнамудаи моддаҳои 139 ва 140 ҳамин Кодекс мебошад, дохил карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

2. Ариза дар хусуси дохил намудан ба Феҳристи брокерони гумрук (намояндагон) бояд инҳоро дар бар гирад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):

1) муроҷиат ба мақоми гумрук бо хоҳиши дохил намудан ба Феҳристи брокерони гумрук (намояндагон) (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906);

2) маълумот дар бораи номгӯй, шакли ташкилию ҳуқуқӣ, маҳали ҷойгиршавӣ, оид ба суратҳисобҳои бонкии кушодаи аризадиҳанда, инчунин маълумот дар бораи номгӯй ва маҳали ҷойгиршавии воҳидҳои сохторҳои хоси он, ки тавассути он аризадиҳанда ба сифати брокери гумрук (намоянда) дар рӯзи додани ариза мехоҳад фаъолият кунад;

3) маълумот дар бораи андозаи сармояи оинномавии (ҷамъшавандаи) супоридашуда ё саҳмҳои аъзоҳаққии аризадиҳанда;

4) маълумот дар бораи нияти маҳдуд кардани соҳаи фаъолияти худ ба амалиёти гумруки нисбати моли алоҳида мувофиқи Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ё нисбати моле, ки тавассути воситаи нақлиёти алоҳида дар ҳудуди гумрукӣ интиқол дода мешаванд, инчунин анҷом додани амалиёти алоҳидаи гумрукӣ ё минтақаи фаъолият дар доираи минтақаи фаъолияти як (якчанд) мақоми гумрук (мақомоти гумрук) ё иҷрои фаъолияти худ бе чунин маҳдудият (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

5) маълумот дар бораи мавҷуд будани мутахассисони барасмиятдарории гумрукӣ дар штати аризадиҳанда дар рӯзи пешниҳоди ариза;

6) маълумот дар бораи таъмини супурдани пардохтҳои гумрукӣ мутобиқи моддаи 384 ҳамин Кодекс;
7) маълумот оид ба шартномаи (шартномаҳои) суғуртаи хавфи масъулияти шаҳрвандии аризадиҳанда.
3. Ба аризаи дохил намудан ба Феҳристи брокерони гумрук (намояндагон) ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи маълумоти зерин пешниҳод карда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):
1) шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ;
2) шаҳодатномаҳои тахассусии мутахассисони барасмиятдарории гумрукие, ки кормандони аризадиҳанда мебошанд;
3) ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи таъмини супурдани пардохтҳои гумрукӣ мутобиқи моддаи 384 ҳамин Кодекс,
4) тасдиқномаи бонкҳо дар бораи дар онҳо кушода шудани суратҳисобҳо;
5) шартномаи (полиси) суғурта (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).

**Моддаи 142. Шаҳодатнома дар хусуси дохил намудан ба Феҳристи брокерони гумрук (намояндагон)**

(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906)

1. Шаҳодатнома дар хусуси дохил намудани ба Феҳристи брокерони гумрук (намояндагон) инҳоро дар бар мегирад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):
1) номи брокери (намояндаи) гумрук, зикри шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва маҳали ҷойгиршавӣ, воҳидҳои сохтории хоси он, ки вазифаҳои брокери гумрукро анҷом медиҳанд;
2) маълумот дар бораи ҳаҷм ва шакли таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ мутобиқи моддаи 384 ҳамин Кодекс;
3) маълумот дар бораи маҳдудият гардонидани соҳаи фаъолияти брокерони гумрук (намояндагон), агар онҳо муаяйн шуда бошанд.
2. Шаҳодатнома дар хусуси дохил намудан ба Феҳристи брокерони гумрук (намояндагон) дар муддати панҷ сол эътибор дорад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

**Моддаи 143. Ҳуқуқҳои брокери гумрук (намоянда)**

1. Ҳангоми анҷом додани амалиёти гумрукӣ брокери гумрук (намоянда) дорои ҳамон ҳуқуқест, ки шахси брокери гумрук (намоянда)ро ҷиҳати намояндагии манфиатҳои худ дар муносибат бо мақомоти гумрук ваколатдорнамуда доро мебошад.
2. Брокери гумрук (намоянда) ҳуқуқ дорад дар назди мақомоти гумрук барои иҷрои ӯҳдадориҳои супурдани пардохтҳои гумрукӣ аз ҷониби шахсе, ки ӯро намояндагӣ мекунад, ба сифати зомин баромад намояд, агар тибқи ҳамин Кодекс пешниҳоди таъмини пардохти онҳо талаб карда шавад (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).
3. Брокери гумрук ҳуқуқ дорад аз номи шахсе, ки ӯро намояндаги мекунад, пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва маълумоти заруриро барои мақсади гумрукӣ, аз ҷумла дорои маълумоти сирри тиҷоратӣ, бонкӣ, дигар маълумоти қонунан ҳифзшаванда, дигар маълумоти махфиро талаб намояд ва чунин ҳуҷҷати маълумотро дар мӯҳлате, ки риояи талаботи ҳамин Кодексро таъмин менамояд, дастрас кунад.

4. Ҳангоми бастани шартнома бо шахсе, ки ӯро намояндаги мекунад, брокери гумрук (намоянда) ҳуқуқ дорад:
1) барои гурӯҳҳои алоҳидаи шахсоне, ки ӯро намояндаги мекунанд, нисбати нархҳои муқарраршуда таҳфиф (скидка) ва дигар имтиёзҳо пешниҳод намояд;
2) ба сифати шартҳои имзои шартнома бо шахсе, ки ӯро намояндаги мекунад, талаби таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои ин шахсро тибқи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намояд.

**Моддаи 144. Вазифаҳо ва масъулияти брокери гумрук (намоянда)**

1. Вазифаҳои брокери гумрук (намоянда) ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ тибқи талабот ва шартҳои нисбати амалҳои гумрукии барои ҷой додани мол таҳти низоми гумрукии зарурӣ ё расмиёти дигари гумрукӣ муқарраргардидаи ҳамин Кодекс муайян шудааст. Далели анҷом додани чунин амалҳо ба зиммаи брокери гумрук ӯҳдадории иҷрои амалҳои марбут ба анҷоми амали низоми гумрукӣ, инчунин дигар ӯҳдадориҳоеро, ки тибқи ҳамин Кодекс танҳо ба зиммаи шахси дар моддаи 15 ҳамин Кодекс зикршуда, интиқолдиҳанда ё шахси дигар гузошта шудааст, намегузорад.
2. Брокери гумрук (намоянда) боҷҳои гумрукӣ ва андозро мепардозад, агар мазмуни низоми гумрукии барои декларатсияи мол муайян гардида пардохти онҳоро пешбинӣ карда бошад. Барои супоридани боҷҳои гумрукӣ ва андоз, ки бояд тибқи ҳамин Кодекс ҳангоми декларатсияи мол пардохта шавад, брокери гумрук (намоянда) дорои ҳамон масъулияте мебошад, ки декларант ба зимма дорад.
3. Маълумоти аз шахсони намояндагишаванда дастрасшуда, ки дорои сирри бонкӣ, тиҷоратӣ ва дигар сирри қонунан ҳифзшаванда ё дигар маълумоти махфӣ мебошанд, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ифшо карда нашаванд ё аз ҷониби брокери гумрук (намоянда) ва кормандони он барои мақсадҳои шахсӣ, додан ба шахси дигар истифода бурда нашаванд.
4. Брокери гумрук (намоянда) вазифадор аст баҳисобгирии молҳоеро, ки нисбати онҳо амалиёти гумрукӣ мегузаронад, анҷом диҳад ва ба мақомоти гумрук дар бораи амалиёти гумрукии гузаронидашуда ҳисобот пешниҳод намояд (моддаи 405).
5. Брокери гумрук (намоянда) вазифадор аст бо талаби мақоми гумрук нусхаи электронии декларатсияи гумрукиро пешниҳод намояд.
6. Ӯҳдадори ва масъулияти брокери гумрук (намоянда) дар назди мақомоти гумрук наметавонад дар асоси шартномаи брокери гумрук (намоянда) бо шахси намояндагишаванда маҳдуд гардад.

**Моддаи 145. Бозхондани шаҳодатнома дар хусуси дохил намудан ба Феҳристи брокерони гумрук (намояндагон)**

(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906)

Шаҳодатнома дар хусуси дохил намудан ба Феҳристи брокерони гумрук (намояндагон) дар ҳолатҳои зерин аз тарафи мақоми гумрук бозхонда мешавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):

1) аз ҷониби брокерони гумрук (намояндагон) риоя нашудани ҳатто яке аз талаботи дохил намудан ба Феҳристи брокерони гумрук (намоянда), ки моддаи 140 ҳамин Кодекс муқаррар кардааст (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906);
2) аз сабаби иҷро накардани вазифаҳо ҷалби чандинкаратаи брокери гумрук (намоянда) ба ҷавобгарии маъмури барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ.

**Моддаи 146. Мутахассиси барасмиятдарории гумрукӣ**

1. Мутахассиси барасмиятдарории гумрукӣ шахси воқеие мебошад, ки ҷавобгӯи талаботи тахассуси муқаррарнамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ буда, дорои шаҳодатномаи тахассусии мутахассиси барасмиятдарории гумрукӣ мебошад.
2. Мутахассиси барасмиятдарории гумрукӣ фаъолияти худро ба сифати корманди брокери гумрук (намоянда) анҷом медиҳад.

**Моддаи 147. Аттестатсияи мувофиқат ба талаботи тахассусӣ (квалификатсионӣ)**

1. Аттестатсияи мувофиқат ба талаботи тахассуси (минбаъд-аттестатсия) - санҷиши тахассусии шахси воқеӣ мебошад, ки барои гирифтани шаҳодатномаи тахассусии мутахассиси барасмиятдарории гумрукӣ довталаб аст. Аттестатсия дар шакли имтиҳони тахассуси гузаронида мешавад. Ба шахсоне, ки бомувафаққият имтиҳони тахассусиро месупоранд, шаҳодатномаи тахассусии мутахассиси барасмиятдарории гумрукӣ дода мешавад. Шаҳодатномаи тахассусии мутахассиси барасмиятдарории гумрукӣ бо мӯҳлати амал маҳдуд карда намешавад.
2. Талабот нисбат ба довталабон барои гирифтани шаҳодатномаи тахассусии мутахассиси барасмиятдарории гумрукӣ, тартиби гузаронидани аттестатсия, номгӯи ҳуҷҷатҳое, ки ҳамзамон бо ариза дар бораи иҷозати гузаштан аз аттестатсия супорида мешаванд, барномаҳои таълими тахассусӣ ва тартиби супоридани имтиҳони тахассусиро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян менамояд. Барои супоридани имтиҳонҳои тахассусӣ ҳамаи шахсоне, ки ҷавобгӯи талаботи барои довталабон муқарраргардида мебошанд, сарфи назар аз тайёрии тахассусии онҳо барои супоридани имтиҳонҳои тахассусӣ иҷозат дода мешаванд. Имтиҳони тахассусиро мақомоти гумруке қабул мекунанд, ки аз ҷониби мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян гардидаанд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).
3. Ҳар як мутахассиси барасмиятдарории гумрукӣ вазифадор аст дар ҳар ду соли баъди соли гирифтани шаҳодатномаи тахассусии мутахассиси барасмиятдарории гумрукӣ, тибқи барномаи такмили дараҷаи тахассусӣ, ки мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ дар ҳаҷми 40 соати академи тасдиқ кардааст, бо таълим фаро гирифта шавад. Таълим оид ба барномаҳои баланд бардоштани тахассус аз ҷониби шахсоне анҷом дода мешавад, ки барои пешбурди фаъолияти таълими дорои иҷозатнома мебошанд (Қонуни ҶТ 28.12.2012 № 906).

**Моддаи 148. Тартиби бекор кардан, бозхондан ва боздоштани амали шаҳодатномаи тахассусии мутахассиси барасмиятдарории гумрукӣ**
(Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 № 1298)
Тартиби бекор кардан, бозхондан ва боздоштани амали шаҳодатномаи тахассусии мутахассиси барасмиятдарории гумрукӣ аз ҷониби мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 № 1298).

**БОБИ 16. ИҶОЗАТИ МОЛ**

**Моддаи 149. Асосҳо барои иҷозати мол**

1. Иҷозати мол аз ҷониби мақомоти гумрук дар мӯҳлати пешбининамудаи моддаи 152 ҳамин Кодекс бо риояи шартҳои зерин анҷом дода мешавад:
1) агар ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ ва тафтиши мол аз ҷониби мақомоти гумрук вайронкунии қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор нашуда бошад, ба истисноии ҳолатҳое, ки вайронкуниҳои ошкоршудаи барои оғози парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ асоснабуда, бартараф шуда бошанд ва моли таҳти вайронкуни қарордошта набояд ситонида ё мусодира гардад, наметавонанд минбаъд ба сифати далели шайъи мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб карда шавад;
2) агар ба мақоми гумрук ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи риояи маҳдудиятҳои муқарраркардаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳод шуда бошанд, ба истисноии ҳолатҳое, ки ҳамин ҳуҷҷатҳо мумкин аст баъди иҷозати мол пешниҳод карда шаванд (Қонуни ҶТ 28.12.2012 № 906);
3) агар аз ҷониби декларант талабот ва шартҳои зарурӣ барои ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукии интихобгардида ё истифодаи расмиёти дахлдор тибқи ҳамин Кодекс риоя гардида бошанд;
4) агар боҷҳои гумрукӣ ва андози мол пардохта шуда бошанд ё таъмини супоридани пардохти онҳо мувофиқи боби 46 ҳамин Кодекс пешниҳод шуда бошанд.
2. Иҷозати моли ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида ба муомилоти озод бо шарти ворид гардидани маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андоз ба буҷет анҷом дода мешавад. Ҳангоми ворид нагардидани маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо ба буҷет мол шартан иҷозатдодашуда ҳисобида мешавад. Бо талаби шахсе, ки боҷҳои гумрукӣ ва андозро пардохтааст, мақоми давлатии ваколатдори соҳаи молия дар бораи ба буҷет ворид шудани маблағ маълумот пешниҳод менамояд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
Мақоми давлатии ваколатдори соҳаи молия дар бораи ба буҷет гузаронидани маблағ ба мақоми гумрук бояд фавран маълумот пешниҳод намояд, аз ҷумла тавассути мубодилаи электронӣ.
3. Иҷозати мол метавонад мувофиқи моддаи 441 ҳамин Кодекс боздошта шавад.
4. Рухсати ҷойгир намудани моли ватании аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон содиршавандаро таҳти низоми гумрукӣ мақомоти гумрук вобаста ба иҷозати мол медиҳад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 150. Иҷозати мол то пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ**

1. Ҳангоми ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани моли дар моддаи 67 ҳамин Кодекс зикршуда, инчунин ҳангоми истифодаи расмиёти махсуси соддагардонидашудаи барасмиятдарории гумрукӣ тибқи моддаи 68(4) ҳамин Кодекс, иҷозати мол то лаҳзаи пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ имконпазир аст, ба шарте агар декларант ҳуҷҷатҳо ё дигар санадҳои тиҷоратиро, ки дорои маълумоти барои ҳаммонандсозии мол истифодашаванда мебошанд, инчунин ҳуҷҷатҳо ва маълумоти тасдиққунандаи риояи маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод карда бошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки чунин ҳуҷҷатҳо ва маълумот баъди қабули қарори иҷозати мол пешниҳод гардида, пардохтҳои гумрукӣ ё супоридани онҳо мувофиқи тартиби муайяннамудаи боби 46 ҳамин Кодекс таъмин карда шавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Иҷозати мол то пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ иҷозат дода мешавад, агар декларант дар бораи аз ҷониби вай пешниҳод кардани декларатсияи гумрукӣ, ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва маълумот дар мӯҳлати муқаррарнамудаи мақоми гумрук, ки наметавонад аз 45 рӯзи баъди иҷозати мол ё мӯҳлати дигари барои пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва маълумоти алоҳида муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс бештар бошад, ӯҳдадории хаттӣ пешниҳод намояд.

3. Ҳангоми иҷозати мол то пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ меъёрҳои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз, таносуби қурби асъори хориҷӣ, маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар рӯзи иҷозати моли мазкур амал мекунанд, истифода бурда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347).

**Моддаи 151. Иҷозати шартӣ**

1. Иҷозати шартии мол дар ҳолатҳои зайл анҷом дода мешавад, ки:

1) агар имтиёзҳои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои маҳдудиятҳо оид ба истифодабарӣ ва ихтиёрдории мол бошанд;

2) агар мол таҳти низоми гумрукии анбори гумрукӣ, анбори озод, минтақаи озоди гумрукӣ, савдои бебоҷ коркарди мол дар ҳудуди гумрукӣ, коркарди мол барои муомилоти озод, воридоти муваққатӣ, реэкспорт, транзити гумрукии байналмилалӣ, нобудкунӣ, инчунин таҳти низомҳои махсус, ки нисбати моли ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда истифода мегарданд, ҷойгир шуда бошанд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

3) агар иҷозати мол бе пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва маълумоти тасдиққунандаи риояи маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуда бошад;

2. Моли шартан иҷозатдодашуда, ки нисбати он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз имтиёз фароҳам оварда шудааст, метавонад танҳо барои мақсадҳое истифода шавад, ки ба шартҳои фароҳам овардани имтиёз мутобиқ аст.

Ба шахси сеюм додани моле, ки мақомоти гумрук онро бе пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи риояи маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат додаанд, аз ҷумла бо роҳи фурӯш ё бегона кардан бо дигар усулҳо ва дар ҳолатҳое, ки маҳдудият ба воридоти моли номбаршуда бо сабаби санҷиши сифат ва бехатарии ин мол муқаррар шудааст, иҷозати он барои истифода (кор фармудан, истеъмол) дар ҳама шаклҳо манъ аст.

3. Моли шартан иҷозатдодашуда дорои статуси моли хориҷӣ буда, таҳти назорати гумруки қарор мегирад.

4. Моли барои муомилоти озод арзшуда шартан иҷозатдодашуда ба ҳисоб меравад, агар нисбати он батаъхиргузорӣ ё тамдиди мӯҳлати пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз фароҳам оварда шуда бошад ё агар ба буҷет маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андоз ворид нашуда бошад.

**Моддаи 152. Мӯҳлати иҷозати мол**

1. Мақомоти гумрук иҷозати молро тибқи моддаи 149 ҳамин Кодекс дар давоми 2 рӯзи кори аз лаҳзаи қабули декларатсияи гумрукӣ, пешниҳоди дигар ҳуҷҷатҳо ва маълумоти зарурӣ, инчунин пешниҳоди мол ба мақомоти гумрук анҷом медиҳанд, ба истисноi ҳолати тамдиди мӯҳлати гузаронидани санҷиши мол тибқи қисми 2 моддаи 400 ҳамин Кодекс.

2. Ҳангоми истифодаи декларатсияи пешакӣ (моддаи 130) иҷозати мол баъди пешниҳод шуданаш ба мақоми гумрук анҷом дода мешавад.

**Моддаи 153. Шартҳои иловагии иҷозати мол**

1. Ҳангоми аз ҷониби мақоми гумрук дар рафти тафтиши декларатсияи гумрукӣ, дигар ҳуҷҷатҳои ҳангоми декларатсияи мол пешниҳодшуда ва декларатсияшаванда ошкор намудани риоя накардани шартҳои иҷозати пешбининамудаи моддаи 149 ҳамин Кодекс иҷозати мол дода намешавад.

Мақоми гумрук бетаъхир декларантро огоҳ менамояд, ки маҳз кадом шартҳои иҷозати мол риоя нашудааст, декларант бояд маҳз кадом амалеро анҷом диҳад, ки барои риояи шартҳои иҷозати мол мутобиқи муқаррароти ҳамин модда заруранд.

2. Агар мақоми гумрук ошкор намояд, ки ҳангоми декларатсияи мол маълумоти носаҳеҳ пешниҳод шудаанд, ки ба андозаи пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз тибқи ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс таъсир мерасонанд, мақоми гумрук ба декларант бетаъхир оид ба тасҳеҳи ин маълумот ва аз нав ҳисоби кардани андозаи пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз талабнома мефиристад. Дар талабномаи мақоми гумрук бояд зикр гардад, ки маҳз кадом маълумоти зарурӣ барои иҷозати мол бояд тасҳеҳ карда шавад.

3. Дар сурати аз ҷониби мақоми гумрук ошкор намудани нишонаҳои гувоҳидиҳандаи он, ки маълумоти ҳангоми декларатсияи мол арзшуда, ки ба андозаи пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз таъсир мерасонанд, метавонанд носаҳеҳ бошанд ё маълумоти арзшуда ба таври дахлдор тасдиқ нашудаанд, мақоми гумрук тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс бо ҳама гуна усули пешбининамудаи ҳамин Кодекс санҷиши иловагӣ мегузаронад.

Иҷозати мол аз ҷониби мақоми гумрук ба шарти таъмини пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз, ки ба таври иловагӣ оид ба натиҷаи чунин санҷиш ҳисоб карда мешаванд, амалӣ мегардад. Мақоми гумрук ба декларант дар шакли хаттӣ оид ба ҳаҷми зарурии таъмини пардохти гумрукӣ маълумот медиҳад.
4. Агар мақоми гумрук ошкор намояд, ки ҳангоми декларатсияи мол маълумоти носаҳеҳ арз шудааст, ки барои нисбати мол истифода бурдани мамнӯият ва маҳдудияти муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд, дар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс мақоми гумрук ба декларант барои тасҳеҳи чунин маълумот ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳо барои тасдиқи риояи маҳдудиятҳои дахлдор талабнома пешниҳод менамояд. Дар талабномаи мақоми гумрук бояд зикр гардад, ки маҳз кадом маълумотро барои муомилоти озод бояд тасҳеҳ кард ва маҳз кадом ҳуҷҷати тасдиққунандаи риояи маҳдудияти дахлдор бояд пешниҳод карда шавад.
5. Дар сурати аз ҷониби мақоми гумрук ошкор намудани нишонаҳои гувоҳидиҳандаи он, ки маълумоти ҳангоми декларатсияи мол арзгардида барои истифодаи мамнӯият ё маҳдудияти нисбати мол муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд, метавонанд носаҳеҳ бошанд ё маълумоти арзшуда ба таври дахлдор тасдиқ нашудааст, мақоми гумрук тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс бо ҳама гуна усули пешбининамудаи ҳамин Кодекс санҷиши иловагӣ мегузаронад.
Иҷозати молро мақоми гумрук ба шарти аз ҷониби декларант пешниҳод шудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи риояи маҳдудияти дахлдор анҷом медиҳад. Мақоми гумрук дар шакли хаттӣ ба декларант хабар медиҳад, ки барои ин маҳз кадом ҳуҷҷатҳо бояд пешниҳод карда шаванд.
6. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисмҳои 2 ва 4 ҳамин модда иҷозати мол дар рӯзи дигари аз ҷониби декларант иҷро шудани талаботи мақоми гумрук ва пардохти маблағи дахлдори боҷҳои гумрукӣ ва андоз анҷом дода мешавад, агар чунин пардохти иловагӣ талаб карда шавад, ба истисноии ҳолатҳое, ки мол ситонида ё тибқи қонунгузории ҷиноятию мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ҳабс гирифта шуда бошад.
Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисмҳои 3 ва 5 ҳамин модда иҷозати мол дар рӯзи дигари пешниҳоди таъмини пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ё аз лаҳзаи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи риояи маҳдудиятҳои дахлдор анҷом дода мешавад.
Агар дар натиҷаи тасҳеҳи маълумоти ҳангоми барасмиятдарории мол арзшуда маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андози барои пардохт муайяншуда нисбати маблағи арзнамудаи декларант барои иҷозати мол камтар бошад, иҷозат додани ин мол то иҷрои талаботи дар қисмҳои 2 ва 3 ҳамин модда зикргардида сурат мегирад.
7. Амалҳои пешбининамудаи ҳамин модда бояд аз ҷониби декларант дар доираи мӯҳлатҳои нигаҳдории муваққатии муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс анҷом дода шавад.

**Моддаи 154. Иҷозати мол ҳангоми кушодани парвандаи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ**

Ҳангоми кушодани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ иҷозати мол метавонад тибқи моддаи 153 ҳамин Кодекс бо қарори сардори мақоми гумрук, ки шахси мансабдори он парвандаро оғоз намудааст, то хатми баррасии парванда анҷом дода шавад, агар мол ба сифати далели шайъи ситонида ё мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ба ҳабс гирифта нашуда бошад, ба шарти пешниҳод намудани таъмини пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ба маблағи пардохтшавандаи пардохтҳои гумрукӣ, фоизҳо ва ҷаримаҳо (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).

## ЗЕРФАСЛИ 2. НИЗОМИ ГУМРУКӢ

## БОБИ 17. МУҚАРРАРОТИ УМУМИИ МАРБУТ БА НИЗОМИ ГУМРУКӢ

**Моддаи 155. Намудҳои низоми гумрукӣ**

Бо мақсади татбиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими гумрукӣ нисбати мол намудҳои зерини низоми гумруки муқаррар карда мешаванд:

1) иҷозат барои муомилоти озод;
2) содирот;
3) транзити гумрукии байналмилалӣ;
4) коркард дар ҳудуди гумрукӣ (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
5) коркард барои муомилоти озод;
6) коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
7) воридоти муваққатӣ;
8) анбори гумрукӣ;
9) реимпорт;
10) реэкспорт;
11) нобудкунӣ;
12) даст кашидан ба манфиати давлат;
13) содироти муваққатӣ;
14) савдои бебоҷ;
15) минтақаи озоди гумрукӣ;
16) анбори озод;
17) интиқоли захираҳо;
18) низомҳои гумрукии махсус.

**Моддаи 156. Интихоб ва тағйир додани низоми гумрукӣ**

1. Воридоти мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва содироти он аз ин ҳудуд шахсро вазифадор менамояд, ки молро таҳти яке аз низоми гумрукии муқаррарнамудаи ҳамин зерфасл ҷойгир кунад ва ин низоми гумрукиро риоя намояд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Шахс ҳуқуқ дорад, ки мувофиқи ҳамин Кодекс ҳар навъи низоми гумрукиро дар доираи мӯҳлати барои ҳар низом муқаррargардида интихоб намояд ё низоми онро тағйир диҳад.

**Моддаи 157. Ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукӣ**

1. Ҷойгир намудани мол тахти низоми гумруки аз ҷониби мақоми гумрук мувофиқи ҳамин Кодекс иҷозат дода мешавад.
2. Ҳангоми аз ҷониби шахс риоя кардани низоми гумрукии арзшуда ва шартҳои иҷозати мол (моддаи 149) мақоми гумрук вазифадор аст барои таҳти низоми гумрукии арзшуда ҷойгир намудани мол иҷозат диҳад.
3. Рӯзи ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукӣ рӯзи иҷозати мол аз ҷониби мақоми гумрук ҳисоб мешавад.

**Моддаи 158. Риояи мамнӯият ва маҳдудиятҳо ҳангоми таҳти низоми гумруки ҷойгир намудани мол**

Мамнӯият ва маҳдудиятҳоеро, ки дорои хусусияти иқтисоди намебошанд ва мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд, шахсон вазифадоранд сарфи назар аз низоми гумрукии арзшуда, риоя намоянд.

**Моддаи 159. Ҳуҷҷатҳо ва маълумоти тасдиққунандаи риояи низоми гумрукӣ**

1. Барои таҳти низоми гумрукӣ ҷойгир намудани мол ба мақомоти гумрук танҳо ҳуҷҷату маълумоте пешниҳод карда мешаванд, ки риояи шартҳои таҳти низоми гумрукӣ ҷойгир намудани молро мувофиқи ҳамин зерфасл тасдиқ менамоянд.
2. Мақоми гумрук ҳуқуқ дорад танҳо ҳуҷҷату маълумотеро талаб намояд, ки барои тасдиқи риояи шартҳои нигаҳдории мол таҳти низоми гумрукии арзшуда ва риояи ин низоми гумрукӣ мувофиқи ҳамин Кодекс заруранд.

**Моддаи 160. Кафолати риояи низоми гумрукӣ**

Ҳангоми додани иҷозат барои ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукӣ, ки мундариҷаи он пурра ё қисман озод намудан аз боҷҳои гумрукӣ ва андоз ё баргардонидани маблағи пардохтшуда ва (ё) истифода набурдани мамнӯият ва маҳдудияти дорои хусусияти иқтисодии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбини менамояд, мақоми гумрук ҳуқуқ дорад пешниҳоди таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ (боби 46), пешниҳоди ӯҳдадорӣ оид ба содироти бозпаси моли муваққатан воридгардида ва дигар кафолатҳои иҷрои ӯҳдадориҳои муқаррарнамудаи ҳамин зерфаслро талаб намояд.

**Моддаи 161. Ӯҳдадориҳои тасдиқи риояи шартҳои нигаҳдории мол таҳти низоми гумрукӣ**

Ӯҳдадории тасдиқи риояи шартҳои нигаҳдории мол таҳти низоми гумрукии арзшуда, ки мазмуни он пардохти қисман ё пурраи боҷҳои гумрукӣ ва андоз ё баргардонидани маблағи пардохтшуда ва (ё) истифода набурдани мамнӯият ва маҳдудияти дорои хусусияти иқтисодии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбинӣ менамояд, ба зиммаи декларант гузошта мешавад.

**Моддаи 161(1). Масъулият барои риоя накардани шарту талаботи низоми гумрукӣ**

(Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845)

1. Масъулият барои риоя накардани шарту талаботи низоми гумрукӣ ба зиммаи шахсоне, ки ҳамин Кодекс муайян намудааст, гузошта мешавад.

2. Шахсон барои риоя накардани шарту талаботи низоми гумрукӣ нисбат ба мол ё маҳсули коркарди он, ки таҳти назорати гумрукӣ қарор доранд, дар ҳолатҳои зерин масъулият надоранд:
- нобудшавӣ, осебпазирӣ, вайроншавӣ ё талафи бебозгашти онҳо дар натиҷаи садама ё таъсири қувваи рафънопазир;
- тағйирёбии теъдод ё ҳолати онҳо дар натиҷаи фарсудашавии табиӣ, талафоташон дар шароити мӯътадили интиқол, нигаҳдорӣ ва истифода (эксплуататсия), агар амалиётҳои мазкур дар доираи низоми гумрукии интихобшуда амалӣ шаванд;
- аз соҳибии шахси ваколатдор бо қарор ё дар натиҷаи амалҳои мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё давлатҳои хориҷӣ соқит шудани онҳо.
3. Ӯҳдадории тасдиқ намудани ҳолатҳое, ки боиси талафот, осебпазирии молҳо, тағйирёбии теъдод ва ҳолати онҳо шудаанд, ба зиммаи шахсоне, ки барои риояи низоми гумрукӣ масъуланд, вогузор мегардад. Ҳолатҳое, ки дар ҳудуди давлатҳои хориҷӣ рух додаанд, аз ҷониби консулгарии дар хориҷа будаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоти салоҳиятдори давлате, ки дар ҳудудаш ҳолатҳои зикршуда рух додаанд, тасдиқ карда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845, аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 162. Оқибати ситонидани мол аз рӯи парвандаи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ**

1. Дар сурати ситонидани моли таҳти низоми гумруки ҷойгиршуда оид ба парвандаи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ амали низоми гумрукӣ нисбати ин мол бoздошта мешавад.
2. Агар қарори эътибори қонуни пайдокарда оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ мусодираи моли таҳти низоми гумрукӣ ҷойгиршударо пешбинӣ накарда бошад, амали низоми гумрукӣ нисбати ин мол барқарор карда мешавад.
Ҳангоми барқарор намудани амали низоми гумрукӣ фоизҳо, ки ҳисоб кардан ва пардохтани онҳо тибқи ҳамин зерфасл пешбинӣ гардидаанд, барои давраи боздоштани амали низоми гумрукӣ ҳисоб карда ва пардохта намешаванд.
3. Агар ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудани шахс ба риоя накардани низоми гумрукӣ вобаста бошад ва риоя накардани он боиси имконнопазирии истифодаи минбаъдаи ҳамин низоми гумрукӣ гардад, низоми гумрукӣ бояд мутобиқи зерфасли мазкур дар давоми 15 рӯзи баъди эътибор пайдо кардани қарори дахлдор оид ба парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, анҷом дода шавад.

## БОБИ 18. ИҶОЗАТ БАРОИ МУОМИЛОТИ ОЗОД

**Моддаи 163. Мазмуни низоми гумрукии иҷозат барои муомилоти озод**

Иҷозат барои муомилоти озод низоми гумрукие мебошад, ки мувофиқи он моли хориҷӣ бе маҳдудият барои истифода ва истеъмол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 164. Шартҳои ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукии иҷозат барои муомилоти озод**

1. Иҷозати мол барои муомилоти озод бо шартҳои зайл анҷом дода мешавад:
1) пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз;
2) риояи маҳдудиятҳое, ки хусусияти иқтисоди надоранд ва мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд;
3) иҷрои талаботи дигари пешбининамудаи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
4) анҷоми барасмиятдарории гумрукӣ.
2. Дар сурати риоя накардани шартҳои зикргардида мол мувофиқи моддаи 151 ҳамин Кодекс шартан иҷозат дода мешавад.

## БОБИ 19. СОДИРОТ

### Моддаи 165. Мазмуни низоми гумрукии содирот

Содирот низоми гумрукие мебошад, ки мувофиқи он моли ватанӣ аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бе маҳдудият барои истифода ва истеъмол берун аз ин ҳудуд содир карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

### Моддаи 166. Шартҳои ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукии содирот

1. Содироти мол ба шарти пардохти боҷи гумрукии содиротӣ бо тартиби пешбининамудаи ҳамин Кодекс ва риояи маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.
2. Ҳангоми содироти мол озод кардан аз пардохт, баргардонидан ё ҷуброни андозҳои дохили мутобиқи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

## БОБИ 20. ТРАНЗИТИ ГУМРУКИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

### Моддаи 167. Мазмуни низоми гумрукии транзити гумрукии байналмилалӣ

Транзити гумрукии байналмилалӣ низоми гумрукие мебошад, ки мувофиқи он моли хориҷӣ дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти назорати гумрукӣ байни ҷойи расидани онҳо ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷойи баровардани онҳо аз ин ҳудуд (агар ин як қисми роҳе бошад, ки берун аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз мегардад ва хотима меёбад) бидуни пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз, инчунин бидуни истифодаи мамнӯият ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

### Моддаи 168. Шартҳои ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукии транзити гумрукии байналмилалӣ

1. Таҳти низоми гумрукии транзити гумрукии байналмилалӣ ҳама гуна моли хориҷиро ҷойгир намудан мумкин аст, ба истисноии моле, ки транзиташ мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст.
2. Мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд шартҳои иловагии таҳти низоми гумрукии транзити гумрукии байналмилалӣ ҷойгир намудани мол муқаррар карда шаванд.

**Моддаи 169. Нисбати қоидаҳои транзити гумрукии байналмилали истифода бурдани қоидаҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс оид ба транзити дохилии гумрукӣ**

1. Ҳангоми транзити гумрукии байналмилалӣ тартиби додани иҷозат аз ҷониби мақоми гумрук барои транзити гумрукии байналмилалӣ ва муайян намудани мӯҳлати транзити гумрукии байналмилалӣ, ҳаммонандсозии мол ва чораҳои таъмини қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қоидаҳои муқаррарнамудаи моддаҳои 80 - 86 ҳамин Кодекс нисбати транзити дохилии гумрукӣ ва нисбати транзити гумрукии байналмилалӣ татбиқшаванда анҷом дода мешавад.

2. Нисбати ҳуқуқ, ӯҳдадори ва масъулияти интиқолдиҳанда ё экспедитор ҳангоми транзити гумрукии байналмилалӣ муқаррароти пешбининамудаи қисмҳои 1 ва 2 моддаи 88, инчунин моддаҳои 90 ва 91 ҳамин Кодекс татбиқ карда мешавад.

**Моддаи 170. Азнавборкунии моли транзитӣ ва дигар амалиёт нисбати моли транзитӣ**

1. Аз нав бор кардани моли транзитӣ аз нақлиёте, ки тавассути он мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидааст, ба нақлиёте, ки мол аз ин ҳудуд бароварда мешавад, танҳо бо иҷозати мақоми гумруке анҷом дода мешавад, ки дар минтақаи фаъолияти он чунин амалиёти моли сурат мегирад. Агар моли транзитӣ ба нақлиёти дигар бе кандани тамға ва мӯҳрҳои гузошташудаи гумрукӣ бор карда шаванд, чунин азнавборкунӣ бо огоҳонидани пешакии мақоми гумрук иҷозат дода мешавад. Тартиби огоҳониданро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян менамояд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845, аз 30.05.2017 № 1421).

2. Ба анбор ҷойгир кардани (нигаҳдорӣ, ба қисмҳо ҷудо намудан, ҷамъ намудани партияҳои зиёди мол ва дигар чунин амалиёт) моли транзитӣ дар минтақаи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо риояи талабот ва шартҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс иҷозат дода мешавад.

3. Нисбати моли транзити иҷрои амалиёте, ки дар қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда пешбинӣ нашудаанд, танҳо ҳангоме иҷозат дода мешавад, ки агар он вобаста ба хатари воқеии нобудшавӣ, гумшавӣ, тамоман талафшавӣ ё бениҳоят вайроншавии мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт анҷом дода шавад.

**Моддаи 171. Анҷоми низоми гумрукӣ**

1. Транзити гумрукии байналмилалӣ бо баровардани моли транзитӣ аз минтақаи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом меёбад.

Интиқолдиҳанда вазифадор аст, ки моли транзитӣ, декларатсияи транзитӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои моли транзитии бо мақсади транзити гумрукии байналмилалии мол истифодашавандаро ба мақоми гумруки таъинот пешниҳод намояд (қисми 1 моддаи 92). Мақоми гумруки таъинот вазифадор аст барои ба анҷом расонидани транзити гумрукии байналмилали амалиёти зарурии гумрукиро иҷро намуда, дар рӯзи пешниҳоди моли транзитӣ ва ҳуҷҷатҳои транзитӣ барои баровардани мол ва воситаҳои нақлиёт (моддаи 120) иҷозат диҳад.

Ҳангоми баровардани моли транзитӣ бо партияҳои алоҳида транзити гумрукии байналмилалӣ баъди баровардани партияи охирини мол аз минтақаи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷомёфта ба ҳисоб меравад.
2. Транзити гумрукии байналмилалӣ дар сурати риояи талабот ва шартҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс метавонад инчунин ҳангоми таҳти низоми дигари гумрукӣ ҷойгир намудани мол ба анҷом расад.

**Моддаи 172. Хусусиятҳои истифодаи низоми гумрукӣ**

1. Агар маҳали расидани моли транзити ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маҳали баровarданаш аз ин ҳудуди гумруки мутобиқ ояд, транзити гумрукии байналмилалӣ бо тартиби соддагардонидашуда иҷозат дода мешавад. Интиқолдиҳанда ё экспедитор танҳо он ҳуҷҷату маълумотеро пешниҳод мекунад, ки ҳангоми расидани мол ва воситаҳои нақлиёт зарур аст (моддаи 72) ва иҷозат барои транзит бошад - дар рӯзи пешниҳоди мол ва ҳуҷҷату маълумот ба мақоми гумрук дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Агар моли транзити дар маҳали дар қисми 1 ҳамин модда зикршуда аз воситаи нақлиёте, ки ҳангоми ворид намудан истифода шудааст, ба нақлиёте бор карда шавад, ки ҳангоми баровардани мол истифода мешавад, азнавборкунӣ танҳо бо иҷозати мақоми гумрук иҷозат дода мешавад. Чунин иҷозат ба интиқолдиҳанда ё экспедитор ҳангоми пешниҳод намудани ҳуҷҷату маълумоти пешбининамудаи моддаи 72 ҳамин Кодекс дода мешавад. Мақоми гумрук танҳо дар ҳолатҳое, ки агар амалиёти моли нисбати моли транзитӣ боиси аз байн рафтан ё тағйирёбии хусусияти истеъмолии он мегардад, метавонад ба иҷрои амалиёти моли иҷозат надиҳад.

## БОБИ 21. КОРКАРД ДАР ҲУДУДИ ГУМРУКӢ

(Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421)

**Моддаи 173. Мазмуни низоми гумрукии коркард дар ҳудуди гумрукӣ**

1. Коркард дар ҳудуди гумрукӣ низоми гумрукие мебошад, ки ҳангоми он моли ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон овардашуда барои мақсади иҷрои амалиёти коркард дар мӯҳлати муайяншуда (мӯҳлати коркарди мол), бо озодкунии шартии пурра аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ва минбаъд содир намудани маҳсули коркардашуда берун аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати муайян истифода мегардад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Нисбати моли воридотӣ, ки таҳти низоми гумрукии коркард дар ҳудуди гумрукӣ ҷойгир карда шудааст, ҳамаи мамнӯият ва маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 174. Шартҳои ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукии коркард дар ҳудуди гумрукӣ**

(Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421)

1. Коркард дар ҳудуди гумрукӣ дар сурати мавҷуд будани иҷозати мақоми гумрук анҷом дода мешавад (моддаи 179) (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Коркарди мол дар ҳудуди гумрукӣ иҷозат дода мешавад, агар мақомоти гумрук моли барои коркард воридшударо ба маҳсули коркард ҳаммонанд

карда тавонанд (моддаи 175), ба истиснои ҳолатҳое, ки агар низоми гумруки бо содироти маҳсули коркард, ки дар натиҷаи коркарди мол ҳосил шудааст ва мувофиқи моддаи 186 ҳамин Кодекс эквиваленти моли воридшуда мебошад, анҷом ёбад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

3. Таҳти низоми гумрукии коркард дар ҳудуди гумрукӣ, бо риояи талабот ва шартҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс, метавонад моли хориҷие ҷойгир карда шавад, ки пештар таҳти низомҳои дигари гумрукӣ қарор дошт (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

4. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳоеро муайян менамояд, ки нисбати намудҳои муайяни моли воридшуда коркард дар ҳудуди гумрукӣ иҷозат дода намешавад, инчунин ҷиҳати иҷозат додани мол барои иҷрои амалиёти коркард тибқи низоми гумрукии коркард дар ҳудуди гумрукӣ, бо назардошти ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ маҳдудиятҳои миқдорӣ ё арзиширо муқаррар намояд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 175. Ҳаммонандсозии маҳсули моли коркардшуда**

1. Барои ҳаммонандсозии маҳсули моли воридотии коркардшуда метавонанд усулҳои зайле истифода шаванд, ки агар ин усулҳо вобаста ба хусусияти мол ва амалиёт оид ба коркарди мол қобили истифода бошанд:

1) аз ҷониби аризадиҳанда, коркардкунанда ё шахси мансабдори мақоми гумрук гузоштани мӯҳр, штамп, маркировкаи рақами ва ғайра ба моли воридшуда;

2) тавсифи пурраи моли воридшуда, суратгирӣ ва тасвири он дар масштаб;

3) муқоисаи натиҷаи таҳқиқи чошнӣ ва намунаҳои моли воридшуда ва маҳсули коркарди он;

4) коркарди моле, ки барои истеҳсоли маҳсули моли коркардашуда мусоидат менамояд ё онро осон мекунад, ҳатто агар ин мол қисман ё пурра дар ҷараёни коркард мавриди истеъмол қарор гирад.

**Моддаи 176. Амалиёт доир ба коркарди мол**

Амалиёт доир ба коркарди мол таҳти низоми гумрукии коркард дар ҳудуди гумрукӣ амалҳои зайлро дар бар мегирад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421):

1) коркард ё такмили худи мол;

2) истеҳсоли моли нав, аз ҷумла насб, васл ё ба қисмҳо ҷудо кардани мол;

3) таъмири мол, аз ҷумла барқарорсозӣ, ивази қисмҳои асосӣ ва барқарор кардани хусусиятҳои истеъмолӣ;

4) коркарди моле, ки барои истеҳсоли маҳсули моли коркардашуда мусоидат менамояд ё онро осон мекунад, ҳатто агар ин мол қисман ё пурра дар ҷараёни коркард мавриди истеъмол қарор гирад.

**Моддаи 177. Мӯҳлати коркарди мол**

1. Мӯҳлати коркарди мол аз ҷониби аризадиҳанда бо розигии мақоми гумрук муқаррар карда мешавад ва наметавонад аз ду сол зиёд бошад.

2. Муқаррар намудани мӯҳлати коркарди мол дар ҳудуди гумрукӣ бо назардошти давомнокии ҷараёни коркарди мол ва мӯҳлате, ки барои ихтиёрдории маҳсули коркарди он зарур аст, муайян карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

3. Агар шахси барои коркард иҷозатгирифта дар мӯҳлати муайян, бе вайрон кардани талабот ва шартҳои дар ҳамин боб зикргардида, бо сабабҳои ба ӯ новобаста низоми гумрукиро ба охир расонида натавонад, бо пешниҳоди асосноки шахси барои коркард иҷозатгирифта мӯҳлати аввалаи коркард дар доираи мӯҳлати муқаррарнамудаи қисми 1 ҳамин модда тамдид карда мешавад.
4. Ҷараёни вақти коркарди мол аз рӯзи ҷойгир намудани он таҳти низоми гумрукии коркарди мол дар ҳудуди гумрукӣ ва дар сурати бо партияи алоҳида ворид намудани мол аз рӯзи воридоти партияи аввали он оғоз мегардад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 178. Меъёри баромади маҳсули коркард**

1. Меъёри баромади маҳсули коркард (миқдор ё таркиби фоизии маҳсули коркард, ки дар натиҷаи коркарди миқдори муайяни моли овардашуда ҳосил шудааст) аз ҷониби аризадиҳанда бо розигии мақоми гумрук бо назардошти шароити воқеие, ки мол мавриди коркард қарор мегирад ба истисноӣ ҳолатҳои дар қисми 3 ҳамин модда пешбиншуда муайян карда мешавад.
2. Ҳангоми мувофиқаи миқдори баромади маҳсули коркардшуда мақоми гумрук хулосаи ташкилотҳои экспертиро (аз ҷумла лабораторияҳои гумрукиро), ки ба ҷараёни мушаххаси технологӣ асос ёфтааст, ба инобат мегирад.
3. Агар амалиёт оид ба коркарди моли дорои хусусияти доимӣ маъмулан мувофиқи шартҳои муайяни техникӣ иҷро шуда, боиси истеҳсоли маҳсули коркарди сифатан бетағйир гардад, мақомоти давлатии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдоршуда барои мақсади гумрукӣ меъёри стандартии баромади маҳсули коркардро муқаррар мекунад.
4. Тавсиф, сифат ва миқдори маҳсули коркард баъди мувофиқаи баромади ниҳоии маҳсули коркардшуда пурра муайян карда мешавад.

**Моддаи 179. Рухсатнома барои коркарди мол дар ҳудуди гумрукӣ**

(Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421)

1. Барои коркарди мол дар ҳудуди гумрукӣ ҳар як шахси манфиатдори ватанӣ, аз ҷумла шахсе, ки мустақиман амалиёти коркарди маҳсулотро анҷом намедиҳад, метавонад рухсатнома гирад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Рухсатномаи коркарди мол аз ҷониби мақоми гумрук дар асоси аризаи шахси манфиатдор дода мешавад.
3. Дар рухсатномаи коркарди мол инҳо зикр карда мешаванд:
1) тавсиф, сифат ва миқдори маҳсулоте, ки барои коркард таъин гардидааст ва маҳсули коркардшудаи он;
2) амалиёти вобаста ба коркарди мол ва тарзи иҷрои он;
3) меъёри баромади маҳсули коркард;
4) усулҳои ҳаммонандсозии моли воридшуда бо маҳсули коркард;
5) мӯҳлати коркарди мол;
6) дигар маълумоте, ки аз ҷониби мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян карда мешавад ва барои мақсадҳои гумрукӣ зарур аст.

Намунаи рухсатномаро барои коркарди мол мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян менамояд.
4. Рухсатнома барои коркарди мол дар мӯҳлати муайяншудаи коркарди мол амал мекунад.
5. Шахсе, ки барои коркарди мол рухсатнома гирифтааст, дар мӯҳлати амали он ҳуқуқ дорад онро бо иҷозати хаттии мақоми гумрук (моддаи 61) ба шахси дигари ватанӣ супорад, ба шарте ки ин шахс ӯҳдадор шавад, ки минбаъд низ талабот ва шартҳои дар моддаҳои 173 -180 ҳамин Кодекс муқарраршударо риоя менамояд. Ҳамзамон шахсе, ки барои коркарди мол рухсатнома гирифтааст, бояд ба мақоми гумрук оид ба иҷрои талабот ва шартҳои муқаррарнамудаи ҳамин модда барои даврае, ки мол мутобиқи низоми гумрукии коркарди мол дар ҳудуди гумрукӣ истифода шудааст, ҳисобот диҳад, инчунин агар мутобиқи ҳамин Кодекс дар ин давра ҳолатҳое ба миён оянд, ки пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андозро тақозо мекунанд, боҷҳои гумрукӣ ва андозро пардозад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
Шахсе, ки ба ӯ барои коркарди мол рухсатнома дода шудааст, бояд ӯҳдадор шавад, ки талабот ва шартҳои мувофиқи ҳамин боб муқарраргардидаро риоя менамояд, инчунин агар риояи низоми гумрукӣ бо кафолат таъмин бошад (моддаи 160), ҳуҷҷатҳои заруриро ба номи худ ба расмият дарорад. Шахси мазкур аз рӯзи аз ҷониби мақоми гумрук қабул намудани қарор дар бораи додани рухсатнома барои коркарди мол дорои ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳое мебошад, ки ҳамин Кодекс нисбати шахси барои коркарди мол рухсатнома гирифта муқаррар намудааст.
6. Бо шарти аз ҷониби аризадиҳанда риоя гардидани талабот ва шартҳои муқаррарнамудаи ҳамин боб рухсатнома барои коркарди мол метавонад то овардани мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъди он дода шавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
7. Шахсе, ки барои коркарди мол рухсатнома гирифтааст, мутобиқи қисми 2 моддаи 350 ҳамин Кодекс барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз масъул мебошад.
**Моддаи 180. Тартиби додани рухсатномаи коркарди мол**
1. Барои гирифтани рухсатномаи коркарди мол ба мақоми гумрук аризаи дорои чунин маълумот пешниҳод мешавад:
1) дар бораи аризадиҳанда;
2) дар бораи шахсе (шахсоне), ки мустақиман амалиёти коркарди молро иҷро менамояд;
3) дар бораи моле, ки барои коркард таъин гардидааст, маҳсули коркард, инчунин партову пасмондаҳо;
4) дар бораи амалиёт оид ба коркарди мол, тарз ва мӯҳлати иҷрои он;
5) дар бораи ҷойгиршавии иқтидорҳои истеҳсолие, ки тавассути онҳо амалиёти коркарди мол иҷро карда мешавад;
6) дар бораи меъёри маҳсули коркард;
7) дар бораи усулҳои ҳаммонандсозии моли воридшуда бо маҳсули коркард;
8) дар бораи ивази моли воридшуда бо моли эквивалентӣ;
9) дар бораи мӯҳлати коркарди мол.

2. Намунаи ариза ва тарзи пешниҳоди дорои маълумоте, ки дар он мебошад, аз ҷониби мақоми ваколатдор оид ба фаъолияти гумрукӣ муқаррар карда мешавад.
Ба ариза ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи маълумоти арзшуда замима мегардад.
3. Мақоми гумрук ариза ва ҳуҷҷатҳои замимагардидаро дар давоми 30 рӯзи гирифтани он баррасӣ менамояд. Дар ин муддат мақоми гумрук риояи талабот ва шартҳои муқарраргардидаро тафтиш намуда, оид ба мувофиқаи меъёри арзшудаи маҳсули коркард ва мӯҳлати коркарди мол қарор қабул мекунад.
Мақоми гумрук ҳуқуқ дорад аз шахсони сеюм, инчунин аз мақомоти давлати ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи маълумоти дар қисми 1 ҳамин модда зикргардидаро дархост намояд. Шахсони зикргардида дар давоми 10 рӯзи гирифтани дархост вазифадоранд ҳуҷҷатҳои талабшударо пешниҳод намоянд. Ҳамзамон мақоми гумрук ҳуқуқ дорад мӯҳлати баррасии аризаро то ду моҳ аз рӯзи қабул тамдид намояд.
Рухсатнома барои коркарди мол ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашуда аз ҷониби мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ба қайд гирифта мешавад. Ҳангоми риоя накардани талабот ва шартҳои муқарраршуда мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ҳуқуқ дорад рухсатномаи коркарди молро надиҳад.
4. Ба сифати ариза барои коркарди мол декларатсияи гумрукӣ оид ба ҷойгиронии мол таҳти низоми гумрукии коркарди мол дар ҳудуди гумрукӣ истифода бурда мешавад, ба шарте ки ҳангоми воридоти мол ва содироти минбаъдаи маҳсули коркардшуда он ҳамзамон ба ҳамон як мақоми гумрук пешниҳод гардида, ба расмият даровarda шавад, агар (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421):
1) мақсади таҳти низоми гумрукии коркарди мол дар ҳудуди гумрукӣ қарор додани он аз таъмир, аз ҷумла таъмири ройгон иборат бошад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
2) арзиши гумрукии моле, ки таҳти низоми гумрукии коркарди мол дар ҳудуди гумрукӣ қарор дорад, набояд аз ҳаҷми 600 - нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад (Конун аз 06.10.2008с. № 437, аз 30.05.2017 № 1421);
3) пасмондаи моли қаблан овардашуда мутобиқи қисми 1 моддаи 184 ҳамин Кодекс таҳти низоми гумрукии коркарди мол дар ҳудуди гумрукӣ ҷой дода шавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
5. Агар ба сифати ариза барои коркарди мол декларатсияи гумрукӣ истифода шавад, мӯҳлати баррасии он набояд аз мӯҳлати тафтиши декларатсияи гумрукӣ, ки қисми 1 моддаи 400 ҳамин Кодекс муқаррар кардааст, зиёд бошад.
6. Мақоми гумрук танҳо дар ҳолате, ки агар аризадиҳанда ҳангоми пешниҳоди он талабот ва шартҳои муқаррарнамудаи моддаҳои 173 - 180 ҳамин Кодексро иҷро накунад, инчунин ҳангоми аз ҷониби мақоми гумрук қабул намудани қарори мувофиқа накардани меъёри арзшудаи маҳсули коркард ва мӯҳлати коркарди мол додани рухсатномаро рад менамояд.

Надодани рухсатнома барои коркарди мол аз ҷониби мақоми гумрук бояд асоснок карда шуда, сабаби он зикр гардад. Оиди надодани рухсатнома аризадиҳанда хатти огоҳ карда мешавад.

**Моддаи 181. Бозхондани рухсатнома барои коркарди мол**

1. Рухсатномаи барои коркарди мол додашуда аз ҷониби мақоми гумрук бозхонда мешавад, агар ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукии коркарди мол дар ҳудуди гумрукӣ дар асоси қисми 4 моддаи 174 ҳамин Кодекс мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода нашавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Қарор дар бораи бозхондани рухсатнома аз рӯзи эътибори қонуни пайдо кардани санади дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад.

3. Ҳангоми бозхондани рухсатномаи барои коркарди мол таҳти низоми гумрукии коркарди мол дар ҳудуди гумрукӣ додашуда тибқи рухсатномаи бозхондашуда коркарди мол рухсат дода намешавад ва нисбати моле, ки то бозхондани рухсатнома таҳти низоми гумрукии коркарди мол дар ҳудуди гумрукӣ қарор дорад, мувофиқи ҳамин боб ба охир расонидани низоми гумрукии мазкур иҷозат дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

4. Намунаи бозхондани рухсатнома барои коркарди мол аз ҷониби мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 182. Озод намудани маҳсули коркард аз боҷи гумрукии содиротӣ ва ҷори намудани мамнӯият ва маҳдудиятҳо нисбати маҳсули коркард**

1. Ҳангоми содироти маҳсули коркард аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон боҷҳои гумрукии содиротӣ пардохта намешаванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Нисбати содироти маҳсули коркард ҳамаи мамнӯият ва маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегарданд.

**Моддаи 183. Партовҳои коркарди мол**

1. Нисбати партовҳое, ки дар натиҷаи коркарди мол дар ҳудуди гумрукӣ ба вуҷуд меоянд, боҷҳои гумрукӣ ва андоз пардохта мешаванд, чуноне, ки агар ин партовҳо дар ҳамон ҳолат ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудаанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки ин партовҳо аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда шудаанд ё дар шакле коркард шудаанд, ки барои истифодаи тиҷоратии минбаъда дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон корношоям мебошанд ва наметавонанд бо усули аз нигоҳи иқтисоди судманд ба ҳолати аввалаашон баргардонида шаванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

Партовҳое, ки аз онҳо боҷҳои гумрукӣ ва андоз ситонида мешаванд, бояд декларатсия карда шаванд.

2. Бо мақсади ситонидани боҷҳои гумрукӣ ва андоз партовҳо чун моли ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида ҳисоб карда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

Арзиши гумрукии партовҳо мутобиқи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти мушаххасоти муқарраркардаи қисми 3 ҳамин модда муайян карда мешавад.

3. Ҳангоми муайян карда натавонистани арзиши гумрукии партовҳо бо усули нархи аҳдномавии моли овардашуда, усули арзиши аҳдномавӣ ба моли шабеҳ ё усули арзиши моли ҳамҷинс мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзиши гумрукии партовҳо бо яке аз арзишҳои зерин муайян карда мешавад:
1) нархи фурӯши партовҳо ҳангоми фурӯши ибтидоии онҳо дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба харидоре, ки бо ягон аъзои муомилот оид ба коркарди мол алоқаманд нест (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
2) нархи фурӯши моли шабеҳ ё ҳамҷинси партовҳо, агар ин мол дар натиҷаи коркарди шабеҳ бо истифодаи низоми гумрукии коркарди мол дар ҳудуди гумрукӣ истеҳсол шуда бошад ва агар нархи фурӯш ҳангоми фурӯши ибтидоии он дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба харидоре, ки бо ягон аъзои муомилот оид ба коркарди мол алоқаманд нест (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
3) нархи аҳдномавии моле, ки ба нархи партовҳо шабеҳ ё ҳамҷинс мебошад, агар ин мол ҳамчун моли содиротӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон фурӯхта шуда бошад ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамон вақт ё тақрибан дар ҳамон вақте, ки декларатсияи партовҳо сурат гирифтааст, ворид карда шуда бошад;
4) нархи фурӯши моли ба партовҳо шабеҳ ё ҳамҷинси дар бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон байни фурӯшандаю харидорӣ ба ҳамдигар вобастагӣ надошта, бо тарҳи андозҳое, ки ҳангоми фурӯши мол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта мешавад.
**Моддаи 184. Пасмондаҳои коркарди мол**
1. Пасмондаи моли таҳти низоми гумрукии коркарди мол дар ҳудуди гумрукӣ ҷойгир шударо аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бе пардохти боҷҳои гумрукии содиротӣ баровардан ё таҳти низоми гумрукии коркарди мол дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор додан мумкин аст (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Аз пасмондаи баровporданашуда маблағи боҷу андозҳои воридотии гумрукӣ ситонида мешавад, чуноне, ки агар ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамин шакл ворид шуда бошад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
Пасмондаҳое, ки барои онҳо боҷҳои гумрукӣ ва андоз пардохта мешаванд, бояд декларатсия карда шаванд.
Маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андоз бо назардошти ҳаҷми миқдор ё арзиши пасмондаҳо мутаносибан ба маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андоз муайян карда мешавад, чуноне, ки агар моли дар натиҷаи коркарди он чунин пасмондаҳо ҳосилшуда дар рӯзи таҳти низоми гумрукии коркарди мол дар ҳудуди гумрукӣ ба муомилоти озод баровардa шуда бошад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
**Моддаи 185. Анҷом ва боздошти низоми гумрукӣ**
1. Дар мӯҳлати на дертар аз рӯзи анҷоми мӯҳлати коркард (моддаи 177) низоми гумрукии коркарди мол дар ҳудуди гумрукӣ бояд бо содироти маҳсули коркард аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом ёбад ё

моли воридшуда ва маҳсули коркарди он таҳти низоми дигари гумрукӣ ҷойгир карда шавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Агар маҳсули коркард аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо якчанд партия баровarда шавад, муқоисаи ниҳоии миқдори маҳсули коркарди дар рухсатномаи коркарди мол (моддаи 179) зикршуда метавонад давра ба давра, баъди баровардани маҳсули коркард, ақаллан дар се моҳ як маротиба ва дар давоми 30 рӯзи баровардани партияи охирини маҳсули коркард гузаронида шавад. Агар дар натиҷаи чунин муқоиса шахсе, ки рухсатномаи коркардро дар ҳудуди гумруки гирифтааст, боҷҳои гумрукӣ ва андоз супорад, аз чунин маблағи пардохтҳои гумрукӣ фоиз ситонида намешавад, ба шарте агар пардохт дар давоми 10 рӯзи ба таври хаттӣ қабул шудани қарори мақоми гумрук оид ба зарурияти пардохти зикршуда анҷом дода шавад. Мақоми гумрук дар рӯзи дигари қабули қарор ба шахсе, ки рухсатномаи коркарди молро гирифтааст, оид ба зарурияти пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз огоҳинома мефиристад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

3. Низоми гумрукии коркарди мол дар ҳудудигумрукӣ метавонад бо иҷозат додани моли барои коркард овардашуда ва (ё) маҳсули коркарди онҳо барои муомилоти озод ё ҷойгир намудани онҳо таҳти дигар низоми гумрукӣ, бо риояи шарту талаботи муқарраркардаи ҳамин Кодекс анҷом ёбад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

4. Бо иҷозат додани моли барои коркард овардашуда ва (ё) маҳсули коркарди онҳо барои муомилоти озод маблағҳои боҷҳои гумрукӣ ва андоз тарзе пардохта мешаванд, ки агар моли овардашуда дар рӯзи ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукии коркарди мол дар ҳудуди гумрукӣ қарор гирифта бошад, инчунин фоизҳо аз маблағи зикршуда дар ҳаҷми муқарраркардаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тарзе пардохта мешаванд, ки агар нисбати ин маблағҳо аз рӯзи ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукии коркарди мол дар ҳудуди гумрукӣ мӯҳлат дароз карда шудааст (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

5. Бо талаби шахси манфиатдор амали низоми гумрукии коркарди мол дар ҳудуди гумрукӣ мумкин аст дар чунин ҳолатҳо боздошта шавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421):

1) ҳангоми ҷойгир намудани маҳсули коркард дар анбори гумрукӣ мутобиқи қисми 3 моддаи 217 ҳамин Кодекс;

2) ҳангоми ҷойгир намудани маҳсули коркард таҳти дигар низомҳои гумрукие, ки иҷозат барои муомилоти озодро пешбинӣ наменамоянд.

6. Боздоштани амали низоми гумрукии коркарди мол дар ҳудуди гумрукӣ боиси боздоштани мӯҳлати коркарди мол мегардад (моддаи 177). Фоиз ва боҷу андозҳое, ки мутобиқи ҳамин модда дар назар дошта шудааст, дар давраи боздоштани амали низоми гумрукии коркарди мол дар ҳудуди гумруки ҳисобӣ ва пардохт карда намешаванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

Дар давраи боздоштани амали низоми гумрукии коркарди мол дар ҳудуди гумрукӣ иҷрои амалиёт оид ба коркарди мол (моддаи 176) иҷозат дода намешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

7. Низоми гумрукии коркарди мол дар ҳудуди гумрукӣ метавонад ҳангоми бе тағйир баровардани моли овардашуда низ хотима ёбад (бо усули реэкспорт) (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 186. Ҷуброни баробарарзиш (эквивалентӣ)**

1. Бо иҷозати мақоми гумрук моли овардашудае, ки таҳти низоми гумрукии коркарди мол дар ҳудуди гумрукӣ ҷойгир шудааст, метавонад бо дигар мол, аз ҷумла бо моли ватанӣ иваз карда шавад, агар он тибқи намуд, сифат ва хусусияти техникӣ ба моли овардашуда монанд бошад (ҷуброни баробарарзиш) (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Маҳсулоте, ки дар натиҷаи коркарди моли баробарарзиш ҳосил шудааст, мутобиқи муқаррароти ҳамин боб, ҳамчун маҳсули коркарди моли овардашуда баррасӣ мегардад.

3. Моли баробарарзиш бо мақсадҳои гумрукӣ дорои статуси моли овардашуда буда, моли овардашуда бошад - статуси моли баробарарзишро дорад.

4. Агар ҷуброни баробарарзиш иҷозат дода шавад, содироти моли коркардшуда бо шарти будани рухсатномаи коркард то овардани мол барои коркард ба ҳудуди гумрукӣ иҷозат дода мешавад. Барои воридоти чунин мол мақомоти гумрук мӯҳлат муқаррар менамоянд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

## БОБИ 22. КОРКАРД БАРОИ МУОМИЛОТИ ОЗОД

**Моддаи 187. Мазмуни низоми гумрукии коркард барои муомилоти озод**

1. Коркард барои муомилоти озод низоми гумрукие мебошад, ки мувофиқи он моли ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон овардашуда бо мақсади иҷрои амалиёти коркард дар мӯҳлати муайяншуда (мӯҳлати коркарди мол), бо пурра шартан озод кардан аз боҷи гумрукӣ ва баровардани маҳсули коркардшуда барои муомилоти озод бо пардохти боҷҳои гумрукӣ тибқи меъёрҳое, ки нисбати маҳсули коркард қабул карда шудааст, истифода бурда мешавад (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347, аз 30.05.2017 № 1421).

2. Нисбати моле, ки таҳти низоми гумрукии коркард барои муомилоти озод ҷойгир шудааст, ҳамаи мамнӯият ва маҳдудиятҳои муқарраркардаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешаванд.

**Моддаи 188. Шартҳои ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукии коркард барои муомилоти озод**

1. Мол таҳти низоми гумрукии коркард барои муомилоти озод бо шартҳои зерин иҷозат дода мешавад:

1) агар рухсатномаи мақоми гумрук мавҷуд бошад (моддаи 192);

2) пешниҳоди хулосаи мақоми давлатии ваколатдор оид ба меъёри маҳсули коркард тибқи намунаи муқаррарнамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ бо мувофиқаи мақоми давлатии ваколатдор;

3) ҳаммонандсозии маҳсули коркард бо моли хориҷӣ аз ҷониби мақомоти гумрук (моддаи 189);

4) таъмини иҷрои талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла таъмини имконнопазирии гирифтани молу маҳсули коркард бидуни назорати гумрукӣ, фароҳам овардани шароит барои назорати гумрукӣ, таъмини

дастрасии мақомоти гумрук ба мол, ҳисоби мол ва иҷрои амалиёт бо онҳо, инчунин додани ҳисобот;
5) имконнопазирии барқарор намудани маҳсули коркард ба ҳолати ибтидоӣ бо усули аз нигоҳи иқтисоди судманд;
6) маблағи боҷҳои гумрукии барои маҳсули коркард пардохтшаванда аз маблағе, ки дар рӯзи ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукии коркарди мол барои муомилоти озод бояд пардохта шавад, камтар аст, чуноне агар онҳо барои муомилоти озод иҷозат дода мешуданд;
7) воридоти мол барои коркард аз ҷониби шахсе, ки мустақиман ба коркарди мол машғул мебошад.
2. Низоми гумрукии коркард барои муомилоти озод аз ҷониби шахсе арз карда мешавад, ки мутобиқи ҳамин Кодекс ба сифати декларант баромад карда метавонад.
3. Моли хориҷие, ки пештар таҳти низомҳои дигари гумрукӣ қарор дошт, бо риояи талабот ва шартҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс метавонад таҳти низоми гумрукии коркард барои муомилоти озод ҷойгир карда шавад.
4. Рӯйихати молеро, ки таҳти низоми гумрукии коркард барои муомилоти озод ҷойгир намудан мумкин нест, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

**Моддаи 189. Ҳаммонандсозии мол дар маҳсули коркарди он**

Ҳангоми ҳаммонандсозии мол ба маҳсули коркарди он усулҳои пешбининамудаи моддаи 175 ҳамин Кодекс истифода бурда мешаванд.

**Моддаи 190. Амалиёт доир ба коркарди мол**

Амалиёт доир ба коркарди мол таҳти низоми гумрукии коркарди мол барои муомилоти озод амали зайлро дар бар мегирад:
1) коркард ва такмили худи мол;
2) истеҳсоли моли нав, аз ҷумла васл, насб ё ба қисмҳо ҷудо кардани мол.

**Моддаи 191. Мӯҳлати коркарди мол**

1. Мӯҳлати коркарди мол бо розигии мақоми гумрук аз ҷониби аризадиҳанда муқаррар карда мешавад ва наметавонад аз як сол зиёд бошад.
2. Мӯҳлати коркарди мол барои муомилоти озод бо назардошти давомнокии ҷараёни коркарди он муқаррар карда мешавад.
3. Агар шахси барои коркард иҷозатгирифта бе вайрон кардани талабот ва шартҳои дар ҳамин боб зикргардида натавонад дар мӯҳлати муайян бо сабабҳои ба ӯ новобаста низоми гумрукиро ба охир расонад, тибқи аризаи асосноки шахси барои коркард иҷозатгирифта мӯҳлати ибтидоии коркард дар доираи мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи қисми 1 ҳамин модда дароз карда мешавад.
4. Мӯҳлати коркарди мол аз рӯзи ҷойгир намудани он таҳти низоми гумрукии коркарди мол барои муомилоти озод ва ҳангоми қисман ворид намудани мол аз рӯзи воридоти партияи аввали он оғоз мегардад.

**Моддаи 192. Рухсатномаи коркарди мол барои муомилоти озод**

1. Рухсатномаи коркарди мол барои муомилоти озод аз ҷониби мақоми гумрук дар асоси аризаи декларант дода мешавад (қисми 1 моддаи 193).
2. Дар рухсатнома инҳо зикр карда мешаванд:

1) тавсиф, сифат ва микдори моли барои коркард воридшуда ва маҳсули коркарди он;
2) амалиёт нисбати коркарди мол ва усули иҷрои он;
3) меъёри маҳсули коркард;
4) усулҳои ҳаммонандсозии маҳсули моли воридотии коркардшуда;
5) мӯҳлати коркарди мол;
6) дигар маълумоте, ки аз ҷониби мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян карда мешавад ва барои мақсади гумрукӣ зарур аст.
Намунаи рухсатнома барои коркарди мол аз ҷониби мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар карда мешавад.
3. Рухсатнома барои коркарди мол дар мӯҳлати муайяншудаи коркарди мол амал мекунад.
4. Рухсатнома барои коркарди мол то ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукии коркарди мол барои муомилоти озод дода мешавад.
5. Рухсатномаи гирифтаро ба шахси дигар додан мумкин нест.
6. Мутобиқи қисми 2 моддаи 350 ҳамин Кодекс шахсе, ки барои коркарди мол рухсатнома гирифтааст, барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз масъул мебошад.

**Моддаи 193. Тартиби додани рухсатномаи коркарди мол**

1. Барои гирифтани рухсатномаи коркарди мол ба мақоми гумрук аризаи дорои чунин маълумот дода мешавад:
1) дар бораи аризадиҳанда;
2) дар бораи шахсе (шахсоне), ки мустақиман амалиёти коркарди молро иҷро менамояд;
3) дар бораи моле, ки барои коркард таъин гардидааст, маҳсули коркард, инчунин партову пасмондаҳо;
4) дар бораи амалиёт оид ба коркарди мол, усул ва мӯҳлати иҷрои он;
5) дар бораи маҳали ҷойгиршавии иқтидорҳои истеҳсолие, ки тавассути онҳо амалиёти коркарди мол иҷро карда мешавад;
6) дар бораи меъёри маҳсули коркард;
7) дар бораи усулҳои ҳаммонандсозии маҳсули моли воридотии коркардшуда;
8) дар бораи мӯҳлати коркарди мол.
2. Намунаи ариза ва пешниҳоди маълумоте, ки дар онҳо мебошанд, аз ҷониби мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар карда мешавад.
Ба ариза ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи маълумоти пешниҳодшуда замима мегардад.
3. Мақоми гумрук ариза ва ҳуҷҷатҳои ба он замимагардидаро дар давоми 30 рӯзи қабули онҳо баррасӣ менамояд. Дар давоми ин мӯҳлат мақоми гумрук риояи талабот ва шартҳои муқаррargardidaro тафтиш менамояд, инчунин оид ба мувофиқаи мӯҳлати коркарди мол меъёри маҳсули коркарди он, ки мутобиқи қоидаҳои муқаррарнамудаи моддаи 178 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад, қарор қабул мекунад.

Мақоми гумрук ҳуқуқ дорад аз шахсони сеюм, инчунин аз мақомоти давлати ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи маълумоти дар қисми 1 ҳамин модда зикргардидаро талаб намояд. Ин шахсон вазифадоранд дар давоми 10 рӯзи гирифтани дархост ҳуҷҷатҳои талабшударо пешниҳод намоянд. Ҳамзамон мақоми гумрук ҳуқуқ дорад мӯҳлати баррасии аризаро аз рӯзи қабул карда гирифтанаш то ду моҳ дароз кунад.

Рухсатнома барои коркарди мол ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашуда аз ҷониби мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ба қайд гирифта мешавад. Ҳангоми риоя накардани талабот ва шартҳои муқарраршуда мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ҳуқуқ дорад додани рухсатномаи коркарди молро рад намояд.

4. Мақоми гумрук танҳо дар ҳолате, ки агар ҳангоми додани ариза аризадиҳанда талабот ва шартҳои муқаррарнамудаи моддаҳои 187 - 193 ҳамин Кодексро иҷро накунад, инчунин ҳангоми аз ҷониби мақоми гумрук қабул намудани қарори мувофиқа нашудани маълумоти арзшуда метавонад рухсатнома надиҳад.

Надодани рухсатнома барои коркарди мол аз ҷониби мақоми гумрук бояд асоснок карда шавад. Оид ба надодани рухсатнома аризадиҳанда хаттӣ огоҳ карда мешавад.

**Моддаи 194. Партовҳо ва пасмондаҳо**

Нисбати партовҳое, ки дар натиҷаи коркарди мол барои муомилоти озод ба вуҷуд меоянд, инчунин пасмондаи моли таҳти низоми гумрукии коркарди мол барои муомилоти озод қарордошта қоидаҳои пешбининамудаи моддаҳои 183 ва 184 ҳамин Кодекс татбиқ мешаванд.

**Моддаи 195. Анҷоми низоми гумрукии коркард барои муомилоти озод**

1. Низоми гумрукии коркард барои муомилоти озод баъди иҷозати маҳсули коркард барои муомилоти озод анҷом меёбад. Ҳангоми иҷозати маҳсули коркард барои муомилоти озод боҷҳои гумрукӣ бо назардошти меъёрҳои барои маҳсули коркард муайяншуда ҳисоб карда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347).

Арзиши гумрукӣ ва миқдори маҳсули коркард дар рӯзи иҷозат додани онҳо барои муомилоти озод муайян карда мешавад.

2. Дар мавридҳои истисноӣ ва бо тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ низоми гумрукии коркард барои муомилоти озод баъди бо риояи шартҳои барои интихоб ва (ё) иваз намудани низомҳои гумрукӣ пешбининамудаи ҳамин Кодекс таҳти низоми гумрукии дигар қарор додани маҳсули коркард низ анҷом меёбад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).

**Моддаи 196. Хусусиятҳои истифодаи меъёрҳои боҷи гумрукӣ нисбати маҳсули коркард**

(Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347)

Нисбати маҳсули коркард меъёри боҷҳои гумрукии мамлакате истифода бурда мешавад, ки моли барои коркард овардашударо истеҳсол намудааст. Агар дар ҷараёни коркард моли хориҷие истифода шавад, ки мамлакатҳои

гуногун истеҳсол намудаанд, меъёри боҷҳои гумрукӣ бо назардошти хусусиятҳои зайл татбиқ карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347):

1) агар дар натиҷаи коркард рамзи таснифоти тибқи Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар сатҳи ҳама гуна чор нишони аввал тағйир ёфта бошад, нисбати маҳсули коркард меъёри боҷҳои гумрукӣ ҳамчун нисбати моли воридотии мамлакатҳое истифода мегардад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо онҳо дар муносибатҳои тиҷоратию сиёсӣ низоми ба миллат нисбатан мусоидаткунандаро фароҳам овардааст (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347, аз 30.05.2017 № 1422);

2) дар дигар ҳолатҳо меъёри боҷҳои гумрукӣ тибқи кишвари истеҳсолкардаи моли хориҷие татбиқ мегардад, ки арзиши гумрукии он нисбатан баланд аст (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347).

БОБИ 23. КОРКАРД БЕРУН АЗ ҲУДУДИ ГУМРУКӢ
(Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421)

**Моддаи 197. Мазмуни низоми гумрукии коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ**
(Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421)

1. Коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ низоми гумрукие мебошад, ки мувофиқи он моли ватанӣ аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои амалиёти коркард дар мӯҳлати муайяншуда (мӯҳлати коркард) бароварда шуда, минбаъд маҳсули коркарди он бо қисман ё пурра озод намудан аз боҷҳои гумрукӣ ва андоз мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Мол аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи низоми гумрукии коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ бо шартан пурра озод намудан аз боҷҳои содиротӣ бароварда мешавад. Нисбати моли содиршаванда мамнӯият ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда намешаванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

3. Ҳангоми содироти мол мувофиқи низоми гумрукии коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ он аз пардохти андозҳои дохилӣ озод карда намешавад ва инчунин андозҳои дохилӣ баргардонида ё ҷуброн карда намешаванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 198. Шартҳои ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрук коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ**
(Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421)

1. Коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ бо рухсатномаи мақоми гумрук иҷозат дода мешавад (моддаи 203) (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Агар мақоми гумрук моли содиршударо бо маҳсули коркардшуда ҳаммонанд карда тавонад (моддаи 199), коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ иҷозат дода мешавад, ба истиснои ҳолатҳое ки иваз кардани маҳсули коркард ба моли хориҷӣ мувофиқи моддаи 206 ҳамин Кодекс амалӣ карда шуда бошад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

3. Барои ҷойгиронии мол таҳти низоми гумрукии коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ мол барои мақсадҳои гумрукӣ бояд дорои статуси иҷозат ба

муомилоти озод ё дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол шуда бошад. Тахти низоми гумрукии коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ қарор додани моле иҷозат дода мешавад, ки нисбати он имтиёз оид ба пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам оварда шудааст, агар ин амалиёт оид ба коркарди мол аз таъмир иборат бошад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

4. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад ҳолатҳоеро муайян намояд, ки коркарди мол берун аз ҳудуди гумрукӣ нисбати баъзе намудҳои муайяни мол манъ карда шавад, инчунин нисбати иҷозати мол барои амалиёти коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ, бо назардошти ҳимояи манфиати истеҳсолкунандагони ватанӣ маҳдудиятҳои арзишӣ ё миқдориро муқаррар намояд. Ин мамнӯият ва маҳдудиятҳо мутобиқи моддаи 4 ҳамин Кодекс дар амал татбиқ мегарданд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 199. Ҳаммонандсозии мол бо маҳсули коркард**

1. Барои ҳаммонандсозии моли содиротӣ ва маҳсули коркарди он усулҳои зайл истифода мешаванд, агар ин усулҳо бо назардошти хусусияти мол ва амалиёти вобаста ба коркарди он қобили қабул бошанд:

1) аз ҷониби аризадиҳанда ё шахси мансабдори мақоми гумрук гузоштани мӯҳр, штамп, маркировкаи рақамӣ ва ғайра ба маҳсулоти содиротӣ;

2) тавсифи пурраи моли содиротӣ, суратгирӣ ва тасвири он дар масштаб;

3) муқоисаи натиҷаи таҳқиқи пешакии чошнӣ ва намунаи моли овардашуда ва маҳсули коркарди он;

4) истифодаи рақамҳои силсилавӣ ё дигар тамғаҳои истеҳсолкунандаи моли содиршуда;

5) тасдиқи далелноки он, ки моли содиротӣ таҳти амалиёти коркард қарор гирифтааст;

6) усулҳои дигари ҳаммонандсозии мол, ки истифодаи технологияи замонавиро дар назар дорад.

2. Қобили қабул будани усули арзшудаи ҳаммонандсозии маҳсули моли барои коркарди берун аз ҳудуди гумрукӣ содиршударо мақоми гумрук бо назардошти хусусияти мол ва анҷом додани амалиёти коркарди он муқаррар менамояд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

3. Бо дархости аризадиҳанда ва розигии мақоми гумрук ҳаммонандсозии зикршуда барои мақсадҳои гумрукӣ бо роҳи таҳқиқи маълумоти муфассали пешниҳодшуда оид ба ашё, мавод ва қисмҳои такмилие, ки дар истеҳсолот истифода мешаванд, инчунин технологияи истеҳсоли маҳсули коркард таъмин карда мешавад.

**Моддаи 200. Амалиёт доир ба коркарди мол**

Амалиёт доир ба коркарди мол ҳангоми низоми гумрукии коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ амали зайлро дар бар мегирад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421):

1) коркард ва такмили худи мол;

2) истеҳсоли моли нав, аз ҷумла насб, васл ё ба қисмҳо ҷудо кардани он;

3) таъмири мол, аз ҷумла барқарорсозӣ, иваз кардани қисмҳои таркибӣ ва барқарорсозии хусусияти истеъмолии он;

**Моддаи 201 Мӯҳлати коркарди мол**

1. Мӯҳлати коркарди мол бо розигии мақоми гумрук аз ҷониби декларант муқаррар карда мешавад ва наметавонад аз ду сол бештар бошад.
2. Мӯҳлати коркарди мол берун аз ҳудуди гумрукӣ бо назардошти давомнокии ҷараёни коркарди мол, мӯҳлате, ки барои интиқоли маҳсули коркард зарур аст, дар доираи мӯҳлати муқаррарнамудаи қисми 1 ҳамин модда муайян карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
3. Бо аризаи асосноки шахси барои коркарди мол иҷозатгирифта мӯҳлати ибтидоии коркард дар доираи мӯҳлати муқаррарнамудаи қисми 1 ҳамин модда дароз карда мешавад.
4. Мӯҳлати коркарди мол аз рӯзи ҷойгир намудани он тахти низоми гумрукии коркарди мол берун аз ҳудуди гумрукӣ ва дар сурати бо партия содир намудани мол аз рӯзи ҷойгир намудани партияи аввали он оғоз мегардад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 202. Меъёри маҳсули коркард бо мақсади гумрукӣ**

1. Меъёри баромади маҳсули коркард (миқдор ё таркиби фоизии маҳсули коркард, ки дар натиҷаи коркарди миқдори муайяни моли содиршуда ҳосил гардидааст) аз ҷониби декларант бо розигии мақоми гумрук, бо назардошти шароите, ки коркарди мол сурат мегирад, ба истисноӣ ҳолатҳои дар қисми 4 ҳамин модда пешбинишуда муайян мегардад, агар ин барои мақсади назорати гумрукӣ зарур бошад. Меъёри маҳсули коркард то ворид намудани маҳсули коркард ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Меъёри мувофиқашудаи миқдори маҳсули коркарди молро мақоми гумрук дар асоси ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи декларант, ки дорои маълумот оид ба ҷараёни технологии коркард мебошад, амалӣ менамояд. Ҳангоми мувофиқаи маҳсули коркард мақомоти гумрук хулосаи ташкилотҳои экспертиро (аз ҷумла лабораторияҳои гумрукӣ), ки ба ҷараёни мушаххаси технологии коркард асос ёфтаанд, ба инобат мегирад.
3. Тавсиф, сифат ва миқдори маҳсули коркард баъди мувофиқаи маҳсули коркард пурра муайян карда мешавад.
4. Агар амалиёт нисбати моле, ки аслан дорои хусусияти доимӣ мебошад, маъмулан мувофиқи шартҳои муайяни техникӣ иҷро шавад ва боиси истеҳсоли маҳсули коркарди сифатан бетағйир гардад, дар ин ҳолат мақоми ваколатдор барои мақсади гумрукӣ меъёри стандартии баромади маҳсули коркардро муқаррар мекунад.

Ҳангоми истифодаи меъёрҳои стандартии маҳсули коркард ба мақсади гумрукӣ воридоти мол ба миқдори зиёда аз меъёри муқарраршудаи маҳсули моли коркардшуда бо пурра ё қисман озод намудан аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз иҷозат дода намешавад.

**Моддаи 203. Рухсатнома барои коркарди мол**

1. Содироти мол барои коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ ҳангоми мавҷуд будани рухсатномаи коркарди мол берун аз ҳудуди гумрукӣ иҷозат дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Рухсатномаи коркарди мол берун аз ҳудуди гумрукӣ аз ҷониби мақоми гумрук ба декларант дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
3. Дар рухсатнома инҳо зикр мешаванд:
1) тавсиф, сифат ва миқдори моли барои коркард таъингардида ва маҳсули коркарди он;
2) амалиёт нисбати коркарди мол ва тарзи иҷрои он;
3) меъёри маҳсули коркард, агар он муайян карда шуда бошад (қисми 4 моддаи 202) ё дар рӯзи додани рухсатнома мувофиқа шуда бошад;
4) усулҳои ҳаммонандсозии маҳсули моли содиротии коркард;
5) мӯҳлати коркарди мол;
6) дигар маълумоте, ки аз ҷониби мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян карда мешавад ва барои мақсади гумрукӣ зарур аст.
Намунаи рухсатномаро барои коркарди мол мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои гумрукӣ муқаррар менамояд.
4. Рухсатнома барои коркарди мол дар мӯҳлати муайяншудаи коркард амал мекунад.
5. Мутобиқи қисми 2 моддаи 350 ҳамин Кодекс шахсе, ки барои коркарди мол рухсатнома гирифтааст, барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз масъул мебошад.
**Моддаи 204. Тартиби додани рухсатномаи коркарди мол**
1. Барои гирифтани рухсатномаи коркарди мол ба мақоми гумрук аризаи дорои чунин маълумот пешниҳод карда мешавад:
1) дар бораи аризадиҳанда;
2) дар бораи шахсе (шахсоне), ки мустақиман амалиёти коркарди молро иҷро менамояд, ва маҳали ҷойгиршавии он (онҳо);
3) дар бораи моли мавриди коркард;
4) дар бораи амалиёт оид ба коркарди мол, усул ва мӯҳлати иҷрои он;
5) дар бораи меъёри маҳсули коркард, агар он муқаррар шуда бошад (қисми 4 моддаи 202) ё агар дар рӯзи пешниҳоди ариза ин меъёр аз ҷониби декларант муайян шуда бошад;
6) дар бораи моли коркардшаванда ва миқдори эҳтимолии он;
7) дар бораи усулҳои ҳаммонандсозии маҳсули моли содиротии коркардшуда бо маҳсули коркард;
8) дар бораи иваз намудани маҳсули коркард ба моли хориҷӣ;
9) дар бораи мӯҳлати коркарди мол.
2. Намунаи ариза ва тарзи пешниҳоди маълумотро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар менамояд.
Ба ариза ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи маълумоти пешниҳодшуда замима мегардад.
3. Мақоми гумрук ариза ва ҳуҷҷатҳои ба он замимагардидаро дар давоми 30 рӯзи қабул карда гирифтани он баррасӣ менамояд. Дар давоми ин мӯҳлат мақоми гумрук маълумоти дар ариза зикршударо санҷида, инчунин оид ба мувофиқаи меъёри арзшудаи маҳсули коркард ва мӯҳлати коркарди он қарор қабул мекунад.

Мақоми гумрук ҳуқуқ дорад аз шахсони сеюм, инчунин аз мақомоти давлатӣ ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи маълумоти арзшударо талаб намояд. Ҳамзамон мақоми гумрук ҳуқуқ дорад мӯҳлати баррасии аризаро ба мӯҳлати на бештар аз ду моҳ аз рӯзи қабул дароз намояд.
Рухсатномаи коркарди мол ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашуда аз ҷониби мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ба қайд гирифта мешаванд. Дар сурати риоя накардани талабот ва шартҳои муқарраргардида мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ метавонад додани рухсатномаи коркарди молро рад намояд.
4. Ба сифати ариза барои коркарди мол декларатсияи гумрукӣ барои моле, ки таҳти низоми гумрукии коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ содир мегардад, истифода мешавад, ба шарте агар мол бо як партия содир шавад ва дар ҳолатҳое, ки (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421):
1) агар мақсади таҳти низоми гумрукии коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ қарор додани мол аз таъмири он иборат бошад, аз ҷумла музднок иҷрошаванда (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
2) агар арзиши гумрукии моле, ки таҳти низоми гумрукии коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ қарор дорад, бояд аз ҳаҷми 2000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд набошад (Конун аз 06.10.2008с. № 437, аз 30.05.2017 № 1421).
5. Агар ба сифати ариза барои коркарди мол декларатсияи гумрукӣ истифода шавад, мӯҳлати баррасии он бояд аз мӯҳлати тафтиши декларатсияи гумрукӣ, ки қисми 1 моддаи 400 ҳамин Кодекс муқаррар кардааст, зиёд набошад. Дар ин ҳолат маҳсули коркард ҳангоми баровардани он бояд аз ҷониби ҳамон мақоми гумрукие декларатсия карда шавад, ки барои коркард рухсатнома додааст.
6. Мақоми гумрук танҳо дар ҳолате, ки агар ҳангоми додани ариза аризадиҳанда талабот ва шартҳои муқаррарнамудаи ҳамин бобро иҷро накунад, инчунин ҳангоми аз ҷониби мақоми гумрук қабул намудани қарор дар бораи мувофиқа накардани маълумоти арзшудаи маҳсули коркард ва мӯҳлати коркарди он додани рухсатномаро рад менамояд.
Надодани рухсатнома барои коркарди мол аз ҷониби мақоми гумрук бояд асоснок карда шуда, сабаби он зикр гардад. Оид ба надодани рухсатнома аризадиҳанда хаттӣ огоҳ карда мешавад.

**Моддаи 205. Бозхондани рухсатнома барои коркарди мол**

1. Рухсатномаи барои коркарди мол додашуда аз ҷониби мақоми гумрук бозхонда мешавад, агар дар асоси қисми 4 моддаи 198 ҳамин Кодекс мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷойгир кардани мол таҳти низоми гумрукии коркарди мол берун аз ҳудуди гумрукӣ иҷозат дода нашавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Қарор дар бораи бозхонди рухсатнома аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад.
3. Ҳангоми бозхонди рухсатномаи коркарди мол ба ҷойгир кардани мол таҳти низоми гумрукии коркарди мол берун аз ҳудуди гумрукӣ мувофиқи рухсатномаи бозхондшуда коркарди он иҷозат дода намешавад, вале нисбати

моле, ки то боз хондани рухсатнома тахти низоми гумрукии коркарди мол берун аз ҳудуди гумрукӣ ҷойгир карда шудааст, иҷозат дода мешавад, ки низоми гумрукӣ мутобиқи ҳамин боб анҷом дода шавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

4. Намунаи бозхондани рухсатномаи коркарди молро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар менамояд.

**Моддаи 206. Иваз намудани маҳсули коркард ба моли хориҷӣ**

1. Мувофиқи дархости асосноки декларант ва иҷозати мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ иваз намудани маҳсули моли коркардшудаи хориҷӣ иҷозат дода мешавад, агар:

1) он вобаста ба тавсиф, миқдор, арзиш, сифат ва хусусиятҳои техникӣ ба маҳсули коркард мувофиқат намояд;

2) коди моли хориҷӣ тибқи Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ бо рамзи маҳсули коркард тибқи ин Номгӯи дар сатҳи чор рақами аввал мувофиқат намояд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1422).

2. Дар ҳолатҳои дигар ивази маҳсулоти коркарди моли хориҷӣ бо роҳи азнавбарасмиятдарории рухсатномаи коркарди мол бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 204 ҳамин Кодекс иҷозат дода мешавад.

**Моддаи 207. Истифодаи қисман ё пурра озод намудани маҳсули коркард аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз**

1. Агар мақсади коркард таъмири кафолатноки (ройгони) моли баровардашуда бошад, маҳсули коркарди он аз боҷҳои гумрукӣ ва андоз пурра озод карда мешавад.

Нисбати моле, ки қаблан дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилоти озод иҷозат дода шудааст, агар ҳангоми иҷозати он ба муомилоти озод мавҷудияти норасоӣ, ки боиси таъмир гардидааст, ба инобат гирифта шуда бошад, озодкунии пурра аз боҷҳои гумрукӣ ва андоз иҷозат дода намешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Дар ҳолатҳои дигар барои моли маҳсули коркард, ба истиснои аксизҳо қисман озодкунии он аз боҷҳои гумрукӣ ва андоз иҷозат дода мешавад, ки ин бо тартиби зайл амалӣ мегардад:

1) андозаи маблағи пардохтшавандаи боҷҳои гумрукӣ ҳамчун фарқияти маблағи боҷи гумрукии воридотӣ, ки нисбати маҳсули коркардшаванда истифода мегардад ва маблағи боҷҳои гумрукии воридотие, ки метавонист нисбати моли содиршаванда истифода бурда шавад, муайян мегардад, чуноне, ки агар он ба муомилоти озод иҷозат дода шавад ва агар ба маҳсули коркард меъёрҳои махсуси боҷҳои гумрукӣ истифода шавад ва амалиёти коркард таъмири кафолатнок (ройгон) набошад ё бо назардошти арзиши амалиёти коркард, ки ҳангоми набудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи арзиши ин амалиёт метавонад ҳамчун фарқияти байни арзиши гумрукӣ, ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолшавандаи маҳсули коркард ва арзиши гумрукии моли барои коркард содиршуда муайян карда шавад (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347);

2) андозаи маблағи пардохтшавандаи андоз аз арзиши иловашуда бо назардошти арзиши амалиёти коркард муайян карда мешавад, ки дар сурати

набудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ин амалиёт метавонад ҳамчун фарқияти байни арзиши гумрукии ҳаҷми умумии маҳсули коркарди ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида ва арзиши гумрукии моли барои коркард содиршуда муайян карда шавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
3. Аксизҳо нисбати маҳсули коркард пурра супорида мешаванд, ба истисноии ҳолатҳое, ки мақсади амалиёти коркарди мол аз таъмири кафолатноки (ройгони) моли содиршуда иборат бошад.
4. Ҳангоми воридоти маҳсули коркард бо гузашти мӯҳлати коркард (моддаи 201), инчунин ҳангоми риоя нанамудани дигар талабот ва шартҳои ҳамин боб ё тасдиқи онҳо ба таври номатлуб, низоми пурра ва қисман озодкунии онҳо аз боҷҳои гумрукӣ ва андоз фароҳам оварда намешавад.

**Моддаи 208. Анҷоми низоми гумрукии коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ** (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421)

1. Низоми гумрукии коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ бо ворид намудани маҳсули коркард ба ҳудуди гумрукии Чумҳурии Тоҷикистон ё тавассути усули дигари пешбининамудаи ҳамин модда анҷом меёбад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Агар маҳсули коркард ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо якчанд партия ворид шавад, муқоисаи ниҳоии миқдори маҳсули коркарди дар рухсатномаи коркарди мол (моддаи 203) зикршуда метавонад давра ба давра, баъди воридоти маҳсули коркард, вале на бештар аз як маротиба дар се моҳ ва дар давоми 30 рӯзи баъди ворид намудани партияи охирини маҳсули коркард гузаронида шавад. Агар дар натиҷаи чунин муқоиса шахсе, ки рухсатномаи коркардро дар ҳудуди гумрукӣ гирифтааст, бояд боҷҳои гумрукӣ ва андоз супорад, аз чунин маблағи пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз фоиз ситонида намешавад, ба шарте агар пардохт дар давоми 10 рӯзи кории ба таври хаттӣ қабул шудани қарори мақоми гумрук оид ба зарурати пардохти зикршуда анҷом дода шавад. Мақоми гумрук дар рӯзи дигари баъди қабули қарор ба декларант оид ба зарурати пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз огоҳинома мефиристад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
3. Низоми гумрукии коркарди мол берун аз ҳудуди гумрукӣ метавонад бо воридоти бозпаси моли (реимпорт) аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон содиршуда ё ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукии нисбати моли содироти истифодашаванда, бо риояи талабот ва шартҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс анҷом дода шавад. Тағйир додани низоми гумрукии коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ ба низоми гумрукии содирот иҷозат дода намешавад, агар мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баргашта овардани моли барои коркард содиршуда ва маҳсули онҳо ҳатмӣ бошанд. Тағйир додани низоми гумрукии коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ ба низоми гумрукие, ки нисбати моли содироти истифода мешаванд, бе пешниҳоди воқеии мол ба мақоми гумрук иҷозат дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

Ҳангоми тағйир додани низоми гумрукии коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ ба низоми гумрукии содирот нисбати моли баровардашуда бояд маблағи

боҷҳои гумрукии содиротӣ, агар онҳо муқаррар шуда бошанд, инчунин фоизи маблағи мазкур пардохта шавад, ба монанди он, ки дар рӯзи қабули декларатсияи гумрукӣ барои содирот батаъхирандозии пардохти боҷи гумрукии содиротӣ фароҳам оварда шудааст (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

4. Агар маҳсули коркард таҳти низоми гумрукие қарор гирад, ки иҷозати молро ба муомилоти озод пешбинӣ намекунад, маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андоз нисбати ин мол наметавонад аз маблағи мувофиқи бандҳои 2 ва 3 моддаи 207 ҳамин Кодекс ҳисобшаванда, бе ҳисоби фоизҳо, ба истисноӣ ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 5 ҳамин модда, зиёд бошад.

5. Агар маҳсули коркарди моле оварда шавад, ки то содирот нисбати он оид ба пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз имтиёзҳо фароҳам оварда шудаанд (қисми 3 моддаи 198), ҳангоми иҷозати чунин мол ба муомилоти озод ҳамзамон бо маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андоз мувофиқи моддаи 207 ҳамин Кодекс муқарраршуда бояд боҷҳои гумрукии воридотӣ ва андоз, ки нисбати мол то содирот барои коркард фароҳам оварда шудаанд, пардохта шаванд.

## БОБИ 24. ВОРИДОТИ МУВАҚҚАТӢ

### Моддаи 209. Мазмуни низоми гумрукии воридоти муваққатӣ

Воридоти муваққатӣ низоми гумрукие мебошад, ки ҳангоми он моли хориҷӣ дар мӯҳлати муайян (мӯҳлати воридоти муваққатӣ) дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пурра ё қисман озод намудан аз боҷи гумрукӣ ва андоз, бидуни истифодаи тадбирҳои мамнӯият ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодӣ нисбати ин мол, ки мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст, ба шарти содироти бозпаси он дар мӯҳлати муайян аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти назорати гумрукӣ истифода бурда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

### Моддаи 210. Шартҳои таҳти низоми гумрукии воридоти муваққатӣ қарор додани мол

1. Воридоти муваққатӣ бо шарте иҷозат дода мешавад, ки агар молро мақоми гумрук ҳангоми содироти бозпаси он (реэкспорт) ҳаммонанд карда тавонад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иваз намудани моли муваққатан воридгардида бо ҳамин навъи мол иҷозат дода мешавад.

2. Мақоми гумрук ҳуқуқ дорад аз шахсе, ки низоми гумрукии воридоти муваққатиро арз менамояд, пешниҳоди кафолати иҷрои ӯҳдадориҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодексро (моддаи 160) талаб намояд, аз ҷумла барои бозпас содир намудании моли муваққатан воридшуда ӯҳдадорӣ ба зимма гирад.

3. Таҳти низоми гумрукии воридоти муваққатӣ метавонад моли хориҷие ҷойгир карда шавад, ки қаблан бо риояи талабот ва шартҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс таҳти низомҳои дигари гумрукӣ қарор дошт.

### Моддаи 211. Маҳдудиятҳо барои истифода ва ихтиёрдории моли муваққатан воридшуда

1. Аз моли муваққатан воридшуда шахсе метавонад истифода барад, ки барои воридоти муваққатӣ дорои рухсатномаи мақоми гумрук бошад.

2. Бо иҷозати мақоми гумрук моли муваққатан воридгардидаро барои истифода ба шахси дигар, ки метавонад тибқи моддаи 126 ҳамин Кодекс декларант бошад, додан мумкин аст.
Моли муваққатан воридшуда ба шахси дигар бо иҷозати мақоми гумрук дода мешавад, агар ин шахс дар назди мақоми гумрук ӯҳдадор шавад, ки шартҳои низоми гумрукии воридоти муваққатиро риоя менамояд. Ҳамзамон шахси қаблан барои воридоти муваққатӣ иҷозатгирифта бояд боҷҳои гумрукӣ ва андозро барои даврае, ки ин шахс истифодаи молро тибқи низоми гумрукии воридоти муваққатӣ анҷом додааст, пардозад, агар нисбати мол озодкунии қисмани шартии пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз тибқи қисми 2 моддаи 212 ҳамин Кодекс татбиқ гардад. Агар риояи низоми гумрукии воридоти муваққатии гумрукӣ бо кафолат таъмин гардад (моддаи 160), шахсе, ки ба он моли муваққатан воридгардида супурда мешавад, бояд ҳуҷҷатҳои дахлдорро ба номи худ ба расмият дарорад. Шахси мазкур аз рӯзи иҷозати мақоми гумрук барои додани моли муваққатан воридшуда ба шахси дигар аз ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои барои шахси дорои иҷозат барои воридоти муваққатӣ муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс истифода мебарад ва онҳоро иҷро мекунад.
3. Моли муваққатан воридшуда бояд дар ҳолати бетағйир нигоҳ дошта шавад, ба истиснои тағйири он дар натиҷаи фарсудашавии табиӣ ё талафи табиӣ ҳангоми шароити мӯътадили интиқол (борбарӣ), нигаҳдорӣ ва истифода. Нисбати моли муваққатан воридшуда иҷрои амалиёти зарурӣ ҷиҳати таъмини нигаҳдории он, аз ҷумла таъмир (ба истиснои таъмири асосӣ ва модернизатсияи он), хизматрасонии техникӣ ва дигар амалиёте, ки барои нигаҳдории хусусиятҳои истифодабарии мол дар ҳолате, ки он дар рӯзи ҷойгиркунӣ тахти низоми воридоти муваққатӣ қарор дошта иҷозат дода мешавад.
4. Ихтиёрдории моли муваққатан воридшуда бо усулҳои пешбининанамудаи ҳамин модда манъ мебошад.
5. Додани мол ба шахси дигар тибқи қисми 2 ҳамин модда мӯҳлати воридоти муваққатиро боз намедорад ва тамдид наменамояд.

**Моддаи 212. Истифодаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз**

1. Номгӯи гурӯҳи моли бо шарти пурра озод намудан аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз муваққатан воридшаванда, инчунин шартҳои чунин озодкунӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.
Озодкунии пурраи шартӣ аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз иҷозат дода мешавад, агар воридоти муваққатии мол ба иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон зарари назарраси иқтисодӣ нарасонад, аз ҷумла дар ҳолатҳои:
1) воридоти муваққатии контейнерҳо, тағмонҳо ва намудҳои дигари зарфҳо ва бастабандҳо, ки барои истифодаи чандинкарата таъин гардидаанд;
2) агар воридоти муваққатии мол дар доираи рушди муносибатҳои тиҷоратии хориҷӣ, робитаҳои байналмилалӣ дар соҳаи илм, санъат, кинематография, варзиш, сайёҳӣ, гузаронидани намоишгоҳҳо ва ярмаркаҳо анҷом дода шавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
3) агар мақсади воридоти муваққатӣ аз расонидани кӯмаки байналмилалӣ иборат бошад;

4) агар воридоти муваққатӣ бо шартҳои лизинги анҷом дода шавад.
2. Нисбати гурӯҳҳои дигари мол, инчунин ҳангоми риоя нашудани шартҳои озодкунии пурраи шарти аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андози муқаррарнамудаи қисми 1 ҳамин модда озодкунии қисман шарти барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз истифода бурда мешавад. Ҳангоми озодкунии қисмии шарти аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз барои ҳар як моҳи пурра ва нопурраи тақвимии нигаҳдории мол дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 фоизи маблағи боҷҳо ва андозҳо пардохта мешавад, чуноне, ки агар он ҳангоми иҷозати мол барои муомилоти озод пардохта шавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
3. Ҳангоми озодкунии қисман шарти аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андоз ҳангоми ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукии воридоти муваққатӣ ё давра ба давра, бо интихоби шахсе, ки барои воридоти муваққати иҷозат гирифтааст, пардохта мешавад. Пардохти даврии маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андоз бо розигии мақоми гумрук аз ҷониби шахсе муайян карда мешавад, ки барои воридоти муваққатӣ иҷозат гирифтааст. Ҳамзамон мӯҳлати мушаххаси пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз бо назардошти он муайян мегардад, ки ин маблағ бояд то оғози давраи дахлдор пардохта шавад.
4. Маблағи умумии боҷҳои гумрукӣ ва андоз, ки ҳангоми воридоти муваққатӣ бо озодкунии қисман шарти аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ситонида мешавад, бояд аз маблағи пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андозе, ки мебоист дар рӯзи ҷойгирони таҳти низоми гумрукии воридоти муваққатӣ ба муомилоти озод иҷозат дода шавад, бе назардошти фоизҳо барои гузаронидани мӯҳлати пардохти боҷҳои гумрукӣ, андоз ва фоизҳое, ки метавонанд тибқи сархати 4 қисми 2 моддаи 214 ҳамин Кодекс ҳисоб карда шаванд, зиёд набошад.
5. Агар маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андоз, ки ҳангоми озодкунии қисман шарти аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ситонида шудаанд ба маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андозе, ки мебоист дар рӯзи ҷойгирони таҳти низоми гумрукии воридоти муваққатӣ ба муомилоти озод иҷозатшуда баробар шавад, мол барои муомилоти озод иҷозатшуда ба ҳисоб меравад, ба шарте агар нисбати мол маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодии муқарраркардаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ нагарданд ё маҳдудиятҳое, ки дар рӯзи ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукии воридоти муваққатӣ истифода шудаанд, бекор карда шаванд.
6. Ҳангоми ҷойгир намудани моли воридоти муваққатӣ таҳти низомҳои дигари гумрукӣ маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андозе, ки ҳангоми озодкунии қисман шарти аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз пардохта шудаанд, баргардонида намешавад.
7. Масъулияти пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз тибқи қисми 2 моддаи 350 ҳамин Кодекс ба зиммаи шахсе гузошта мешавад, ки барои воридоти муваққатӣ рухсатнома дорад.

**Моддаи 213. Мӯҳлати воридоти муваққатии мол**

1. Мӯҳлати воридоти муваққатии мол на бештар аз 2 сол мебошад. Барои молҳои алоҳида, аз ҷумла молҳое, ки бо шартҳои лизинг ворид мешаванд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад барои воридоти муваққатӣ нисбат ба мӯҳлати ниҳоии муайяннамудаи сархати якуми ҳамин банд мӯҳлати нисбатан кӯтоҳ ё давомнокро муқаррар намояд.
2. Мӯҳлати воридоти муваққатии мол дар асоси аризаи шахси барои иҷозати воридоти муваққатӣ муроҷиаткарда, бо назардошти мақсад ва ҳолатҳои чунин воридот аз ҷониби мақоми гумрук дар доираи мӯҳлати дар қисми 1 ҳамин модда зикршуда муқаррар карда мешавад.
3. Дар асоси муроҷиати асосноки шахси дорои иҷозат барои воридоти муваққатӣ ва ҳангоми вайрон накардани талабот ва шартҳои пешбининамудаи ҳамин боб мӯҳлати муқарраргардидаи воридоти муваққатии мол бо қарори мақоми гумрук дар доираи мӯҳлати дар қисми 1 ҳамин модда зикршуда тамдид карда мешавад.
**Моддаи 214. Анҷоми амали низоми гумрукӣ ва боздоштани он**
1. Мол бояд аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон на дертар аз рӯзи охирини гузаштани мӯҳлати воридоти муваққатии мол, ки мақоми гумрук муқаррар намудааст (моддаи (213), содир карда шавад ё мутобиқи ҳамин Кодекс таҳти низоми дигари гумрукӣ қарор дода шавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Низоми гумрукии воридоти муваққатӣ метавонад бо иҷозати мол барои муомилоти озод анҷом ёбад.
Ҳангоми анҷоми низоми гумрукии воридоти муваққатӣ ба иҷозати мол барои муомилоти озод арзиши гумрукӣ ва теъдоди мол дар рӯзи таҳти низоми гумрукии воридоти муваққатӣ ҷойгиркунии мол, аммо меъёри пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 5 моддаи 212 ҳамин Кодекс, дар рӯзи иҷозати мол барои муомилоти озод муайян карда мешаванд. Декларант ҳуқуқ дорад ҳангоми камшавии арзиши гумрукии мол ё камшавии теъдоди он, ки дар натиҷаи фарсудашавии табиӣ ё талафи табиӣ дар шароити муқаррарии интиқол, нигаҳдорӣ ва истифода, инчунин дар натиҷаи садама ва таъсири қувваи рафънопазир ба миён омадаанд, муроҷиат намояд. Тасҳеҳи арзиши гумрукии мол ва (ё) миқдори онҳо метавонад анҷом дода шавад, агар декларант ба мақоми гумрук маълумоти саҳеҳ ва бо ҳуҷҷатҳо тасдиқшударо пешниҳод намояд (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347).
Ҳангоми муайян намудани маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андозе, ки бояд ҳангоми иҷозати мол ба муомилоти озод пардохта шаванд, баҳисобгирии маблағи пардохти гумрукии ҳангоми озодкунии қисман аз боҷҳои гумрукӣ ва андоз тибқи қисми 2 ва 3 моддаи 212 ҳамин Кодекс супоридашуда сурат мегирад.
Ҳангоми иҷозати мол барои муомилоти озод, ки нисбати он озодкунии қисман шарти аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз татбиқ шудааст, барои даврае, ки чунин озодкуни истифода гардидааст, фоизҳо аз маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андоз бояд пардохта шаванд, чуноне, ки агар нисбати ин маблағ аз рӯзи татбиқи озодкунии қисман аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз

тамдиди мӯҳлат фароҳам оварда шудааст, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар қисми 5 моддаи 212 ҳамин Кодекс пешбинӣ шудааст.
3. Амали низоми гумрукии воридоти муваққатӣ дар ҳолатҳои зайл боздошта мешавад:
1) ҳангоми ба ҳабс гирифтани моли воридотии муваққатӣ ё ситонидани онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2) ҳангоми ҷойгир намудани моли воридотии муваққатӣ ба анбори гумрукӣ тибқи қисми 3 моддаи 217 ҳамин Кодекс;
3) бо хоҳиши шахси дорои иҷозати воридоти муваққатӣ ҳангоми ҷойгир намудани моли воридотии муваққатӣ, ки нисбати он озодкунии қисман аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз истифода шудаанд, таҳти низоми дигари гумрукӣ, ки иҷозати молро барои муомилоти озод пешбинӣ намекунад.
Баъди анҷоми мӯҳлати боздошт амали низоми гумрукии воридоти муваққатӣ барқарор карда мешавад.
Ҳангоми барқарор намудани амали низоми гумрукии воридоти муваққатӣ фоизҳо, ки ҳисоб ва пардохти онҳо мувофиқи ҳамин боб пешбинӣ шудааст, барои давраи боздоштани амали низоми гумрукии воридоти муваққатӣ ҳисоб ва пардохта намешаванд.

## БОБИ 25. АНБОРИ ГУМРУКӢ

### Моддаи 215. Мазмуни низоми гумрукии анбори гумрукӣ

Анбори гумрукӣ низоми гумрукие мебошад, ки ҳангоми он моли ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда бидуни пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ва бе истифодаи мамнӯият ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти назорати гумрукӣ нигоҳ дошта шуда, вале моли барои содирот таъингардида мувофиқи шартҳои пешбининамудаи ҳамин боб таҳти назорати гумрукӣ нигоҳ дошта мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

### Моддаи 216. Анборҳои гумрукӣ

1. Анборҳои гумрукӣ бинои махсус ҷудокардашуда ва муҷаҳҳаз барои мақсади нигаҳдории мол ва (ё) майдончаҳои кушодае мебошанд, ки ба талаботи муқаррарнамудаи моддаи 225 ҳамин Кодекс мувофиқанд.
Моли таҳти низоми гумрукии анборҳои гумрукӣ ҷойгиршуда дар анборҳои гумруки нигаҳдорӣ карда мешавад, ба истиснои моле, ки дар қисми 4 моддаи 217 ҳамин Кодекс зикр шудааст.
2. Анборҳои гумрукӣ минтақаи назорати гумрукӣ мебошанд.
3. Мол метавонад дар ҳама гуна анборҳои гумрукӣ, бо назардошти маҳдудиятҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс ҷойгир карда шавад.

### Моддаи 217. Шартҳои таҳти низоми гумрукӣ қарор додани мол

1. Тамоми намуди мол, ба истиснои моле, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридот ва содироташ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, инчунин моли дигаре, ки нисбати он маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегарданд ва номгӯи онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, инчунин моле, ки мӯҳлати истифодабарии он дар рӯзи пешниҳод

таҳти низоми гумрукии анбори гумрукӣ аз мӯҳлати муқаррарнамудаи қисми 2 моддаи 218 ҳамин Кодекс камтар аст, нигоҳ дошта шавад.
2. Моле, ки метавонад ба моли дигар зарар оварад ё шароити махсуси нигаҳдориро талаб мекунад, бояд дар анборҳои гумрукӣ ё биноҳои алоҳидаи анборҳои гумрукии барои нигаҳдошти чунин мол махсус ҷиҳозонидашуда, бо риояи ҳатмии талаботи муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта шавад.
3. Таҳти низоми гумрукии анбори гумрукӣ метавонад моле ҷойгир карда шавад, ки қаблан таҳти низомҳои дигари гумрукӣ қарор дошт. Дар анборҳои гумрукӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс метавонад моли хориҷӣ бо мақсади боздоштани амали низоми гумрукие, ки иҷозати молро барои муомилоти озод пешбинӣ наменамояд, ҷойгир карда шавад.
4. Таҳти низоми гумрукии анбори гумрукӣ бидуни ҷойгиркунии воқеии мол ба анбори гумрукии молҳое, ки аз сабаби ҳаҷми калон доштанашон дар анбори гумрукии дар наздики қарордошта нигаҳдори кардани онҳо имконнопазир аст, дар сурати иҷозати хаттии мақоми гумрук иҷозат дода мешавад. Дар чунин ҳолат шахсе, ки низоми гумрукии анбори гумрукиро арз намудааст, бояд ба мақоми гумрук таъмини супоридани пардохтҳои гумрукиро, ки метавонист ҳангоми барои муомилоти озод иҷозат додани мол супорад, пешниҳод намояд, инчунин ҳамаи дигар талабот ва шартҳои пешбининамудаи ҳамин бобро риоя кунад. Ҳамзамон бо ҳама усул ба шахси дигар барои истифода ё ихтиёрдори додани мол, аз ҷумла бегона кардани мол дар мӯҳлати нигаҳдории он таҳти низоми гумрукии анбори гумрукӣ манъ аст.

**Моддаи 218. Мӯҳлати нигаҳдории мол дар анбори гумрукӣ**

1. Мол метавонад дар мӯҳлати то 3 сол дар анбори гумрукӣ нигоҳ дошта шавад.
2. Моли дорои мӯҳлати маҳдуди истифода ё фурӯш бояд аз низоми гумрукии анбори гумрукӣ баровкарда, таҳти низомҳои дигари гумрукӣ арз карда шавад ва аз анбори гумрукӣ дар давоми 180 рӯзи то гузаштани мӯҳлати маҳдуди зикршуда баровардa шавад, ба истисноии моли зуд вайроншаванда, ки нисбати он мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ метавонад мӯҳлати кӯтоҳтарро муқаррар намояд.
3. Мӯҳлати нигаҳдории молро шахсе, ки молро дар анбори гумрукӣ ҷойгир кардааст, дар декларатсияи гумрукӣ, дар доираи мӯҳлати пешбининамудаи ҳамин модда муайян менамояд.
4. Дар асоси дархости асосноки шахсе, ки молро дар анбори гумрукӣ ҷойгир намудааст, мақоми гумрук метавонад мӯҳлати нигаҳдории молро дар доираи мӯҳлати пешбининамудаи ҳамин модда тамдид намояд.

**Моддаи 219. Амалиёт бо моли дар анбори гумрукӣ қарордошта**

1. Шахсони ваколатдори мол ва намояндагони онҳо ҳуқуқ доранд бо моли дар анбори гумрукӣ нигаҳдоришаванда амалиёти муқаррарии барои эҳтиёт зарурирo бо нигоҳ доштани тағйирнопазирии мол анҷом диҳанд, молро аз назар гузаронанд ва чен кунанд, дар ҳудуди анбори гумрукӣ ҷойи онро иваз кунанд, ба шарте агар ин амалиёт боиси тағйир ёфтани ҳолати мол, вайрон

шудани бастабандии он ва (ё) тағйирёбии воситаҳои гузошташудаи ҳаммонандсозӣ нагардад.
2. Амалиёти дар қисми 1 ҳамин модда зикрнашуда, аз ҷумла гирифтани чошнӣ ва намунаи мол, амалиёти оддии насб, инчунин амалҳои зарурӣ ҷиҳати омодасозии мол барои фурӯш, ҳамлу нақл, аз ҷумла ба партияҳо ҷудо намудан, барои баровардан омода сохтан, навъбандӣ, борбандӣ, аз нав бастан, маркировка ва дигар амалҳои барои беҳдошти сифати мол нигаронидашуда аз ҷониби шахсони ваколатдори мол ва намояндаи онҳо бо иҷозати мақоми гумрук анҷом дода мешавад.
Мақоми гумрук ҳуқуқ дорад танҳо дар ҳолате, ки агар иҷрои ин амалҳо боиси талафи мол ё тағйир ёфтани хосияти мол гардад, барои гузарондани чунин амалҳо иҷозат надиҳад.
3. Нисбати гирифтани чошнӣ ва намунаҳо аз моли хориҷӣ бояд боҷҳои гумрукии воридотӣ ва андозҳо пардохта шаванд, чуноне, ки агар ин мол барои муомилоти озод иҷозат дода шудааст, ба истиснои ҳолатҳое, ки намунаи мол ба анбори гумруки дар давоми 1 моҳ баргардонда мешавад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).
4. Бегона кардани моли дар анбори гумрукӣ нигаҳдоришаванда, додани ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории он ба шахси дигар, ба истиснои моли дар қисми 4 моддаи 217 ҳамин Кодекс зикршуда, ба шарти қаблан ба таври хаттӣ огоҳ намудани мақоми гумрук иҷозат дода мешавад. Ҳамзамон шахси ҳуқуқи амволиро бадастоварда ба мақоми гумрук дар бораи риояи минбаъдаи талабот ва шартҳои нисбати ин мол муқаррарнамудаи ҳамин боб ба таври хаттӣ ӯҳдадори пешниҳод менамояд. Аз рӯзи дигари баъди аз ҷониби мақоми гумрук гирифтани ин ӯҳдадори шахси соҳиби ҳуқуқи амволи ба мол аз ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳое, ки ҳамин Кодекс нисбати шахси молро дар анбори гумрукӣ ҷойгиркарда муайян намудааст, истифода мебарад.
5. Бо иҷозати хаттии мақоми гумрук интиқоли мол аз як анбори гумрукӣ ба анбори дигари гумрукӣ то анҷоми мӯҳлати дар моддаи 218 ҳамин Кодекс муқарраршуда иҷозат дода мешавад. Ҳамзамон мӯҳлати нигаҳдории мол дар анбори гумрукӣ қатъ ва боздошта намешавад.

**Моддаи 220. Аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз озод кардани моли содиротӣ ё баргардонидани маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андози пардохтшуда**

1. Ҳангоми таҳти низоми гумрукӣ қарор додани моли хориҷие, ки қаблан таҳти низоми гумрукии дигар қарор дошт ва барои баровардан аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шудааст, аз чунин мол боҷҳои гумрукии воридотӣ ва андоз пардохта намешавад ё маблағи супоридашудаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз мувофиқи боби 48 ҳамин Кодекс баргардонида мешаванд, агар озод кардани мол аз боҷҳои гумрукӣ ва андоз ё баргардондани маблағ ҳангоми воқеан баровандани мол аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда бошад. Ҳангоми содир накардани молҳо аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи боҷҳои гумрукии воридотӣ ва андоз, ки аз онҳо озодкунӣ аз пардохт ё баргардонидани маблағ истифода шуда буд, инчунин фоизи онҳо бояд пардохта шавад. Ҳисоби

маблағи барои боҷҳои гумрукӣ ва андоз супоридашаванда, инчунин фоизҳо дар асоси қоидаҳои анҷоми низоми гумрукии қаблӣ ва мувофиқи шартҳои ҷойгир кардани мол таҳти низоми гумрукии арзшуда, ки аз тарафи декларант барои истифодаи мол дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст, анҷом дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Ҳангоми ҷойгир намудани моли ватании барои содирот аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъингардида дар анбори гумрукӣ тибқи низоми гумрукии содирот озодкуни аз пардохт, баргардондани маблағи андозҳои дохилӣ фароҳам оварда мешавад, агар чунин озодкунӣ, ҷуброн ё баргардонидани маблағ ҳангоми содироти воқеии ин мол аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда бошад. Ҳангоми анҷом надодани содироти воқеии чунин мол дар давоми шаш моҳ аз рӯзи ҷойгир намудани онҳо дар анбори гумрукӣ маблағи мазкур бо ҳисоби фоизҳо, дар ҳаҷми муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи тартиби барои ситондани пардохтҳои гумрукӣ пешбининамудаи ҳамин Кодекс ситонида мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 221. Моли корношоям, вайроншуда ё харобшуда**

Моле, ки дар натиҷаи садама, таъсири қувваи рафънопазир дар давраи нигаҳдории мол дар анбори гумрукӣ корношоям, вайрон ё хароб шудааст, бояд таҳти низоми гумрукии муайян ҷойгир карда шавад, чуноне, ки агар он ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми корношоями, вайроншуда ё харобшуда ворид карда шуда бошад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 222. Муайян намудани арзиши мол ҳангоми иҷозат барои муомилоти озод**

Агар барои мақсадҳои ҳисоби боҷҳои гумруки ва андоз мувофиқи ҳамин Кодекс арзиши гумрукии мол ё теъдоди он баъди нигаҳдории мол дар анбори гумрукӣ истифода гардад, ҳангоми иҷозати мол барои муомилоти озод арзиши гумрукии мол ва (ё) теъдоди он дар рӯзи иҷозати мол барои муомилоти озод муайян карда мешавад.

**Моддаи 223. Анҷоми амали низоми гумрукӣ**

1. Мол дар анбори гумрукӣ (моддаи 218) бояд мувофиқи талабот ва шартҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс дар муддати на дертар аз рӯзи гузаштани мӯҳлати нигаҳдории он таҳти низоми дигари гумрукӣ қарор дода шавад.

Ихтиёрдории моли мазкур баъди анҷоми ин мӯҳлат мувофиқи фасли VI ҳамин Кодекс анҷом дода мешавад.

2. Моли таҳти низоми анбори гумрукӣ бударо таҳти низоми дигари гумрукӣ танҳо шахсе метавонад ҷойгир намояд, ки нисбати ин мол ваколатдор аст.

3. Ҳангоми аз анбори гумрукӣ иҷозат додани моле, ки қаблан таҳти низоми гумрукии воридоти муваққатӣ қарор дошт, бо мақсади истифодаи минбаъдаи он дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи ҳамин низом, мӯҳлати воридоти муваққатии мол барқарор карда мешавад. Ҳангоми иҷозати чунин мол барои муомилоти озод ҳисоби пардохти боҷҳои гумрукӣ

ва андоз мувофиқи моддаи 214 ҳамин Кодекс анҷом дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
4. Нисбати моли дар анбори гумрукӣ нигаҳдоришаванда низоми гумрукии нобудкунӣ метавонад аз ҷониби соҳиби анбори гумрукӣ бо назардошти муқаррароти қисми 2 ҳамин модда арз карда шавад.

**Моддаи 224. Навъҳои анбори гумрукӣ**

1. Анборҳои гумрукӣ метавонанд кушода ва пӯшида бошанд.
Анборҳои гумрукӣ, агар онҳо барои нигаҳдошти ҳама гуна мол ва истифода барои ҳар шахс дастрас бошанд, анбори кушода ҳисоб мешаванд.
Агар анборҳои гумрукӣ танҳо барои нигаҳдории моли соҳиби анбори гумрукӣ таъин гардида бошанд, анбори пӯшида ҳисоб мешаванд (моддаи 226).
2. Номгӯи молҳоеро, ки наметавонанд дар анборҳои навъи пӯшида нигоҳ дошта шаванд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.
3. Анборҳои гумрукии пӯшида ва кушода метавонанд барои нигаҳдории моли алоҳидае, ки нигаҳдории махсусро талаб менамояд ё моле, ки метавонад ба моли дигар зарар расонад (анборҳои гумрукии махсус), истифода бурда шаванд.

**Моддаи 225. Талабот нисбати ободонӣ, таҷҳизонӣ ва маҳали ҷойгиршавии анборҳои гумрукӣ**

1. Бино ва (ё) майдонҳои барои истифода ба сифати анбори гумрукӣ таъиншуда бо мақсади таъмини назорати гумрукӣ бояд тарзе сохта ва таҷҳизонида шаванд, ки амнияти нигаҳдории молро таъмин намуда, дастрасии шахсони бегонаро (шахсоне, ки кормандони анбор нестанд, нисбати мол ваколат надоранд ё намояндаи шахси дорои чунин ваколатҳо намебошанд) имконнопазир созад, инчунин барои назорати гумрукӣ нисбати ин мол имконият фароҳам орад. Маҳали ҷойгиршавии анбори гумрукӣ бо назардошти манфиати ташкилоти тиҷоратӣ ва шахсони манфиатдори дигар муайян карда мешавад.
2. Мувофиқи қисми 1 ҳамин модда мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ барои ободонии бино, таҷҳизот ва маҳали ҷойгиршавии биноҳо ва майдонҳои кушодаи барои истифодаи анбори гумрукӣ таъиншуда талаботи ҳатмиро муқаррар менамояд.

**Моддаи 226. Соҳиби анбори гумрукӣ**

1. Соҳиби анбори гумрукӣ метавонад шахси ҳуқуқии ватанӣ бошад, ки ба Феҳристи соҳибони анборҳои гумрукӣ дохил карда шудааст (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
2. Соҳиби анбори гумрукӣ нигаҳдории моли таҳти назорати гумрукӣ бударо тибқи ҳолат ва шартҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс анҷом медиҳад.
3. Муносибати соҳиби анбори гумрукӣ бо шахсоне, ки молро дар анборҳои гумрукӣ барои нигаҳдори ҷойгир намудаанд, дар асоси шартнома ба роҳ монда мешавад. Набастани шартнома аз ҷониби соҳиби анбори гумрукии кушода ҳангоми мавҷудияти шароити муносиби бастани он иҷозат дода намешавад.

4. Соҳибони анборҳои гумрукӣ метавонанд мақомоти гумрукие бошанд, ки ба сифати соҳиби анбори гумрукӣ, бе дохил намудани онҳо ба Феҳристи соҳибони анборҳои гумрукӣ фаъолият намоянд. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ вазифадор аст на камтар аз як маротиба дар шаш моҳ мунтазам нашри номгӯи анборҳои гумрукиро, ки соҳиби он мақоми гумрук ҳисоб мешавад, инчунин тағйиру иловаҳо ба онҳоро дар нашрияҳои расмӣ ва сомонаи расмии интернетии худ таъмин намояд (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678, аз 19.07.2022 № 1906).

**Моддаи 227. Шарти дохил намудан ба Феҳристи соҳибони анборҳои гумрукӣ**

(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906)

1. Шартҳои дохил намудан ба Феҳристи соҳибони анборҳои гумрукӣ аз инҳо иборатанд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):

1) соҳибии (таҳти моликият, пешбурди хоҷагидорӣ ё таҳти иҷора) бино ва (ё) майдончаҳои кушодаи барои истифода ба сифати анбори гумрукӣ коршоям ва ҷавобгӯи талаботи муқарраргардида (моддаи 225);

2) таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ мутобиқи моддаи 384 ҳамин Кодекс;

3) шартнома дар бораи суғуртаи хавфи масъулияти шаҳрвандии худ, ки метавонад дар натиҷаи расонидани зарар ба моли дигар шахсон, ки таҳти нигаҳдорӣ қарор гирифтааст ё вайрон кардани шартҳои дигари нигаҳдорӣ бо шахсонн дигар фаро расад. Маблағи суғурта, ки дар доираи он суғуртакунанда ӯҳдадор мешавад ҳангоми фарорасии ҳар як ҳолати суғурта зарари ба моликияти шахсон расонидашударо ҷуброн намояд, тибқи масоҳати муфид ё ҳаҷми муфид ҳисоб карда мешавад ва агар ба сифати анбори гумрукӣ майдончаи кушода истифода шуда бошад - дар ҳаҷми 5 - нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои ҳар як метри мураббаи масоҳати муфид ё агар ба сифати анбори гумрукӣ бино истифода шуда бошад - дар ҳаҷми 2 - нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои ҳар як метри мукааби масоҳати муфид истифода бурда шавад, вале наметавонад аз ҳаҷми 8000 - нишондиҳанда барои ҳисобҳо камтар бошад (Конун аз 06.10.2008с. № 437);

2. Агар соҳибии бино ва (ё) майдончаи кушода дар асоси шартномаи иҷора анҷом дода шавад, дар ин сурат шартнома бояд ба мӯҳлати на камтар аз се сол аз рӯзи пешниҳоди ариза ҷиҳати дохил намудан ба Феҳристи соҳибони анборҳои гумрукӣ баста шавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

**Моддаи 228. Ариза барои дохил намудан ба Феҳристи соҳибони анборҳои гумрукӣ**

(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906)

1. Шахс ба Феҳристи соҳибони анборҳои гумрукӣ дар асоси аризаи ҷавобгӯи талаботи муқаррарнамудаи моддаи 226 ҳамин Кодекс дохил карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

2. Ариза барои дохилшавӣ ба Феҳристи соҳибони анборҳои гумрукӣ бояд инҳоро дар бар гирад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):

1) муроҷиат ба мақоми гумрук бо ариза барои дохилшавӣ ба Феҳристи соҳибони анборҳои гумрукӣ (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906);

2) маълумот дар бораи номгӯй, шакли ташкилию ҳуқуқӣ, маҳали ҷойгиршавӣ, кушодани суратҳисобҳои бонкӣ, инчунин андозаи сармояи оинномавии (ҷамъшавандаи) пурра ташаккулёфта, фонди оинномавӣ ё аъзоҳаққии аризадиҳанда;

3) маълумот дар бораи навъи анбори гумрукӣ (барои анбори пӯшида, инчунин асоснокии зарурат ва ба мақсад мувофиқ будани интихоби ин анбор);

4) маълумот дар бораи биноҳо ва (ё) майдончаҳои кушодае, ки дар ихтиёри аризадиҳанда қарор дошта, барои истифода ба сифати анбори гумрукӣ таъин гардидааст, маҳали ҷойгиршавӣ, ободонӣ, таҷҳизонӣ ва таъминоти моддию техникии онҳо;

5) маълумот дар бораи таъмини пардохтҳои гумрукӣ мутобиқи моддаи 384 ҳамин Кодекс;

6) маълумот дар бораи шартномаи (шартномаҳои) суғуртаи хавфи масъулияти шаҳрвандии аризадиҳанда.

3. Ба аризаи барои дохил намудан ба Феҳристи соҳибони анборҳои гумрукӣ ҳуҷҷатҳои зерини тасдиққунандаи маълумоти пешниҳодшуда замима мегарданд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):

1) шаҳодатнома дар бораи сабти давлатии шахси ҳуқуқӣ;

2) ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи соҳибии биноҳо ва (ё) майдончаҳои кушода, ки барои истифода ба сифати анбори нигаҳдории муваққатӣ таъин гардидаанд;

3) тарҳҳо ва накшаҳои биноҳо ва (ё) майдончаҳои кушода, ки барои истифода ба сифати анбори нигаҳдории муваққатӣ таъин гардидаанд;

4) ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи супурдани пардохтҳои гумрукӣ мутобиқи моддаи 384 ҳамин Кодекс;

5) тасдиқномаҳои бонкҳо дар бораи кушодани суратҳисобҳо;

6) шартномаи (полиси) суғурта (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).

4. Барои ҳар бинои ҳудудан алоҳида ва (ё) ҳар майдончаи кушодаи ҳудудан алоҳида, ки барои истифода ба сифати анбори гумруки таъин гардидааст, аризаи алоҳида пешниҳод карда мешавад.

**Моддаи 229. Шаҳодатнома дар барои дохил намудан ба Феҳристи соҳибони анборҳои гумрукӣ**

(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906)

1. Дохил намудани соҳиби анбори гумрукӣ ба Феҳристи соҳибони анборҳои гумрукӣ нисбати ҳар як бинои ҳудудан алоҳида ва (ё) ҳар як майдончаи кушодаи ҳудудан алоҳида, ки ба сифати анбори гумрукӣ истифода мегардад, анҷом дода мешавад. Ба ҳар як бинои ҳудудан алоҳида ва (ё) ҳар як майдончаи кушодаи ҳудудан алоҳида дар бораи дохил намудан ба Феҳристи соҳибони анборҳои гумрукӣ шаҳодатнома дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

2. Шаҳодатнома дар бораи дохил намудан ба Феҳристи соҳибони анборҳои гумрукӣ инҳоро дар бар мегирад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):

1) номи соҳиби анбори гумрукӣ ва нишон додани номгӯи шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва маҳали ҷойгиршавӣ;

2) маълумот дар бораи ҳуқуқи соҳибии бино ва (ё) майдончаи кушода, ки ба сифати анбори гумрукӣ истифода мешавад;
3) маълумот дар бораи таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ тибқи талаботи пешбининамудаи моддаи 384 ҳамин Кодекс;
4) нишон додани навъи анбори гумрукӣ;
5) нишон додани маҳали ҷойгиршавии анбори гумрукӣ.
3. Шаҳодатнома дар бораи дохил намудан ба Феҳристи соҳибони анборҳои гумрукӣ дар давоми панҷ сол эътибор дорад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

**Моддаи 230. Вазифаҳо ва масъулияти соҳиби анбори гумрукӣ**

1. Соҳиби анбори гумрукӣ вазифадор аст:
1) шарт ва талаботи муқаррарнамудаи ҳамин Кодексро нисбати нигаҳдории мол дар анборҳои гумрукӣ риоя намояд;
2) баҳисобгирии моли нигаҳдоришавандаро анҷом дода, ба мақомоти гумрук дар бораи нигаҳдории ин мол ҳисобот пешниҳод намояд (моддаи 405);
3) амнияти моли дар анборҳои гумрукӣ нигаҳдоришавандаро таъмин намояд;
4) дастрасии шахсони бегонаро ба моли нигаҳдоришаванда бе иҷозати мақомоти гумрук имконнопазир созад;
5) боҷҳои гумрукӣ ва андозро дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 2 ҳамин модда, инчунин дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи 90 ҳамин Кодекс пардозад, агар соҳиби анбори гумрукӣ дорои иҷозат ба транзити дохилии гумрукӣ бошад.
2. Соҳиби анбори гумрукӣ нисбати моли дар анбори гумрукӣ нигаҳдоришаванда, ҳангоми гум кардан ё бе иҷозати мақоми гумрук додани мол барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз масъул мебошад. Соҳиби анбори гумрукӣ барои пардохти боҷҳои гумрукӣ, андозҳо танҳо ҳангоме масъул намебошад, ки агар мол дар натиҷаи садама, таъсири қувваи рафънопазир ё талафи табиӣ ҳангоми нигаҳдории муқаррарӣ нобуд ё тамоман талаф шуда бошад.

**Моддаи 231. Бозхондани шаҳодатнома дар бораи дохил намудан ба Феҳристи соҳибони анборҳои гумрукӣ**

(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906)

Шаҳодатнома дар бораи дохил намудан ба Феҳристи соҳибони анборҳои гумрукӣ метавонад аз ҷониби мақоми гумрук дар ҳолатҳои зерин бозхонда шавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):
1) аз ҷониби соҳиби анбори гумрукӣ риоя нашудани ҳатто яке аз шартҳои дохил намудан ба Феҳристи соҳибони анборҳои гумрукӣ, ки тибқи моддаи 227 ҳамин Кодекс муқаррар шудааст (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906);
2) аз ҷониби соҳиби анбори гумрукӣ риоя нашудани ӯҳдадориҳои пешбининамудаи банди 5 қисми 1 моддаи 230 ҳамин Кодекс;
3) агар соҳиби анбори гумрукӣ чандин маротиба барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ ҷалб шуда бошад.

**Моддаи 232. Амалиёт бо мол ҳангоми хориҷ намудани соҳиби анбори гумрукӣ аз Феҳристи соҳибони анборҳои гумрукӣ**

(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906)
Ҳангоми бозхондани шаҳодатнома дар бораи дохил намудан ба Феҳристи соҳибони анборҳои гумрукӣ ё хориҷ намудани соҳиби анбори гумрукӣ аз Феҳристи соҳибони анборҳои гумрукӣ бо дигар асосҳо моли дар анборҳои гумрукӣ нигаҳдоришаванда бояд аз ҳисоби вай дар мӯҳлати ду моҳ аз рӯзи хориҷшавӣ дар анбори дигари гумрукӣ ҷойгир карда шаванд. Соҳиби анбори гумрукӣ вазифадор аст шахсонеро, ки моли худро дар анборҳои гумрукӣ қарор додаанд, дар давоми 3 рӯзи хориҷ намудани вай аз Феҳристи соҳибони анборҳои гумрукӣ огоҳ намояд. Аз рӯзи дигари хориҷ намудани соҳиби анбори гумрукӣ аз Феҳристи соҳибони анборҳои гумрукӣ ҷойгиркунии мол дар ин анборҳои гумрукӣ манъ мебошад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
**Моддаи 233. Нигаҳдории мол дар анборҳои гумрукии мақомоти гумрук**
1. Анборҳои гумрукии мақомоти гумрук анборҳои кушода ҳисоб мешаванд ва бояд ҷавобгӯи талаботи муқаррарнамудаи моддаи 225 ҳамин Кодекс бошанд.
2. Ҳангоми нигаҳдории мол дар анборҳои гумрукӣ муносибати муттақобилаи мақомоти гумрук бо шахсоне, ки моли худро дар анборҳои гумрукӣ ҷой медиҳанд, мутобиқи ҳамин Кодекс ва Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад. Нисбати шартномаи мақоми гумрук бо шахсе, ки моли худро дар анборҳои гумрукӣ ҷойгир менамояд, талаботи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои шартномаи оммавӣ пешбинӣ шудааст, татбиқ мегардад. Аз ҷониби мақоми гумрук набастани шартномаи нигаҳдории мол ҳангоми мавҷудияти имконияти бастани он иҷозат дода намешавад.
Қабули мол барои нигаҳдорӣ аз ҷониби мақоми гумрук дар анборҳои гумрукӣ бо додани квитантсияи дорои намунаи муайяннамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ба шахси соҳиби бор тасдиқ карда мешавад.
3. Ҳуқуқ, вазифаҳо ва масъулияти мақоми гумрук марбут ба нигаҳдории мол дар анборҳои гумрукӣ аз моҳияти масъулияти мувофиқи муқаррароти умумии нигаҳдори пешбининамудаи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти муқаррароти ҳамин Кодекс бармеояд.
Мақоми гумрук дар сурати гум шудани моли дар анборҳои гумрукӣ нигаҳдоришаванда барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ҷавобгар мебошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар мол дар натиҷаи садама, таъсири қувваи рафънопазир ё талафи табиӣ ҳангоми нигаҳдории муқаррари нобуд ё тамоман талаф шуда бошад.
## БОБИ 26. РЕИМПОРТ
**Моддаи 234. Мазмуни низоми гумрукии реимпорт**
1. Реимпорт низоми гумрукие мебошад, ки мувофиқи он моли қаблан аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон содиршуда ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мӯҳлатҳои муқарраршуда (банди 2 қисми 1 моддаи 235), бе пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ва бе татбиқи мамнӯият ва маҳдудияти дорои хусусиятҳои иқтисодии муқаррарнамудаи санадҳои

меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ворид карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Моли таҳти низоми гумрукии реимпорт ҷойгиршуда барои мақсади гумрукӣ чун иҷозатшуда барои муомилоти озод баррасӣ карда мешавад.

**Моддаи 235. Шартҳои таҳти низоми гумрукии реимпорт қарор додани мол**

1. Таҳти низоми гумрукии реимпорт қарор додани мол иҷозат дода мешавад, агар:
1) ҳангоми содир намудани мол аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон он дорои статуси таҳти муомилоти озод қарордошта ё маҳсули коркарди моли хориҷӣ бошад (боби 21) (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
2) мол дар ҷараёни 3 соли баъд аз рӯзи дигари интиқоли моли мазкур аз сарҳади гумрукӣ ҳангоми содироти он аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти низоми гумрукии реимпорт арз шудааст. Тибқи дархости асосноки шахси манфиатдор мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ мӯҳлати мазкурро нисбати таҷҳизоти дар сохтмон, истеҳсолоти саноатӣ, истихроҷи канданиҳои фоиданок ва дигар мақсадҳои шабеҳ бо шарти риояи ҳамаи дигар муқаррароти ҳамин боб тамдид менамояд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
3) мол дар ҳамон ҳолате, ки аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон содир шуда буд, бетағйир боқӣ монда бошад, ба истиснои тағйирот дар натиҷаи фарсудашавии табий ё талафи табиӣ ҳангоми шароити мӯтадили интиқол, нигаҳдорӣ ва истифода (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
4) маблағи боҷҳои гумрукӣ, андозҳо, субсидияҳо ва дигар маблағҳое, ки бояд ҳангоми реимпорти мол ба буҷети давлатӣ (моддаи 236) баргардонида шаванд, пардохта шуда бошад.
2. Истифодаи мол берун аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ба даст овардани фоида, инчунин иҷрои амалиёти зарурӣ барои таъмини нигаҳдории он, аз ҷумла таъмир (ба истиснои таъмири асосӣ ва модернизатсия), хизматрасонии техникӣ ва дигар амале, ки барои нигаҳдории хусусиятҳои истифодабарии мол заруранд ва нигоҳ доштани мол дар ҳолате, ки он дар рӯзи содирот аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошт, барои ҷойгир намудани он таҳти низоми гумрукии реимпорт монеа шуда наметавонад, ба истиснои ҳолатҳое, ки иҷрои амалҳои таъмир боиси баланд шудани арзиши мол нисбат ба арзиши он дар рӯзи содирот нагардад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
3. Таҳти низоми гумрукии реимпорт метавонад моле ҷойгир карда шавад, ки қаблан таҳти низомҳои дигари гумрукӣ қарор дошт.
4. Қарор додани молҳо таҳти низоми гумрукии реимпорт бо шарти риояи талаботи қисми 1 ҳамин модда, ҳамчунин дар мавриде иҷозат дода мешавад, ки агар танҳо қисме аз молҳои қаблан содиршуда ворид гардад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).

**Моддаи 236. Баргардонидани маблағи боҷҳои гумрукии воридотӣ, андозҳо, субсидияҳо ва дигар маблағ ҳангоми реимпорти мол**

1. Ҳангоми реимпорти мол ба буҷети давлатӣ бояд ин маблағ баргардонида шавад:
1) маблағи боҷҳои гумрукии воридотӣ, андозҳо ва (ё) фоизи онҳо, агар маблағи чунин боҷҳои гумрукӣ, андозҳо ва (ё) фоизҳо ситонида нашуда бошад ё вобаста ба содироти мол аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонида шуда бошад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
2) маблағи андозҳои дохилӣ, субсидияҳо ва дигар маблағи пардохтнашуда ё қаблан мустақиман ё ғайримустақим ба сифати пардохт, имтиёз гирифташуда ё аз сабаби содироти мол аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн гардидааст (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Маблағи боҷҳои гумрукии воридотӣ ва андозҳои тибқи қоидаҳои муқаррарнамудаи қисми 4 моддаи 185 ҳамин Кодекс барои муайян намудани маблағи барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз зарури ҳангоми иҷозати маҳсули коркарди мол барои муомилоти озод ҳисоб карда мешавад.
Маблағи андозҳои дохилӣ дар асоси меъёрҳои дар рӯзи қабули декларатсияи гумрукӣ ҳангоми баровардани мол аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда ва арзиши гумрукии мол ва (ё) теъдоди он, ки ҳангоми баровардани он аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст, ҳисоб карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347, аз 30.05.2017 № 1421):
3. Тартиби ҳисоби маблағи субсидия ва дигар маблағи дар қисми 2 ҳамин модда зикрнашуда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад ҳолатҳоеро муқаррар намояд, ки ҳамзамон бо ин маблағ фоизҳои он дар ҳаҷми муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида шавад.
4. Маблағҳои боҷҳои гумрукӣ, андозҳо, субсидияҳо ва дигар фоизҳое, ки мувофиқи ҳамин модда пешбинӣ шудааст, аз ҷониби мақомоти гумрук мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ситонида мешаванд.
**Моддаи 237. Ҳуҷҷат ва маълумоте, ки барои ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукии реимпорт заруранд**
1. Барои гирифтани иҷозати ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукии реимпорт декларант ба мақоми гумрук дар бораи шароитҳои баровардани мол аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар бораи таъмири мол, агар чунин амалиёт бо мол берун аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда бошанд, маълумот пешниҳод мекунад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Барои тасдиқи маълумоти дар қисми 1 ҳамин модда зикршуда декларант ба мақоми гумрук декларатсияи гумрукиро, ки ҳангоми содироти мол аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда буд, ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи рӯзи убури мол аз сарҳади гумруки ҳангоми содирот, ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи риояи талаботи моддаи 236 ҳамин Кодекс, инчунин дигар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи маълумоти арзшударо пешниҳод менамояд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
**Моддаи 238. Баргардонидани маблағи боҷҳои гумрукии содироти ҳангоми реимпорти мол**

1. Маблағи пардохтшудаи боҷҳои гумрукии содироти ҳангоми реимпорти мол баргардонида мешавад, агар мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи низоми гумрукии реимпорт дар давоми на дертар аз 6 моҳи баъди убури мол аз сарҳади гумрукӣ ҳангоми содироти он аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Маблағи боҷҳои содиротии гумрукии пардохтшуда бо қарори мақомоти гумрук аз ҷониби мақомоти ваколатдори молия тибқи ҳамин Кодекс баргардонида мешавад.

**БОБИ 27. РЕЭКСПОРТ**

**Моддаи 239. Мазмуни низоми гумрукии реэкспорт**

Реэкспорт низоми гумрукие мебошад, ки мувофиқи он моли қаблан ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида аз ин ҳудуд бидуни пардохт ё баргардонидани боҷҳои гумрукии воридотӣ ва андозҳо, бе татбиқи мамнӯият ва маҳдудиятҳои дорои хусусиятҳои иқтисодии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон содир карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 240. Шартҳои ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукии реэкспорт**

1. Таҳти низоми гумрукии реэкспорт мол бо шартҳои зайл ҷойгир карда мешавад:

1) баровардани молҳое, ки дар ҷойҳои нигаҳдории муваққатӣ қарор доранд то ҷойгиркунии онҳо таҳти низоми муайяни гумрукӣ;

2) баровардани моли қаблан барасмиятдаровардашуда таҳти низоми гумрукии иҷозати мол барои муомилоти озод, бо риояи талаботи пешбининамудаи моддаи 242 ҳамин Кодекс;

3) содироти молҳои хориҷӣ, ки таҳти амалиёти коркард қарор нагирифтаанд ва қаблан таҳти низоми гумрукии коркард дар ҳудуди гумрукӣ ва коркарди мол барои муомилоти озод ҷойгир карда шудаанд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

4) содироти молҳои хориҷӣ, ки қаблан таҳти низомҳои гумрукии анбори гумрукм, минтақаи озоди гумрукӣ, анбори озод, воридоти муваққатӣ ва савдои бебоҷ қарор дода шудаанд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845);

5) содироти молҳои хориҷии ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридкардашуда бо вайрон кардани талаботи манъи воридоти онҳо тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 1 моддаи 12) (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Тартиби барасмиятдарории гумрукии моли реэкспортшаванда аз ҷониби мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар карда мешавад.

3. Реэкспорти моли зераксизӣ дар сурати таъмини пардохти боҷҳои гумрукӣ, андозҳо ё мушоияти гумрукӣ анҷом дода мешавад.

4. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд шартҳои

иловагии ҷойгир намудани молро таҳти низоми гумрукии реэкспорт муқаррар намоянд.

**Моддаи 241. Татбиқи боҷҳои гумрукӣ ва андоз ҳангоми реэкспорти мол**

1. Ҳангоми реэкспорти мол озодкунӣ аз пардохти боҷҳои гумрукии воридотӣ ва андозҳо фароҳам оварда мешавад ё баргардонидани таъмини пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз анҷом дода мешавад, агар чунин озодкунӣ ё баргардонидан ҳангоми анҷоми низоми гумрукӣ, ки тибқи он мол дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошт, пешбинӣ шуда бошад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845, аз 30.05.2017 № 1421).

2. Ҳангоми содир намудани моли реэкспортшаванда боҷҳои гумрукии содиротӣ пардохта намешаванд.

**Моддаи 242. Татбиқи низоми гумрукии реэкспорт нисбати моле, ки барои муомилоти озод иҷозат дода шудааст**

1. Молҳои барои муомилоти озодиҷозатдодашуда, ки онҳо дар рӯзи убури сарҳади гумрукӣ дорои камбудиҳо буданд ё ба тарзи дигар ба теъдод, сифат, тавсиф, бастабанди ё дигар шартҳои муомилоти иқтисодии хориҷӣ мувофиқат намекарданд ва аз ҳамин сабабҳо ба ирсолкунандаи бор ё ба шахси дигари зикрнамудаи он баргардонида мешаванд, метавонанд таҳти низоми гумрукии реэкспорт ҷойгир карда шаванд, агар ин молҳо:

1) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода ва таъмир нашуда бошанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки мол барои муайян намудани камбудӣ ё дигар ҳолатҳое, ки боиси баргардонидани онҳо гардидаанд, истифода шуда бошанд;

2) метавонанд аз ҷониби мақомоти гумрук ҳаммонанд карда шаванд;

3) дар давоми 6 моҳ аз рӯзи иҷозати онҳо барои муомилоти озод бароварда шаванд.

2. Ҳангоми реэкспорти мол тибқи қисми 1 ҳамин модда маблағи пардохтшудаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз мутобиқи моддаи 397 ҳамин Кодекс баргардонида мешаванд.

## БОБИ 28. НОБУДКУНӢ

**Моддаи 243. Мазмуни низоми гумрукии нобудкунӣ**

Нобудкуни низоми гумрукие мебошад, ки мувофиқи он моли хориҷӣ таҳти назорати гумрукӣ, бе пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз, инчунин бе татбиқи мамнӯият ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодии муқарраргардидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нобуд карда мешавад.

**Моддаи 244. Шартҳои ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукии нобудкунӣ**

1. Нобудкунии мол иҷозат дода мешавад, агар моли таҳти нобудкунӣ қарордошта бо усули аз нигоҳи иқтисоди судманд ба шакли аввалааш барқарор карда нашавад.

2. Нобудкунӣ нисбати гурӯҳи молҳои зерин иҷозат дода намешавад:

1) арзиши фарҳангӣ;

2) намудҳои ҳайвонот ва растаниҳое, ки таҳти хатари нобудшавӣ қарор доранд, узв ва маҳсули онҳо (дериватҳо), ба истиснои ҳолатҳое, ки

нобудкунии онҳо барои мақсадҳои пешгирии эпидемия ва ҳолатҳои эпизоотӣ анҷом дода мешавад;
3) моли аз ҷониби мақомоти гумрук ба сифати гарав қабулшуда, то анҷоми муносибатҳои вобаста ба гарав;
4) моли аз ҷониби мақоми давлатии ваколатдор ситонидашуда ё моле, ки нисбати он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳабси амвол пешбинӣ шудааст;
5) дигар молҳое, ки номгӯи онҳоро метавонад Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намояд.
3. Нобудкунии мол иҷозат дода намешавад, агар:
1) нобуд кардани мол ба муҳити зист зарари ҷиддӣ расонад ё мустақиман ё ғайримустақим ба ҳаёт ва саломатии одамон хатари ҷиддӣ дошта бошад;
2) мол бо роҳи истеъмол аз рӯи таъиноти муқаррариаш нобуд карда шавад;
3) барои мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси хароҷот гардад.

**Моддаи 245. Мӯҳлат ва маҳали нобудкунӣ**

1. Мӯҳлати нобудкунии молро мақоми гумрук дар асоси аризаи декларант, бо назардошти вақти дахлдор барои гузаронидани амали нобудкунии намуди моли арзшуда ва мӯҳлате, ки барои интиқоли мол бо воситаи нақлиёт аз маҳали ҷойгиршавӣ ба маҳали нобудкунӣ зарур аст, муқаррар карда мешавад.
2. Маҳали нобудкунии молро декларант бо розигии мақоми гумрук бо назардошти талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи муҳити зист муайян менамояд.

**Моддаи 246. Татбиқи низоми гумрукии нобудкунӣ нисбати моле, ки дар натиҷаи садама ё таъсири қувваи рафънопазир талаф ёфтааст**

1. Низоми гумрукии нобудкунӣ метавонад нисбати моли нобудкардашуда, тамоман талафшуда ё дар натиҷаи садама ё таъсири қувваи рафънопазир харобгардида татбиқ карда шавад.
2. Ҳангоми ҷойгир намудани моли нобудшаванда ё харобгашта таҳти низоми гумрукии нобудкунӣ муқаррароти қисми 1 моддаи 244 ва моддаи 247 ҳамин Кодекс татбиқ карда мешавад.

**Моддаи 247. Партовҳои моли нобудкардашуда**

1. Аз партовҳое, ки дар натиҷаи нобудкунии моли хориҷӣ ба миён омадаанд, бояд боҷҳои гумрукӣ ва андоз ситонида шаванд, чуноне, ки агар партовҳои мазкур ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамин ҳолат ворид гардида бошанд, ба истисноли ҳолатҳое, ки ин партовҳо аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда шудаанд ё чунон коркард шудаанд, ки барои истифодаи минбаъдаи тиҷоратӣ дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон корношоям буда, онҳоро бо усули аз нигоҳи иқтисоди судманд барқарор кардан ва ба ҳолати аввала баргардонидан имконнопазир аст (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
Партовҳое, ки аз онҳо боҷҳои гумрукӣ ва андоз ситонида мешаванд, бояд декларатсия карда шаванд.
2. Барои мақсадҳои ситонидани боҷҳои гумрукӣ ва андоз партовҳо чун моли ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида дониста мешаванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

3. Арзиши гумрукии партовҳо тибқи қоидаҳои пешбининамудаи моддаи 183 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад.
4. Масъулияти пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз барои партовҳо ба зиммаи декларант гузошта мешавад.

## БОБИ 29. ДАСТ КАШИДАН БА МАНФИАТИ ДАВЛАТ

### Моддаи 248. Мазмуни низоми гумрукии даст кашидан ба манфиати давлат

Даст кашидан ба манфиати давлат низоми гумрукие мебошад, ки ҳангоми он мол ройгон, бидуни ситонидани боҷҳои гумрукӣ ва андоз, инчунин бидуни истифодаи мамнӯият ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моликияти давлат гузаронида мешавад.

### Моддаи 249. Шартҳои ҷойгир кардани мол таҳти низоми гумрукии даст кашидан ба манфиати давлат

1. Даст кашидан аз мол ба манфиати давлат набояд боиси хароҷоти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардад, ки ҷуброни он аз ҳисоби маблағи аз фурӯши мол бадастомада имконнопазир аст.
2. Таҳти низоми гумрукии даст кашидан ба манфиати давлат моле, ки муомилоти он мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст, қарор дода намешавад.
Моле, ки муомилоташон мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, дар асоси қарори суд, бо истифодаи мусодира тибқи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ба моликияти давлат гузаронида мешаванд.
3. Номгӯи мушаххаси молеро, ки наметавонад таҳти низоми гумрукии даст кашидан аз мол ба манфиати давлат қарор дода шавад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

### Моддаи 250. Статуси моле, ки шахс аз он ба манфиати давлат даст кашидааст

1. Молҳое, ки таҳти низоми гумрукии даст кашидан аз мол ба манфиати давлат қарор гирифтаанд, тибқи ҳамин Кодекс ба моликияти давлат гузаронида мешаванд.
2. Аз лаҳзаи ба мақомоти гумрук додани моле, ки шахс аз он ба манфиати давлат даст кашидааст, ин мол бо мақсади гумрукӣ дорои статуси иҷозат барои муомилоти озод дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

### Моддаи 251. Масъулият барои татбиқи низоми гумрукии даст кашидан ба манфиати давлат

Масъулият барои ҳуқуқи ихтиёрдории мол бо роҳи ҷойгир намудани он таҳти низоми гумрукии даст кашидан ба манфиати давлат ба зиммаи декларант гузошта мешавад. Мақомоти гумрук ҳеҷ гуна даъвои амволии шахсони нисбати мол ваколатдорро, ки аз он декларант ба манфиати давлат даст кашидааст, ҷуброн намекунанд.

## БОБИ 30. СОДИРОТИ МУВАҚҚАТӢ

### Моддаи 252. Мазмуни низоми гумрукии содироти муваққатӣ

1. Содироти муваққатӣ низоми гумрукие мебошад, ки ҳангоми он моли ватанӣ метавонад дар мӯҳлати муайян берун аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо озодкунии пурраи шарти аз ситонидани боҷҳои гумрукии содиротӣ ва бе татбиқи мамнӯият ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифода бурда шавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Ҳангоми содироти муваққатии мол озодкунӣ аз андозҳои дохилӣ, баргардонидан ё ҷуброни он татбиқ намегардад.

**Моддаи 253. Шартҳои ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукии содироти муваққатӣ**

1. Мол таҳти низоми гумрукии содироти муваққатӣ дар ҳолатҳои зерин ҷойгир карда мешавад:
1) таъмини ҳаммонандсозии мол аз ҷониби мақомоти гумрук ҳангоми воридоти бозпаси он;
2) пешниҳоди ӯҳдадорӣ дар бораи воридоти бозпаси мол тибқи намунаи тасдиқнамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ;
3) таъмини пардохти боҷҳои гумрукии содиротӣ.
2. Ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукии содироти муваққатӣ барои моле, ки содироти он аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода намешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 254. Мӯҳлати содироти муваққатӣ**

1. Мӯҳлати умумии содироти муваққатии мол на зиёда аз се сол мебошад.
Мӯҳлати содироти муваққатӣ аз ҷониби мақоми гумрук тибқи аризаи декларант, бо назардошти мақсад ва шартҳои чунин содирот ва муқаррароти қисми 2 ҳамин модда муайян карда мешавад. Бо дархости асосноки шахси мазкур мӯҳлати арзшудаи содироти муваққати бо назардошти муқаррароти қисми 2 ҳамин модда, вале на бештар аз як сол тамдид карда мешавад.
2. Барои намудҳои алоҳидаи мол, ки воридоти бозпаси он ҳангоми содироти муваққатӣ мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ мебошад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳлати ниҳоии содироти муваққатиро муқаррар менамояд.

**Моддаи 255. Истифодаи боҷҳои гумрукии содиротӣ**

1. Ҳангоми содироти муваққатии мол озодкунии пурраи шарти аз пардохти боҷҳои гумрукии содироти фароҳам оварда мешавад.
2. Ҳангоми баргашта наовардани моли муваққатан содиршуда маблағи боҷҳои гумрукии содиротӣ бо назардошти арзиши мол ва (ё) теъдоди он ҳангоми содирот, инчунин меъёрҳои боҷҳои гумрукии дар рӯзи арзшавии мол таҳти низоми гумрукии содироти муваққатӣ амалкунанда пардохта мешаванд. Фоизҳо аз ин маблағ дар ҳаҷми муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта мешаванд, ба мисли он ки барои ин маблағҳо дар рӯзи ҷойгиркунии моли ватанӣ таҳти низоми гумрукии содироти муваққатӣ тамдиди мӯҳлат фароҳам оварда шуда бошад.

**Моддаи 256. Анҷоми низоми гумрукии содироти муваққатӣ**

1. Моли муваққатан содиргардида ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон на дертар аз рӯзи ба охир расидани мӯҳлати содироти муваққатӣ (моддаи 254) бояд баргардонида шавад ё мувофиқи ҳамин Кодекс таҳти низоми дигари гумрукӣ арз карда шавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Бо дархости шахсе, ки молро таҳти низоми гумрукии содироти муваққатӣ қарор додааст, мақоми гумрук барои иваз намудани низоми гумрукии содироти муваққатӣ ба низоми гумрукии содирот, бо риояи шарт ва талаботи пешбининамудаи ҳамин Кодекс иҷозат медиҳад, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон моли муваққатан содиршуда бояд ҳатман ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонда шавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
3. Ҳангоми ба шахси хориҷӣ додани моли муваққатан содиршуда шахсе, ки молро таҳти низоми гумрукии содироти муваққатӣ қарор додааст, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 2 ҳамин модда вазифадор аст низоми гумрукии содироти муваққатиро ба низоми гумрукии содирот иваз намояд.
4. Тағйири низоми гумрукии содироти муваққатӣ ба низоми дигар, ки нисбати моли содироти истифода мегардад, бидуни пешниҳоди воқеии мол ба мақоми гумрук иҷозат дода мешавад.

**Моддаи 257. Масъулият вобаста ба пардохти боҷҳои гумрукӣ**

Масъулият вобаста ба пардохти боҷҳои гумрукӣ мувофиқи қисми 2 моддаи 350 ҳамин Кодекс ба зиммаи шахсе гузошта мешавад, ки молро таҳти низоми гумрукии содироти муваққатӣ қарор додааст.

**БОБИ 31. САВДОИ БЕБОҶ**

**Моддаи 258. Мазмуни низоми гумрукии савдои бебоҷ**

1. Савдои бебоҷ низоми гумрукие мебошад, ки ҳангоми он молҳои хориҷии ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда ё молҳои ватанӣ ба тариқи чакана ба шахсони воқеии берун аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон сафаркунанда мустақиман дар мағозаи савдои бебоҷ, бидуни пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз, инчунин бе татбиқи мамнӯият ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон фурӯхта мешаванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Таҳти низоми гумрукии савдои бебоҷ ҳамаи мол ҷой дода мешавад, ба истиснои моле, ки воридот ва содироти он ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, муомилоти он дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, инчунин дигар молҳое, ки номгӯи онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
3. Молҳои дар қисми 1 ҳамин модда зикршуда дар мағозаҳои савдои бебоҷ таҳти назорати гумрукӣ дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар нуқтаҳои гузаргоҳ аз Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фурӯхта мешаванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
4. Моли дар мағозаҳои савдои бебоҷ фурӯхташаванда мувофиқи тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ бояд дорои воситаҳои ҳаммонандсозӣ бошад.

5. Ҳангоми қарор додани моли ватанӣ тахти низоми гумрукии савдои бебоҷ озодкунӣ аз пардохти андозҳои дохилӣ, баргардонидан ё ҷуброни он мувофиқи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.
6. Ҳангоми ҷойгир намудани моли хориҷи тахти низоми савдои бебоҷ маблағи боҷи гумрукии воридотӣ ва андоз баргардонида мешавад, агар баргардонии онҳо ҳангоми содироти воқеии мол аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи ҳамин Кодекс пешбинӣ шуда бошад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
7. Декларанти моли тахти низоми гумрукии савдои бебоҷ ҷойгиршаванда метавонад танҳо соҳиби мағозаи савдои бебоҷ бошад.
8. Соҳиби мағозаи савдои бебоҷ метавонад танҳо шахси ҳуқуқии ватание бошад, ки ба Феҳристи соҳибони мағозаҳои савдои бебоҷ дохил карда шудааст (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
9. Моле, ки барои таъмини фаъолияти мағозаи савдои бебоҷ истифода мегардад, набояд тахти низоми гумрукии савдои бебоҷ ҷой дода шавад.
10. Мағозаи савдои бебоҷ мувофиқи тартиби муқарраркардаи низом дар нуқтаҳои гузаргоҳи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои бақайдгирӣ ва иҷозат барои фурӯши чаканаи мол, агар ҳатмӣ будани онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда бошад, кушода мешавад.
11. Иҷозати мол мувофиқи низоми гумрукии савдои бебоҷ баъди гирифтани шаҳодатнома дар бораи дохил намудан ба Феҳристи соҳибони мағозаҳои савдои бебоҷ имконпазир мебошад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

**Моддаи 259. Талабот нисбати ободонӣ ва таҷҳизонии бинои мағозаи савдои бебоҷ**

1. Бинои мағозаи савдои бебоҷ метавонад аз толори савдо, биноҳои ёрирасон ва анборҳо иборат бошад.
Биноҳои мазкур бояд тарзе муҷаҳҳаз бошанд, ки фурӯши молро танҳо дар толорҳои мағозаи савдои бебоҷ анҷом дода, инчунин ҳифзи мол ва имконияти назорати гумрукиро нисбати онҳо таъмин намоянд.
2. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ барои ободонии анборҳои мағозаи савдои бебоҷ талаботи ҳатмиро муқаррар мекунад, агар чунин анборҳо берун аз нуқтаҳои гузаргоҳ аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тартиби пешбининамудаи моддаи 107 ҳамин Кодекс ҷойгир шуда бошанд.
3. Толорҳои савдои мағоза бояд тарзе ҷойгир шаванд, ки монда рафтани молҳои аз мағозаи савдои бебоҷ харидшударо дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон истисно намоянд, аз ҷумла ба дасти шахсони воқеие, ки дар ин ҳудуд мемонанд, додани онҳоро имконнопазир гардонанд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
4. Бинои мағозаи савдои бебоҷ минтақаи назорати гумрукӣ ба шумор меравад.
5. Агар бино дар асоси шартномаи иҷора ихтиёрдори карда шавад, пас бояд ин шартнома ба мӯҳлати на камтар аз се сол аз рӯзи додани ариза барои

дохилшавӣ ба Феҳристи соҳибони мағозаҳои савдои бебоҷ баста шавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

**Моддаи 260. Шарти дохил намудан ба Феҳристи соҳибони мағозаҳои савдои бебоҷ**

(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906)

1. Шартҳои дохил намудан ба Феҳристи соҳибони мағозаҳои савдои бебоҷ аз инҳо иборатанд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):

1) соҳибии биное (таҳти моликият, пешбурди хоҷагидорӣ ё таҳти иҷора), ки барои истифодаи он ба сифати мағозаи савдои бебоҷ муносиб ва ҷавобгӯи талаботи муқарраргардида бошад (моддаи 259);

2) таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ мутобиқи моддаи 384 ҳамин Кодекс;

3) шартномаи суғуртаи хавфи масъулияти шаҳрвандии худ, ки метавонад дар натиҷаи расонидани зарар ба моли шахсони дигар, ки ба фурӯш монда шудааст ё вайрон кардани шартҳои дигари фурӯш бо шахсони дигар фаро расад. Маблағи суғурта, ки дар доираи он суғуртакунанда ӯҳдадор мешавад ҳангоми фарорасии ҳар як ҳолати суғурта зарарӣ ба моликияти шахсон расонидашударо ҷуброн намояд, тибқи масоҳат ё ҳаҷми муфид дар ҳаҷми 2 - нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои ҳар як метри мукааби масоҳати муфид муайян карда мешавад, вале наметавонад аз ҳаҷми 3000 - нишондиҳанда барои ҳисобҳо камтар бошад (Конун аз 06.10.2008с. № 437).

**Моддаи 261. Ариза барои дохил кардан ба Феҳристи соҳибони мағозаҳои савдои бебоҷ**

(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906)

1. Шахс ба Феҳристи соҳибони мағозаҳои савдои бебоҷ дар асоси аризае, ки ҷавобгӯи шартҳои муқаррарнамудаи моддаҳои 258 - 260 ҳамин Кодекс мебошад, дохил карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

2. Ариза барои дохил кардан ба Феҳристи соҳибони мағозаҳои савдои бебоҷ бояд инҳоро дар бар гирад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):

1) муроҷиат ба мақоми гумрук барои дохил кардан ба Феҳристи соҳибони мағозаҳои савдои бебоҷ (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906);

2) маълумот дар бораи номгӯй, шакли ташкилию ҳуқуқӣ, маҳали ҷойгиршавӣ, оид ба кушодани суратҳисобҳои бонкӣ, инчунин маълумот дар бораи миқдори сармояи оинномавии (ҷамъшавандаи) пурра ташаккулёфта, фонди оинномавӣ ё аъзоҳаққии аризадиҳанда;

3) маълумот дар бораи биноҳои дар ихтиёри аризадиҳанда қарордошта, ки барои истифода ба сифати мағозаи савдои бебоҷ таъин шудаанд, дар бораи маҳали ҷойгиршавии он, ободонӣ, таҷҳизонӣ ва таъминоти моддию техникии он;

4) маълумот дар бораи таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ мутобиқи моддаи 384 ҳамин Кодекс;

5) маълумот дар бораи шартномаи (шартномаҳои) суғурта кардани хавфи масъулияти шаҳрвандии аризадиҳанда.

3. Ба аризаи барои дохил шудан ба Феҳристи соҳибони мағозаҳои савдои бебоҷ ҳуҷҷатҳои зерине, ки тасдиқкунандаи маълумоти пешниҳодшуда мебошанд, замима мегарданд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):
1) шаҳодатнома дар бораи сабти давлатии шахси ҳуқуқӣ;
2) ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқи соҳибии биноҳое, ки барои истифода ҳамчун мағозаи савдои бебоҷ таъин гардидаанд;
3) тарҳи накшаи биноҳо, ки барои истифода ҳамчун мағозаи савдои бебоҷ таъин шудаанд;
4) ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ мутобиқи моддаи 384 ҳамин Кодекс;
5) тасдиқномаҳои бонкҳо дар бораи кушодани суратҳисобҳо;
6) шартномаи (полиси) суғурта (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).
4. Барои ҳар як бинои ҳудудан алоҳида, ки барои истифодаи мағозаи бебоҷ пешбинӣ шудааст, аризаи алоҳида пешниҳод карда мешавад.

**Моддаи 262. Вазифаҳо ва масъулияти соҳиби мағозаи савдои бебоҷ**

1. Соҳиби мағозаи савдои бебоҷ вазифадор аст:
1) талабот ва шартҳои низоми гумрукии савдои бебоҷро риоя кунад;
2) талаботи ободонӣ ва таҷҳизонии мағозаи савдои бебоҷро риоя кунад (моддаи 260);
3) имконияти барои мақсадҳои дигар истифода бурдани молеро, ки ба мағозаи савдои бебоҷ барои фурӯш ворид шудаанд, истисно намояд;
4) бақайдгирии моли ба мағозаи савдои бебоҷ воридшуда ва фурӯши онро анҷом дода, ба мақомоти гумрук ҳисобот пешниҳод намояд (моддаи 405);
5) моли таҳти низоми гумрукии савдои бебоҷ қарордоштаро танҳо дар биноҳои ёрирасон ва анборҳои мағозаи савдои бебоҷ нигоҳ дорад;
6) дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 2 ҳамин модда ва қисми 2 моддаи 263 ҳамин Кодекс, инчунин дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи 90 ҳамин Кодекс боҷҳои гумрукӣ ва андозро пардозад, ба шарте, агар соҳиби мағозаи савдои бебоҷ иҷозати транзити дохилии гумрукиро дошта бошад;
7) талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи савдо бо назардошти хусусиятҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс риоя кунад;
8) дар сурати баста шудани мағозаи бебоҷ мақоми гумрукро огоҳ намояд.
2. Соҳиби мағозаи савдои бебоҷ барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андози моли таҳти низоми гумрукии савдои бебоҷ қарордошта ҳангоми гум кардани моли хориҷӣ ё истифодаи он бо мақсадҳои дигари ғайри фурӯши чакана дар мағозаи савдои бебоҷ ба шахсони воқеие, ки аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ мешаванд, мутобиқи талабот ва шартҳои муқаррарнамудаи ҳамин боб масъулият дорад. Соҳиби мағозаи савдои бебоҷ барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз танҳо дар сурате масъул намебошад, ки агар мол дар натиҷаи садама, таъсири қувваи рафънопазир ё талафи табиӣ дар шароити мӯътадили нигаҳдорӣ ва фурӯш нобуд ё тамоман гум шуда бошад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 263. Шаҳодатнома барои дохил кардан ба Феҳристи соҳибони мағозаҳои савдои бебоҷ**

(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906)
1. Дохил кардан ба Феҳристи соҳибони мағозаҳои савдои бебоҷ нисбати ҳар як бинои ҳудудан алоҳида, ки ба сифати мағозаи савдои бебоҷ истифода бурда мешавад, татбиқ мегардад. Барои ҳар як бинои ҳудудан алоҳида дар бораи дохил кардан ба Феҳристи соҳибони мағозаҳои савдои бебоҷ шаҳодатномаи алоҳида дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
2. Шаҳодатнома дар бораи дохил намудан ба Феҳристи соҳибони мағозаҳои савдои бебоҷ инҳоро дар бар мегирад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):
1) номи соҳиби мағозаи савдои бебоҷ ва нишон додани шакли ташкилию ҳуқуқӣ, маҳали ҷойгиршавии он;
2) маълумот дар бораи ҳуқуқи соҳибии бино, ки ба сифати мағозаҳои савдои бебоҷ истифода бурда мешавад;
3) маълумот дар бораи таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ мутобиқи моддаи 384 ҳамин Кодекс;
4) нишони додани маҳали ҷойгиршавии мағозаи савдои бебоҷ.
3. Шаҳодатнома дар бораи дохил кардан ба Феҳристи соҳибони мағозаҳои савдои бебоҷ дар давоми панҷ сол эътибор дорад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
4. Шаҳодатнома дар бораи дохил кардан ба Феҳристи соҳибони мағозаҳои савдои бебоҷро мақоми гумрук метавонад дар ҳолатҳои зерин бозхонад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):
1) аз тарафи соҳиби мағозаи савдои бебоҷ риоя нашудани ҳатто яке аз шартҳои муқаррарнамудаи боби 31 ҳамин Кодекс барои фаъолият ба сифати соҳиби мағозаи савдои бебоҷ;
2) аз тарафи соҳиби мағозаи савдои бебоҷ риоя нашудани яке аз шартҳои пешбининамудаи банди 5 қисми 1 моддаи 230 ҳамин Кодекс;
3) ҳангоми якчанд маротиба ҷалб намудани соҳиби мағозаи савдои бебоҷ ба ҷавобгарии маъмурӣ барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ.
5. Ҳангоми бозхондани шаҳодатнома дар бораи дохил кардан ба Феҳристи соҳибони мағозаҳои савдои бебоҷ (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):
1) моли хориҷии таҳти низоми гумрукии савдои бебоҷ қарордошта бояд дар давоми 15 рӯзи баъди бозхонди шаҳодатномаи мазкур таҳти низоми дигари гумрукӣ қарор дода шавад;
2) маблағи андозҳои дохилие, ки аз моли ватании таҳти низоми гумрукии савдои бебоҷ ҷойгиршуда ва дар мағозаи савдои бебоҷ қарордошта баргардонида шудаанд, бо ҳисоб кардани фоизҳои муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар давраи ҷойгир намудани мол дар мағозаи савдои бебоҷ амал менамуданд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс барои ситонидани боҷҳои гумрукӣ ва андоз пардохта мешавад;
3) моли таҳти низоми гумрукии савдои бебоҷ қарордошта баъди як рӯзи бозхонди шаҳодатнома барои мақсади гумрукӣ ҳамчун моли таҳти низоми нигаҳдории муваққатӣ ҷойгиршуда дониста мешавад. Фурӯши чунин мол, инчунин ҷойгир намудани моли дигар дар мағозаи савдои бебоҷ иҷозат дода намешавад.

4. Бозхонди шаҳодатнома дар бораи дохил кардан ба Феҳристи соҳибони мағозаи савдои бебоҷ соҳиби мағозаи савдои бебоҷро аз риояи талабот ва иҷрои ӯҳдадориҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс озод наменамояд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

## БОБИ 32. МИНТАҚАИ ОЗОДИ ГУМРУКӢ

### Моддаи 264. Таъиноти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ

1. Минтақаи озоди гумрукӣ низоми гумрукие мебошад, ки ҳангоми он молҳои хориҷӣ ва ватанӣ дар ҳудуди сарҳади дахлдор дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ, бо роҳи пурра ё қисман озод намудан аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз, инчунин бе истифодаи мамнӯият ва маҳдудияти дорои хусусияти иқтисодии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир ва истифода бурда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845, аз 30.05.2017 № 1421).

2. Минтақаи озоди иқтисодӣ ҳамчун ҳудуде, ки дар он низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ амал мекунад, мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845, аз 30.05.2017 № 1421).

### Моддаи 265. Моле, ки барои ҷойгир намудан таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ иҷозат дода мешавад

1. Таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ моле иҷозат дода мешавад, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои ташкили минтақаи озоди иқтисодӣ зарурааст, ба истисноӣ ҳолатҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).

2. Номгӯи молҳои барои ноил шудан ба мақсадҳои ташкили минтақаи озоди иқтисодӣ зарурӣ тибқи Низомномаи минтақаи озоди иқтисодӣ, ки мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, муқаррар карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).

### Моддаи 266. Амалҳое, ки нисбат ба молҳои таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгиршуда ва молҳое, ки зимни амалиёти коркарди молҳои таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгиршуда ҳосил шудаанд, анҷом дода мешаванд

(Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845)

1. Бо молҳои таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгиршуда иҷрои амалиёти истеҳсолӣ ва тиҷоратии дигар, ба истисноӣ фурӯши чаканаи онҳо, мувофиқи номгӯи муқаррарнамудаи Низомномаи минтақаи озоди иқтисодӣ иҷозат дода мешавад.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад номгӯи молҳоеро, ки барои ҷойгир карданашон таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ иҷозат дода намешавад, муайян намояд, инчунин мамнӯият ва маҳдудиятҳоро барои анҷом додани амалиёти алоҳида бо молҳое, ки таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгир карда шудаанд, муқаррар намояд.

3. Молҳое, ки таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгир карда шудаанд, метавонанд таҳти низоми гумрукии дигар, аз ҷумла низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ бо мақсади ҷойгир карданашон дар минтақаи озоди иқтисодии дигар ё таҳти расмиёти гумрукӣ бо риояи

талаботу шартҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ва (ё) санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ҷойгир карда шаванд.
4. Молҳое, ки дар натиҷаи амалиёти коркарди молҳои таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгиркардашуда ҳосил шудаанд, метавонанд таҳти низомҳои гумрукии иҷозат барои муомилоти озод, содирот, реэкспорт, нобудкунӣ, даст кашидан ба манфиати давлат, инчунин таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ бо мақсади ҷойгир карданашон дар минтақаи озоди иқтисодии дигар бо риояи талаботу шартҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ва (ё) санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ҷойгир карда шаванд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845, аз 23.07.2016 № 1347).

**Моддаи 267. Мӯҳлати ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ**

1. Мол метавонад таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ бе маҳдудияти мӯҳлат ҷойгир карда шавад, ба шарте агар минтақаи озоди иқтисодӣ фаъолият намояд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).
2. Ҳангоми барҳам додани минтақаи озоди иқтисодӣ, молҳое, ки таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгир карда шудаанд ва молҳое, ки дар натиҷаи амалиёти коркарди молҳои таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгиркардашуда ҳосил шудаанд, бояд дар давоми мӯҳлати анҷомёбии расмиёти барҳамдиҳии минтақаи озоди иқтисодӣ, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд, таҳти низоми гумрукӣ ё расмиёти гумрукӣ мутобиқи қисмҳои 3 ва 4 моддаи 266 ҳамин Кодекс ҷойгир карда шаванд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).
3. Содироти берун аз ҳудуди минтақаи озоди иқтисодии молҳое, ки таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгир карда шудаанд ва молҳое, ки дар натиҷаи амалиёти коркарди молҳои таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгиркардашуда ҳосил шудаанд, ба шарте иҷозат дода мешавад, ки молҳои мазкур таҳти низоми гумрукӣ ё расмиёти гумрукӣ мутобиқи қисмҳои 3 ва 4 моддаи 266 ҳамин Кодекс ҷойгир карда шаванд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).

**Моддаи 268. Тадбирҳо оид ба таъмини риояи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаҳои озоди гумрукӣ**

1. Ҳудуде, ки барои ташкил кардани минтақаи озоди иқтисодӣ пешбинӣ шудааст, бояд тарзе ободу таҷҳизонида шавад, ки тавонад риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла имконияти анҷом додани назорати гумрукиро нисбат ба молҳои таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгиршуда таъмин намояд. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ талаботи ҳатмиро дар хусуси ободу таҷҳизонидани ҳудуде, ки барои ташкил кардани минтақаи озоди иқтисодӣ пешбинӣ шудааст, муқаррар менамояд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).

2. Роҳбари маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ вазифадор аст (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845):
1) имконияти интиқоли молу воситаҳои нақлиётро аз ҳудуди озоди иқтисодӣ бидуни назорати гумрукӣ истисно намояд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845);
2) ба мақомоти гумрук ҷиҳати фаъолият оид ба назорати гумрукии воридоту содироти мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади минтақаи озоди иқтисодӣ шароити зарурӣ фароҳам орад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845);
3) талаботи мақомоти гумрукро оид ба риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ иҷро намояд.

**Моддаи 269. Баҳисобгирии моле, ки дар минтақаҳои озоди гумрукӣ мавҷудаст**

1. Шахсоне, ки дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ фаъолият доранд, баҳисобгирии молҳои таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгиршуда ва амалиёт бо онҳоро ба роҳ мемонанд ва ба мақомоти гумрук дар хусуси онҳо бо тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ҳисобот медиҳанд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).
2. Ҳама гуна тағйироте, ки бо молҳои таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгиршуда рух додааст, дар ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ бояд инъикос карда шавад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).

**Моддаи 270. Ситонидани боҷҳои гумрукӣ, андозҳо ва истифодаи тадбирҳои мамнӯият ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодӣ**

1. Ҳангоми ҷойгиронии молҳо таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумруки озодкунии пурра ва ё қисман аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз амалӣ гардида, вале тадбирҳои мамнӯият ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намешаванд. Ҳангоми содироти ин мол аз минтақаи озоди иқтисодӣ ба қисмати дигари ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон боҷҳои гумрукӣ ва андоз ситонида мешаванд ва тадбирҳои мамнӯият ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи шартҳои арзшудаи низоми гумрукӣ татбиқ карда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).
2. Далели истеҳсоли мол дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ бо сертификати истеҳсоли мол тасдиқ карда мешавад. Ҳангоми набудани сертификати мазкур мол ба таври зайл баррасӣ карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845, аз 30.05.2017 № 1421):
1) ҳангоми содироти мол берун аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ситонидани боҷҳои гумрукии содиротӣ ва қабули тадбири мамнӯият ва маҳдудиятҳо, ки мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд, ҳамчун молҳои ватанӣ (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
2) ҳангоми воридоти мол ба қисми дигари ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ситонидани боҷҳои гумрукии воридотӣ ва қабули тадбири мамнӯият ва маҳдудиятҳо, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии

Тоҷикистон муқаррар гардидаанд, ҳамчун молҳои хориҷӣ (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 271. Хусусиятҳои барасмиятдарории гумрукии мол таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ**

1. Барасмиятдарории гумрукии молҳое, ки ба ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ ворид мешаванд ва таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ қарор мегиранд, инчунин молҳое, ки нисбат ба онҳо низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ тағйир меёбад, бояд бо тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ амалӣ гардад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).

2. Ҳангоми тағйир додани низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ба низоми дигари гумрукӣ барасмиятдарории гумрукии молҳо, истифодаи тадбирҳои мансуб ба мамнӯияту маҳдудиятҳои мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда, супоридани боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо мувофиқи шарту талаботи низоми гумрукии интихобгардида амалӣ мегардад. Ҳамзамон арзиши гумрукии мол нисбати моли истифодашаванда бо назардошти меъёрҳои амортизатсиони ҳангоми истифода (ба кор бурдан) тибқи низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ, ки мувофиқи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, муайян карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).

**Моддаи 272. Анҷоми низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ**

(Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845)

Низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҳангоми таҳти низоми гумрукӣ ё расмиёти гумрукӣ мутобиқи қисмҳои 3 ва 4 моддаи 266 ҳамин Кодекс ҷойгир кардани молҳои таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгиркардашуда ва (ё) молҳое, ки дар натиҷаи амалиёти коркарди молҳои таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгиркардашуда ҳосил шудаанд, анҷом меёбад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).

## БОБИ 33. АНБОРИ ОЗОД

**Моддаи 273. Таъиноти низоми гумрукии анбори озод**

1. Анбори озод низоми гумрукие мебошад, ки ҳангоми он мол дар биноҳои (маҳалҳои) дахлдори ба сифати анбори озод истифодашаванда бидуни ситонидани боҷҳои гумрукӣ, андозҳо, татбиқи мамнӯияту маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷойгир ва истифода бурда мешаванд.

2. Анбори озод дар асоси пешниҳоди мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ва мақоми давлатии ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти тиҷорати хориҷӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад (минбаъд дар ҳамин боб - пешниҳод).

**Моддаи 274. Моле, ки барои ҷойгир кардан дар анбори озод иҷозат дода мешавад**

Дар низоми гумрукии анбори озод ҷойгиркунии моле иҷозат дода мешавад, ки барои коркард таъин гардидааст, инчунин моле, ки бо кӯмаки он амалиёти коркард анҷом дода мешавад, ба истиснои моли манъшудае, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст.

**Моддаи 275. Амалиёте, ки бо мол дар анбори озод анҷом дода мешавад**

1. Дар анбори озод иҷрои амалиёти зерин иҷозат дода мешавад:

1) Барои таъмини нигаҳдории ин мол - поккорӣ, шамолдиҳӣ, хушккунӣ (аз ҷумла ташкили гармидиҳӣ), ташкили низоми ҳарорати мӯътадили нигаҳдори (хунуккунӣ, яхкунонӣ, гармкунӣ,) ҷойгиронӣ дар бастабандҳои муҳофизатӣ, молидани равғанҳои муҳофизатӣ ва консервантҳо, молидани маводи зидди занг, дохил кардани маводи пешгирикунанда;

2) оид ба омодасозии мол барои фурӯш ва интиқол - тақсим ба партияҳо, ташкили ирсол, навъбандӣ, бастабандӣ, бастабандии нав, маркировка, боркунӣ, борфарорӣ, аз нав бор кардан, амалиёти маъмулии марбут ба такмил ё омода сохтан ба ҳолати корӣ, ҷойивазкунии мол дар ҳудуди анбор бо мақсади ҷойгиронии судманд, ҷойгиронии мол барои овезаҳои намоишӣ, тест;

3) оид ба коркард - истеҳсоли (коркарди мол), аз ҷумла насб ва мутобиқгардонӣ, ки ҳангоми он моли воридшуда хусусияти асосии худро нигоҳ медорад, коркарди худи мол, ки ҳангоми он моли хориҷӣ хусусияти хоси худро аз даст дода, дар маҳсули коркард таснифоти худро нигоҳ медорад ва имкон медиҳад моли воридоти бо маҳсули коркард ҳаммонанд карда шавад ва ҳаммонандсози шарти муҳими коркард, таъмири мол, аз ҷумла барқарорсозӣ ва истифодаи баъзе молҳое мебошад, ки барои осон гардонидани истеҳсоли маҳсули коркард аз истеъмоли пурра ё қисмани онҳо дар ҷараёни коркард таъин гардидаанд;

4) барои истифодаи мол ба сифати таҷҳизоти технологӣ ва қисмҳои эҳтиётии онҳо, техникаҳои борбардорию борфарорӣ ва дигар воситаҳои дар анбори озод истифодашаванда.

2. Амалиёт бо моли дар анборҳои озод ҷойгиршуда, ки дар бандҳои 1 ва 2 қисми 1 ҳамин модда зикр шудаанд, бо огоҳонидани мақомоти гумрук сурат гирифта, набояд рамзи молро мувофиқи Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ тағйир диҳанд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1422).

Бо моле, ки дар анбори озод таҳти нигаҳдории муваққатӣ қарор доранд, метавонад амалиёти пешбининамудаи банди 1 қисми 1 ҳамин модда анҷом дода шавад.

Ҳангоми бо моли хориҷии дар анбори озод ҷойгиршуда анҷом додани амалиёт бо мақсади истеҳсоли маҳсули коркард истифодаи моли ватани ба сифати маводи иловагӣ ва унсурҳои иловаги иҷозат дода мешавад.

3. Бо мақсади таъмини риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи назорати гумруки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад барои иҷрои амалиёт бо моли дар анборҳои озод нигаҳдоришаванда мамнӯият ва маҳдудиятҳои алоҳидаро муқаррар намояд.

**Моддаи 276. Мӯҳлати нигаҳдории мол дар анборҳои озод**

Мол дар анбори озод метавонад бе маҳдуд намудани мӯҳлат нигоҳ дошта шавад, ба шарте, агар анбори озод фаъолият намояд.

**Моддаи 277. Назорати гумрукӣ ва барасмиятдарории гумрукии моли таҳти низоми гумрукии анбори озод ҷойгиршаванда**

Назорати гумрукӣ ва барасмиятдарории гумрукии моли таҳти низоми гумрукии анбори озод ҷойгиршаванда, инчунин аз анборҳои озод содиршаванда тибқи тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ анҷом дода мешавад.

**Моддаи 278. Баҳисобгирии моли дар анборҳои озод ҷойгиршуда**

1. Соҳибони анборҳои озод баҳисобгирии моли дар анбори озод ҷойгиршуда, инчунин амалиёти бо ин мол иҷрошударо анҷом дода, ба мақомоти гумрук мувофиқи тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ҳисобот пешниҳод менамоянд.

2. Барои баҳисобгирии моли дар анбори озод ҷойгиршуда, инчунин амалиёти бо ин мол иҷрошуда, метавонанд ҳуҷҷатҳои барои пешбурди фаъолияти ҳисобдорӣ ва ҳисоботдиҳи тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъиншуда истифода гарданд, ба шарте агар дар ин ҳуҷҷатҳо номгӯ ва аломатҳои ҳаммонандсозии мол, теъдод, маълумот дар бораи ҷойгир намудани онҳо дар ҳудуди анбори озод, ҳама гуна тағйироти дар анборҳо бо онҳо суратгирифта инъикос гарданд.

**Моддаи 279. Вазифаҳои соҳиби анбори озод**

Соҳиби анбори озод вазифадор аст:

1) мутобиқати анбори озодро бо талаботи муқарраршуда дар давоми мӯҳлати фаъолияти анбори озод таъмин намояд;

2) муҳофизати мол ва мувофиқати амалиёти бо онҳо гузаронидашавандаро тибқи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд;

3) ба назорати гумрукӣ мусоидат намояд;

4) бидуни назорати гумрукӣ гирифтани моли дар анбори озод нигаҳдоришавандаро истисно намояд;

5) шартҳои таъсис ва фаъолияти анбори озодро риоя кунад, инчунин талаботи мақомоти гумрук, аз ҷумла таъмини дастрас будани молро иҷро намояд;

6) барои татбиқи назорати гумрукӣ ва барасмиятдарории гумрукӣ ба мақомоти гумрук тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бино, таҷҳизот ва воситаҳои алоқаро дар анбори озод фароҳам орад;

7) баҳисобгирии моли дар анборҳои озод ҷойгиршударо анҷом дода, ба мақомоти гумрук дар бораи амалиёти бо он гузаронидашуда тибқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи 278 ҳамин Кодекс ҳисобот пешниҳод кунад.

**Моддаи 280. Ситонидани боҷҳои гумрукӣ, андоз ва татбиқи тадбирҳои мамнӯият ва маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Ҳангоми ҷойгир намудани моли ватанӣ ва хориҷӣ дар анборҳои озод боҷҳои гумрукӣ ва андоз ситонида намешаванд ва тадбирҳои мамнӯият ва маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истиснои талабот оид ба амнияти мол, татбиқ намегарданд. Ҳангоми аз анборҳои озод ба қисми дигари ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани мол боҷҳои гумрукӣ ва андоз ситонида мешаванд ва тадбирҳои мамнӯият ва маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии

ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси шартҳои арзшудаи низоми гумрукӣ, ба истиснои воридоти моли ватанӣ, татбиқ мегарданд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Ҳангоми содироти мол аз анборҳои озод берун аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон боҷҳои гумрукӣ ва тадбирҳои ба мамнӯият ва маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати моли зайл татбиқ намегарданд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421):

1) моли хориҷӣ;

2) дар анборҳои озод истеҳсолшуда;

3) дар анборҳои озод коркардшуда.

3. Истеҳсоли мол дар анборҳои озод бо сертификати истеҳсоли мол тасдиқ карда мешавад. Ҳангоми мавҷуд набудани сертификати мазкур мол чунин барраси карда мешавад:

1) ҳангоми содироти мол берун аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ситонидани боҷҳои гумрукии содиротӣ ва қабули тадбири мамнӯият ва маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун моли ватанӣ (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

2) ҳангоми воридоти мол ба қисми дигари ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ситонидани боҷҳои гумрукии воридотӣ, андозҳо ва татбиқи тадбирҳои мамнӯият ва маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун моли хориҷӣ (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 281. Талабот нисбати фаъолияти анбори озод**

1. Биное, ки барои таъсис ва фаъолияти анбори озод пешбинӣ шудааст, бояд ҷавобгӯи талаботи зерин бошад:

1) таҳти моликияти шахсии соҳиби анбор бошад ё ба мӯҳлати на камтар аз 3 сол аз лаҳзаи додани ариза барои гирифтани рухсатнома ба иҷора гирифта шуда бошад;

2) андозаи (периметри) он муайян ва иҳота карда шуда бошад;

3) дар ҳудуди анбори озод бино ва иншооте, ки марбути анбор нестанд, бояд вуҷуд надошта бошанд;

4) дорои ҷое бошад, ки барои азназаргузаронии мол зарур аст;

5) барои амалиёти коркарди мол обод ва муҷаҳҳаз бошад.

2. Анборҳои озод бояд дар тамоми давраи фаъолияти худ ҷавобгӯи талаботи муқарраргардида бошанд.

**Моддаи 282. Рухсатнома барои фаъолият ба сифати соҳиби анбори озод**

1. Анбори озод дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъди гирифтани рухсатнома аз мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ҷиҳати фаъолият ба сифати соҳиби анбори озод таъсис дода мешавад.

2. Рухсатнома барои фаъолият ба сифати соҳиби анбори озод ба шахси ҳуқуқӣ дода мешавад, ки соҳиби майдончаи барои таъсиси анбори озод таъингардида мебошад ё онро тибқи ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ ё идораи фаври ихтиёрдорӣ мекунад, ба шарте, ки пардохти боҷҳои гумрукӣ ва

андозро мутобиқи моддаи 384 ҳамин Кодекс таъмин карда бошад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).
3. Рухсатнома барои фаъолият ба сифати соҳиби анбори гумрукӣ ба ҳар як бинои ҳудудан алоҳида, ки ба сифати анбори озод истифода мегардад, дода мешавад. Рухсатнома барои фаъолият ба сифати соҳиби анбори озод инҳоро дар бар мегирад;
1) номи мақоми гумрук;
2) номгӯй ва шакли ташкилию ҳуқуқӣ;
3) номгӯи навъи фаъолият;
4) маълумот дар бораи ҳуқуқи ихтиёрдории бино, ки ба сифати анбори озод истифода бурда мешавад;
5) маълумот дар бораи таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ мутобиқи моддаи 384 ҳамин Кодекс;
6) зикри маҳали ҷойгиршавии анбори озод;
7) рақам ва санаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
8) рақами мушаххаси андозсупоранда;
9) рақами бақайдгирӣ ва санаи додани рухсатнома;
4. Мӯҳлати амали рухсатнома барои фаъолият ба сифати соҳиби анбори озод маҳдуд карда намешавад.
5. Рухсатнома барои фаъолият ба сифати соҳиби анбор ба шахси дигар дода намешавад.

**Моддаи 283. Ариза барои иҷрои фаъолият ба сифати соҳиби анбори озод**

1. Пешниҳод барои қабули қарор ҷиҳати иҷрои фаъолият ба сифати соҳиби анбори озод дар асоси аризаи шахс сурат мегирад. Ариза барои фаъолият ба сифати соҳиби анбори озод бояд инҳоро дар бар гирад:
1) муроҷиат бо хоҳиши баррасии ҳуҷҷатҳо барои фаъолият ба сифати соҳиби анбори озод;
2) маълумот дар бораи номгӯй, шакли ташкилию ҳуқуқӣ, маҳали ҷойгиршавӣ, суратҳисобҳои кушодашудаи бонкӣ, инчунин андозаи сармояи оинномавии (ҷамъшавандаи) пурра ташаккулёфта, фонди оинномавӣ ё аъзоҳаққии аризадиҳанда;
3) маълумот дар бораи биноҳо, ки дар ихтиёри аризадиҳанда қарор дошта, барои истифода ба сифати анбори озод таъин гардидаанд, маҳали ҷойгиршавӣ, ободонӣ, таҷҳизонӣ ва таъминоти моддию техникии онҳо;
4) маълумот дар бораи таъмини пардохтҳои гумрукӣ мутобиқи моддаи 384 ҳамин Кодекс;
5) маълумот дар бораи шартномаи (шартномаҳои) суғуртаи хавфи масъулияти шаҳрвандии аризадиданда.
2. Ба ариза барои фаъолият ба сифати соҳиби анбори озод ҳуҷҷатҳои зерине, ки тасдиқкунандаи маълумоти пешниҳодшуда мебошанд, замима мегарданд:
1) шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ;
2) ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқи соҳибии биноҳо, ки барои истифода ҳамчун анбори нигаҳдории муваққатӣ таъин шудаанд;
3) тарҳу нақшаҳои биноҳо, ки барои истифода ҳамчун анбори нигаҳдории муваққатӣ таъин шудаанд;

4) ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи таъмини пардохтҳои гумрукӣ мутобиқи моддаи 384 ҳамин Кодекс;
5) тасдиқномаи бонкҳо дар бораи кушодани суратҳисобҳо дар онҳо (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).
3. Ҳангоми тағйир ёфтани маълумоти дар ариза ва ҳуҷҷатҳо дарҷшуда соҳиби анбори озод бояд мақоми гумрукро на дертар аз 30 рӯзи тақвими аз санаи ворид намудани тағйирот огоҳ намояд.

**Моддаи 284. Боздоштани амали рухсатнома ҷиҳати фаъолият ба сифати соҳиби анбори озод**

1. Ҳангоми аз ҷониби соҳиби анбор риоя нашудани талабот ва ӯҳдадориҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс амали рухсатнома метавонад бо қарори мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ бо зикри сабабҳои боздоштани он, ба мӯҳлати 6 моҳ боздошта шавад.
2. Қарор дар бораи боздоштани амали рухсатнома бо фармоиши роҳбари мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ бо зикри сабаби бозхонди он қабул карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).
3. Амали рухсатнома аз рӯзи интишори фармоиши дахлдор боздошта мешавад. Ҳангоми боздоштани амали рухсатнома ҷойгир намудани мол дар анбори озод манъ аст. Моле, ки то боздоштани амали иҷозатнома дар анбори озод ҷойгир шуда буд, бояд аз ҷониби соҳиби анбори озод бетағйир нигоҳ дошта шавад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).
4. Амали рухсатнома баъди бартараф намудани сабабҳои боздоштани амали он ва интишори фармоиши дахлдори мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ барқарор мегардад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).

**Моддаи 285. Бозхондани рухсатнома барои фаъолият ба сифати соҳиби анбори озод**

1. Рухсатнома барои фаъолият ба сифати соҳиби анбори озодро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ дар ҳолатҳои зерин метавонад бозхонад:
1) дидаю дониста пешниҳод намудани маълумоти бардурӯғ;
2) аз ҷониби соҳиби анбори озод иҷро нашудани талаботи дар рухсатнома мавҷуда;
3) бартараф нанамудани сабабҳое, ки қаблан боиси боздоштани амали рухсатнома гардидаанд;
4) аз ҷониби суд ба соҳиби анбори озод манъ кардани фаъолият оид ба хизматрасонии анбори озод;
5) қатъи фаъолият ба сифати соҳиби анбори озод бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
6) агар соҳиби анбори озод чандин маротиба барои вайрон кардани қонунгузории маъмурӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ ҷалб шуда бошад;
7) азнавташкилдиҳӣ ё барҳам додани анбори озод мувофиқи санади меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Қарор дар бораи бозхондани рухсатнома бо фармоиши мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ, бо асосноксозии чунин қарор ба расмият дароварда мешавад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).
3. Бозхондани рухсатнома аз рӯзи қабули фармоиш амалӣ мегардад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).
4. Ҳангоми бозхондани рухсатнома соҳиби анбори озод вазифадор аст дар давоми 15 рӯзи тақвимии баъди гирифтани қарор дар бораи бозхондани рухсатнома онро ба мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ баргардонад.
5. Аризаи такрорӣ дар бораи додани рухсатнома ҷиҳати фаъолият ба сифати соҳиби анбори озод метавонад баъди ду сол аз рӯзи интишори фармоиш дар бораи бозхондани рухсатнома, дар сурати бартараф намудани сабабҳое, ки боиси қабули қарор гардида буданд, баррасӣ карда шавад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).
6. Ҳангоми қатъи фаъолияти анбори озод моли таҳти низоми гумрукии анбори озод ҷойгиршуда метавонад таҳти дигар низоми гумрукӣ арз карда шавад ё нисбати ин мол амали низоми гумрукии анбори озод дар давоми си рӯзи тақвими аз рӯзи қабули қарор дар бораи қатъи амали рухсатнома бояд анҷом дода шавад.
Дар ҳолатҳои дар анбори озод мавҷуд будани моли таҳти амалиёти коркард қарордошта мақоми гумрук шахсеро, ки молро дар анбори гумрукӣ ҷой додааст, дар бораи барҳам хӯрдани анбори озод огоҳ менамояд. Дар ин ҳолат амали низоми гумрукии анбори озод нисбати ин мол то анҷоми охирин амали коркард нигоҳ дошта мешавад.

## БОБИ 34. ИНТИҚОЛИ ЗАХИРАҲО

### Моддаи 286. Мазмуни низоми гумрукии интиқоли захираҳо

1. Интиқоли захираҳо низоми гумрукие мебошад, ки ҳангоми он моли барои истифода дар киштиҳои дарёӣ, ҳавопаймо ва қатораҳо таъингардида, ки барои интиқоли пулакии байналмилалии мусофирон ё интиқоли пулакӣ ва бепулӣ байналмилалии моли саноатӣ ё тиҷоратӣ истифода мешаванд, инчунин моли барои фурӯш ба ҳайати экипаж ва мусофирони чунин киштиҳои дарёӣ, ҳавопаймо таъингардида аз сарҳади гумрукӣ бидуни пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ва бидуни татбиқи мамнӯият ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, интиқол дода мешаванд.
2. Ҳангоми содироти моли таҳти низоми гумрукии интиқоли захираҳо ҷойгиршуда озодкуни аз пардохт, баргардонидан ё ҷуброни андозҳои дохилӣ анҷом дода намешавад, агар қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад.

### Моддаи 287. Ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукии интиқоли захираҳо

1. Таҳти низоми гумрукии интиқоли захираҳо ҷойгир намудани моли зерин иҷозат дода мешавад (минбаъд дар ҳамин боб - захираҳо), ки:
1) барои таъмини мӯътадили истифодабарӣ ва хизматрасонии техникии киштиҳои дарёӣ, ҳавопаймо ва қатораҳо дар хати сайр ё дар нуқтаҳои

истгоҳҳои фосилавӣ ё истгоҳ (аз ҷумла сӯзишворӣ, равғанҳои молиданӣ) заруранд;
2) барои истифодаи мусофирон ва ҳайати экипажи киштиҳои дарёӣ, ҳавопаймо ё мусофирон ва кормандони бригадаҳои қатораҳо пешбинӣ шудаанд, сарфи назар аз он, ки ин захираҳо фурӯхта мешаванд ё не;
3) барои фурӯш ба мусофирон ва ҳайати экипажи киштиҳои дарёӣ ва ҳавопаймо бе мақсади истифодаи онҳо дар саҳни ин нақлиёт пешбинӣ шудаанд.
2. Захираҳо таҳти низоми гумрукии интиқоли захира сарфи назар аз давлати бақайдгирӣ ва мансубияти миллии киштиҳои дарёӣ, ҳавопаймо ва қаторахо ҷойгир карда мешаванд.
3. Таҳти низоми гумрукии интиқоли захираҳо ҷойгир намудани қисмҳои эҳтиётӣ ва таҷҳизоте, ки барои таъмини истифодаи мӯътадил ва хизматрасонии техникии киштиҳои дарёӣ, ҳавопаймо ва қаторахо дар хати сайр ё дар нуқтаҳои истгоҳҳои фосилавӣ ё истгоҳ таъин гардидаанд, иҷозат дода намешавад.
4. Низоми гумрукии интиқоли захира нисбати захираҳо ҳангоми истифодаи киштиҳои дарёӣ бо мақсади тиҷоратӣ, ҳавопаймои авиатсияи граждани, давлатӣ ва озмоишӣ (эксперименталӣ), ба истисноӣ ҳолатҳои истифодаи воситаҳои нақлиёт аз ҷониби шахсони воқеӣ барои истифодаи шахсӣ (боби 37) татбиқ карда мешавад.
5. Декларатсиякунонии гумрукии захираҳо бе ҷойгир намудани молҳо таҳти расмиёти гумрукӣ ба амал баровaрда мешавад.
Ҳангоми декларатсиякунонии захираҳо ба сифати декларатсияи гумрукӣ метавонанд декларатсияи мол, ҳуҷҷатҳои нақлиётӣ (борбарӣ), тиҷоратӣ ва (ё) ҳуҷҷатҳои дигари ҳамроҳикунандаи мол истифода шаванд.
Рӯйхати маълумоте, ки ҳангоми декларатсиякунонии захираҳо дар декларатсияи гумрукӣ дарҷ карда мешавад, аз ҷониби мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян мегардад (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).

**Моддаи 288. Шартҳои озодкунӣ аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз**

1. Ҳангоми ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани захираҳое, ки барои таъмини истифодабарии мӯътадил дар саҳни киштиҳои дарёӣ, ҳавопаймо ва қаторахо қарор доранд, боҷҳои гумрукӣ ва андоз пардохта намешаванд, ба шарте агар ин захираҳо ҳангоми таваққуфи ин киштӣ, ҳавопаймо ва қаторахо дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар онҳо боқӣ монда бошанд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Ҳангоми ворид намудани захираҳое, ки дар қаторахо қарор доранд ва барои таъмини мӯътадили истифода ва хизматрасонии техникии онҳо, инчунин барои истифодаи мусофирон ва кормандони бригадаҳои қаторахо таъин гардидаанд, боҷҳои гумрукӣ ва андоз ситонида намешаванд, ба шарте агар ин захираҳо ҳангоми таваққуфи қаторахо дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар онҳо боқӣ монанд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

3. Ҳангоми ҷойгир намудани моли хориҷие, ки барои фурӯш ба мусофирон ва ҳайати экипажи киштиҳои дарёӣ, ҳавопаймо бе мақсади истифодаи онҳо дар ин ҳавопаймо ва киштиҳо таъин гардидаанд, тахти низоми гумрукии интиқоли захираҳо озодкунӣ аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андози воридоти ҳангоми фурӯши ин мол берун аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти қисми 3 моддаи 289 ҳамин Кодекс фароҳам оварда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
4. Ҳангоми аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани захираҳои дар киштиҳои дарёӣ ё ҳавопаймоҳо қарордошта боҷҳои гумрукии содироти ситонида намешаванд, агар ин захираҳо ба миқдори муайян, вобаста ба теъдоди ҳайати мусофирон, экипаж ва давомнокии сафар барои таъмини мӯътадили истифода ва хизматрасонии техникии ин ҳавопаймо ва киштиҳо, бо назардошти захираҳои дар ин нақлиёт мавҷудбуда баровардa шаванд.
5. Ҳангоми аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани захираҳои барои истифодаи мӯътадил ва хизматрасонии техникии қаторахо зарурӣ, инчунин захираҳои барои истеъмоли мусофирон ва кормандони бригадаҳои қаторахо таъингардида боҷҳои гумрукии содироти ситонида намешаванд, агар ин захираҳо ба миқдори барои таъмини истифодаи мӯътадил ва хизматрасонии техникии қаторахо, инчунин барои истеъмоли мусофирон ва кормандони бригадаҳои қатора дар хати сайр, бо назардошти захираи дар қатора мавҷудбуда баровардa шаванд.
6. Захираҳо метавонанд бо иҷозати мақоми гумрук муваққатан фаровардa шаванд, мутаносибан ба дигар ҳавопаймо, киштиҳо ва қаторахо, ки интиқоли байналмилалии мол ва мусофиронро анҷом медиҳанд, бор карда шаванд, агар шартҳои пешбининамудаи ҳамин боб риоя гардад.

**Моддаи 289. Истифодаи захираҳо**

1. Захираҳои барои истеъмоли мусофирон ва ҳайати экипажи киштиҳои дарёӣ таъингардида ва захираҳо барои таъмини истифодан мӯътадил ва хизматрасонии техникии киштиҳои зарурӣ метавонанд дар ин киштиҳо ҳангоми таваққуф дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори муайян, вобаста ба теъдоди ҳайати мусофирон, экипаж, давомнокии таваққуф, аз ҷумла вақти таъмири киштиҳои дарёӣ дар маҳали таъмир (док, верф) ё заводҳои таъмир истеъмол ва истифода бурда шаванд, агар экипаж дар ин ҳолатҳо киштиро тарк накунад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Ҳангоми фуруди ба нақша гирифташудаи ҳавопаймо дар як ё якчанд фурудгоҳҳое, ки дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ мебошанд, захираҳои барои таъмини истифодабарии мӯътадил ва хизматрасонии техникии ин ҳавопаймо ва барои истеъмоли ҳайати экипаж ҳангоми дар нуқтаҳои фурудгоҳ ва ҳангоми парвоз байни ин нуқтаҳо қарор доштани ҳавопаймо таъингардида метавонанд дар нуқтаҳои фуруд ва ҳангоми парвоз байни ин нуқтаҳо истифода бурда шаванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
3. Захираҳое, ки барои фурӯш ба мусофирон ва ҳайати экипажи ҳавопаймо бидуни мақсади истеъмоли онҳо дар ҳавопаймо таъин гардидаанд,

метавонанд ҳангоми дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доштани ин ҳавопаймо фурӯхта шаванд, ба шарте ки онҳо дар ин ҳавопаймоҳо фурӯхта шаванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

4. Захираҳои барои истеъмоли мусофирони қаторaҳо ва кормандони бригадаҳои қатора ва захираҳои барои таъмини мӯътадили истифода ва хизматрасонии техникии ин қаторaҳо зарурӣ метавонанд дар қаторaҳо ҳангоми ҳаракат ё таваққуф дар истгоҳҳои фосилавӣ ё истгоҳҳо дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори муайян, вобаста ба теъдоди мусофирон ва кормандони бригадаҳои қатора, инчунин давомнокии таваққуф ва вақти ҳаракат дар хати сайр истеъмол ва истифода бурда шаванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

5. Мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд интиқолдиҳандаро вазифадор намоянд, ки барои таъмини риояи истифодаи захираҳои пешбининамудаи ҳамин боб ҳангоми дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доштани киштиҳои дарёӣ, ҳавопаймо ё қаторaҳо тадбирҳои зарурӣ андешанд. Бо қарори мақоми гумрук ба ҷойҳое, ки захираҳо нигоҳ дошта мешаванд, метавонад тамға ва мӯҳри гумрукӣ гузошта шавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

## БОБИ 35. НИЗОМҲОИ ГУМРУКИИ МАХСУС

### Моддаи 290. Моле, ки таҳти низомҳои гумрукии махсус қарор дода мешавад

Низоми гумрукии махсус нисбати моли зерине, ки аз сарҳади гумруки интиқол дода мешавад, муқаррар мегардад:

1) моли аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон содиршаванда, ки барои таъмини фаъолияти сафоратҳо, консулгариҳо, намояндагиҳои назди созмонҳои байналмилалӣ ва дигар намояндагиҳои расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа таъин гардидааст (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

2) моле, ки аз сарҳади гумрукӣ байни қисмҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз ин ҳудуд қарордошта интиқол дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

3) моле, ки аз сарҳади гумрукӣ интиқол дода шуда, барои пешгирӣ ва рафъи офатҳои табиӣ ва дигар ҳолатҳои фавқулодда таъин гардидааст, аз ҷумла моле, ки барои тақсими ройгон ба шахсони дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулодда зарардида таъин шудааст ва моле, ки барои амалиёти садамавию наҷотдиҳӣ, дигар амалҳои таъхирнопазир ва фаъолияти ташкилотҳои садамавию наҷотдиҳӣ зарурaст;

4) моле, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда мешавад ва барои таъмини фаъолияти муассисаҳои тиббӣ, варзишию табобатӣ ва муассисаҳои дигари иҷтимоии таъин гардида, амволи онҳо таҳти моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, инчунин барои аз ҷониби корхонаҳои ватани гузаронидани корҳои илмию тадқиқотӣ ба манфиати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асосҳои ғайритиҷоратӣ истифода бурда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

5) моли ватанӣ, ки байни мақомоти гумрук аз ҳудуди давлати хориҷм интиқол дода мешаванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 291. Мазмуни низоми гумрукии махсус, тартиб ва шартҳои таҳти низоми гумрукии махсус қарор додани мол**

1. Низоми гумрукии махсус озодкунии пурраи молро аз боҷҳои гумрукӣ, андозҳо, инчунин нисбати онҳо истифода нашудани мамнӯият ва маҳдудияти дорои хусусияти иқтисодӣ, ки мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, пешбинӣ менамояд.

2. Баргардонидани маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андоз, инчунин озод намудан аз пардохт, баргардонидан ё ҷуброни андозҳои дохили ҳангоми ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукии махсус анҷом дода намешавад, ба истисноии ҳолатҳое, ки агар низоми гумрукии махсус интихобшуда ба низоми гумрукии содирот тағйир дода шуда бошад.

3. Талабот ва шартҳои дигари ҷойгир намудани мол таҳти низоми гумрукии махсус, инчунин маҳдудиятҳо барои истифода ва ихтиёрдории мол, ки таҳти низоми гумрукии зикргардида қарор дода шудааст, аз ҷониби мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукм муқаррар карда мешавад.

ЗЕРФАСЛИ 3. РАСМИЁТИ ГУМРУКИИ МАХСУС

## БОБИ 36. ИНТИҚОЛИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

**Моддаи 292. Низоми гумрукие, ки нисбати воситаҳои нақлиёт истифода бурда мешавад**

Воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ тибқи тартиби пешбининамудаи ҳамин боб, таҳти низомҳои гумрукии воридоти муваққатӣ ва содироти муваққатӣ интиқол дода мешаванд.

**Моддаи 293. Воридоти муваққатии воситаҳои нақлиёт**

1. Воридоти муваққатии воситаҳои нақлиёт ба сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пурра озод намудан аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз, бо риояи шартҳои зерин иҷозат дода мешавад:

1) агар воситаи нақлиёт ба номи шахси хориҷӣ ва (ё) дар ҳудуди давлати хориҷӣ ба қайд гирифта шуда бошад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

2) агар воситаи нақлиётӣ ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида аз ҷониби шахсони хориҷӣ истифода бурда шавад, ба истисноии ҳолатҳое, ки воситаи нақлиёт аз ҷониби шахси ватании ба таври дахлдор аз ҷониби шахси хориҷӣ ваколатдоршуда истифода мегардад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

3) агар воситаҳои нақлиёт дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамлу нақли дохилӣ истифода бурда нашавад;

4) агар воситаҳои нақлиёт баъди воридот ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иҷора дода нашавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад ҳолатҳои воридоти муваққатии воситаҳои нақлиётро ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо озодкунии пурра аз боҷҳои гумрукӣ ва андоз муқаррар намояд, агар воситаи нақлиёти муваққатан воридгардида аз ҷониби шахси ватанӣ истифода бурда шавад ё ба номи шахси ватанӣ ба қайд гирифта шуда бошад, инчунин агар дигар шартҳои пешбининамудаи бандҳои 1 - 4 қисми 1 ҳамин модда риоя карда нашуда бошанд, ба шарте, ки дар давоми мӯҳлати воридоти

муваққатии воситаи нақлиёт ҳуқуқӣ моликият ба воситаи нақлиёт ба шахси ватанӣ нагузарад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

3. Агар озодкунии пурра аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз мувофиқи қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда истифода нагардад, инчунин агар шартҳое, ки ҳангоми он озодкунии пурра аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз риоя карда нашаванд, нисбати воситаҳои нақлиёт тибқи тартиби барои моли муваққатан воридшаванда муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс (моддаи 212) қисман озод кардан аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз истифода мегардад.

4. Низоми гумрукии воридоти муваққатӣ нисбати воситаҳои нақлиёт ҳангоми содиротӣ бозпаси он дар мӯҳлатҳои муайяннамудаи моддаи 294 ҳамин Кодекс анҷом меёбад. Бо иҷозати мақоми гумрук низоми гумрукии воридоти муваққати нисбати воситаҳои нақлиёти муваққатан воридгардида метавонад инчунин тибқи қоидаҳои барои анҷоми низоми гумрукии воридоти муваққатии мол муайяннамудаи моддаи 214 ҳамин Кодекс анҷом дода шавад.

**Моддаи 294. Мӯҳлати воридоти муваққатии воситахои нақлиёт**

1. Содироти бозпаси воситаи нақлиёти муваққатан воридгардида бояд бетаъхир, баъди иҷрои амалиёти нақлиётие, ки барои он чунин воситаи нақлиёт ворид гардидааст, анҷом дода шавад.

2. Дар ҳолатҳои истисноӣ мақоми гумрук бо мақсади татбиқи назорати гумрукӣ метавонад бо назардошти аризаи интиқолдиҳанда, инчунин бо назардошти ҳамаи ҳолатҳои марбут ба амалиёти эҳтимолии нақлиётӣ мӯҳлати воридоти муваққатии воситаҳои нақлиётро муқаррар намояд.

Дар асоси дархости асосноки шахси манфиатдор мақоми гумрук мӯҳлати ибтидоии муқарраргардидаи воридоти муваққатиро тамдид менамояд.

**Моддаи 295. Амалиёт бо воситаҳои нақлиёти муваққатан воридгардида**

Бо воситаҳои нақлиёти муваққатан воридгардида анҷом додани амалиёти маъмулӣ вобаста ба хизматрасонии техникӣ ва таъмир, ки ҳангоми ҳаракат ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё истифодаи онҳо дар ин ҳудуд тақозо мегардад, иҷозат дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 296. Содироти муваққатии воситаҳои нақлиёт**

1. Содироти муваққатии воситаи нақлиёт ба шарте иҷозат дода мешавад, ки агар ин воситаи нақлиёт дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муомилоти озод бошад ва ба номи шахси ватанӣ, ба истисноӣ ҳолатҳои пешбинишудаи қисми 3 ҳамин модда ба қайд гирифта шуда бошад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Ҳангоми содироти муваққатии воситаҳои нақлиёт боҷҳои гумрукӣ ситонида намешаванд.

3. Содироти муваққатии воситаҳои нақлиёте, ки қаблан ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қисман озод намудан аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз муваққатан ворид гардидаанд, иҷозат дода мешавад, агар содироти муваққатиро шахси ватание анҷом диҳад, ки воситаи нақлиёт тибқи ҳуқуқи моликият ба ӯ таалуқ надорад, сарфи назар аз он, ки ин воситаи нақлиёт ба номи шахси ватанӣ ба қайд гирифта шудааст ё на. Ҳамзамон низоми гумрукии воридоти муваққатӣ нисбати ин воситаҳои нақлиёт дар қисми пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз то анҷоми амали ин низом тибқи

қоидаҳои муқаррарнамудаи моддаи 214 ҳамин Кодекс татбиқ карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
4. Содироти муваққатии воситаи нақлиёт, сарфи назар аз он, ки кадом шахс ва бо кадом мақсад онро берун аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мебарад, иҷозат дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 297. Мӯҳлати содироти муваққатии воситаҳои нақлиёт**

Бо мақсади татбиқи назорати гумрукӣ мақоми гумрук метавонад мӯҳлати содироти муваққатии воситаҳои нақлиётро тибқи аризаи интиқолдиҳанда, бо назардошти ҳамаи ҳолатҳои вобаста ба анҷом додани амалиёти эҳтимолии нақлиёти муқаррар намояд.
Мутобиқи дархости асосноки шахси манфиатдор мақоми гумрук мӯҳлати ибтидоии муқарраршудаи содироти муваққатиро тамдид менамояд.

**Моддаи 298. Воридоти бозпаси воситаҳои нақлиёти муваққатан содиргардида**

1. Ҳангоми ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозпас ворид намудани воситаи нақлиёти муваққатан содиргардида боҷҳои гумрукӣ ва андоз ситонида намешаванд, агар воситаи нақлиёт берун аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти амалиёти коркард қарор нагирифта бошад, ба истисноӣ (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421):
1) амалиёти таъмир, хизматрасонии техникм ва амалиёти шабеҳе, ки барои таъмини нигаҳдорӣ ва истифодаи он заруранд, инчунин нигаҳдории он дар ҳолате, ки дар рӯзи таҳти низоми гумрукии содироти муваққатӣ ҷойгир намудан қарор дошт;
2) амалиёти вобаста ба таъмир, ки мувофиқи талаботи қонун ё шартнома ройгон анҷом дода мешавад;
3) амалиёти таъмир, аз ҷумла таъмири асоси барои барқарорсозии воситаи нақлиёт баъди осеб дидани он аз сабаби садама ё таъсири қувваи рафънопазир, ки берун аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон рух додааст (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Агар воситаи нақлиёте, ки нисбати он берун аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалиёти таъмир ва (ё) амалиёти дигар сурат гирифтааст, мувофиқи талаботи қисми 1 ҳамин модда аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз озод карда нашавад, нисбати ин воситаи нақлиёт тибқи тартиби пешбининамудаи моддаи 207 ҳамин Кодекс оид ба ситонидани боҷҳои гумрукӣ ва андоз ҳангоми воридоти маҳсули коркардашуда мувофиқи низоми гумрукии коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ бо қисман озод намудан аз боҷҳои гумрукӣ ва андоз истифода мегардад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
Ҳангоми муайян намудани арзиши амалиёти коркард хароҷоти интиқоли воситаи нақлиёт ба маҳали коркард ва баръакс ба инобат гирифта намешавад, агар чунин интиқол ба ҳамлу нақли байналмилалии мол ё мусофирон алоқаманд бошад.

**Моддаи 299. Тағйир додани низоми гумрукии содироти муваққатӣ**

1. Нисбати воситаҳои нақлиёти муваққатан содиршуда бо риояи талабот ва шартҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс тағйир додани низоми гумрукии

содироти муваққатӣ ба низоми гумрукии содирот ё низоми дигари гумрукӣ иҷозат дода мешавад.
2. Ҳангоми ба шахси хориҷӣ додани ҳуқуқи моликият ба нақлиёти муваққатан содиргардида шахсе, ки воситаи нақлиётро тахти низоми гумрукии содироти муваққати қарор додааст, вазифадор аст низоми гумрукии содироти муваққатиро ба низоми гумрукии содирот иваз намояд.
3. Тағйир додани низоми гумрукии содироти муваққатӣ бе пешниҳоди воқеии воситаи нақлиёт ба мақоми гумрук иҷозат дода мешавад.

**Моддаи 300. Воридоти муваққатӣ ва содироти муваққатии таҷҳизот ва қисмҳои эҳтиётӣ**

1. Таҷҳизоти махсуси якҷоя бо воситаи нақлиёт муваққатан воридгардида, ки барои борбардорӣ, борфарорӣ, коркард ва муҳофизати мол пешбинӣ шудааст, сарфи назар аз он, ки алоҳида аз воситаи нақлиёт истифода мегардад ё на, бояд тахти шартан пурра озод намудан аз боҷҳои гумрукӣ ва андоз қарор гирад.
2. Қисмҳои эҳтиётӣ ва таҷҳизоти муваққатан воридшаванда, ки барои таъмир, хизматрасонии техникӣ ё истифодаи воситаи нақлиёт таъин гардидаанд шартан пурра аз боҷҳои гумрукӣ ва андоз озод карда мешаванд.
3. Қисмҳои эҳтиётии муваққатан содиршуда, ки барои таъмир ва хизматрасонии техникии воситаи нақлиёти муваққатан содиршуда, бо мақсади иваз намудани қисмҳо ва таҷҳизоте, ки ҳангоми содироти муваққатии воситаи нақлиёт дар он насб шуда буданд, ҳангоми содироти муваққатии онҳо аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз боҷҳои гумрукӣ ва андоз шартан пурра озод карда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
Воридоти қисмҳои эҳтиётӣ ва таҷҳизоти истифодашуда ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо озодкунии пурра аз боҷҳои гумрукии воридотӣ ва андозҳо, ки нисбати онҳо низоми гумрукии реимпорт истифода мегардад, иҷозат дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 301. Барасмиятдарории гумрукии воситаҳои нақлиёт, қисмҳои эҳтиётӣ ва таҷҳизот**

1. Барасмиятдарории гумрукии воситаҳои нақлиёт, қисмҳои эҳтиётӣ ва таҷҳизот бо тартиби соддагардонидашуда дар маҳали расидани онҳо дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дар маҳали баромади он аз ин ҳудуд анҷом дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
Барасмиятдарории гумрукии воситаҳои нақлиёт дар маҳалҳои ҷойгиршавии мақомоти гумрук ҳангоми вақти кории онҳо сурат мегирад.
2. Ҳангоми барасмиятдарории гумрукии воситаҳои нақлиёт мақомоти гумрук мутаносибан ба сифати декларатсияи вуруд ва хуруҷ ҳуҷҷатҳои стандартии интиқолдиҳандаро, ки тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи нақлиёт пешбинӣ шудааст, истифода мебаранд, агар онҳо дар бораи воситаи нақлиёт, хати сайр, бор, захираҳо, дар бораи экипаж ва мусофирон, мақсадҳои воридотӣ (содиротӣ) воситаи нақлиёт ва (ё) номгӯи қисмҳои эҳтиётӣ, таҷҳизоти бо мақсади

таъмир ва истифодаи воситаи нақлиёт интиқолшаванда маълумотро дар бар гиранд.
Агар дар ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи стандартии интиқолдиҳанда ҳамаи маълумоти дахлдор мавҷуд набошад, маълумоти нокифоя ба мақомоти гумрук мутаносибан тавассути декларатсияи вуруд ва хуруҷ дар намунаи муайяннамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ пешниҳод карда мешавад. Дар ин ҳолат ҳуҷҷатҳои стандартии пешниҳодшаванда мутаносибан ҳамчун қисми таркибии декларатсияи вуруд ва хуруҷ баррасӣ карда мешаванд.
Мақоми гумрук ҳуқуқ надорад пешниҳоди маълумоти дигарро талаб намояд.
Декларатсияи вуруд ва хуруҷ аз ҷониби интиқолдиҳанда ҳангоми ворид шудани воситаи нақлиёт ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё хориҷ шудан аз ин ҳудуд пешниҳод карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
3. Ҷойгир намудани воситаҳои нақлиёт таҳти низомҳои гумрукии воридоти муваққатӣ ва содироти муваққатӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи 293, моддаи 296 ва қисми 1 моддаи 298 ҳамин Кодекс бо пешниҳоди декларатсияи вуруд ва хуруҷ анҷом дода мешавад.
Дар ҳолатҳои дигар декларатсияи воситаҳои нақлиёт тибқи қоидаҳои барои декларатсияи мол муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс анҷом дода мешавад (боби 14).
Агар қисмҳои эҳтиётӣ ва таҷҳизот мувофиқи моддаи 300 ҳамин Кодекс аз сарҳади гумруки ҳамзамон бо воситаи нақлиёт гузаронида шаванд, арзи маълумот дар бораи онҳо дар декларатсияи вуруд ва хуруҷ ки барои ин воситаи нақлиёт пешниҳод шудааст, иҷозат дода мешавад.
4. Агар талабот нисбати ҳуҷҷатҳои ба мақоми гумрук ҳангоми вуруд ва хуруҷи воситаҳои нақлиёт пешниҳодшаванда мувофиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи нақлиёт муайян гардида бошад, барои мақсадҳои гумрукӣ ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи ин санадҳо истифода бурда мешаванд.
5. Агар воситаи нақлиёт ба ин ё он низоми гумрукӣ барои мақсадҳои гумрукӣ ҳамчун мол арз нашуда бошад, аз лаҳзаи барасмиятдарории гумрукии воситаи нақлиёт он мутаносибан таҳти низоми гумрукии воридоти муваққатӣ ё содироти муваққатӣ қарордошта ҳисобида мешавад, ки ин боиси ӯҳдадории шахс ҷиҳати риояи шартҳои низомҳои мазкури гумрукӣ мегардад.
6. Барасмиятдарории гумрукии қисмҳои эҳтиётӣ ва таҷҳизоти ивазшуда, ки ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешаванд, тибқи қоидаҳои барасмиятдарории гумрукии моле сурат мегирад, ки мувофиқи низоми гумрукии реимпорт ворид гардидаанд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
7. Қисмҳои эҳтиётӣ ва таҷҳизоти истифодашуда, вале бозпас содирнагардида бояд ба муомилоти озод иҷозат дода шаванд ё бо риояи талабот ва шартҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс таҳти низоми дигари гумрукӣ қарор дода шаванд.

**Моддаи 302. Интиқоли киштиҳои дарёӣ ва ҳавопаймоёне, ки барои ҳамлу нақли байналмилалии мол ва мусофирон истифода намешаванд**

1. Киштиҳои дарёие, ки муваққатан аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсадҳои истифодаи зайл содир карда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421):
1) барои амалиёти ҷустуҷӯӣ, наҷотдиҳӣ ва ядакӣ (буксир);
2) барои корҳои гидротехникӣ, зериобию техникӣ ва корҳои дигари шабеҳ;
3) барои назорати санитарӣ, карантинӣ ва назорати дигар;
4) бо мақсадҳои таълимӣ, варзишӣ ва фарҳангӣ, инчунин барои дигар мақсадҳо аз ҳудуди гумрукӣ ҳангоми содироти муваққатӣ ва воридоти бозпаси онҳо тибқи қоидаҳои пешбининамудаи ҳамин боб интиқол дода мешаванд, ба истиснои воситаҳои нақлиёте, ки шахсони воқеӣ барои истифодаи шахсӣ, оилавӣ, хоҷагидорӣ ва дигар ҳолатҳои ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд набуда интиқол медиҳанд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Ҳавопаймои гражданӣ, давлатӣ ва таҷрибавӣ, ки барои ҳамлу нақли байналмилалии мол ва мусофирон истифода намешавад, аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми содироти муваққатӣ ва воридоти бозпаси он тибқи қоидаҳои муқаррарнамудаи ҳамин боб интиқол дода мешавад.

## БОБИ 37. ИНТИҚОЛИ МОЛ АЗ ҶОНИБИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ

### Моддаи 303. Интиқоли мол аз ҷониби шахсони воқеӣ барои истифодаи шахсӣ, оилавӣ, хоҷагидорӣ ва дигар амалҳое, ки ба пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нестанд

1. Моли барои истифодаи шахсӣ, оилавӣ, хоҷагидорӣ ва дигар эҳтиёҷоти шахси воқеӣ таъингардида, ки ба пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нест (минбаъд - барои истифодаи шахсӣ), аз ҷониби ҳамин шахси воқеӣ аз сарҳади гумрукӣ тибқи муқаррароти ҳамин боб, вале дар қисмате, ки ҳамин боб танзим нанамудааст - тибқи тартиби умумии муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс интиқол дода мешавад.
2. Таъиноти молро мақоми гумрук дар асоси аризаи шахси воқеӣ оид ба моли аз сарҳади гумрукӣ интиқолшаванда, вобаста ба хусусият ва теъдоди мол, инчунин мунтазамии интиқоли мол аз сарҳади гумрукӣ муайян менамояд.
3. Тартиби интиқоли моли таъиноти истифодаи шахси аз сарҳади гумрукӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ пурра озод намудан аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо, татбиқи меъёри ягонаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз, ситонидани пардохтҳои гумрукӣ дар шакли пардохти маҷмӯии гумрукӣ, инчунин истифода набурдани мамнӯият ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, тасдиқи ҳатмии мутобиқати мол ва тартиби соддагардонидашудаи барасмиятдарории гумрукиро дар бар мегирад (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347).

### Моддаи 304. Ворид ва содир намудани молу воситаҳои нақлиёт барои истифодаи шахси ва ситонидани боҷҳои гумрукӣ ва андоз аз чунин молу воситаҳои нақлиёт

1. Нисбати моле, ки шахсони воқеӣ дар доираи меъёрҳои вазнӣ (миқдорӣ) ва арзишии муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид менамоянд, ба истиснои моле, ки воридоти он ба Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст,

озодкунии пурра аз пардохти боҷҳо, андозҳо (тартиби воридоти имтиёзнок) фароҳам оварда мешавад.
Нисбати воситаҳои нақлиёт, инчунин моле, ки арзиши он аз меъёри имтиёзнок зиёдаст, дар қисмати чунин афзоиш меъёри ягонаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз (тартиби воридоти соддагардонидашуда) татбиқ карда мешавад. Арзиши ниҳоии моли воридоти барои шахсони воқеӣ ҳангоми истифодаи тартиби соддагардонидашуда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Тартиби татбиқи меъёри ягонаи боҷҳои гумрукӣ ва андозро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси андозаи миёнаи меъёри муқарраршудаи боҷҳои гумрукӣ ва андозе муайян менамояд, ки нисбати молу воситаҳои нақлиёте, ки ба миқдори нисбатан зиёд аз ҷониби шахсони воқеӣ аз сарҳади гумрукӣ интиқол дода мешаванд, истифода мегардад (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347).
Озодкунии пурра аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ё меъёрҳои ягонаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз дар доираи андозаҳои миқдории муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347).
2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои воридоти мол аз ҷониби шахсони воқеӣ бо истифодаи озодкунии пурра аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ё қабули меъёри ягонаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз нисбати моли зераксизӣ, моле, ки нисбати он тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои воридот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдудиятҳои теъдоди муқаррар шудаанд, маҳдудиятҳои (вазни) миқдорӣ ё арзишӣ муқаррар менамояд (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347).
3. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳоеро муайян менамояд, ки нисбати моли ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шахсони воқеии ба синни муайян нарасида, инчунин шахсони сарҳади гумрукиро муттасил убуркунанда воридшаванда озодкунии пурра аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз фароҳам оварда намешавад ё озодкунӣ аз пардохт дар доираи нисбатан камтар фароҳам оварда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
4. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад ҳолатҳоеро муайян намояд, ки озодкунӣ аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ё меъёрҳои ягонаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз нисбати моли аз тарафи шахсони воқеӣ ҳангоми кӯчидан ба ҷойи зисти доими интиқолшаванда, моли аз ҷониби гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбори воридшаванда, инчунин нисбати моликияти меросӣ дар ҳаҷми бештар аз андозаи муайяннамудаи қисми 1 ҳамин модда татбиқ гардад (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347).
5. Нисбати арзишҳои фарҳангии аз ҷониби шахсони воқеӣ воридшаванда озодкунии пурра аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ба шарти декларатсиякунонии хаттии онҳо, инчунин бақайдгирии махсусе, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи содирот ва воридоти арзишҳои фарҳангӣ пешбинӣ намудааст, фароҳам оварда мешавад.
6. Моли тибқи ҳамин модда ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда, инчунин аз ин ҳудуд содиршаванда барои мақсадҳои гумрукӣ мутаносибан ҳамчун барои муомилоти озод иҷозатшуда ё тахти низоми

гумрукии содирот содиршуда баррасӣ мегардад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
7. Нисбати моли аз ҷониби шахсони воқеӣ содиршаванда озодкунӣ аз пардохт, баргардонидан ё ҷуброни андозҳои дохилӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.
8. Нисбати моле, ки барои онҳо тартиби соддагардонидашуда ё имтиёзноки интиқоли мол аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нашудааст, тартиби умумии барасмиятдарории гумрукӣ ва пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз, ки ҳамин Кодекс муқаррар намудааст, татбиқ карда мешавад.
9. Муқаррароти ҳамин модда нисбати моле, ки шахсони воқеӣ муваққатан ворид (содир) ва бозпас содир (ворид) менамоянд, татбиқ намегардад.
Эзоҳ. Барои мақсадҳои татбиқи ҳамин боб таҳти мафҳуми воситаҳои нақлиёт воситаи нақлиёти автомобилӣ ва ядакҳо, киштиҳои дарёӣ ва ҳавопаймо ҳамзамон бо қисмҳои эҳтиётии онҳо ва дигар қисму таҷҳизоти маъмулии онҳо, ки шахсони воқеӣ танҳо барои истифодаи шахси ворид ё содир менамоянд, дар назар дошта шудааст.
**Моддаи 305. Воридоти муваққатии мол аз ҷониби шахсони воқеӣ**
1. Нисбати моли муваққатан ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи шахсони воқеии хориҷи воридшаванда озодкунии пурра аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ҳангоме фароҳам оварда мешавад, ки агар ин мол танҳо барои истифодаи шахси дар давраи буду боши муваққатии онҳо дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Озодкуни аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андози пешбининамудаи қисми 1 ҳамин модда нисбати воситаҳои нақлиёти ба шахсони воқеии хориҷӣ таалуқдошта ё аз ҷониби онҳо иҷорашуда ё барои истифодаи муваққатӣ гирифташуда ё ба тариқи дигар истифодашаванда, ки ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамзамон бо вуруди шахси хориҷӣ ё то вуруд ё баъди вуруди вай оварда шудаанд, татбиқ мегардад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
Воситаҳои нақлиёте, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ барои интиқоли пулакии шахсон ё барои ҳамлу нақли моли саноатӣ ё тиҷоратӣ оварда мешаванд, аз сарҳади гумрукӣ тибқи қоидаҳои муқаррарнамудаи боби 36 ҳамин Кодекс интиқол дода мешаванд.
3. Дар ҳолате, ки агар моли муваққатан воридшуда бояд мувофиқи қисми 2 моддаи 308 ҳамин Кодекс ба таври хатти декларатсия шавад, мӯҳлати воридоти муваққатиро мақоми гумрук дар асоси аризаи шахси воқеии хориҷӣ, бо назардошти давомнокии буду боши вай дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар доираи мӯҳлати муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи қисми 4 ҳамин модда муқаррар менамояд.
Бо дархости асосноки шахси воқеии хориҷӣ мӯҳлати воридоти муваққатии муқаррарнамудаи мақоми гумрук метавонад дар доираи мӯҳлати

муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қисми 4 ҳамин модда тамдид карда шавад.

4. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад мӯҳлати ниҳоии воридоти муваққатиро нисбати намуди алоҳидаи мол, аз ҷумла воситаҳои нақлиёти муваққатан ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шахсони воқеии хориҷӣ воридшаванда муқаррар намояд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

5. Моли муваққатан воридгардида, аз ҷумла воситаҳои нақлиёт метавонанд аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тариқи ҳама гуна мақоми гумрук бозпас содир карда шаванд. Ҳангоми содироти моли муваққатан воридгардида боҷҳои гумрукӣ ва андоз ситонида намешаванд, мамнӯияту маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда намешаванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

6. Содироти бозпаси моли муваққатан воридшуда, аз ҷумла воситаҳои нақлиёт метавонад анҷом дода нашавад, агар ба ин мол, аз ҷумла воситаҳои нақлиёт дар натиҷаи садама ё таъсири қувваи рафънопазир зарари ҷиддӣ расонида шуда бошад.

7. Шахсони воқеии ватанӣ метавонанд муваққатан воситаҳои нақлиётро ворид намоянд, ба шарте агар ин воситаҳои нақлиёт дар ҳудуди давлати хориҷӣ ба қайд гирифта шуда, дар маҷмӯъ мӯҳлати воридоти муваққати дар тӯли як соли тақвими вобаста ба ҳар як воситаи нақлиёти муваққатан воридшаванда аз се моҳи тақвими зиёд набошад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 306. Содироти муваққатии мол аз ҷониби шахсони воқеӣ**

1. Шахсони воқеии ватанӣ ҳуқуқ доранд аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон молро барои истифодаи шахси ба мӯҳлати буду боши муваққатии худ дар ҳудуди давлати хориҷӣ бо пурра озодкунӣ аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз муваққатан содир ва бозпас ворид намоянд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Дар асоси аризаи шахси воқеӣ мақоми гумрук ҳаммонандсозии (моддаи 434) моли муваққатан содиршавандаро анҷом медиҳад, агар чунин ҳаммонандсозӣ ба воридоти бозпас, бо пурра озодкунӣ аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз мусоидат намояд. Дар бораи ҳаммонандсозии моли дар декларатсияи гумрукӣ дарҷкардашуда, як нусхаи он ба шахси воқеии содирнамудаи мол баргардонида мешавад. Мавҷуд набудани чунин ҳаммонандсози барои бозпас ворид намудани ин мол аз ҷониби шахсони воқеӣ, бо озод намудан аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз монеъ намегардад.

**Моддаи 307. Барасмиятдарории гумрукии моле, ки аз ҷониби шахси воқеӣ барои истифодаи шахси интиқол дода мешавад**

1. Барасмиятдарории гумрукии моле, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ барои истифодаи шахси интиқол дода мешавад, мувофиқи тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ тибқи ҳамин Кодекс анҷом дода мешавад.

2. Шахсони воқеӣ, ки бо воситаҳои нақлиёти худ, инчунин воситаҳои нақлиёти таъиноти тиҷоратӣ ё қатора сарҳади гумрукиро убур мекунанд, чун қоида метавонанд воситаи нақлиётро тарк накарда, амалиёти гумрукиро анҷом диҳанд.
3. Мол, аз ҷумла воситаҳои нақлиёте, ки шахсони воқеӣ барои истифодаи шахси интиқол медиҳанд, дар ҳолатҳои зерин дар анборҳои нигаҳдории муваққатӣ ҷойгир карда мешаванд:
1) бо хоҳиши шахсони мазкур;
2) агар барасмиятдарории фаврии гумрукии мол ва (ё) пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз бо сабабҳои аз мақомоти гумрук вобастанабуда имконнопазир бошад.
4. Нигаҳдории муваққатии мол тибқи тартиби муқаррарнамудаи боби 12 ҳамин Кодекс аз ҳисоби шахсоне, ки моли онҳо дар анборҳои нигаҳдории муваққатӣ қарор доранд, сурат мегирад.
5. Бо мақсади соддагардонии барасмиятдарории гумрукии моле, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳан интиқол дода мешаванд, мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ҳуқуқ дорад бо хадамоти гумруки давлати ҳаммарз дар хусуси барасмиятдарории муштараки гумрукӣ ва назорати гумрукии моли мазкур созишнома бандад.

**Моддаи 308. Декларатсия кардани моли шахсони воқеӣ**

1. Моли шахсони воқеӣ, ки дар борҷомаи дасти ва бағоҷ интиқол дода мешавад, ҳангоми убури Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон декларатсия карда мешавад.
2. Дар шакли хатти моли зайл, аз ҷумла воситаҳои нақлиёт декларатсия карда мешавад:
1) моле, ки шахсони воқеӣ дар шакли бағоҷи ҳамроҳинашаванда интиқол медиҳанд;
2) моле, ки ба суроғаи шахсони воқеӣ барои истифодаи шахси фиристода мешавад, ба истиснои моле, ки тавассути почтаи байналмилалӣ ирсол мегардад;
3) моле, ки мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоташ маҳдуд карда шудааст ё арзиш ва (ё) теъдодаш аз маҳдудияти муайянгардидаи интиқоли мол бо озодкуни аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар мебошад (моддаи 304);
4) моле, ки содироташ мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд карда шудааст;
5) моле, ки ҳангоми содироти он санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон декларатсияи ҳатмиро дар шакли хатти пешбинӣ кардаанд;
6) воситаҳои нақлиёт.
3. Дар ҳолатҳое, ки дар қисми 2 ҳамин модда зикр нашудаанд, мол ба таври шифоҳи декларатсия карда мешавад.
Шахси воқеи ҳуқуқ дорад бо хоҳиши худ молеро, ки тавассути сарҳади гумрукӣ интиқол медиҳад ва декларатсияи хаттии он ҳатмӣ намебошад, дар шакли хаттӣ декларатсия кунад.

4. Тибқи ҳолатҳо ва тартибе, ки мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян мекунад, моли дар шакли шифоят декларатсияшаванда бо риояи анҷом додани амалҳое декларатсия карда мешавад, ки дар борҷомаи дастӣ ва бағоҷи ҳамроҳишавандаи шахси воқеӣ мавҷуд набудани молеро тасдиқ менамоянд, ки бояд дар шакли хаттӣ декларатсия карда шавад (декларатсия дар шакли конклюдентӣ), мавҷуд нест. Бо ин мақсад дар нуқтаҳои гузаргоҳ барои убури шахсони воқеӣ ҷойҳои махсус ишорашудае таъин мегарданд, ки шахс метавонад шакли декларатсия кардани молро интихоб намояд. Агар шахси воқеӣ аз тариқи ҷойи махсуси муайяншуда гузарад, ки барои убури шахсоне таъин гардидааст, ки дар борҷомаи дасти ва бағоҷ моли барои декларатсияи хаттӣ зарурӣ надоранд, он ҳамчун арз ба мақомоти гумрук дар хусуси дар ихтиёри ин шахс мавҷуд набудани моли дар шакли хаттӣ декларатсияшаванда баррасӣ мегардад.
5. Моли шахсони ноболиғи то синни 16 - сола аз ҷониби падар ё модар, фарзандхонда, васӣ, парастор ё ҳамроҳикунанда ва ҳангоми хуруҷӣ (вурудӣ) муташаккилона ва вурудӣ (хуруҷӣ) муташаккилонаи гурӯҳи шахсони ноболиғ бе ҳамроҳи кардани падар ё модар, фарзандхонда, васӣ ё парастор - аз ҷониби роҳбари ин гурӯҳ декларатсия карда мешавад.
6. Нисбати моли аз сарҳади гумрукӣ ҳамчун бағоҷи ҳамроҳинашаванда интиқолшаванда декларатсияи гумрукӣ бояд ҳангоми воридоти чунин мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати муқаррарнамудаи моддаи 129 ҳамин Кодекс ва ҳангоми содироти онҳо - ҳамзамон бо пешниҳоди мол ба мақоми гумрук манзур мегардад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
Моли аз сарҳади гумрукӣ чун бағоҷи ҳамроҳинашаванда интиқолшаванда метавонад аз ҷониби шахси интиқолдиҳанда ё шахси дигаре, ки тибқи бовариномаи шахси интиқолдиҳандаи мол амал мекунад, декларатсия карда шавад.
Моли бағоҷи ҳамроҳинашавандаи шахси ноболиғи то синни 16 - сола аз ҷониби падар ё модар, фарзандхонда, васӣ, парастор ё шахсоне, ки тибқи бовариномаи шахсони мазкур амал мекунанд, декларатсия карда мешавад.
**Моддаи 309. Пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз аз ҷониби шахсони воқеӣ**
1. Боҷҳои гумрукӣ ва андоз аз ҷониби шахсони воқеӣ ҳангоми эъломиякунонии мол дар шакли хаттӣ тариқи ғайринақдӣ пардохта мешаванд. Ба шахсе, ки боҷҳои гумрукӣ ва андозро пардохт намудааст, нусхаи супоришномаи пардохт, ки шакли онро мақомоти гумрук дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, тариқи электронӣ ирсол карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 13.11.2023 № 2001).
2. Боҷҳои гумрукӣ, андозҳо нисбати моле, ки аз сарҳади гумрукӣ барои истифодаи шахси интиқол дода мешавад, аз ҷониби шахсони воқеӣ дар шакли пардохти маҷмӯии гумрукӣ (пардохт дар шакли маблағи умумии боҷҳои гумрукӣ, андозҳо, бе тақсими қисмии онҳо ба қисми таркибии боҷҳо, андозҳо) ё тибқи меъёри ягонаи боҷи гумрукӣ супорида мешаванд (моддаи 304) (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347).

**Моддаи 310. Арзиши гумрукии моле, ки шахсони воқеӣ интиқол медиҳанд**

1. Арзиши гумрукии мол аз ҷониби шахсе, ки молро интиқол медиҳад, ҳангоми декларатсия кардани онҳо арз карда мешавад. Барои тасдиқи арзиши гумрукии арзшуда шахси воқеӣ метавонад чекҳо, ҳисобномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи дастрас намудани моли декларатсияшаванда ва арзиши онҳоро пешниҳод намояд.

2. Ҳангоми аз ҷониби шахсони воқеӣ барои истифодаи шахси ворид намудани мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба арзиши гумрукии мол хароҷоти боррасони то фурудгоҳҳо, бандарҳои дарёӣ ва маҳали дигари расонидани мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳуритт Тоҷикистон дохил карда намешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

3. Ҳангоми мавҷуд набудани ҳуҷҷатҳо ва маълумоти тасдиққунандаи дурустии муайян кардани арзиши гумрукии моли арзнамудаи шахси воқеӣ, мақоми гумрук метавонад арзиши гумрукии молро мустақилона дар асоси маълумоте, ки дар феҳрастҳои (каталогҳои) ташкилотҳои хориҷии машғули фурӯши маҳсулот мавҷуд буда ё дар асоси маълумоти дигари нархие, ки нисбати моли шабеҳ дар ихтиёри мақоми гумрук қарор доранд, муайян намояд.

Ҳангоми истифодаи маълумоти нархи мазкур мақоми гумрук тасҳеҳи арзиши гумрукии молро вобаста ба сифати мол, талабот нисбати он дар бозор, кишвари истеҳсолкардаи мол, вақти истеҳсол ва дигар омилҳои ба нарх таъсиркунанда анҷом медиҳад.

**Моддаи 311. Қисмҳои эҳтиётӣ ва сӯзишворӣ барои воситаҳои нақлиётӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ интиқолшаванда**

1. Қисмҳои эҳтиётие, ки барои таъмири воситаҳои нақлиёти муваққатан аз ҷониби шахсони воқеӣ ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда заруранд, метавонанд муваққатан бо пурра озодкуни аз боҷҳои гумрукӣ ва андоз ба мӯҳлати на зиёда аз мӯҳлати воридоти муваққатии воситаҳои нақлиёт ворид карда шаванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Сӯзишвории воситаҳои нақлиёт, ки дар бакҳои мувофиқи конструксияи воситаи нақлиёт насбшуда мавҷуданд ва ин воситаҳои нақлиётро аз сарҳади гумруки шахсони воқеӣ интиқол медиҳанд, метавонад бе пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ё мутаносибан аз ҳудуди он хориҷ карда шавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 312. Маълумот дар бораи қоидаҳои интиқоли мол аз ҷониби шахсони воқеӣ аз сарҳади гумрукӣ**

Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ва мақомоти дигари гумрук дастрасии маълумотро дар бораи қоидаҳои интиқоли мол аз ҷониби шахсони воқеӣ, аз ҷумла тавассути пахши варақаҳои иттилоотӣ дар муассисаҳои нақлиётӣ ва сайёҳӣ бо забони давлатӣ, забони муошироти байни миллатҳо ва забонҳои хориҷӣ, инчунин тавассути таҳияи лавҳаҳои иттилоотӣ дар маҳалҳои барасмиятдарории гумрукии моле, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ

интиқол карда мешаванд, таъмин менамоянд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

## БОБИ 38. ИНТИҚОЛИ МОЛ ДАР МУРОСИЛОТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ПОЧТА

### Моддаи 313. Муросилоти байналмилалии почта

1. Бо мақсади татбиқи ҳамин боб таҳти мафҳуми муросилоти байналмилалии почта муросилоти почтае фаҳмида мешавад, ки барои ба хориҷи ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристодани муросилоти почтаи ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида ё худ ба тариқи транзит аз ин ҳудуд интиқолшаванда қабул карда мешавад. Ба муросилоти байналмилалии почта инҳо мансубанд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421):

1) мактубҳо (оддӣ, фармоишӣ, бо эълони арзиш);
2) кортҳои почтавӣ (оддӣ, фармоишӣ);
3) бандерол ва халтаҳои махсуси "М" (оддӣ, фармоишӣ);
4) секограммаҳо (оддӣ, фармоишӣ);
5) лифофаҳои хурд (фармоишӣ);
6) муросилот (муқаррарӣ, бо эълони арзиш);
7) муросилоти байналмилалии экспресс - почта.

2. Муассисаҳои алоқаи почта ҳуқуқ надоранд муросилоти байналмилалии почтаро бе иҷозати мақоми гумрук ба гирандаи онҳо супоранд ё берун аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намоянд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

### Моддаи 314. Мамнӯият ва маҳдудиятҳои воридоти мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва содироти он аз ин ҳудуди ҳангоми ирсол дар муросилоти байналмилалии почта

(Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421)

1. Дар муросилоти байналмилалии почта ба ирсоли моли зерин иҷозат дода намешавад:

1) моле, ки мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти он ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва содироти он аз ин ҳудуд манъ шудааст (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
2) моле, ки ирсоли он мувофиқи санадҳои Иттиҳоди умумиҷаҳонии почта манъ шудааст;
3) моле, ки нисбаташ мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдудият муқаррар шудааст ва номгӯи онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

2. Нисбати моле, ки барои воридоти он ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё содироти он аз ин ҳудуди мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдудиятҳо муқаррар карда шудаанд, гиранда ё фиристандаи моли мазкур ё шахсони аз номи онҳо амалкунанда вазифадоранд ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи риояи ин гуна маҳдудиятҳоро пешниҳод намоянд (Қонуни ҶТ 28.12.2012 № 906, аз 30.05.2017 № 1421).

3. Нисбати моле, ки дар муросилоти байналмилалии почта фиристода мешаванд, мамнӯият ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои зерин татбиқ карда намешаванд:
1) агар мол ба суроғаи шахсони воқеӣ фиристода шуда, барои истифодаи шахси таъин гардида бошад;
2) дар дигар ҳолатҳои муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.
4. Ситонидани моле, ки ирсоли он дар муросилоти байналмилалии почта манъ ва (ё) маҳдуд карда шудааст, ҳамчунин ихтиёрдории он мувофиқи ҳамин Кодекс аз тарафи мақомоти гумрук ва дар қисмати танзимнакардаи ҳамин Кодекс - бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.
**Моддаи 315. Барасмиятдарории гумрукии моли дар муросилоти байналмилалии почта ирсолшаванда**
1. Моли дар муросилоти байналмилалии почта ирсолшавандаи дорои ҳуҷҷатҳои ҳамроҳикунанда, ки дар санадҳои Иттиҳоди умумиҷаҳонии почта пешбинӣ шудаанд, мутобиқи ҳамин Кодекс бо назардошти хусусиятҳои пешбининамудаи ҳамин боб ба расмият даровардa мешавад.
2. Моли дар муросилоти байналмилалии почта ирсолшаванда бо тартиби афзалиятнок ва дар мӯҳлати кӯтоҳтарин, ки наметавонад аз 3 рӯз бештар бошад, ба расмият дароварда мешавад. Мӯҳлати аниқи барасмиятдарорӣ аз ҷониби мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ дар якҷоягӣ бо мақоми идоракунии фаъолияти соҳаи алоқаи почта муайян карда мешавад.
3. Барасмиятдарории гумрукии моли дар муросилоти байналмилалии почта ирсолшаванда дар маҳалҳои мубодилаи байналмилалии почта, ба истисноӣ ҳолати пешбининамудаи қисми 6 ҳамин модда ба расмият дароварда мешаванд. Объектҳои алоқаи почта, ки ҷойҳои мубодилаи байналмилалии почта ба ҳисоб мераванд, аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ якҷоя бо мақоми идоракунии фаъолияти соҳаи алоқаи почта муайян карда мешаванд.
4. Агар ҳамаи маълумоте, ки ба мақомоти гумрук барои мақсадҳои гумрукӣ заруранд, дар ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи санадҳои Иттиҳоди умумиҷаҳонии почта ва ҳамроҳикунандаи муросилоти байналмилалии почта мавҷуд бошанд, ба истисноӣ ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 5 ҳамин модда, пешниҳоди декларатсияи гумрукии алоҳида талаб карда намешавад.
5. Декларатсиякунонии мол бо роҳи пешниҳоди декларатсияи алоҳидаи гумрукӣ дар ҳолатҳои зерин талаб карда мешавад, агар:
1) арзиши моли ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда аз андозаи муқаррарнамудаи қисми якуми моддаи 317 ҳамин Кодекс, ки барои интиқоли мол дар муросилоти байналмилалии почта бе пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз муқаррар шудааст, зиёд бошад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки мол барои истифодаи шахсӣ, оилавӣ, хонаводагӣ ва дигар мақсадҳои новобаста ба фаъолияти соҳибкорӣ, ба унвони шахсони воқеӣ фиристонида мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

2) содироти мол аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи фиристонандаи мол ба мақоми гумрук тасдиқ шуда бошад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
3) моли ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда барои қарор додан таҳти низоми гумрукие таъин гардида бошад, ки он ба муомилоти озод баровардани молро пешбинӣ намекунад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
6. Барасмиятдарории моле, ки мувофиқи қисми 5 ҳамин модда нисбати онҳо бояд декларатсияи алоҳидаи гумрукӣ пешниҳод карда шавад, аз ҷониби мақомоти гумрукие, ки дар минтақаи фаъолияти онҳо гирандаҳо ё фиристонандаҳои мол ҷойгиранд, тибқи тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ бо мувофиқаи мақоми идоракунии фаъолияти соҳаи алоқаи почта амалӣ мегардад.
7. Барасмиятдарории моли аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муросилоти байналмилалии почта содиршаванда, ки нисбати он мувофиқи қисми 5 ҳамин модда пешниҳоди декларатсияи алоҳидаи гумрукӣ пешбинӣ шудааст, то супоридани ин мол ба муассисоти алоқаи почта барои ирсол анҷом дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 316. Азназаргузаронии гумрукӣ ва тафтиши гумрукии муросилоти байналмилалии почта**

1. Муассисоти алоқаи почта бо талаби мақомоти гумрук муросилоти байналмилалии почтаро барои азназаргузаронии гумрукӣ ва муоинаи гумрукӣ пешниҳод менамоянд. Усулҳои чунин пешниҳодро мақомоти гумрук муайян менамоянд.
2. Мақомоти гумрук пешниҳоди намудҳои зерини муросилоти воридшавандаи почтаро талаб наменамоянд:
1) кортҳои почта ва мактуб;
2) адабиёт барои нобиноён.
Ҳангоми мавҷуд будани асоси кофи дар бораи он ки дар байни чунин муросилоти почта моли воридоташ ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ ё маҳдудкардашуда ҳаст, инчунин ҳангоми азназаргузаронии гумрукӣ ва муоинаи гумрукӣ дар асоси санҷиши интихобӣ ё тасодуфи мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд пешниҳоди ин муросилоти почтаро талаб намоянд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
3. Мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд аз муассисаҳои алоқаи почта талаб намоянд, ки муросилоти байналмилалии почтаи содиротиро, ки мақомоти гумрук дар асоси санҷиши интихоби ё тасодуфи онро аз назар мегузаронанд ё муоина мекунанд, нишон диҳанд.
4. Ҳангоми азназаргузаронии гумрукӣ ё муоинаи гумрукӣ аз воситаҳои техникии назорати гумрукӣ ҳаддалимкон бештар истифода бурда мешаванд.

**Моддаи 317. Боҷҳои гумрукӣ ва андоз нисбати моли дар муросилоти байналмилалии почта ирсолшаванда**

1. Агар арзиши моле, ки дар муросилоти байналмилалии почта фиристонида мешавад, дар мӯҳлати як ҳафта ба унвони як гиранда аз миқдори 150 -

нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд набошад, аз он боҷҳои гумрукӣ ва андоз ситонида намешаванд (Конун аз 06.10.2008с. № 437).

2. Нисбати моле, ки ба унвони шахсони воқеӣ барои истифодаи шахси ирсол шудаанд, қисман ё пурра озод кардан аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз истифода мегардад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи моддаи 304 ҳамин Кодекс нисбати моле, ки арзиши он аз арзиши моли бе пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ирсолшаванда зиёдтар мебошад, нисбати чунин афзоиш меъёрҳои ягонаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз муқаррар менамояд (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347).

3. Боҷҳои гумрукӣ ва андоз нисбати моле, ки барояш декларатсияи алоҳидаи гумрукӣ тақозо намегардад, аз тарафи мақомоти гумрукие, ки дар ҷойҳои мубодилаи байналмилалии почта молро ба расмият медароранд бо истифодаи ордери мудохилоти гумрук (қисми якуми моддаи 309) ҳисоб карда мешаванд. Маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андоз дар асоси маълумот доир ба арзиши моле, ки дар ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи санадҳои Иттиҳоди умумиҷаҳонии почта зикр шудаанд ва барои мақсадҳои гумрукӣ истифода мегарданд, ҳисоб карда мешавад. Нисбати муросилоти байналмилалии почта, ки арзишаш эълон карда шудааст, маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андоз дар асоси ҳамин арзиши эълонгардида танҳо дар сурате ҳисоб карда мешавад, ки агар он аз арзиши дар ҳуҷҷатҳои барои мақсадҳои гумрукӣ баёншуда зиёдтар бошад.

4. Муросилоти байналмилалии почтаи дорои моле, ки мақоми гумрук пардохтҳои гумрукии онро ҳисоб кардааст, ба гирандаи мол дар ҷойҳои мубодилаи байналмилалии почта танҳо баъди пардохтҳои гумрукиро пурра гирифтани муассисаи алоқаи почта супурда мешавад. Боҷи гумрукӣ дар асоси варақаи ҳаволаи почтавии маблағе, ки аз тарафи шахси мансабдори мақомоти гумрук пур карда шудааст, ситонида мешавад. Пардохти ҳаволаи почтавӣ аз ҳисоби шахсе сурат мегирад, ки боҷи гумрукиро пардохтааст ва он набояд аз 1 фоизи мабалағи пардохти ситонидашаванда зиёд бошад. Варақаҳои ҳаволаи почтавии маблағҳо ба мақомоти гумрук ройгон дода мешаванд (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).

5. Ҳангоми гум кардани муросилоти байналмилалии почта, бе иҷозати мақомоти гумрук ба гиранда додани он ҷавобгарии супоридани пардохтҳои гумрукӣ ба зиммаи муассисаи алоқаи почтае мебошад, ки муросилоти почтаро гум кардааст ё супурдааст.

6. Боҷҳои гумрукӣ ва андоз нисбати моли дар қисми 5 моддаи 315 ҳамин Кодекс зикршуда бо тартиби муқаррарнамудаи фасли III ҳамин Кодекс ҳисоб карда, пардохта мешавад.

**Моддаи 318. Транзити гумрукии дохилии муросилоти байналмилалии почта**

Расмиёти транзити гумрукии дохилӣ (боби 10) дар муросилоти байналмилалии почта бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ дар мувофиқа бо мақоми идоракунандаи фаъолият дар соҳаи алоқаи почта дар асоси талабот ва маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс истифода карда мешавад.

**Моддаи 319. Транзити муросилоти байналмилалии почта**

Муросилоти байналмилалии почта, ки аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи транзит интиқол мегардад, мувофиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

## БОБИ 39. ИНТИҚОЛИ МОЛ АЗ ТАРАФИ КАТЕГОРИЯҲОИ АЛОҲИДАИ ШАХСОНИ ХОРИҶӢ

### Моддаи 320. Соҳаи истифодаи ҳамин боб

1. Муқаррароти ҳамин боб нисбати моле, ки намояндагиҳои дипломатӣ, консулгарӣ ва дигар намояндагиҳои расмии давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, аъзои ин намояндагиву муассисаҳо, ҳамчунин нисбати моли мавриди истифодаи шахсӣ ва хонаводагии категорияи алоҳидаи шахсони хориҷии дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои имтиёзу афзалият ва (ё) масуният аз ҳудуди гумрукӣ интиқол медиҳанд, тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Барасмиятдарории гумрукии моли дар қисми якуми ҳамин модда зикргардида бо тартиби соддагардонидашуда анҷом дода мешавад.

### Моддаи 321. Интиқоли мол аз тарафи намояндагони дипломатии давлатҳои хориҷӣ

Намояндагиҳои дипломатии давлатҳои хориҷии муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд моли барои истифодаи расмии намояндагиҳо таъингардидаро бо озод намудан аз пардохти боҷҳои гумрукӣ, андозҳо ва бидуни татбиқ намудани мамнӯият ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид кунанд ва аз ин ҳудуд содир намоянд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

### Моддаи 322. Интиқоли мол аз тарафи сардори намояндагии дипломатии давлати хориҷӣ ва аъзои ҳайати дипломатии намояндагии давлати хориҷӣ

1. Сардори намояндагии дипломатии давлати хориҷӣ ва аъзои ҳайати дипломатии намояндагии давлати хориҷӣ, ҳамчунин аъзои оилаи ҳамзисти онҳо метавонанд моли таъиноти истифодаи шахсӣ ва хонаводагӣ, аз ҷумла моли таъиноти ниёзи аввалия пешбинигардидаро бо озод намудан аз боҷҳои гумрукӣ ва андоз бе истифодаи мамнӯият ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва аз он содир намоянд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Бағоҷи шахсии сардори намояндагии дипломатии давлати хориҷӣ, аъзои ҳайати дипломатии давлати хориҷӣ, ҳамчунин аъзои оилаи ҳамзисти онҳо аз муоинаи гумрукӣ озод мебошанд, ба шарте агар асосҳои ҷиддии эҳтимоли он мавҷуд набошад, ки бағоҷ дорои моли барои истифодаи шахсӣ ва хонаводагӣ таъиннагардида ё ки моле мебошад, ки воридоташ ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва содироташ аз ин ҳудуд мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътттрофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст ё бо қоидаҳои

карантини танзим карда мешавад. Муоинаи гумруки бояд танҳо дар ҳузури шахсони дар ҳамин модда зикршуда ё намояндагони ваколатдори онҳо гузаронида шавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 323. Интиқоли мол аз тарафи аъзои ҳайати маъмурӣ-техникии намояндагии дипломатии давлати хориҷӣ**

Агар аъзои ҳайати маъмурӣ-техникии намояндагии дипломатии давлати хориҷӣ ва аъзои оилаи ҳамзисти онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доими зиндагӣ накунанд ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон набошанд, метавонанд моли таъиноти ниёзи аввалия ва барои истифодаи шахсӣ ва хонаводагӣ пешбинигардидаро бо озод намудан аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ва бидуни ба ин мол татбиқ намудани мамнӯият ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намоянд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 324. Имтиёзҳои гумрукие, ки ба аъзои ҳайати дипломатии намояндагии давлати хориҷӣ, ба аъзои ҳайати маъмурӣ-техникӣ ва хизматрасонӣ пешниҳод карда мешаванд**

Дар асоси созишномаи махсус бо давлати хориҷӣ, бо назардошти усули муносибатҳои мутақобила бо давлати алоҳидаи хориҷӣ имтиёзҳои гумрукии ба аъзои ҳайати дипломатии намояндагии давлати хориҷӣ пешбининамудаи ҳамин Кодекс метавонанд ба аъзои маъмурӣ-техникӣ ва хизматрасонии ин намояндагӣ, инчунин аъзои оилаи онҳо, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доими зиндагони намекунанд ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошанд, дар асоси принсипи ҳамкорӣ бо давлати хориҷӣ татбиқ гарданд.

**Моддаи 325. Интиқоли мол аз тарафи муассисаҳои консулгарии давлатҳои хориҷӣ ва аъзои ҳайати онҳо**

1. Ба муассисаҳои консулгарии давлатҳои хориҷӣ, шахсони мансабдори консулгариҳои хориҷӣ, аз ҷумла ба сардори муассисаҳои консулгарии давлати хориҷӣ, ба хидматчиёни муассисаҳои консулгарии давлати хориҷӣ, ҳамчунин ба аъзои оилаи онҳо имтиёзҳои гумрукии мувофиқи ҳамин Кодекс барои намояндагии ҳайати дипломатии давлатҳои хориҷӣ ё ҳайати дахлдори намояндагии дипломатии давлати хориҷӣ пешбинишуда фароҳам оварда мешавад.

2. Дар асоси созишномаи махсус бо давлати хориҷӣ ба кормандони ҳайати хизматрасонии муассисаи консулгарии давлати хориҷӣ, ҳамчунин аъзои оилаи онҳо, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доими зиндагонӣ намекунанд, тибқи принсипи ҳамкорӣ бо давлати алоҳидаи хориҷӣ имтиёзҳои гумрукие, ки мувофиқи ҳамин Кодекс барои аъзои дахлдори ҳайати дипломатии намояндагии давлатҳои хориҷӣ пешбинӣ гардидааст, фароҳам оварда мешавад.

**Моддаи 326. Интиқоли почтаи дипломатӣ ва ализаи консулгарии давлатҳои хориҷӣ аз сарҳади гумрукӣ**

1. Почтаи дипломатӣ ва ализаи консулгарии давлатҳои хориҷиро, ки аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода мешаванд, кушодан ва боздоштан мумкин нест. Ҳангоми мавҷудияти асосҳои ҷиддии эҳтимоли

он, ки дар вализаи консули ҳуҷҷатҳо ва (ё) моли дар қисми 3 ҳамин модда зикрнашуда ҷой доранд, мақоми гумрук ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки вализаи консули аз тарафи шахси ваколатдори давлати хориҷӣ дар ҳузури корманди мақоми гумрук кушода шавад. Ҳангоми рози нашудан ба кушодани вализаи консули он ба маҳали ирсолкунанда баргардонида мешавад.

2. Ҳамаи ҷойҳои почтаи дипломатӣ ва вализаҳои консули бояд ишораҳои аёни зоҳирие дошта бошанд, ки аз хусусияти ин ҷойҳо гувоҳӣ медиҳанд.

3. Почтаи дипломатӣ метавонад танҳо ҳуҷҷат ва моли дипломатиро, ки барои истифодаи расмӣ пешбинӣ шудааст ва вализаи консулӣ бошад танҳо мукотибаи расмӣ, ҳуҷҷат ё молеро дар бар гирад, ки мустақиман барои истифодаи расмӣ пешбинӣ шудааст.

**Моддаи 327. Имтиёзҳои гумрукӣ ба курерҳои дипломатӣ ва консулии хориҷӣ**

Курерҳои дипломати ва консулии давлатҳои хориҷи метавонанд ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон моли барои истифодаи шахси ва хонаводаги таъингардидаро тибқи принсипи муносибатҳои мутақобила бо давлати алоҳидаи хориҷи бидуни муоинаи гумруки ва пардохти боҷҳои гумруки, андозҳо ва истифодаи мамнӯият ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид кунанд ва аз ин ҳудуд содир намоянд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 328. Имтиёзҳои гумруки барои намояндагон ва аъзои ҳайати вакилони давлатҳои хориҷи**

Ба намояндагони давлатҳои хориҷи, аъзои ҳайати вакилони парлумон ва ҳукумат, инчунин дар асоси муносибатҳои мутақобила бо аъзои ҳайати вакилони давлатҳои хориҷӣ, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иштирок дар гуфтушунидҳои байналмилалӣ, конференсияҳо ва маҷлисҳои байналмилалӣ ё бо супоришҳои дигари расмӣ меоянд, имтиёзҳои гумрукии барои аъзои ҳайати дипломатии намояндагони давлатҳои хориҷӣ пешбининамудаи ҳамин Кодекс фароҳам оварда мешаванд. Ин гуна имтиёзҳо барои аъзои оилаи ҳамроҳикунандаи онҳо низ фароҳам оварда мешаванд.

**Моддаи 329. Интиқоли мол аз тарафи ҳайати дипломатӣ, шахсони мансабдори консулгарӣ, намояндагон ва аъзои ҳайати вакилони давлатҳои хориҷӣ, ки ба тариқи транзит аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон убур мекунанд**

(Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421)

Ба аъзои ҳайати дипломатии намояндагиҳои давлатҳои хориҷӣ ва шахсони мансабдори консулгарии давлатҳои хориҷӣ, аъзои оилаи онҳо, ки дар моддаи 328 ҳамин Кодекс зикр шудаанд ва ба тариқи транзит аз Ҷумҳурии Тоҷикистон убур мекунанд, имтиёзҳои ба аъзои ҳайати дипломатии намояндаги пешбининамудаи ҳамин Кодекс фароҳам оварда мешавад.

**Моддаи 330. Имтиёзҳои гумрукӣ барои ташкилотҳои байналмилалии байнидавлатӣ ва байниҳукуматӣ, намояндагиҳои давлатҳои хориҷии назди онҳо, ҳамчунин барои кормандони ин ташкилоту намояндагиҳо**

Имтиёзҳои гумрукӣ барои ташкилотҳои байналмилалии байнидавлатӣ ва байниҳукуматӣ, намояндагиҳои давлатҳои хориҷии назди онҳо, ҳамчунин барои ҳайати ин ташкилоту намояндагиҳо ва аъзои оилаи онҳо мувофиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

## БОБИ 40. ИНТИҚОЛИ МОЛ ТАВАССУТИ ҚУБУР ВА БО ХАТҲОИ ИНТИҚОЛИ БАРҚ

### Моддаи 331. Соҳаи истифодаи ҳамин боб

Интиқоли мол аз сарҳади гумрукӣ тавассути қубур ва бо хатҳои интиқоли барқ тибқи муқаррароти ҳамин боб, аммо дар қисмате, ки ҳамин боб танзим нанамудааст, бо тартиби умумии муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс анҷом дода мешавад.

### Моддаи 332. Воридоту содироти мол тавассути қубур

1. Воридоти мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва содироти мол аз ин ҳудуд тавассути қубур баъди қабули декларатсияи гумрукӣ ва иҷозати мақоми гумрук тибқи шартҳои дар он арзшудаи низоми гумрукӣ иҷозат дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Ҳангоми пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ пешниҳоди воқеии мол талаб карда намешавад.

3. Ҳангоми воридоти мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё содироти мол аз ин ҳудуд тавассути қубур ба омезиши мол ва инчунин тағйири миқдору ҳолати сифатии мол дар натиҷаи таъсири хусусиятҳои технологии интиқол ва хусусиятҳои хоси мол тибқи меъёрҳои техникӣ ва стандартҳои миллии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда роҳ дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

4. Расмиёти гумрукии нигоҳдории муваққатӣ ва транзити дохилии гумрукӣ нисбати моле, ки тавассути қубур интиқол дода мешавад, истифода карда намешавад.

### Моддаи 333. Тартиби декларатсия кардани моле, ки тавассути қубур интиқол дода мешавад

1. Ҳангоми интиқоли мол тавассути қубур ба декларатсиякунонии муваққатии даврии мол мувофиқи қоидаҳои муайяннамудаи моддаи 138 ҳамин Кодекс бо назардошти хусусиятҳои пешбинишудаи ҳамин модда иҷозат дода мешавад.

Декларатсиякунонии муваққатии даврӣ бо роҳи пешниҳод намудани декларатсияи муваққатии гумрукӣ ба амал бароварда мешавад.

Дар декларатсияи муваққатӣ арзи маълумот бо назардошти мақсади воридот ё содироти теъдоди тахминии мол дар давоми вақти муайян, ки аз мӯҳлати амали қарордоди савдои хориҷӣ зиёд нест, арзиши баҳодиҳии гумрукии шартӣ, ки мувофиқи теъдоди мол муайян гардида, барои интиқол аз сарҳади гумрукӣ пешбинӣ шудааст ва (ё) тибқи шартҳои пешбиникардаи қарордоди савдои хориҷӣ барои муайян намудани нархи моли мазкур иҷозат дода мешавад.

Пешниҳоди як декларатсияи муваққатӣ ба моле, ки аз тарафи ҳамон як шахс ворид ва содир карда шуда, мувофиқи шартҳои як низоми гумрукӣ ҷиҳати

иҷрои ӯҳдадориҳо нисбати якчанд қарордоди савдои хориҷӣ (аз ҷумла бо шартҳои мухталифи таҳвили мол, нархгузорӣ ва пардохт тибқи шартҳои мухталиф) интиқол дода мешавад, иҷозат дода мешавад.

2. Декларатсияи гумрукии муваққатӣ аз тарафи декларант дар се моҳ як маротиба, вале барои гази табиӣ як маротиба дар як соли тақвимӣ, яъне то таърихи 20 - уми моҳи пеш аз фарорасии ин давра пешниҳод карда мешавад.

Агар дар давоми як моҳи тақвимии таҳвил шартҳои таҳвили мол ва (ё) теъдоди моли дар декларатсияи гумрукии муваққатии аз тарафи мақомоти гумрук қабулкардашуда тағйир ёбанд, барои пешниҳоди декларатсияи гумрукии муваққатии иловагӣ дар давоми як моҳи таҳвил иҷозат дода мешавад.

3. Декларант вазифадор аст як ё якчанд декларатсияи гумрукии пурра ва ба таври зарурӣ пуркардашудаи моли воридотӣ ва содиротиро барои ҳар як моҳи тақвимии таҳвили мол пешниҳод намояд. Декларатсияи гумрукии пурра бояд то таърихи 20 - уми моҳи оянда (навбатии) баъд аз моҳи тақвимии таҳвили ҳармоҳа пешниҳод карда шавад. Мақоми гумрук дар асоси муроҷиати асосноки декларант мӯҳлати пешниҳоди декларатсияи гумрукии пурраро тамдид менамояд, вале на бештар аз 90 рӯз. Тамдиди мӯҳлати пешниҳоди декларатсияи гумрукии пурра мӯҳлати пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андозро тамдид наменамояд.

4. Агар моли дар декларатсияи гумрукии муваққатии барои воридот ё содирот арзшуда дар давоми як моҳи тақвими ворид ё воқеан содир нашавад, декларант вазифадор аст мақоми гумрукро то анҷом ёфтани мӯҳлати пешниҳоди декларатсияи гумрукии пурра хаттӣ огоҳ намояд.

**Моддаи 334. Татбиқи меъёрҳои боҷҳои гумрукӣ, андозҳо ва тартиби супоридани онҳо ҳангоми интиқоли мол тавассути қубур**

(Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347)

1. Боҷҳои гумруки барои моли аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон содиршаванда барои ҳар моҳи тақвимии таҳвили мол тибқи меъёрҳои боҷҳои гумрукии содиротие, ки дар таърихи 15 - уми моҳи молрасони амал мекунанд, супорида мешаванд (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347, аз 30.05.2017 № 1421).

На камтар аз 50 фоизи маблағи боҷҳои гумрукии содиротӣ, ки дар асоси маълумоти дар декларатсияи гумрукии муваққати дарҷгардида ҳисоб карда шудаанд, дар мӯҳлати то таърихи 20 - уми моҳе, ки пеш аз моҳи тақвимии таҳвил фаро мерасад, супорида мешаванд. Ҳамзамон маблағи боҷи гумрукии содиротӣ дар асоси миқдори моле ҳисоб карда мешавад, ки мутаносибан ба як моҳи молрасонӣ баробар аст, ба шарте, агар дар декларатсияи гумрукии муваққатӣ давраи молрасонии зиёдтар аз як моҳи тақвими дарҷ шуда бошад.

Дар ҳолати пешниҳоди декларатсияи гумрукии муваққатӣ мувофиқи сархати дуюми қисми 2 моддаи 333 ҳамин Кодекс боҷҳои гумрукии содиротӣ дар мӯҳлати на дертар аз рӯзи қабули чунин декларатсия пурра супорида мешаванд.

Қисмати боқимондаи маблағи боҷҳои гумрукии содиротӣ, ки дар асоси маълумоти аниқ дар бораи моли содиршуда ва меъёрҳои боҷҳои гумрукии

содиротии дар таърихи 15 - уми моҳи гузаштаи молрасонӣ амалкунанда дар мӯҳлати то таърихи 20 - уми моҳи ояндаи тақвимии таҳвил супорида мешаванд (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347).
2. Ҳангоми воридоти мол тавассути қубур боҷҳои гумрукии воридотӣ ва андозҳо то таърихи 20 - уми моҳи пеш аз фаворасии ҳар як моҳи тақвимии молрасонӣ дар асоси маълумоти дар декларатсияи муваққатии гумрукӣ дарҷгардида пардохта мешаванд. Барои мақсадҳои ҳисоб кардан ва супоридани боҷҳои гумрукӣ ва андоз меъёрҳои боҷҳои гумрукӣ ва андози то таърихи 15 - уми моҳи пеш аз фаворасии моҳи таҳвил амалкунанда татбиқ карда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347).
Маълумоти аниқшуда оид ба воридоти мол барои ҳар як моҳи тақвимии таҳвил ба мақомоти гумрук то таърихи 20 - уми моҳи ояндае, ки баъд аз моҳи тақвимии таҳвил фаро мерасад, пешниҳод карда мешавад. Агар маблағи пардохтшавандаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз дар натиҷаи маълумоти аниқшуда зиёд шавад, маблағ бояд ҳамзамон бо пешниҳоди маълумоти аниқшуда пардохта шавад. Дар ин ҳолат фоизҳо ҳисоб карда намешаванд.
Маблағҳои барзиёд супоридашуда мутобиқи моддаи 396 ҳамин Кодекс баргардонида мешаванд.

**Моддаи 335. Татбиқи мамнӯият ва маҳдудиятҳое, ки мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд**

Ҳангоми интиқоли мол тавассути қубур мамнӯият ва маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар рӯзи қабули декларатсияи гумрукии муваққатӣ татбиқ карда мешаванд.

**Моддаи 336. Хусусиятҳои воридот, содирот ва декларатсия кардани моле, ки тавассути хати барқ интиқол дода мешавад**

1. Ба воридоти мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё содироти он аз ин ҳудуд, ки бо хати барқ интиқол дода мешавад, бе иҷозати пешакии мақомоти гумрук, бо шарти декларатсиякунонии минбаъда ва пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз тибқи қоидаҳои муқаррарнамудаи ҳамин модда иҷозат дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Расмиёти гумрукии нигаҳдории муваққатӣ ва транзити дохилии гумрукӣ нисбати моле, ки бо хати барқ интиқол дода мешавад, татбиқ карда намешаванд.
3. Қувваи барқи аз сарҳади гумрукӣ интиқолшаванда бо роҳи пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ дар мӯҳлати то таърихи 20 - уми моҳи ояндае, ки баъд аз ҳар як моҳи тақвимии таҳвили мол фаро мерасад, декларатсия карда мешавад. Мақоми гумрук дар асоси муроҷиати асосноки декларант метавонад мӯҳлати пешниҳоди декларатсияи гумрукиро то 5 рӯз тамдид намояд.
4. Миқдори қувваи барқи воқеӣ, ки бо таҷҳизоти ҳисобкунандаи дар маҳалҳои аз нигоҳи технологӣ зарур насбгардида ва инъикоскунандаи интиқоли барқ муайян карда мешавад, бояд декларатсия карда шавад.
Миқдори қувваи барқи байни ду давлат интиқолшаванда ҳамчун салдои интиқол (маблағи алгебравии интиқоли қувваи барқ дар самтҳои

мутақобилаи байнидавлатии интиқоли барқи ҳама гуна шиддат) барои ҳар моҳи тақвими муайян карда мешавад.

Ҳисоби салдои интиқол ба андозаи ҳаҷми талафи қувваи барқ, ки ҳангоми интиқоли он дар шабакаҳо ба миён омадааст, тасҳеҳ карда мешавад.

Декларатсиякунони дар асоси санадҳои таҳвили воқеии қувваи барқ тибқи қарордоди тиҷорати хориҷӣ ба роҳ монда мешавад.

5. Боҷҳои гумрукӣ ва андоз дар мӯҳлати на дертар аз рӯзи пешниҳоди декларатсияи гумрукии моле, ки аз сарҳади гумрукӣ дар давоми як моҳи тақвими интиқол меёбанд, супорида мешаванд.

**Моддаи 337. Таъмини пардохтҳои гумрукӣ**

Мақоми гумрук ҳуқуқ дорад пешниҳоди таъмини супоридани пардохтҳои гумрукиро талаб намояд, аз ҷумла дар ҳолате, ки агар декларант фаъолияти иқтисодии хориҷии худро камтар аз як сол ба роҳ монда бошад. Андозаи супоридани таъмини пардохтҳои гумрукӣ мутобиқи моддаи 383 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад.

**Моддаи 338. Истифода набурдани талабот оид ба ҳаммонандсозии моле, ки тавассути қубур ва хатҳои барқ интиқол дода мешавад**

Моли тавассути қубур ва хати барқ интиқолшаванда ҳаммонанд карда намешавад, ки ин ба мақомоти гумрук барои ба мақсади гумрукӣ муқаррар намудани теъдод, сифат ва дигар хусусиятҳои мол бо истифодаи маълумоти ҳуҷҷатҳо, нишондоди ченкунакҳо ва дигар асбобҳои ченкуни монеъ намешавад.

**Моддаи 339. Интиқоли моли ватани байни ду нуқтаи гумрукии дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъбуда тавассути ҳудуди давлати хориҷӣ**

(Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421)

Интиқоли моли ватанӣ тавассути қубур ва хатҳои интиқоли барқ байни ду нуқтаи гумрукии дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъбуда тавассути ҳудуди давлати хориҷӣ, тибқи қоидаҳои муқаррарнамудаи боби 35 ҳамин Кодекс нисбати низоми махсуси Интиқоли моли ватани байни мақомоти гумрукӣ тавассути ҳудуди давлати хориҷӣ интиқол дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

## ФАСЛИ III. ПАРДОХТҲОИ ГУМРУКӢ ВА ХИРОҶҲОИ ГУМРУКӢ

## БОБИ 41. ҲОЛАТҲОИ УМУМИИ МАРБУТ БА ПАРДОХТҲОИ ГУМРУКӢ ВА ХИРОҶҲОИ ГУМРУКӢ. НАВЪҲОИ ПАРДОХТҲОИ ГУМРУКӢ ВА ХИРОҶҲО

**Моддаи 340. Пардохтҳои гумрукӣ ва намудҳои онҳо**

1. Ба пардохтҳои гумрукӣ дохил мешаванд:

1) боҷи гумрукӣ;

2) андоз аз арзиши иловашуда, ки ҳангоми воридоти мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

3) аксиз, ки ҳангоми воридоти мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

4) пардохти махсуси гумрукӣ (Қонуни ҶТ аз 3.08.2018 № 1545).

2. Пардохтҳои гумрукӣ ситонида мешаванд, агар онҳо мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шуда бошанд.
3. Боҷҳои махсус, зиддидемпингӣ ва ҷубронӣ, ки мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд, тибқи қоидаҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс нисбати ситонидани боҷҳои гумрукии воридотӣ пардохт карда мешаванд.
4. Пардохткунандагон, тартиби ҳисоб ва пардохти андозҳоеро, ки марбут ба пардохтҳои гумрукианд, қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс муайян менамояд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012  № 845).
Моддаи 340(1). Пардохти махсуси гумрукӣ
(Қонуни ҶТ аз 3.08.2018 № 1545)
1. Пардохти махсуси гумрукӣ намуди пардохти гумрукие мебошад, ки меъёри он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои воридот ва/ё содироти моли муайян муқаррар карда мешавад.
2. Дар сурати муайян намудани пардохти махсуси гумрукӣ пардохтҳои гумрукии дигаре, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, ситонида намешаванд (Қонуни ҶТ аз 3.08.2018 № 1545).
**Моддаи 341. Боҷҳои гумрукӣ**
1. Боҷҳои гумрукӣ ҳангоми декларатсия кардани мол дар низомҳои гумрукие, ки шартҳои таҳти ин низом ҷойгиркунони супурдани боҷҳои гумрукиро таъмин мекунанд, мувофиқи ҳамин Кодекс пардохта мешаванд.
2. Меъёрҳои боҷҳои гумрукиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд ва мувофиқи моддаи 4 ҳамин Кодекс эътибор пайдо мекунад (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347).
**Моддаи 342. Намудҳои меъёрҳои боҷҳои гумрукӣ**
(Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347)
Меъёрҳои боҷҳои гумрукӣ ба чунин гурӯҳҳо тақсим мешаванд (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347):
1) адвалорӣ - ба арзиши гумрукии моли мавриди андозбанди қароргирифта бо фоиз ҳисоб карда мешаванд;
2) махсус - тибқи ҳаҷми муқараршудаи воҳиди моли мавриди андозбанди қароргирифта ҳисоб карда мешаванд;
3) омехта - ҳар ду навъи зикршудаи меъёрҳои пардохти гумрукиро дар бар мегиранд (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347).
**Моддаи 343. Хориҷ карда шуд**
(Қонуни ҶТ аз 01.08.2012 № 881)
**Моддаи 344. Намудҳои хоси боҷҳо**
(Қонуни ҶТ аз 01.08.2012 № 881)
Боҷҳои хоси гумрукӣ (махсус, зиддидемпингӣ ва ҷубронӣ) нисбат ба молҳои воридотӣ метавонанд муваққатан мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон татбиқ карда шаванд (Қонуни ҶТ аз 01.08.2012 № 881).
**Моддаи 345. Озодкунии молҳои алоҳида аз пардохти боҷҳои гумрукӣ**

(Қонуни ҶТ аз 24.12.2022 № 1932)
Намудҳои зерини воридот аз пардохти боҷҳои гумрукӣ озод карда мешаванд:
1) воридоти пули миллӣ ё асъор (ба ғайр аз мақсадҳои нумизматикӣ), инчунин коғазҳои қиматнок;
2) воридоти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои Хазинаи давлатии сарватҳо;
3) воридоти молҳое, ки ройгон ба мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд, воридоти молҳо ба сифати кумаки башардӯстона, воридоти молҳое, ки ройгон ба ташкилотҳои эҳсонкорӣ барои мақсадҳои рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ, садама ва фалокатҳо дода мешаванд;
4) воридоти таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маҳсулоти такмилии онҳо, аз ҷумла дар асоси шартҳои иҷораи молиявӣ (лизинг), барои ташаккул ё пурра кардани сармояи (фонди) оинномавии корхонаҳо ё азнавтаҷҳизонии техникии истеҳсолоти амалкунанда, ба шарте ки ин молу мулк мустақиман барои истеҳсоли мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсисии корхона истифода шуда, ба категорияи молҳои зераксизӣ мансуб набошанд. Дар сурати барҳамдиҳии чунин корхона ё аз ҷониби ин корхона дар давоми ду сол аз лаҳзаи воридот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода нашудан ё ба шахси дигар таҳвил намудани таҷҳизоти истеҳсолии технологӣ ва маҳсулоти такмилие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудаанд, боҷҳои гумрукӣ, ки мутобиқи ҳамин баъд пардохта нашудаанд, ба буҷет ситонида мешаванд, ба истиснои воридоти чунин таҷҳизот дар асоси шартҳои иҷораи молиявӣ (лизинг);
5) воридоти маводу лавозимот барои истеҳсоли доруворӣ, таҷҳизоти тиббӣ, фармасевтӣ ва асбобҳои тиббӣ, технологияҳои навтарин барои корхонаҳои дорусозӣ ва таҷҳизоти муосири ташхису табобат, доруворӣи тиббӣ, ба истисноии доруворӣи тиббии дар дохили ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда, ки тартиб ва номгӯйи онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд;
6) воридоти молҳо барои амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузории давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи маблағҳои созишномаҳои грантӣ ва қарзӣ;
7) воридоти молҳо барои сохтмони объектҳои махсусан муҳим, ба истиснои молҳои дар ҷумҳурӣ истеҳсолшавандае, ки номгӯйи онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд;
8) воридоти таҷҳизоту техника, масолеҳи сохтмонӣ ва маводи дигар барои таъмини эҳтиёҷоти иншооти сайёҳӣ (аз ҷумла меҳмонхона, осоишгоҳ ва истироҳатгоҳҳои табобатӣ, марказҳои сайёҳӣ ва иншооти дигари сайёҳӣ), ба истисноии молҳои дар ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда. Рӯйхати иншооти сайёҳӣ, номгӯй ва миқдори таҷҳизоту техника ва масолеҳи сохтмонии воридшаванда ва маводи дигар аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд;
9) воридоти молҳо (ба истисноии молҳои зераксизӣ) бевосита аз ҷониби истеҳсолкунандагон барои истеҳсоли алюминийи аввалия тибқи номгӯй ва ҳаҷми муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

10) воридоти алюминийи аввалия;
11) воридоти техникаи ҳарбӣ, агрегатҳои асосӣ, силоҳ, лавозимоти ҷангӣ ва дастгоҳҳои парвозкунандаи таъиноти мудофиавӣ, инчунин қисмҳои эҳтиётӣ ба онҳо, арзиши хизматрасонӣ ва таъмир;
12) воридоти молҳои махсуси истифодаи фардӣ барои маъюбон мутобиқи номгӯе, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад;
13) воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва (ё) воридоти молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худии субъектҳои хоҷагидор дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво;
14) воридоти ашёи хом барои коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, ба истиснои ашёи хоми дар дохили ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда ва молҳои зераксизӣ, ки тартиб ва номгӯйи онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад;
15) воридоти техника ва таҷҳизот, қисмҳои эҳтиётӣ ва маҳсулоти такмилии зерин, ба истиснои воридоти қисмҳои эҳтиётӣ ва маҳсулоти такмилии дар ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда, ки номгӯйи онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад:
- техникаи кишоварзӣ;
- қисмҳои эҳтиётӣ ва маҳсулоти такмилии техника ва мошинолоти кишоварзӣ аз ҷониби корхонаҳои васлу насбкунанда (истеҳсолкунанда) барои истеҳсол, инчунин фурӯши моли (маҳсулоти) ниҳоии истеҳсолшуда;
- қисмҳои эҳтиётӣ ва маҳсулоти такмилии автомобилҳои сабукрав, боркашу борбардор аз ҷониби корхонаҳои васлу насбкунанда (истеҳсолкунанда) барои истеҳсоли худӣ;
16) воридоти автомобилҳои нав бевосита аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда (агар аз санаи барориш 1 (як) сол нагузашта, масофаи тайнамудаи онҳо то 10 (даҳ) ҳазор километр бошад) бо рамзҳои молии 8702, 8703, 8704 ва 8705 тибқи номгӯйи молии фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 50 фоиз;
17) воридоти воситаҳои нақлиёти танҳо бо муҳаррики барқӣ ҳаракаткунанда, аз ҷумла электромобилҳо, электробусҳо ва троллейбусҳо.
Эзоҳ: Муқаррароти бандҳои 5), 8) ва 13)-16) то 31 декабри соли 2026 амал мекунанд (Қонуни ҶТ аз 24.12.2022 № 1932).

**Моддаи 346. Имтиёзҳои тарифӣ**

1. Таҳти мафҳуми имтиёзҳои тарифӣ чунин имтиёзе фаҳмида мешавад ки ҳангоми татбиқи сиёсати тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби яктарафа шартҳои муносибатҳои мутақобила ё нисбати моли аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолшаванда, баргардонидани боҷи қаблан пардохташуда, озод кардан аз пардохти боҷи гумрукӣ кам кардани меъри боҷи гумрукӣ, муқаррар намудани квотаҳои тарифӣ барои воридоти (содироти) имтиёзноки мол пешниҳод карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347).

2. Имтиёзҳои тарифи мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 347. Хироҷҳои гумрукӣ ва намудҳои онҳо**

Ба хироҷҳои гумрукӣ дохил мешаванд:

1) хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ;

2) хироҷи гумрукӣ барои мушоияти гумрукӣ;

3) хироҷи гумрукӣ барои нигаҳдории мол дар анборҳои мақоми гумрук;

4) хироҷи гумрукӣ барои додани шаҳодатномаи тахассусии мутахассиси барасмиятдорорандаи гумрукӣ.

**Моддаи 348. Андозаи хироҷҳои гумрукӣ**

1. Ҳангоми барасмиятдарории молу воситаҳои нақлиёт, мушоияти гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт, нигоҳдории мол дар анборҳои мақоми гумрук, инчунин барои додани шаҳодатномаи тахассусии мутахассиси барасмиятдорорандаи гумрукӣ хироҷҳои гумрукӣ тибқи тартиб ва андозаи муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешаванд.

2. Хироҷҳои гумрукӣ аз ҷиҳати андоза бояд бо арзиши тахминии хизматрасони маҳдуд шуда бошанд ва набояд асоси ғайримустақими ҳимояи моли ватанӣ ё бо мақсади ситонидани боҷу хироҷ асоси андозбандии моли хориҷи ҳангоми воридоти он гарданд.

**Моддаи 349. Ба миён омадан ва қатъи ӯҳдадории пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз. Ҳолатҳое, ки боҷҳои гумрукӣ ва андоз пардохта намешаванд**

1. Ҳангоми интиқоли мол аз сарҳади гумруки ӯҳдадории пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз дар ҳолати зайл ба миён меоянд:

1) ҳангоми воридоти мол - аз лаҳзаи убури сарҳади гумрукӣ;

2) ҳангоми содироти мол - аз лаҳзаи пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ ё анҷом додани амалҳое, ки мақсад аз онҳо мустақиман содир намудани мол аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Боҷҳои гумрукӣ ва андоз супорида намешаванд, агар:

1) мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ҳамин Кодекс:

- аз мол боҷҳои гумрукӣ ва андоз ситонида нашаванд;

- агар мол аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз шартан пурра озод карда шуда бошад - дар давраи амали ин гуна озодкунӣ ва бо риояи шартҳое, ки дар натиҷаи онҳо мол аз пардохти боҷу андозҳо озод карда шудааст;

2) агар то иҷозат барои муомилоти озод ва ҳангоми аз тарафи шахсон вайрон нашудани талаботу шартҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс моли хориҷӣ бар асари садама ва ё таъсири қувваи рафънопазир ё дар натиҷаи фарсудашавии табиӣ ва ё талаф дар шароити муқаррарии интиқол, нигаҳдорӣ ва истифодабарӣ тамоман нобуд ё тамоман талаф шуда бошад;

3) агар мол мувофиқи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моликияти давлатӣ гузаронида шавад.

3. Нисбати моле, ки барои муомилоти озод дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудааст ва ё аз ин ҳудуд содир карда шудааст, дар

ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯҳдадории пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз қатъ меёбад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 350. Шахсоне, ки барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз масъуланд**

1. Шахси масъул барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз декларант ба ҳисоб меравад. Агар мол аз тарафи брокери гумрук (намоянда) декларатсия карда шавад, ӯ мувофиқи қисми 2 моддаи 144 ҳамин Кодекс барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз шахси масъул ҳисоб меёбад.

2. Ҳангоми риоя нашудани муқаррароти ҳамин Кодекс дар бораи истифодабарӣ ва ихтиёрдории мол ё иҷрои дигар талаботу шартҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс барои татбиқи расмиёти гумрукӣ ва низоми гумрукӣ, ки мазмуни онҳо пурра ё қисман аз супурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз озод карданро пешбинӣ менамояд, шахсони барои супурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз масъул дар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс соҳиби анбори нигаҳдории муваққатӣ, соҳиби анбори гумрукӣ, интиқолдиҳанда, шахсоне, ки ба зиммаи онҳо масъулияти риояи низомҳои гумрукӣ гузошта шудааст, ҳисоб мешаванд.

3. Ҳангоми насупурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз, аз ҷумла ҳангоми нодуруст ҳисоб кардан ва (ё) дер супурдани онҳо дар назди мақомоти гумрук шахсе ҷавобгар аст, ки масъулияти супурдани боҷҳои гумрукӣ ва андозро ба зимма дорад.

4. Ҳангоми интиқоли ғайриқонунии молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ масъулияти супурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз ба ӯҳдаи шахси интиқолдиҳандаи ғайриқонунии молу воситаҳои нақлиёт ва ба зиммаи шахсе мебошад, ки дар интиқоли ғайриқонунӣ иштирок мекунад, агар онҳо аз чунин интиқоли ғайриқонунии молу воситаҳои нақлиёт огоҳ буданд ва ё бояд огоҳ мебуданд, ҳангоми воридот бошад, инчунин шахсоне масъуланд, ки молу воситаҳои нақлиёти ғайриқонунӣ воридшударо барои худ харида гирифтаанд ва ё моликияти худ қарор додаанд, ба шарте, ки ҳангоми харидан ғайриқонунӣ ворид шудани онҳоро медонистанд ё худ бояд огоҳ мебуданд, ки ин ваҷҳ ба таври зарурӣ тибқи тартиби муайянкардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст. Агар шахсони номбаршуда дар содироту воридоти ғайриқонунии молу воситаҳои нақлиёт ба сифати декларант амал карда бошанд, онҳо барои супурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз, чунин масъулиятро ба зимма доранд.

**Моддаи 351. Маҳдудиятҳо оид ба маблағи умумии боҷҳои гумрукӣ ва андоз нисбати моли ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда**

(Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421)

Маблағи умумии боҷҳои гумрукӣ ва андоз нисбати моли ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда наметавонад аз маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андозе, ки бояд супорида шаванд, зиёд бошад, чуноне, ки агар мол барои муомилоти озод ҳангоми ворид шуданаш ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бе супурдани фоиз иҷозат дода шудааст, ба истисної

ҳолатҳое, ки маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андоз дар натиҷаи тағйир ёфтани меъёрҳои боҷҳои гумрукӣ ва андоз зиёд мешавад ва нисбати мол меъёрҳои боҷҳои гумрукӣ ва андози дар рӯзи қабули декларатсияи гумрукӣ амалкунанда аз тарафи мақоми гумрук ҳангоми арзи тағйири низоми гумрукӣ татбиқ мегардад. Дар ин ҳолат маблағи супоридаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз, ки ҳангоми истифодаи низоми гумрукии пешина пардохта шудааст, ҳангоми супурдани маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андоз мувофиқи шартҳои низомӣ аз нав интихобшудаи гумрукӣ ба ҳисоб гирифта мешавад (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347, аз 30.05.2017 № 1421).

БОБИ 42. МУАЙЯН НАМУДАНИ АРЗИШИ ГУМРУКИИ МОЛ

**Моддаи 352. Арзиши гумрукии мол**

Арзиши гумрукии мол арзиши молест, ки аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол ёфта, мутобиқи ҳамин боб муайян мегардад ва ба мақсадҳои зерин истифода бурда мешавад:

1) таҳти пардохтҳо ва хироҷҳои гумрукӣ қарор додани мол;

2) ба кор бурдани тадбирҳои дигари танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 353. Муайян кардани арзиши гумрукии моли содиротӣ**

1. Арзиши гумрукии моле, ки аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон содир мешавад, дар асоси нархи муомилотие, ки воқеан пардохта шудааст ва ё ҳангоми фурӯши он барои содирот бояд пардохта шавад, муайян карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Ҳангоми муайян кардани арзиши гумрукии мол хароҷоти зерин ба нархи муомилот дохил карда мешавад, ба шарте агар он қаблан дохил карда нашуда бошад:

1) хароҷоти расондани мол то фурудгоҳ, бандар ё маҳали дигари содироти мол аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421):

- арзиши ҳамлу нақл;

- хароҷоти борбардорӣ ва борфарорӣ, аз нав бор кардан ва аз ҷое ба ҷое кашондани мол:

2) арзиши суғурта;

3) хароҷоти фурӯшанда:

- музди комиссионӣ ва брокерӣ;

- арзиши контейнер ё зарфҳои дигари серистифода, ба шарте, агар мутобиқи Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷии он ҳамчун воҳиди тому ягона бо моли арзёбишаванда баррасӣ гардад;

- арзиши бастабандӣ, аз ҷумла арзиши масолеҳи бастабандӣ ва корҳои вобаста ба бастабандӣ;

4) роялтӣ ва хироҷи додани иҷозатнома барои моли арзёбишавандае, ки бояд фурӯшанда мустақиман ва ё ғайримустақим ҳамчун шарти фурӯши моли арзёбишаванда супорад, ба шарте, агар чунин роялти ва хироҷ ба нархе, ки воқеан супурда шудааст ё бояд супорида шавад, дохил нашуда бошад;

5) қисми даромад аз фурӯши минбаъда, ки мустақиман ва ё ғайримустақим фурӯшанда мегирад.

6) андозҳое, ки дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешаванд, ба шарте, ки мутобиқи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ё санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳо ба фурӯшанда вобаста ба баровардани мол аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда намешаванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

3. Ҳангоми муайян кардани арзиши гумрукии мол аз нархи муомилоти пардохту хароҷоти зерин хориҷ карда мешаванд, ба шарте агар онҳо қаблан ба нархи муомила дохил шуда, бо ҳуҷҷат тасдиқ карда шуда бошанд:

1) хароҷоти насб, васл, танзими таҷҳизот ё расонидани кӯмаки техникии баъди содир кардани чунин таҷҳизот аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

2) хароҷоти расондани мол баъди содир кардани он аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

3) арзиши суғуртаи расондани мол баъди содироти он аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

4) боҷҳои гумрукӣ ва андозе, ки дар давлати воридкунанда пардохта мешаванд.

4. Дар сурати вуҷуд надоштани нархи муомилоти арзиши гумрукии моли содиротӣ дар асоси нусхаи ҳуҷҷати муҳосибавии фурӯшандаи содиркунанда дар бораи хароҷоти вобаста ба истеҳсол ё харид, нигоҳдорӣ ва интиқоли моли содиротӣ, ки аз тарафи декларант пешниҳод мешавад, муайян карда мешавад. Дар баробари ин хароҷоти дар қисми 2 ҳамин модда зикршуда низ ба ҳисоб гирифта мешавад.

5. Дар сурати мавҷуд набудани маълумоти тасдиққунандаи арзиши гумрукии арзшудаи моли содироти арзиши гумрукии чунин мол тибқи маълумот дар бораи моли шабеҳ ва ё ҳамҷинс, ки мақоми гумрук дар ихтиёр дорад, аз ҷумла тибқи маълумоте, ки бо истифода аз натиҷаи экпертизаи мустақил пешниҳод шудаааст, муайян мегардад.

**Моддаи 354. Усулҳои муайян кардани арзиши гумрукии моли воридотӣ**

1. Арзиши гумрукии моле, ки ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешавад, бо истифодаи усулҳои зерин муайян карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421):

1) тибқи нархи муомилоти моли воридшаванда;

2) тибқи нархи муомилоти моли шабеҳ;

3) тибқи нархи муомилоти моли ҳамҷинс;

4) тарҳи арзиш;

5) ҷамъ кардани арзиш;

6) усули эҳтиётӣ.

2. Усули асосии муайян кардани арзиши гумрукии мол усулест, ки ба нархи муомилотии моли воридотӣ асос ёфтааст.

3. Дар сурати имконнопазирии истифодаи усули асоси паёпай усулҳои номбаршуда ба кор бурда мешаванд. Зимнан кадом усули минбаъда баъди он истифода мешавад, ки арзиши гумрукии молро бо истифода аз усули қабли

муайян кардан имконнопазир бошад. Дар асоси аризаи декларант усулҳои тарҳ ва ҷамъ кардани арзиш бо тартиби баръакс анҷом дода мешавад.
4. Маълумот барои муайян кардани арзиши гумрукии мол бо яке аз усулҳои дар қисми 1 ҳамин модда пешбинигардида бояд мутобиқи принсипҳои ҳисоби муҳосибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Моддаи 355. Усули муайян кардани арзиши гумрукӣ тибқи нархи муомилотии моли воридотӣ**

1. Арзиши гумрукии моли ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда нархест, ки воқеан пардохт шудааст ё бояд ҳангоми фурӯши он барои содирот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта шавад. Арзиши воқеан пардохтшуда ё пардохтшаванда маблағи пурраи пардохт барои молҳои воридотӣ мебошад, ки аз тарафи харидор ба фурӯшанда ё ба манфиати фурӯшанда ба амал бароварда шудааст ё ба амал баровварда мешавад. Шарт нест, ки пардохт танҳо дар шакли гузаронидани маблағ ифода ёбад, он метавонад ба воситаи аккредитив ё ҳуҷҷатҳои гардишӣ гузаронида шавад. Пардохт метавонад мустақим ё ғайримустақим амалӣ карда шавад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845, аз 30.05.2017 № 1421).
2. Ҳангоми муайян кардани арзиши гумрукии мол хароҷоти зерин ба нархи муомила илова карда мешавад, ба шарте агар он қаблан дохил карда нашуда бошад:
1) хароҷоти расонидани мол ба фурудгоҳ бандар ё маҳали дигари ворид кардани мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421):
- арзиши интиқол;
- хароҷоти борбардорӣ, борфарорӣ, аз нав бор кардан ва аз ҷое ба ҷое кашондани мол;
2) арзиши суғурта;
3) хароҷоти харидор;
- музди комиссионӣ ва брокерӣ, ба истиснои музди комиссионии хариди мол;
- арзиши контейнер ё зарфҳои дигари серистифода, ба шарте агар мутобиқи Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ он ҳамчун воҳиди тому ягона бо моли арзёбишаванда баррасӣ гардад;
- арзиши бастабанд, аз ҷумла арзиши масолеҳи бастабандӣ ва корҳои вобаста ба бастабандӣ;
4) қисми дахлдори арзиши зерини моле (кору хизматрасоние), ки мустақиман ё ғайримустақим аз тарафи харидор ба фурӯшанда ройгон ё бо нархи арзон барои истифода вобаста ба истеҳсол ё фурӯши моли арзёбишавандаи содироти пешниҳод шуда буд:
- ашёи хом, қисмҳо, моли нимтайёр ва маҳсулоти дигари такмилӣ, ки қисми таркибии моли арзёбишаванда ба шумор меравад;
- асбобу анҷом, штампу қолабҳо ва ашёи шабеҳи дигаре, ки ҳангоми истеҳсоли моли арзёбишаванда ба кор бурда шудаанд;
- масолеҳе, ки дар истеҳсоли моли арзёбишаванда харҷ шудааст (равғанҳои молиданӣ, сӯзишворӣ ва ғайра);

- тадқиқоти муҳандисӣ, корҳои конструкториию таҷрибавӣ, дизайн, ороиши бадеӣ, нигораву нақшаҳое, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, бевосита барои истеҳсоли моли арзёбишаванда заруранд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
5) роялтӣ ва хироҷ барои додани иҷозатнома ба моли арзёбишавандае, ки бояд харидор мустақиман ё ғайримустақим ҳамчун шарти фурӯши моли арзёбишаванда супорад, ба шарте агар чунин роялти ва хироҷ ба нархе, ки воқеан супурда шудааст ё бояд супорида шавад, дохил нашуда бошад;
6) ҳаҷми қисми даромади мустақим ё ғайримустақими фурӯшанда аз ҳама гуна фурӯши минбаъда, супурдан ё истифодаи моли арзёбишаванда.
3. Дар сурати расондани як партия моли номгӯи гуногун хароҷоте, ки бояд ба арзиши гумрукии ҳар яке аз моли воридоти дохил карда, барои тамоми партияи мол таъин гардидааст, мутаносибан тибқи ҳаҷме, ки бо таносуби арзиши ҳар мол нисбати арзиши партияи мол муайян мегардад, муқаррар карда мешавад.
4. Ҳангоми муайян кардани арзиши гумрукии мол пардохтҳо ва хароҷот бо шарте дохил карда намешаванд, ки онҳо аз нархи барои моли воридоти воқеан пардохтшуда ё пардохтшаванда тарҳ карда шуда бошанд:
1) хароҷоти насб, васл, танзими таҷҳизот ё расонидани ёрии техникӣ баъди ворид кардани чунин таҷҳизот ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
2) хароҷоти расонидан баъди ворид шудани мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
3) боҷҳои гумрукӣ ва андозе, ки дар давлати воридоти мол супурда мешаванд.
5. Усули вобаста ба нархи муомилоти моли воридоти барои муайян кардани арзиши гумрукии мол истифода бурда намешавад, агар:
1) нисбати ҳуқуқ барои ихтиёрдорӣ ё истифода мавҷуд будани маҳдудият аз ҷониби харидори моли арзёбишаванда, ба истисноӣ:
- маҳдудиятҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардаанд;
- маҳдудиятҳои минтақаи ҷуғрофӣ, ки дар он мумкин аст мол бозфурӯши шавад;
- маҳдудиятҳое, ки ба арзиши мол таъсири ҷиддӣ намерасонанд;
2) ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи муомилоте, ки нишонаҳои хариду фурӯш надорад, мол чунин ворид карда шудааст:
- ройгон;
- бо шарти консигнатсия, ки молрасониро барои фурӯш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бе гузаштани ҳуқуқи моликият ба воридкунанда пешбинӣ менамояд;
- ба унвони филиалҳои (намояндагиҳои) худ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, аз тарафи шахси ҳуқуқии хориҷӣ (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
- мувофиқи қарордоди иҷораи молиявии молу мулк (лизинг);
- бо мақсади нигаҳдошти муваққатӣ;

- ҳамчун партови истеҳсолот бо мақсади истифодабарии ғайритиҷории он;
- бо мақсади ивази кардани моли (маснуоти такмили) дорои сифати номатлубе, ки барояш мӯҳлати кафолат муқаррар шудааст;
- тибқи дигар муомилот;
3) фурӯш ё нархи муомилот ба риояи шартҳое вобастаги дорад, ки баҳисобгирии таъсири онҳо имконнопазир аст, ва аз ин сабаб арзиши муомилот барои муайян кардани арзиши гумрукӣ қобили қабул намебошад:
- шартномаи мубодила (мена);
- шартномаҳои пешбиникунандаи амалиёти толлингӣ;
- шартномаҳои контрактатсия;
- дигар намудҳои шартномаҳо;
4) маълумоте, ки декларант ҳангоми арзи арзиши гумрукӣ истифода бурдааст, бо санадҳо тасдиқ нашудааст ва ё миқдоран муайяншаванда ва эътимодбахш намебошанд;
5) иштирокчиёни муомила шахсони ба якдигар вобастаанд ва арзиши муомила барои муайян кардани арзиши гумрукӣ мутобиқи талаботи ҳамин модда ҳамчун асос қобили қабул намебошад. Зимнан мафҳуми шахсони ба якдигар вобаста ба манъои шахсонест, ки яке аз нишонаҳои зеринро қонеъ мекунанд:
- яке аз иштирокчиёни муомила ё шахси мансабдори яке аз иштирокчиёни муомила ҳамзамон шахси мансабдори иштирокчии дигари муомила мебошад;
- ширкаткунадагони муомила соҳиби муштараки корхона ҳисоб мешаванд;
- иштирокчиёни муомила бо муносибатҳои меҳнатӣ алоқаманданд;
- яке аз шахсон мустақиман ва ё ғайримустақим панҷ ва ё бештар аз панҷ фоизи саҳмияҳои овоздиҳандаи дар муомилаи ҳар яке аз иштирокчиёни муомила буда ё аъзоҳақии дар сармояи оинномавии ҳар кадоми иштирокчиёни муомиларо молик аст ё назорат менамояд;
- иштирокчиёни муомила таҳти назорати мустақим ва ё ғайримустақими шахси сеюм қарор доранд;
- иштирокчиёни муомила муштаракан шахси сеюмро ба таври мустақим ва ё ғайримустақим назорат менамоянд;
- яке аз иштирокчиёни муомила таҳти назорати мустақим ва ё ғайримустақими иштирокчии муомила қарор дорад;
- иштирокчиёни муомила ё шахсони мансабдори онҳо хешовандони наздиканд.
6. Вобастагии мутақобилаи иштирокчиёни муомила барои ғайри қобили қабул ҳисоб кардани нархи муомила асоси кофи буда наметавонад. Дар ин ҳолат мақоми гумрук бояд ҳолатҳои иловагии муомиларо омӯзад ва нархи онро, агар вобастагии мутақобила ба нарх таъсир накарда бошад, мумкин аст барои муайян кардани арзиши гумрукии мол истифода барад.
7. Агар мақоми гумрук далел ва асосе дошта бошад, ки вобастагии мутақобилаи иштирокчиёни муомила ба нархи мол таъсир кардааст, ба декларант (бо хоҳиши декларант ба шакли хатти) дар хусуси имконияти

пешниҳоди маълумоти иловагӣ тавсия медиҳад, ки ба нархи мол таъсир нарасондани вобастагии мутақобиларо тасдиқ менамояд.
8. Бо ташаббуси декларант мумкин аст арзиши муомила ҳамчун асоси муайян кардани арзиши гумрукии мол қабул шавад, ба шарте агар декларант исбот намояд, ки ин арзиш ба яке аз арзишҳои зерини тақрибан муқарраршуда наздик аст;
1) ба арзиши муомилотии моли шабеҳ ё ҳамҷинс ҳангоми содир намудан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон байни иштирокчиёне, ки ба ҳамдигар вобастагӣ надоранд;
2) арзиши гумрукии моли шабеҳ ё ҳамҷинсе, ки бо усули тарҳ кардани арзиш муайян шудааст;
3) арзиши гумрукии моли шабеҳ ё ҳамҷинс, ки бо усули ҷамъ кардани арзиш муайян шудааст.
9. Нархҳое, ки декларант барои муқоиса пешниҳод кардааст, бо назардошти тафовутҳои зерин тасҳеҳ карда мешаванд:
1) тафовут дар сатҳи тиҷоратӣ;
2) тафовут дар микдор;
3) тафовут дар унсурҳо (хароҷот), ки дар қисми 2 ҳамин модда зикр шудаанд;
4) тафовут дар хароҷоти дигари фурӯшанда, ки ҳангоми муомилаи шахсони ба ҳамдигар новобаста ба миён меояд, ба шарте, ки фурӯшанда ҳангоми муомила бо шахси вобаста чунин хароҷот накунад.
10. Нархи моли шабеҳ ё ҳамҷинсе, ки декларант барои муқоиса пешниҳод кардааст, наметавонад бар ивази нархи муомила барои муайян кардани арзиши гумрукии мол истифода бурда шавад.

**Моддаи 355(1). Хароҷоти созишномаҳои молиявӣ**

(Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845)

1. Хароҷотҳо барои пардохти фоизҳо тибқи созишномаҳои молиявие, ки харидор онҳоро бастааст ва ба хариди молҳо барои ворид намудан тааллуқ доранд, новобаста ба он ки маблағгузорӣ аз тарафи фурӯшанда, бонк ё дигар шахс таъмин шудааст, набояд ба арзиши гумрукӣ ҳамроҳ карда шаванд, ба шарте ки созишномаи молиявӣ хаттӣ анҷом дода шудааст ва харидор ҳангоми зарурат метавонад тасдиқ намояд, ки:
- нархи нишондодашудаи мол ба арзиши воқеан пардохтшуда ё пардохтшаванда баробар аст;
- меъёри фоиз аз меъёри маъмули барои аксарияти чунин созишномаҳо дар кишваре, ки ҳамон вақт бо маблағгузорӣ таъмин шудааст, зиёд намебошад.
2. Хароҷотҳо барои пардохти фоизҳои созишномаҳои молиявӣ аз арзиши воқеан пардохтшуда ё пардохтшаванда алоҳида нишон дода мешаванд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).

**Моддаи 355(2). Арзиши ҳомили таъминоти барномавӣ**

(Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845)

1. Ҳангоми муайян намудани арзиши гумрукии ҳомили ахбороти воридшаванда, ки маълумот ё дастурамалҳои барномавӣ барои истифодаи таҷҳизот барои коркарди маълумотро доро мебошанд (таъминоти барномавӣ), нарх ё арзиши таъминоти барномавӣ набояд ба арзиши гумрукӣ

ҳамроҳ карда шаванд, ба шарте ки нарх ё арзиш аз арзиши ҳомили таъминоти барномавӣ алоҳида нишон дода шуда бошанд.
2. Мафҳуми "ҳомили таъминоти барномавӣ", ки дар қисми 1 моддаи мазкур зикр гардидааст, маънои схемаи интегралӣ, нимноқил ва дастгоҳҳои амсоли он ё маҳсулотҳое, ки чунин схема ва дастгоҳҳоро дар бар мегиранд, надорад.
3. Мафҳуми "маълумот ё дастурамалҳои барномавӣ", ки дар қисми 1 моддаи мазкур зикр гардидааст, маънои маълумот ё дастурамалҳои овозӣ, кино ё видеоиро надорад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).

**Моддаи 356. Усули муайян кардани арзиши гумрукӣ тибқи нархи муомилоти моли шабеҳ**

1. Ҳангоми истифодаи усули муайян кардани арзиши гумрукии нархи муомилоти моли шабеҳ ҳамчун асоси муайян намудани арзиши гумрукии мол нархи муомилоти моли шабеҳ бо шарти риояи ҳолатҳои дар ҳамин модда зикргардида истифода карда мешавад.
2. Таҳти моли шабеҳ моле фаҳмида мешавад, ки бо моли арзишашон муайяншаванда тибқи хусусиятҳои зерин шабеҳ аст:
1) хусусияти физикӣ;
2) сифат ва қурб дар бозор.
3. Ҳангоми истифодаи усули арзиши гумрукӣ дар асоси ҳамин модда:
1) мол ба моли арзёбишаванда шабеҳ ҳисоб намеёбад, агар мол дар давлати истеҳсолшудаи моли арзишашон муайяншаванда истеҳсол нашуда бошад;
2) моле, ки онро на истеҳсолкунандаи моли арзишаш муайяншаванда, балки шахси дигар истеҳсол кардааст, ба инобат гирифта мешавад, ба шарте, агар моли шабеҳи арзишаш муайяншавандаи шахси истеҳсолкарда мавҷуд набошад;
3) мол шабеҳ ҳисобида намешавад, агар корҳои тарҳрези таҷрибавӣ, озмоишию конструкторӣ, ороиши бадеӣ, дизайн, ангора ё нақшаҳои он:
- ба харидор аз тарафи фурӯшанда ройгон ё бо нархи арзон ба мақсади истифода дар истеҳсолот ва фурӯш барои содирот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуда бошад;
- дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда шуда, аз ҳамин сабаб арзиши он ба арзиши гумрукии мол дар асоси сархати панҷуми банди 4 қисми 2 моддаи 355 ҳамин Кодекс ҳамроҳ карда нашудааст.
4. Фарқияти ночиз дар намуди зоҳири барои баррасӣ нашудани ин мол ҳамчун моли шабеҳ асос шуда наметавонад, ба шарте агар ин гуна мол ба талаботи ҳамин модда ҷавобгӯ бошад.
5. Нархи муомилоти моли шабеҳ барои муайян намудани арзиши гумрукии онҳо ҳамчун асос қабул карда мешавад, ба шарте агар ин мол:
1) барои ворид намудан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон фурӯхта шуда бошад;
2) ҳамзамон бо моли арзиши гумрукиаш муайяншаванда ё камаш то 90 рӯзи тақвими пеш аз воридоти моли арзишаш муайяншаванда ворид карда шуда бошад;
3) тақрибан ба ҳамон миқдор ва ҳамон сатҳи тиҷоратӣ ворид карда шуда бошанд;

6. Агар мол ба ҳамон миқдор ва сатҳи тиҷоратӣ (яклухт, чакана) ворид нашуда бошад, мумкин аст арзиши моли монанди ба миқдори дигар ва дараҷаи тиҷоратии дигар воридшуда (яклухт, чакана) бо тасҳеҳи нарх бо назардошти ин фарқиятҳо истифода карда шавад.
7. Агар арзиши хароҷоте, ки дар бандҳои 1 ва 2 қисми 2 моддаи 355 ҳамин Кодекс зикр шуда барои моли шабеҳ ба сабаби фосилаи роҳ ва навъи воситаи нақлиёт аз арзиши чунин хароҷоти моли арзишашон муайяншаванда бисёр фарқ кунад, арзиши гумрукӣ, ки тибқи муомилоти моли шабеҳ муайян карда мешавад, бояд ба таври дахлдор тасҳеҳ карда шавад.
8. Молҳои шабеҳ бояд мувофиқи талаботи пешбининамудаи қисмҳои 6 ва 7 ҳамин модда дар асоси маълумоти аниқ ва бо ҳуҷҷатҳо тасдиқшуда тасҳеҳ карда шаванд.
9. Агар дар натиҷаи истифодаи усули мазкур зиёда аз як нархи муомилоти моли шабеҳ пайдо шавад, барои муайян намудани арзиши гумрукии моли воридоти нархи аз ҳама пасти онҳо истифода карда мешавад.

**Моддаи 357. Усули муайян намудани арзиши гумрукӣ тибқи нархи муомилоти моли ҳамҷинс**

1. Ҳангоми истифодаи усули муайян намудани арзиши мол тибқи нархи муомилоти моли ҳамҷинс ҳамчун асос барои муайян намудани арзиши гумрукии мол бо риояи шартҳои дар ҳамин модда нишондодашуда нархи муомилоти моле истифода мешавад, ки бо моли воридшаванда ҳамҷинс мебошад.
2. Молҳои ҳамҷинс моли ба ҳам шабеҳ нест, вале хусусиятҳои ба ҳам монанд дошта, аз унсурҳои ба ҳам монанд иборат аст, ки ба онҳо имконият медиҳад ба мисли моли арзишаш муайяншаванда вазифаҳои якхеларо иҷро намояд ва дар доду гирифт якдигарро иваз карда тавонад.
3. Ҳангоми муайян намудани ҳамҷинсии мол хусусиятҳои зерини он ба инобат гирифта мешаванд:
1) сифат ва нишони молӣ;
2) қурб дар бозор.
4. Ҳангоми истифодаи усули муайян намудани арзиши гумрукии мол тибқи нархи муомилоти моли ҳамҷинс муқаррароти қисмҳои 4 - 9 моддаи 356 ҳамин Кодекс татбиқ карда мешавад.
5. Ҳангоми истифодаи усули мазкури муайян намудани арзиши гумрукӣ:
1) мол бо моли арзишаш муайяншаванда ҳамҷинс ҳисоб карда намешавад, ба шарте агар он дар кишвари истеҳсолкардаи моли арзишаш муайяншаванда истеҳсол нашуда бошад;
2) моле, ки онро на истеҳсолкунандаи моли арзишаш муайяншаванда, балки шахси дигар истеҳсол намудааст, ба инобат гирифта мешавад, ба шарте агар моли ҳамҷинси истеҳсолкардаи арзишаш муайяншавандаи ҳамон истеҳсолкунанда мавҷуд набошад;
3) мол ҳамҷинс ҳисобида намешавад, ба шарте агар корҳои тарҳрезӣ, таҷрибавӣ, озмоишию конструкторӣ, ороиши бадеӣ, дизайн, ангора ё нақшаҳои он:

- ба харидор аз тарафи фурӯшанда ройгон дода ё бо нархи арзон ҷиҳати истифода дар истеҳсолот ва барои содир кардан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон фурӯхта шуда бошад;
- дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда шуда, аз ҳамин сабаб арзиши он ба арзиши гумрукии мол дар асоси сархати панҷуми банди 4 қисми 2 моддаи 355 ҳамин Кодекс ҳамроҳ карда нашуда бошад.

**Моддаи 358. Усули муайян намудани арзиши гумрукӣ дар асоси тарҳи арзиш**

1. Арзиши гумрукии мол тибқи усули нархгузорӣ дар асоси тарҳи арзиш дар он ҳолате муайян карда мешавад, ки моли нархгузоришавандаи шабеҳ ва ҳамҷинс бе тағйири ҳолати аввалиаш фурӯхта шавад.
2. Ҳангоми истифодаи усули тарҳи арзиш барои муайян намудани арзиши гумрукии мол нархи воҳиди моле чун асос қабул карда мешавад, ки тибқи он моли шабеҳ ва ҳамҷинс дар баробари воридоти моли нархгузоришаванда ба шахсони бо фурӯшанда новобаста ба миқдори хеле зиёд яклухт фурӯхта мешавад.
3. Дар баробари ин мол бояд ҳамзамон бо воридоти моли нархгузоришаванда дар як вақт фурӯхта шавад ва дар сурати дар ин муддат фурӯхта нашуданаш бояд дар давраи наздиктари воридоти моли нархгузоришаванда, яъне дар муддати на дертар аз 90 рӯзи тақвимии воридоти моли нархгузоришаванда фурӯхта шавад.
4. Аз нархи воҳиди мол хароҷоти зерин тарҳ мешавад:
1) хароҷоти комиссионии пардохтшаванда ё мувофиқашудаи пардохт ё иловапулӣ бо мақсади гирифтани фоида ва пӯшонидани тамоми хароҷоти марбути фурӯши моли воридотии ҳамин навъ ё намуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2) маблағи боҷҳои воридотӣ, андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми воридот ё фурӯши он супурда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
3) хароҷоти дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохтшаванда барои борбарӣ, суғурта, корҳои борбардорӣ ва борфарории дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷомдодашаванда (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
5. Моли ҳамон як намуд ё гурӯҳ ҳамон молест, ки ба гурӯҳ ва дараҷаи моли дар соҳаи муайяни саноат истеҳсолшуда марбутаст, моли шабеҳ ё ҳамҷинсро дар бар мегирад, вале танҳо бо ин хусусиятҳо маҳдуд намешавад.
6. Ҳангоми дар фурӯш набудани моли шабеҳ ё ҳамҷинси нархгузоришаванда дар ҳамон ҳолате, ки ҳангоми воридот қарор дошт, бо хоҳиши декларант нархи моли коркардшуда бо тарҳи арзиши иловашуда ва риояи талаботи қисмҳои 2-4 ҳамин модда истифода шуда метавонад.

**Моддаи 359. Усули муайян намудани арзиши гумрукӣ дар асоси ҷамъи арзиш**

1. Ҳангоми истифодаи усули баҳодиҳӣ дар асоси ҷамъи арзиш асос барои муайян намудани арзиши гумрукии мол нархи мол бо роҳи ҷамъ кардани арзишҳои зерин истифода мешавад:

1) арзиши масолеҳ ва хароҷоти истеҳсолкунанда ҳангоми истеҳсоли моли нархгузоришаванда;
2) маблағи даромад ва хароҷоти умумии ба нарх ҳамроҳшаванда ҳангоми фурӯши моли ҳамин навъ ва намуд, мисли моли нархгузоришавандае, ки дар кишвари истеҳсолкунанда барои содирот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол шудааст;
3) арзиши хароҷоти дар бандҳои 1 ва 2 қисми 2 моддаи 355 ҳамин Кодекс зикргардида.
2. Мақомоти гумрук ҳуқуқ надоранд аз шахсони хориҷӣ бе розигии онҳо пешниҳоди ҳуҷҷатҳоро барои тасдиқи арзиши гумрукӣ тибқи усули муайян намудани арзиши гумрукӣ дар асоси ҷамъи арзиш талаб намоянд. Маълумот ва ҳуҷҷатҳое, ки истеҳсолкунанда пешниҳод намудааст ё аз номи вай пешниҳод шудаанд, мутобиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон метавонанд аз тарафи мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди санҷиш қарор дода шаванд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 874).
**Моддаи 360. Усули эҳтиётии муайян намудани арзиши гумрукӣ**
(Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 № 1298)
1. Агар арзиши гумрукии молҳо мутобиқи моддаҳои 355-359 ҳамин Кодекс муайян карда нашавад, арзиши гумрукии молҳои арзёбишаванда (воридотӣ) дар асоси маълумоте, ки дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд аст, бо роҳи истифодаи тарзу усулҳои ба принсипҳо ва муқаррароти ҳамин Кодекс мувофиқ муайян карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Усулҳои муайян кардани арзиши гумрукии молҳои мутобиқи ҳамин модда истифодашаванда усулҳое мебошанд, ки бо моддаҳои 355-359 ҳамин Кодекс пешбинӣ гардидаанд. Ҳангоми муайян кардани арзиши гумрукии молҳо мутобиқи ҳамин модда зимни татбиқи усулҳои мазкур ба амалҳои зерин иҷозат дода мешавад:
1) барои муайян кардани арзиши гумрукии молҳои нархгузоришаванда (воридотӣ) метавонад арзиши аҳд бо молҳои шабеҳ ё ҳамҷинсе, ки дар кишвари дигар нисбат ба кишвари истеҳсолкунандаи молҳои арзёбишаванда истеҳсол гардидаанд, ба асос гирифта шавад;
2) ҳангоми муайян кардани арзиши гумрукии молҳо дар асоси арзиши аҳдҳо бо молҳои шабеҳ ё ҳамҷинс ба инҳирофи оқилонаи талаботи муқаррарнамудаи моддаҳои 356 ва 357 ҳамин Кодекс дар хусуси он, ки молҳои шабеҳ ё ҳамҷинс бояд дар худи ҳамон давра ё давраи ба он мувофиқ чун молҳои арзёбишаванда ворид карда шаванд;
3) барои муайян кардани арзиши гумрукии молҳо метавонад арзиши гумрукии молҳои шабеҳ ё ҳамҷинс, ки мутобиқи моддаҳои 358 ва 359 ҳамин Кодекс муайян гардидааст, ба асос гирифта шавад;
4) ҳангоми муайян кардани арзиши гумрукии молҳо дар асоси усули тарҳи арзиш ба инҳирофи мӯҳлати муқаррарнамудаи қисми 3 моддаи 358 ҳамин Кодекс роҳ дода мешавад.
3. Барои муайян кардани арзиши гумрукии молҳо мутобиқи ҳамин модда истифода шуда наметавонанд:

1) нархи молҳо дар бозори дохштаи кишвари содирот (кишваре, ки аз он мол бароварда шудааст);
2) нархи моли аз кишвари содирот ба кишварҳои сеюм таҳвилшаванда;
3) нархи молҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшуда дар бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
4) хароҷоти дигар нисбат ба арзиши ҳисобӣ барои молҳои шабеҳ ё ҳамҷинс мутобиқи моддаи 359 ҳамин Кодекс муайян гардидааст;
5) нархе, ки барои мақсадҳои гумрукӣ қабули арзиши баландтаринро аз байни ду арзиши алтернативӣ пешбинӣ менамояд;
6) арзиши худсарона ё қалбакӣ;
7) арзиши ҳадди ақалли гумрукӣ.
4. Дар сурати татбиқ намудани моддаи мазкур мақомоти гумрук ӯҳдадор аст дар шакли хаттӣ манбаи маълумоти истифодашударо ишора кунанд, инчунин ҳисоби дақиқи дар асоси он баровардашударо пешниҳод намоянд (Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 № 1298).

**Моддаи 361. Пешниҳоди ҳуҷҷатҳо барои тасдиқи арзиши гумрукии арзшуда**

1. Барои тасдиқи маълумоти арзшуда оид ба арзиши гумруки декларант бояд ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намояд:
1) декларатсияи арзиши гумрукӣ, ба истисноӣ ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 4 моддаи 362 ҳамин Кодекс;
2) шартнома ва созишномаҳои иловаги ба он, ки маълумоташон барои муайян намудани арзиши гумрукии мол таъсир мерасонад;
3) ҳисобнома-фактура (инвойс) ё ҳисобнома - проформа (барои муомилоти ғайри хариду фурӯш);
4) ҳуҷҷатҳои пардохт, ки арзиши молро тасдиқ мекунанд, агар тибқи шарти пардохт оид ба муомилот дар рӯзи пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ арзиши мол пурра ё қисман пардохта шуда бошад;
5) ҳуҷҷатҳои нақлиётӣ ва суғуртавӣ, агар хароҷоти интиқол ва суғуртаро тибқи шартҳои молрасони харидор пардохт намояд.
6) ҳисобнома барои интиқол ё гувоҳномаи расман тасдиқшуда дар бораи хароҷоти нақлиёти дар ҳолатҳое, ки хароҷоти нақлиёти ба ҳисобнома - фактура дохил карда нашуда, вале аз тарафи харидор пардохта шуда бошад;
7) нусхаи декларатсияи гумрукии кишвари фиристонандаи мол, агар декларант онро пешниҳод карда тавонад;
2. Агар барои тасдиқи арзиши гумрукии арзгардида ҳуҷҷатҳои дар қисми якуми ҳамин модда зикршуда нокифоя бошанд, декларант метавонад ҳуҷҷатҳои зерини иловагиро пешниҳод намояд:
1) ҳуҷҷатҳои таъсисотии шахси интиқолдиҳандаи бор;
2) карордодҳо бо тарафи сеюм, ки ба муомила дахл доранд;
3) ҳисобномаҳои пардохтӣ ба шахсони сеюм ба фоидаи фурӯшанда;
4) ҳисобномаҳои хизмати комиссионӣ ва миёнаравӣ (брокерӣ), ки ба муомилоти моли нархгузоришаванда дахл доранд;
5) нусхаҳо (иқтибос) аз ҳуҷҷатҳои бухгалтерии харидор, ки арзиши молро тасдиқ мекунанд;

6) шартномаҳои иҷозатномадиҳӣ ва муаллифӣ;
7) расидҳои анборӣ;
8) фармоиш барои фиристодани мол;
9) феҳрастҳо (каталогҳо), номнависи (спетсификатсияи) бор нархномаҳои ширкатҳои истеҳсолкунанда;
10) калкулятсияи ширкати истеҳсолкунанда ҷиҳати моли нархгузоришаванда;
11) ҳуҷҷатҳои дигаре, ки барои тасдиқи маълумоти дар декларатсия арзгардидаи арзиши гумрукӣ истифода карда мешаванд.
3. Ҳуҷҷатҳои аслии дар зербандҳои 2 - 6 қисми 1 ва дар бандҳои 1 - 8 қисми 2 ҳамин модда зикршуда бояд баъди иҷозати муомилоти мол ба декларант баргардонида шаванд.
Дар айни ҳол ба мақсади барасмиятдарории гумрукӣ, дар баробари ҳуҷҷатҳои зикршудаи асл нусхаи тасдиқшудаи ҳуҷҷатҳо аз тарафи декларант бояд пешниҳод карда шавад.

**Моддаи 362. Шартҳои арзи арзиши гумрукии мол**

1. Арзиши гумрукии мол ба мақоми гумрук аз тарафи декларант ҳангоми декларатсиякунонии мол бо пур кардани декларатсияи арзиши гумрукӣ арз карда мешавад. Намунаи декларатсияи арзиши гумрукӣ ва тартиби пур кардани онро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар менамояд.
2. Арзиши гумрукии арзнамудаи декларант ва маълумоти пешниҳодкардаи ӯ, ки ба муайян кардани арзиши гумрукии мол дахл доранд, бояд ба маълумоти дурусти миқдоран аниқ ва бо ҳуҷҷатҳо тасдиқшуда асос ёбанд.
3. Декларатсияи арзиши гумрукӣ ба ҳамаи молҳои аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолшаванда тибқи низоми гумрукии иҷозати мол дар муомилоти озод ё содироти мол, ба истиснои ҳолатҳои дар қисми 4 ҳамин модда зикршуда, пур карда мешавад.
4. Декларатсияи арзиши гумрукӣ пур карда намешавад, агар:
1) арзиши гумрукии партияи моли воридотӣ аз маблағи баробар ба 400-нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд набошад, ба истиснои молрасонии чандинкарата тибқи як қарордод, ҳамчунин молрасонии чандинкаратаи моли якхела аз тарафи як фиристонанда ба унвони як гиранда тибқи қарордодҳои мухталиф (Конун аз 06.10.2008с. № 437);
2) меъёру шартҳои муқаррарнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати моле, ки шахсони воқеӣ аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол медиҳанд, риоя шаванд.
5. Дар ҳолатҳои дар қисми 4 ҳамин модда зикршуда арзиши гумрукӣ дар декларатсияи гумрукӣ арз карда мешавад.

**Моддаи 363. Тасҳеҳи арзиши гумрукии мол**

1. Арзиши гумрукии мол дар ҳолатҳои зерин тасҳеҳ карда мешавад, агар:
1) дар рафти барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гумрукии арзиши гумрукӣ:
- номувофиқии усули муайян кардани арзиши гумрукии моли арзнамудаи декларант, миқдор ва (ё) сохтори арзиши гумрукии мол дар ҳуҷҷатҳои барои

тасдиқи онҳо пешниҳодшуда ошкор шуда бошад, ба истиснои ҳолатҳои муқарраркардаи қисми 3 ҳамин модда;
- дар декларатсияи арзиши гумрукӣ хатои техникӣ ошкор шудааст, ки ба андозаи арзиши гумрукии арзшуда таъсир расонидааст;
- мол мувофиқи моддаи 366 ҳамин Кодекс бо истифодаи маълумоти нархгузории дар ихтиёри мақомоти гумрук буда шартан ба муомилоти озод иҷозат дода шуда, ба ихтиёри декларант вогузошта шуда бошад;
2) баъди иҷозати мол:
- дар асоси маълумоти иловагии пешниҳоднамудаи декларант ҳангоми муайян намудани арзиши пурраи (ниҳоии) гумрукии моли шартан иҷозат додашуда ё ҳангоми нархгузории гумрукие, ки мақомоти гумрук нисбати моли шартан ҷавоб додашуда анҷом додааст;
- саҳви техникие, ки ҳангоми декларатсиякунонии мол ошкор гардида, ба андоза ва ё сохтори арзиши гумрукӣ таъсир расонидааст;
- мол нодуруст декларатсия карда шуда бошад, ки дар рафти тафтиши навбати (ҳангоми тафтиши бастаи ҳуҷҷатҳои назоратии дар мақомоти гумрук маҳфузбуда ва ҳангоми тафтиши иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва фаъолияти дигар) ошкор шуда бошад;
- номувофиқии арзиши гумрукии арзшуда дар рӯзи бақайдгирии декларатсияи гумрукӣ бо арзиши ҳақиқии мол, аз сабаби номувофиқии моли воридотӣ ё содиротӣ тибқи миқдор ва (ё) сифат бо шартҳои қарордоди (шартномаи) савдои хориҷӣ;
3) нархи муомила бинобар назорати давлатии нархгузории трансфертӣ тағйир ёфта бошад;
2. Ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи номувофиқии миқдори мол инҳо мебошанд:
1) нисбати молҳое, ки аз пардохтҳои гумрукӣ озоданд, даъвосанади (санади қабули) мувофиқашудаи содиркунанда (воридкунанда) оид ба миқдор бо иштироки намояндаи содиркунанда (воридкунанда) ва санади муоинаи мақоми гумрук мувофиқа шудааст;
2) нисбати моли дигар - хулосаи (санади) экспертизаи мустақил ва санади муоинаи мақоми гумрук.
3. Ҳангоми ошкор намудани далели гум шудан, камомад, осеб дидани (вайрон шудани) мол то лаҳзаи арз намудани арзиши гумрукии он номувофиқии арзиши арзнамудаи декларант ба андозаи дар ҳисобномафактура зикршуда боиси тасҳеҳи арзиши гумрукии мол намегардад, ба шарте агар арзиши арзгардида аз арзиши дар ҳисобнома-фактура зикршуда ба андозаи моли гумшуда, камомад, осебдида (вайроншуда) фарқ намояд. Ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи воқеияти гум шудан, камомад ва осеб дидани (вайрон шудани) мол хулосаи (акти) экспертизаи мустақил ва санади муоинаи гумрукӣ мебошад.
Фарқият тибқи миқдор ва сифат, ки андозааш аз доираи маблағи франшизи дар шартнома мувофиқашуда намебарояд ё дар созишномаи нарх баён гардидааст, барои мақомоти гумрук барои пасту баланд кардани нарх асос шуда наметавонад.

4. Ҳангоми тағйир ёфтани нарх вобаста ба назорати давлатии трансфертии нархгузорӣ, ҳуҷҷати тасдиқкунандаи тасҳеҳи нархи муомилоти мол қарори мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ дар бораи ҳисоби маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андоз мебошад.
5. Ҳангоми тасҳеҳи нарх баъди барасмиятдарории гумрукии мол дар низоми гумрукии содирот ё иҷозат барои муомилоти озод бо ҳисоб намудани боҷҳои гумрукӣ ва андози пардохтшаванда (ҳамчунин бо ташаббуси декларант то давраи фаро расидани тафтиши молиявӣ) ба фарқияти байни ҳисобшуда ва воқеан пардохт гардидаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз барои ҳар рӯзи таъхири пардохт ба миқдори фоизи муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷарима ҳисоб карда мешавад. Фоиз аз рӯзи бақайдгирии декларатсияи гумрукӣ ҷиҳати барасмиятдарории гумрукӣ ҳисоб карда мешавад.
6. Намунаи варақаҳои тасҳеҳи арзиши гумрукӣ танҳо барои моле пур карда, мешавад, ки арзиши гумрукии он ва (ё) пардохтҳои гумрукӣ ва (ё) андозҳо тасхеҳ карда мешаванд. Намунаи варақаи тасҳеҳи арзиши гумрукӣ ва тартиби пур кардани он аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар карда мешавад. Намунаҳои мазкури тасҳеҳи арзиши гумрукӣ қисми таркибии декларатсияи гумрукӣ мебошад.
7. Баъд аз қабули ҳуҷҷатҳо барои барасмиятдарории гумрукӣ ҳамаи тасҳеҳоти арзиши гумрукии анҷомдодаи мақоми гумрук, ки аз ҷониби декларант арз шудаанд, ҳамчун арзиши гумрукии мол ҳисоб шуда, декларант метавонад нисбати онҳо тибқи тартиби муқарраршуда шикоят намояд.

**Моддаи 364. Ҳуқуқу вазифаҳои декларант ҳангоми муайян намудани арзиши гумрукии мол**

1. Декларант ҳуқуқ дорад:
1) дурустии маълумоти пешниҳоднамудаашро оид ба муайян намудани арзиши гумрукии мол ҳангоми шубҳа намудани мақомоти гумрук ба дурустии он исбот намояд;
2) ҳангоми зарурати аниқ намудани арзиши гумрукии арзшуда моли декларатсияшавандаро бо шарти пешниҳод намудани таъмини пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз тибқи нархгузории анҷомдодаи мақоми гумрук гирад. Ҳангоми зарурати аниқ намудани арзиши гумрукии арзнамудаи моле, ки аз он боҷҳои гумрукӣ ва андоз ситонида намешаванд, моли декларатсияшавандаро дар сурати ӯҳдадор будан ба пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дахлдор дар мӯҳлати муқаррарнамудаи мақомоти гумрук гирад;
3) аз мақомоти гумрук эзоҳи хаттии сабаби қабул нашудани арзиши гумрукии молро талаб намояд.
4) дар сурати рози набудан бо қарори мақоми гумрук нисбати муайян намудани арзиши гумрукии мол аз ин қарор мувофиқи тартиби муайяннамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят пеш оварад.
5) аз мақомоти гумрук нисбати арзиши гумрукии моле, ки аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо тартиб ва шартҳои пешбининамудаи моддаҳои 41-44 ҳамин Кодекс интиқол дода мешавад, қарори пешакӣ гирад.

2. Декларант вазифадор аст:
1) арзиши гумрукии молро арз намояд ва маълумоти дахлдори муайянкунандаи онро, ки ба маълумоти дуруст ва миқдоран муайян ва бо ҳуҷҷатҳо тасдиқгардида асос ёфтааст, пешниҳод намояд;
2) ҳангоми зарурати тасдиқи арзиши гумрукии арзшуда мувофиқи талаби мақоми гумрук ба он маълумоти зарурии тасдиқиро пешниҳод намояд;
3) тамоми хароҷоти иловагии аниқ намудани арзиши гумрукии арзкардаи худ ё хароҷоти ба мақоми гумрук пешниҳод намудани маълумоти иловагиро ба зимма гирад.

**Моддаи 365. Ҳуқуқу вазифаҳои мақоми гумрук ҷиҳати муайян намудани арзиши гумрукии мол**

1. Мақоми гумруки барасмиятдарорандаи мол ҳуқуқ дорад:
1) дар бораи раво будани усули муайян намудани арзиши гумрукии мол, ки декларант интихоб намудааст ва дурустии муайян намудани арзиши гумрукии мол аз тарафи декларант дар асоси ҳуҷҷатҳо ва маълумоти пешниҳоднамудаи декларант, ҳамчунин дар асоси маълумоти дар ихтиёри худ доштааш, ки барои муайян кардани арзиши гумрукӣ истифода мешавад, қарор қабул кунад;
2) ба таври хаттӣ аз декларант ҳуҷҷату маълумоти иловагиро талаб намояд, ба шарте ки ҳуҷҷатҳо ва маълумоти пешниҳоднамудаи декларант барои қабули қарор оид ба арзиши гумрукии арзшуда нокифоя бошанд ва барои пешниҳод намудани онҳо мӯҳлати кифояро муқаррар намояд. Дар айни ҳол талаби ҳуҷҷатҳои иловагӣ барои ба қайд нагирифтани декларатсияи гумрукӣ ва иҷозати мол асос шуда наметавонад;
3) ҳангоми набудани ҳуҷҷату маълумоте, ки дурустии муайян намудани арзиши гумрукии арзнамудаи декларантро тасдиқ мекунанд ё ҳангоми мавҷуд будани асоси он ки маълумоти пешниҳодкардаи декларант боэътимод ва кофи нест, арзиши гумрукии моли декларатсияшавандаро мустақилона бо истифодаи пайдарҳамии усулҳои муайян кардани арзиши гумрукии мол, ки ҳамин Кодекс муқаррар намудааст, дар асоси маълумоти дар ихтиёрдоштааш (аз ҷумла маълумоти нархгузории моли шабеҳ ва ҳамҷинс) мувофиқи ҳамин Кодекс тасҳеҳ карда, мустақилона муайян намояд;
2. Мақоми гумрук вазифадор аст бо дархости хаттии декларант маълумоти зеринро пешниҳод намояд:
1) маълумот дар бораи тартиб ва усули муайян намудани арзиши гумрукии мол ҳангоми муайян намудани он аз тарафи мақомоти гумрук;
2) шарҳи сабабҳое, ки арзиши гумрукии арзнамудаи декларантро мақомоти гумрук қабул карда наметавонад.

**Моддаи 366. Иҷозати шартии мол бо истифодаи маълумоти нархгузории мақомоти гумрук**

1. Ҳангоми ғайриимкон будани усули муайян намудани арзиши гумрукии мол тибқи нархи муомилоти моли воридотӣ аз сабаби набудани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи арзиши гумрукӣ, инчунин ҳангоми зарурати муайян кардани арзиши гумрукии арзнамудаи декларант мақоми гумрук ҳуқуқ дорад иҷозати шартии молро анҷом диҳад, ба шарте ки пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз

дар асоси нархгузории мол тибқи маълумоти нархгузории дар ихтиёрдоштаи мақоми гумрук таъмин шуда бошад.

2. Маълумоти нархгузории дар ихтиёри мақомоти гумрук буда аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ бо истифодаи маълумоти омории декларатсияҳои гумрукии бор, ки дар асоси маълумоти дуруст, миқдоран муайяншуда ва бо ҳуҷҷатҳо тасдиқшуда барасмият даровардашудаанд, ташаккул меёбад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

3. Мӯҳлати амали таъмини пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз аз рӯзи иҷозати мол 60 рӯзи тақвими аст, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки ҳуҷҷатҳои пардохт бояд ба сифати ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда пешниҳод шуда бошанд ва тибқи шарти муомила мӯҳлати пардохт аз мӯҳлати мазкур зиёд бошад.

4. Баъди аз тарафи декларант пешниҳод шудани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи арзиши гумрукии арзшуда таъмини пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз мувофиқи боби 46 ҳамин Кодекс бо пур кардани намунаи варақаи тасҳеҳи арзиши гумрукӣ баргардонида ё ба ҳисоб гирифта мешавад.

5. Ҳангоми пешниҳод нашудани ҳуҷҷатҳои зарурии тасдиқкунандаи арзиши гумрукии мол, баъди гузаштани мӯҳлати муқарраршуда маблағи пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз, ки бо истифода аз нархи шартии мол ҳисоб карда шудааст, бо роҳи аз тарафи шахси мансабдори мақомоти гумрук пур кардани намунаи варақаи тасҳеҳи арзиши гумрукии мол, ки қарори ниҳоӣ нисбати арзиши гумрукии мол мебошад, ба буҷети давлати гузаронида мешавад.

## БОБИ 43. ҲИСОБИ БОҶҲОИ ГУМРУКӢ ВА АНДОЗ

### Моддаи 367. Объекти ситонидани боҷҳои гумрукӣ ва андоз

Объекти ситонидани боҷҳои гумрукӣ ва андоз моле мебошад, ки аз сарҳади гумрукӣ интиқол дода мешавад. Заминаи андоз барои ҳисоби боҷҳои гумрукӣ ва андоз арзиши гумрукии мол ва (ё) миқдори он мебошад.

### Моддаи 368. Тартиби муайян кардан ва арзи арзиши гумрукии мол

1. Арзиши гумрукии молро декларант тибқи усулҳои муайян намудани арзиши гумрукӣ, ки онро ҳамин Кодекс муқаррар намудааст, муайян менамояд ва ҳангоми декларатсия кардани мол ба мақоми гумрук арз мекунад.

2. Арзиши гумрукии моле, ки аз тарафи декларант арз мешавад ва маълумоте, ки ӯ барои муайян кардани он пешниҳод менамояд, бояд боэътимод ва бо ҳуҷҷатҳо тасдиқ шуда бошад.

3. Арзиши гумрукии молро мақомоти гумрук тибқи тартибе назорат мекунад, ки мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ мутобиқи ҳамин Кодекс муайян кардааст.

Мақоми гумрук дар асоси ҳуҷҷату маълумоти пешниҳодкардаи декларант, инчунин дар асоси иттилоотӣ дар ихтиёр доштааш, ки барои муайян кардани арзиши гумрукии мол истифода мешавад, дар бораи рози буданаш бо усули муайянкунии арзиши гумрукии мол, ки декларант интихоб кардааст ва дар бораи дурустии муайян намудани арзиши гумрукии мол, ки декларант арз кардааст, қарор қабул мекунад.

4. Агар ҳуҷҷату маълумоти пешниҳодкардаи декларант барои қабул кардани қарор нисбати арзиши гумрукии арзшудаи мол кофи набошад, мақоми

гумрук дар шакли хаттӣ аз декларант ҳуҷҷату маълумоти иловаги хоста, мӯҳлати пешниҳод намудани онҳоро муайян мекунад, ки он барои ин амал кифоя аст.
Декларант барои тасдиқи арзиши гумрукии арзшудаи мол вазифадор аст бо дархости мақоми гумрук ҳуҷҷату маълумоти иловагии заруриро пешниҳод кунад ё ба таври хаттӣ тавзеҳ диҳад, ки ҳуҷҷату маълумоти дархосткардаи мақоми гумрук ба чи сабаб пешниҳод нашудаанд. Декларант ҳуқуқ дорад дурустии истифодаи усули интихобкардаи худро барои муайян кардани арзиши гумрукии мол ва эътимоднокии маълумоти пешниҳодкардаашро исбот намояд.
5. Дар сурати набудани маълумоти тасдиқкунандаи дурустии муайян кардани арзиши гумрукии мол, ки декларант арз кардааст, ё ҳангоми ошкор гардидани он, ки ҳуҷҷату маълумоти пешниҳодкардаи декларант эътимодбахш ва (ё) кофи нестанд, мақоми гумрук ҳуқуқ дорад дар бораи рози набудани худ бо усули интихобшуда барои муайян кардани арзиши гумрукии мол қарор қабул кунад ва ба декларант бо усули дигар муайян намудани арзиши гумрукии молро пешниҳод намояд. Дар ин ҳолат мақоми гумрук ва декларант оид ба интихоби усули дахлдори арзиши гумрукии мол метавонанд байни худ машварат кунанд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
6. Агар дар мӯҳлати иҷозат додани мол (моддаи 152) расмиёти муайян кардани арзиши гумрукии мол ба охир нарасида бошад, иҷозати мол ба шарти таъмин намудани супурдани пардохтҳои гумрукӣ, ки метавонанд ба таври иловагӣ ҳисоб карда шаванд, ба амал бароварда мешавад. Мақоми гумрук андозаи лозимаи таъмини супурдани боҷу андозҳои гумрукиро ба таври хаттӣ ба декларант хабар медиҳад. Ҳангоми содироти моли биржавие, ки нархи он дар лаҳзаи барасмиятдарории гумрукӣ маълум нашудааст, таъмини иловагии супурдани боҷи гумрукӣ ва андозҳо пешниҳод карда намешавад.
7. Агар декларант дар мӯҳлати муайяннамудаи мақоми гумрук ҳуҷҷату маълумоти иловагиро пешниҳод накарда бошад ва (ё) худ мақоми гумрук нишонаҳои онро ошкор карда бошад, ки маълумоти пешниҳодкардаи декларант боэътимод ва (ё) кофи нест ва дар баробари ин декларант муайян кардани арзиши гумрукии молро дар асоси усули дигари пешниҳодкардаи мақоми гумрук рад кардааст, мақоми гумрук бо истифодаи пайдарҳам аз усулҳои муайянкунии арзиши гумрукии мол ба таври мустақил арзиши гумрукии молро муайян мекунад. Мақоми гумрук декларантро аз қарори қабулшуда хатти дар рӯзи дигари қабул шудани чунин қарор хабардор мекунад. Дар ҳолате, ки мақоми гумрук арзиши гумрукии молро баъди иҷозати мол муайян мекунад, мақоми гумрук дар хусуси супурдани пардохтҳои гумрукӣ талабот пешниҳод менамояд (моддаи 394), ба шарте, ки пардохти иловагии боҷҳои гумрукӣ ва андоз зарур бошад. Маблағи иловагии боҷҳои гумрукӣ ва андоз бояд дар муддати 10 рӯзи кори аз рӯзи гирифтани дархост супурда шаванд. Фоиз барои маблағи иловагии боҷҳои гумрукӣ ва андозҳои дар ин мӯҳлат супоридашуда ҳисоб карда намешавад.

**Моддаи 369. Тартиби ҳисоб кардани боҷҳои гумрукӣ ва андоз**

1. Боҷҳои гумрукӣ ва андоз аз тарафи декларант ё шахсони дигаре, ки барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз масъуланд, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 3 моддаи 317 ҳамин Кодекс ва қисми 2 ҳамин модда мустақилона ҳисоб карда мешаванд.
2. Дар сурати пешниҳоди талабнома оид ба супурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз мувофиқи моддаи 394 ҳамин Кодекс боҷҳои гумрукӣ ва андози пардохтшаванда аз тарафи мақоми гумрук ҳисоб карда мешаванд.
3. Маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андози пардохтшаванда бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад.

**Моддаи 370. Истифодаи меъёрҳои боҷҳои гумрукӣ ва андоз**

(Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347)

1. Бо мақсади ҳисоб кардани боҷҳои гумрукӣ ва андоз меъёрҳое истифода бурда мешаванд, ки дар рӯзи қабули декларатсияи гумрукӣ аз тарафи мақоми гумрук амал мекунанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки моддаҳои 150, 334 ва қисми якуми моддаи 372 ҳамин Кодекс пешбинӣ намудааст (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347).
2. Бо мақсади ҳисоб кардани боҷҳои гумрукӣ ва андоз меъёрҳои мутобиқ ба номгӯй ва таснифи мол мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешаванд, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар сархати дуюми қисми мазкур, инчунин моддаи 304 ҳамин Кодекс дар бораи истифодаи меъёрҳои ягонаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз нисбати моли аз сарҳади гумрукӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ интиқолёбанда барои истифодаи шахсм пешбинӣ шудаанд (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347).
Ҳангоми декларатсиякунонии моли чандин номгӯй бо зикри як рамзи таснифии марбут ба Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мувофиқи моддаи 128 ҳамин Кодекс нисбати ҳамаи чунин мол меъёрҳои боҷҳои гумрукӣ ва андоз истифода бурда мешаванд, ки бо ин коди таснифӣ мутобиқанд (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347, аз 30.05.2017 № 1422).

**Моддаи 371. Мубодилаи арзи хориҷи бо мақсади ҳисоб кардани боҷҳои гумрукӣ ва андоз**

Агар барои ҳисоб кардани боҷҳои гумрукӣ ва андоз, аз ҷумла муайян намудани арзиши гумрукии мол мубодилаи арзи хориҷи зарур бошад, қурби арзи хориҷи нисбат ба асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон барои ҳисобу китоб ва боҷҳои гумрукӣ муқаррар карда шудааст ва дар рӯзи қабули декларатсияи гумрукӣ аз тарафи мақоми гумрук амал мекунад, истифода мешавад.

**Моддаи 372. Ҳисоб кардани боҷҳои гумрукӣ ва андоз ҳангоми интиқоли ғайриқонунии мол аз сарҳади гумрукӣ ё истифодаи мол бо вайрон кардани маҳдудиятҳои муқарраршуда**

1. Нисбати моле, ки ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вайрон кардани шарту талаботи муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ворид шуда, боҷҳои гумрукӣ ва андози онҳо супурда нашудаанд, маблағи супоридашавандаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз дар асоси меъёрҳои боҷҳои гумрукӣ ва андозе ҳисоб карда мешаванд, ки дар рӯзи гузаштани сарҳади гумрукӣ амал мекунанд ва агар муайян кардани чунин рӯз имконнопазир бошад - рӯзи ошкор шудани

чунин мол аз тарафи мақомоти гумрук ба инобат гирифта мешавад. Ҳангоми гум шудан, нарасонидан ё бе иҷозати мақомоти гумрук додани моле, ки мувофиқи расмиёти гумрукии транзити дохилии гумрукӣ ва нигоҳдории муваққатӣ интиқол дода ё нигоҳдорӣ карда мешавад, маблағи пардохтшавандаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз дар асоси меъёрҳои дар рӯзи ҷойгиронии мол таҳти расмиёти дахлдори гумрукӣ амалкунанда ҳисоб карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347, аз 30.05.2017 № 1421).
Дар сурати ғайриқонунӣ баровардани мол аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи пардохтшавандаи боҷи гумрукӣ дар асоси меъёрҳои боҷи гумрукие, ки дар рӯзи гузаштани сарҳади гумрукӣ амал мекунанд ва агар муайян кардани чунин рӯз имконнопазир бошад, рӯзи якуми моҳ ё рӯзи якуми моҳи якуми сол, ки дар ин муддат мол бароварда шудааст, ҳисоб карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347, аз 30.05.2017 № 1421).
2. Барои ҳисоб кардани боҷҳои гумрукӣ ва андози моли ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда арзиши гумрукии мол, миқдори он ё хусусиятҳои дигаре, ки барои муайян намудани заминаи андоз дар рӯзи татбиқи меъёрҳои боҷҳои гумрукӣ ва андоз мутобиқи қисми якуми ҳамин модда истифода мешаванд, ба сифати заминаи андоз ба кор бурда мешаванд. Агар муайян кардани маблағи пардохти боҷи гумрукӣ ва андоз бо сабаби ба мақоми гумрук пешниҳод нашудани маълумоти дақиқ дар бораи хусусияти мол, номгӯй, миқдор, кишвари истеҳсол ва арзиши гумрукии он имконнопазир бошад, маблағи боҷҳои гумрукӣ дар асоси болотарин андозаи меъёрҳои боҷҳои гумрукӣ ва андоз, миқдор ва арзиши моле муайян карда мешавад, ки барои муайян намудани онҳо маълумоти дахлдор мавҷуд аст. Дар сурати муқаррар шудани маълумоти дақиқ дар бораи мол дар давоми як сол аз рӯзи пардохт ё иҷозат маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андози барзиёд пардохтшуда баргардонида мешавад ё маблағи кампардохтшуда мутобиқи ҳамин фасл ситонида мешавад (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347, аз 30.05.2017 № 1421).
Аз маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андози моли ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида маблағи андоз аз арзиши иловашудае, ки ҳангоми муомилоти мол дар ҳаҷми бо ҳуҷҷатҳо тасдиқгардидаи барои ҳисоби андоз аз арзиши иловашуда истифодашаванда мувофиқи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодашаванда тарҳ карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
3. Дар сурати истифодаи моли шартан иҷозатшуда ба мақсадҳои дигар, на бо он мақсадҳое, ки мувофиқи онҳо озодкунии пурра ё қисман аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз пешниҳод шудааст, меъёрҳои боҷҳои гумрукӣ ва андозҳое ба кор бурда мешаванд, ки дар рӯзи қабули декларатсияи гумрукӣ аз тарафи мақоми гумрук амал мекунанд. Арзиши гумрукии мол, миқдор ё хусусиятҳои дигар, ки барои муайян кардани заминаи андоз истифода мегарданд, дар рӯзи ба кор бурдани меъёрҳои боҷҳои гумрукӣ ва андоз муайян карда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347).

## БОБИ 44. ТАРТИБ ВА МӮҲЛАТИ ПАРДОХТИ БОҶҲОИ ГУМРУКӢ ВА АНДОЗ

**Моддаи 373. Пардохткунандагони боҷҳои гумрукӣ ва андоз**

1. Пардохткунандагони боҷҳои гумрукӣ ва андоз декларантҳо ё шахсони дигаре мебошанд, ки дар асоси ҳамин Кодекс вазифаи пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ба ӯҳдаи онҳо гузошта шудааст.

2. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад боҷҳои гумрукӣ ва андози моли аз сарҳади гумрукӣ интиқолшавандаро пардохт намояд.

**Моддаи 374. Мӯҳлати пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз**

1. Боҷҳои гумрукӣ ва андоз то қабули декларатсияи гумрукӣ аз ҷониби мақомоти гумрук ё ҳамзамон бо он, ба истисноӣ ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс, пардохт мешаванд.

2. Ҳангоми воридоти мол боҷҳои гумрукӣ ва андоз бояд дар давоми 15 рӯзи пешниҳоди мол ба мақоми гумрук дар маҳалли расидани он ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё аз рӯзи анҷом ёфтани транзити дохилии гумрукӣ пардохта шаванд, ба шарте агар мол дар маҳали воридшавии он декларатсия карда нашавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

3. Ҳангоми содироти мол боҷи гумрукӣ бояд дар мӯҳлати на дертар аз рӯзи пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ пардохта шавад, ба шарте агар ҳамин Кодекс тартиби дигарро муқаррар накарда бошад.

4. Дар сурати тағйир ёфтани низоми гумруки боҷҳои гумрукӣ ва андоз бояд то рӯзе, ки ҳамин Кодекс барои анҷом додани амали низоми гумрукии тағйирёбанда муқаррар кардааст, пардохта шаванд.

5. Ҳангоми ба мақсади дигар истифода кардани моли шартан иҷозатдодашуда на бо мақсаде, ки вобаста ба он имтиёзҳои гумрукӣ пешниҳод шуда буданд, барои ҳисоби фоизҳо (моддаи 393) мӯҳлати супурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз рӯзи аввале ҳисоб меёбад, ки шахс талаботи маҳдудият барои истифодабари ва ихтиёрдории молро вайрон кардааст. Агар муайян намудани ин рӯз имконнопазир бошад, рӯзи аз тарафи мақомоти гумрук қабул шудани декларатсияи гумрукӣ ба ин гуна мол рӯзи оғози мӯҳлати супурдани боҷу андозҳо ҳисоб карда мешавад.

6. Ҳангоми вайрон кардани талабу шартҳои расмиёти гумрукӣ, ки мутобиқи ҳамин Кодекс шахсро ба пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз вазифадор месозад, мӯҳлати пардохти боҷҳои гумрукӣ барои ҳисоби фоизҳо рӯзи содир шудани чунин қонуншиканӣ ҳисоб мешавад. Агар муайян кардани чунин рӯз имконнопазир бошад, рӯзи оғози амали расмиёти дахлдори гумрукӣ мӯҳлати пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз шуморида мешавад.

7. Мӯҳлати пардохти боҷи гумрукӣ ва андози моле, ки шахсони воқеӣ барои истифодаи шахси интиқол медиҳанд, дар муросилоти байналмилалии почта, тавассути қубурҳо ва хатҳои барқ интиқол дода мешавад, моли муваққатан воридкардашуда ва қисман аз боҷҳои гумрукӣ ва андоз озод кардашуда, моли ғайриқонуни воридкардашудае, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз харидорони он пайдо карда шудаанд (созмонҳои машғули тиҷорати яклухт ё чаканаи моли воридшуда) тибқи ҳамин Кодекс муайян карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 375. Пешпардохтҳо**

1. Пешпардохт маблағест, ки ба суратҳисоби депозитии мақоми гумрук, ки намуна ва тартиби истифодаи онро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ бо розигии мақоми давлатии ваколатдор дар соҳаи молия муайян мекунад ба ҳисоби пардохти минбаъдаи гумрукӣ ворид гаштааст ва аз ҷониби пардохткунанда ба сифати намудҳои мушаххас ва маблағи пардохти гумрукӣ нисбати моли мушаххас ҳаммонанд карда нашудааст.
2. Пешпардохт мумкин аст ба суратҳисоби депозитии мақоми гумрук дар хазинадории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо арзи хориҷӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шавад (Қонуни ҶТ аз 13.11.2023 № 2001).
3. Маблағе, ки мақоми гумрук ба сифати пешпардохт гирифтааст, амволи шахсе ба шумор меравад, ки пешпардохтро супоридааст ва то замоне, ки ин шахс дар ин бора ба мақоми гумрук фармоиш накардааст ё мақоми гумрук пешпардохтро мутобиқи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон наситонад, наметавонад ҳамчун пардохти гумрукӣ ҳисоб карда шавад.
Пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ аз тарафи супорандаи пешпардохт ё аз тарафи намояндаи вай ё анҷом додани амалҳои дигаре, ки гувоҳи ҳамчун пардохти гумрукӣ истифода бурдани маблағи худ мебошад, ҳамчун супориши шахси пешпардохтро анҷомдода баррасӣ мегардад.
4. Бо дархости пардохткунанда мақоми гумрук вазифадор аст ба вай дар бораи харҷ шудани маблағе, ки ба сифати пешпардохт супоридааст, дар давоми 30 рӯзи баъди гирифтани дархости хаттӣ ҳисобот пешниҳод намояд. Агар пардохткунанда аз натиҷаи ҳисоботи мақоми гумрук розӣ набошад, харҷи маблағи пардохткунанда якҷоя санҷида мешавад. Натиҷаи чунин санҷиш бо санади тибқи намунаи муайяннамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ба расмият дароварда мешавад. Санад дар ду нусха таҳия гардида, ба он мақоми гумрук ва пардохткунанда имзо мегузоранд. Як нусхаи он баъди имзо ба пардохткунанда бояд дода шавад.
5. Пешпардохтҳо тибқи қоидаҳои барои баргардонидани боҷҳои гумрукӣ ва андоз пешбининамудаи ҳамин Кодекс (боби 48) баргардонида мешаванд, ба шарте ки аризаи баргардонидани Пешпардохтҳо дар зарфи се соли ба ҳисоби депозитии мақоми гумрукӣ гузаронидани он пешниҳод шуда бошад (Қонуни ҶТ аз 13.11.2023 № 2001).
**Моддаи 376. Тартиб ва шаклҳои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз**
1. Боҷҳои гумрукӣ ва андоз ба суратҳисоби мақоми гумрукӣ дар системаи хазинадории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронда мешавад, ки ба ин мақсад онҳо мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон кушода шудаанд, ба истиснои ҳолати пешбининамудаи қисми 4 моддаи 317 ҳамин Кодекс (Қонуни ҶТ аз 13.11.2023 № 2001).
2. Боҷҳои гумрукӣ ва андоз бо интихоби пардохткунанда, ҳам бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам бо асъори хориҷӣ, ки қурби онро Бонки миллии Тоҷикистон муайян мекунад, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тариқи ғайринақдӣ пардохт карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 13.11.2023 № 2001).

3. Асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба асъори хориҷӣ бо мақсади пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андозе, ки ба асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шудааст, тибқи нархе мубодила мешавад, ки дар рӯзи аз тарафи мақоми гумрук қабул намудани декларатсияи гумрукӣ амал мекунад, вале ҳангоми ба пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ вобаста набудани ӯҳдадории пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз тибқи нархи рӯзи пардохти воқеӣ иваз карда мешавад.

4. Боҷҳои гумрукӣ ва андоз мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳар шакл пардохта мешавад.

**Моддаи 377. Иҷрои ӯҳдадори оид ба пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз**

Ӯҳдадории пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз бо назардошти хусусиятҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс чунин иҷрошуда ҳисоб меёбад:

1) аз лаҳзаи пардохт тариқи ғайринақдӣ (Қонуни ҶТ аз 13.11.2023 № 2001);

2) аз лаҳзаи ба ҳисоби пардохтҳои гумрукӣ ҳисоби кардани (гузаронидани) боҷҳои гумрукӣ ва андози барзиёд пардохтшуда ё маблағи барзиёд ситонидашудаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз, вале агар чунин баҳисобгирӣ бо ташаббуси пардохткунанда сурат гирад, - аз лаҳзаи қабули ариза дар хусуси баҳисобгирӣ;

3) аз лаҳзаи ба ҳисоби пардохтҳои гумрукӣ ҳисоби кардани (гузаронидани) боҷҳои гумрукӣ ва андози пешпардохт ё гаравпулӣ ва агар чунин баҳисобгири бо ташаббуси пардохткунанда сурат гирад, - аз лаҳзаи гирифтани супориш аз ҷониби мақоми гумрук дар хусуси баҳисобгирӣ;

4) аз лаҳзаи ба ҳисоби пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ҳисоби кардани (гузаронидани) маблағи пардохтаи бонк ё ташкилоти кредитӣ ё ташкилоти суғурта мутобиқи кафолати бонки ё қарордоди суғурта, инчунин аз тарафи кафолатдиҳанда мутобиқи қарордоди кафолат;

5) аз лаҳзаи рӯёндани пардохтҳои гумрукӣ аз моле, ки аз он боҷи гумрукӣ ва андоз супурда нашудааст ё маводи ба гарав гузошташуда ё амволи дигари пардохткунанда, ба шарте, ки андозаи ин маблағ аз қарзи пардохтшавандаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз камтар набошад (Қонуни ҶТ аз 13.11.2023 № 2001).

## БОБИ 45. ТАҒЙИРИ МӮҲЛАТИ ПАРДОХТИ БОҶИ ГУМРУКӢ ВА АНДОЗ

**Моддаи 378. Шартҳои умумии тағйири мӯҳлати пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз**

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби тағйир додани мӯҳлати пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андозро ҳангоми мавҷуд будани асосҳои муқаррарнамудаи моддаи 379 ҳамин Кодекс муқаррар менамояд.

2. Мӯҳлати пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз бо роҳи батаъхиргузорӣ ё тамдиди мӯҳлат тағйир дода мешавад.

3. Иҷозати батаъхиргузорӣ ё тамдиди мӯҳлат метавонад барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз танҳо ҳангоми мавҷуд будани асосҳои пешбининамудаи моддаи 380 ҳамин Кодекс рад карда шавад.

4. Батаъхиргузорӣ ё тамдиди мӯҳлат барои пардохти боҷи гумрукӣ ва андоз метавонад нисбати як ё якчанд намуди боҷҳои гумрукӣ ва андоз, инчунин барои тамоми маблағи пардохтшаванда ё қисме аз он иҷозат дода шавад.

5. Батаъхиргузорӣ ё тамдиди мӯҳлати пардохти боҷи гумрукӣ ва андоз ба шарти таъмини пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз бо тартиби пешбининамудаи боби 46 ҳамин Кодекс иҷозат дода мешавад.
6. Батаъхиргузорӣ ё тамдиди мӯҳлати супоридани боҷҳои гумрукӣ ва андоз аз 14 рӯз то 6 моҳ фароҳам оварда мешавад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).
7. Қарор дар бораи додани иҷозати батаъхиргузорӣ ё тамдиди мӯҳлати пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ё надодани чунин иҷозат ба маълумоти аризадиҳанда ба таври хаттӣ расонида мешавад. Дар қарор муддати ба таъхиргузорӣ ё тамдиди мӯҳлат барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ва дар сурати надодани чунин иҷозат сабаби чунин тасмим зикр мегардад.

**Моддаи 379. Асосҳои батаъхиргузорӣ ё тамдиди мӯҳлати пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз**

Иҷозати батаъхиргузорӣ ё тамдиди мӯҳлати пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ба пардохткунандаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз дар сурати вуҷуд доштани ақаллан яке аз асосҳои зерин дода мешавад:
1) зарар дидани ин шахс дар натиҷаи офати табиӣ, фалокати технологӣ ё ҳодисаҳои дигари рафънопазир;
2) молрасониро дар асоси созишномаҳои байниҳукуматӣ ба ӯҳда доштани шахс;
3) боздошти маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ё пардохт аз ҷониби шахси мазкур барои иҷро намудани фармоиши давлатӣ (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678);
4) воридоти молҳои зудвайроншаванда (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678);
5) воридоти ниҳолҳо ё маводи тухмӣ, воситаҳои ҳифзи растанӣ, хӯроквории барои ҳайвонот, ғайр аз гурбаҳо, сагҳо ва парандаҳои ороишӣ аз ҷониби ташкилотҳое, ки ба фаъолияти кишоварзӣ машғул мебошанд (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678);
6) дигар ҳолатҳои истисноии муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 380. Ҳолатҳое, ки батаъхиргузорӣ ё тамдиди мӯҳлатро истисно менамоянд**

1. Батаъхиргузорӣ ё тамдиди мӯҳлати пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз иҷозат дода намешавад, ба шарте агар нисбати шахси талабгори батаъхиргузорӣ ё тамдиди мӯҳлат:
1) парвандаи ҷиноятӣ ё парвандаи маъмурӣ ба сабаби вайрон кардани қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз шуда бошад;
2) расмиёти муфлисшавӣ оғоз шуда бошад.
2. Дар сурати мавҷуд будани сабабҳои дар қисми якуми ҳамин модда зикршуда қарори батаъхиргузорӣ ё тамдиди мӯҳлати пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз наметавонад қабул карда шавад ва қарори қабулшуда бояд бекор карда шавад ва дар ин бора дар давоми 3 рӯзи корӣ ба маълумоти аризадиҳанда ба таври хаттӣ расонида шавад.

**Моддаи 381. Фоизҳо барои батаъхиргузорӣ ё тамдиди мӯҳлати пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз**

1. Барои батаъхиргузорӣ ё тамдиди мӯҳлати пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз фоизҳо мутобиқи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида намешавад, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи зерфасли 2 фасли II ва моддаҳои 382, 393, 394, 396 ва 398 Кодекси мазкур (Қонуни ҶТ аз 18.03.2015 № 1189).
2. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур фоизҳо пеш аз пардохти қарз ё ҳамзамон бо пардохти маблағи қарзи боҷҳои гумрукӣ ва андоз мувофиқи Кодекси мазкур супорида мешаванд (Қонуни ҶТ аз 18.03.2015 № 1189).
3. Фоизи қарз бо тартиби пешбининамудаи ҳамин Кодекс нисбати пардохт, ситонидан ва баргардонидани боҷҳои гумрукӣ ва андоз пардохта, ситонида ва баргардонида мешавад.

## БОБИ 46. ТАЪМИНИ ПАРДОХТИ БОҶҲОИ ГУМРУКӢ ВА АНДОЗ

### Моддаи 382. Шартҳои умумии таъмини пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз

1. Иҷрои вазифаи пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз дар ҳолатҳои зерин таъмин карда мешавад:
1) батаъхиргузорӣ ё тамдиди мӯҳлат барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз;
2) шартан иҷозат додани мол;
3) интиқол ва (ё) нигоҳдории моли хориҷӣ;
4) фаъолият дар соҳаи гумрук.
2. Таъмини пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз дар ҳолатҳои зерин пешниҳод карда намешавад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845):
1) агар маблағи пардохтшавандаи боҷи гумрукӣ, андоз ва фоизҳо камтар аз 150 нишондиҳанда барои ҳисобҳо бошад;
2) ҳангоми ворид кардани молҳо ба минтақаи озоди иқтисодӣ (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).
3. Агар ҳамон як шахс якчанд амалиёти гумрукиро дар муддати муайян анҷом диҳад, мақоми гумрук вазифадор аст таъмини пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андозро барои анҷом додани ҳамаи чунин амалиёт (таъминоти генерали) қабул намояд. Мақомоти гумрук таъмини генералии пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андозро барои анҷом додани амалиёти гумрукӣ дар якчанд мақомоти гумрук қабул мекунанд, ба шарте, ки чунин таъминот барои ҳар як мақомоти гумрук дар сурати вайрон кардани ӯҳдадориҳои тибқи ҳамин Кодекс таъмингардида истифода шавад.
4. Таъминоти генералӣ аз ҷониби шахсоне, ки чунин таъминотро пешниҳод намудаанд, метавонад истифода гардад. Таъминоти генералӣ ба як ё якчанд мақоми гумрук метавонад пешниҳод карда шавад. Бо интихоби шахс таъминоти генералӣ метавонад дар шакли гарави пулӣ, замонат ё кафолати бонкӣ пешниҳод карда шавад (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).
5. Таъминоти генералӣ ба мӯҳлати на камтар аз як сол пешниҳод карда мешавад. Бо дархости шахсе, ки дар қисми 4 моддаи мазкур зикр гардидааст, ҳаҷми таъминоти генералӣ бо чунин воситаҳо метавонад зиёд шавад:
1) ворид кардани гаравҳои иловагии пулӣ;

2) аз нав дида баромадани (иваз намудани) ваколати бонкие, ки мӯҳлати амали он набояд аз мӯҳлати амали кафолати бонкӣ, ки қаблан аз ҷониби мақоми гумрук ҳамчун таъминоти генералӣ қабул гардидааст, кам бошад;
3) ворид намудани тағйироти дахлдор ба шартномаи замонат (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).
6. Назорат аз болои истифодабарии таъминоти генералӣ аз тарафи мақоми гумруке, ки ин таъминотро қабул кардааст, гузаронида мешавад (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).
7. Дар ҳолати ба таъминоти генералӣ баргардондани ситониш мақоми гумруке, ки ситониданро анҷом медиҳад, оид ба ин ҳолат шахси таъминоти генералӣ пешниҳоднамударо дар давоми се рӯзи корӣ аз рӯзи ба таъминоти генералӣ баргардонидани ситонидан огоҳ мекунад (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).
8. Андозаи таъминоти генералии пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз дар асоси маблағи пардохтшаванда бо дар назар доштани талаботи боби 46 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Нисбати намудҳои алоҳидаи мол Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолат ва шароитеро муайян менамояд, ки андозаи таъминоти генералии пешниҳодшаванда метавонад аз маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андозҳое, ки пардохти онҳо бо чунин таъминоти генералӣ таъмин карда мешаванд, пасттар бошад (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).
9. Таъмини пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз аз тарафи шахси барои пардохти онҳо масъул ё аз тарафи ҳама гуна шахси дигар ба манфиати шахси масъули пардохткунандаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз анҷом дода мешавад.
10. Таъмини пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз дар мӯҳлати на дертар аз 3 рӯзе, ки мақоми гумрук дар бораи иҷрои ӯҳдадориҳои таъминшуда бовари ҳосил кард ё баъди қатъи фаъолияте, ки шарти он таъмини пардохти боҷи гумрукӣ ва андоз мебошад, баргардонида мешавад, ба истиснои гарави пулӣ, ки он мутобиқи моддаи 398 ҳамин Кодекс баргардонида мешавад.

**Моддаи 383. Андозаи таъмини пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз**

1. Андозаи таъмини пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз аз тарафи мақоми гумрук вобаста ба маблағи пардохтҳои гумрукӣ, фоизи пардохтшаванда ҳангоми иҷозати мол барои муомилоти озод ё баровардани он мутобиқи низоми гумрукии содирот муайян гардида, наметавонад аз андозаи маблағи мазкур зиёдтар бошад.
2. Агар ҳангоми муайян кардани андозаи таъмини пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ба таври дақиқ муайян кардани боҷҳои гумрукӣ ва андози супоридашаванда бо сабаби ба мақоми гумрук пешниҳод нашудани маълумоти дақиқ дар бораи хусусияти мол, номгӯй, миқдор, кишвари истеҳсолкарда ва арзиши гумрукии он имконпазир набошад, андозаи таъмини пардохт дар асоси андозаи калонтарини меъёрҳои боҷҳои гумрукӣ ва андоз, арзиши мол ва (ё) миқдори он, ки мумкин аст бар асоси маълумоти мавҷуда муайян гарданд, муайян карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347).

3. Дар ҳолати пешбининамудаи қисми 3 моддаи 153 ҳамин Кодекс андозаи таъмини пардохти боҷи гумрукӣ ва андозро мақоми гумрук ҳамчун фарқияти байни маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андоз, ки мумкин аст ба таври илова, бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда ҳисоб карда шаванд ва маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андози пардохтшуда муайян мекунад.
4. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ҳуқуқ дорад андозаи муайяни таъмини пардохти боҷи гумрукиро нисбати намудҳои ҷудогонаи мол бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда муқаррар кунад.

**Моддаи 384. Таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ аз тарафи шахсоне, ки дар соҳаи гумрук фаъолият мекунанд**

1. Фаъолияти брокери гумрукӣ, соҳиби анбори нигоҳдории муваққатӣ, соҳиби анбори гумрукӣ, соҳиби анбори озод, соҳиби мағозаи савдои бебоҷ, танзимгари ваколатдори иқтисодӣ ва боркашони гумрукӣ ба таъмини пардохти боҷи гумрукӣ ва андоз вобаста аст (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).
2. Андозаи таъмини пардохти боҷи гумрукӣ ва андоз ҳангоми машғул шудан бо ин намудҳои фаъолият наметавонад камтар аз ин ҳадд бошад:
1) аз андозаи 3000 - нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои брокери гумрукӣ (Конун аз 06.10.2008с. № 437);
2) аз андозаи 150 - нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва иловатан аз андозаи 4 - нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як метри мураббаъи масоҳати муфид, ба шарте, ки ба сифати анбор майдончаи кушода истифода шавад ё андозаи 2 - нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои 1 метри мукааби ҳаҷми муфиди бино, ба шарте, ки бино ба сифати анборҳо барои соҳибони анборҳои нигоҳдории муваққатӣ, анбори озод, инчунин анборҳои гумрукии кушода ва пӯшида истифода шавад (Конун аз 06.10.2008с. № 437);
3) андозаи 3000 - нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои соҳиби мағозаи савдои бебоҷ (Конун аз 06.10.2008с. № 437);
4) андозаи 6000 - нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои боркашони гумрукӣ (Конун аз 06.10.2008с. № 437);
5) андозаи 8000 - нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои танзимгари ваколатдори иқтисодӣ (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).

**Моддаи 385. Усулҳои таъмини пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз**

1. Пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз бо тарзу усулҳои зерин таъмин мегардад:
1) ба гарав гузоштани мол ва амволи дигар;
2) кафолати бонкӣ;
3) гузаронидани маблағ ба суратҳисоби депозитии мақоми гумрук (гарави пули) (Қонуни ҶТ аз 13.11.2023 № 2001);
4) замонат.
2. Таъмини пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз метавонад бо ҳама гуна усули пешбининамудаи қисми 1 ҳамин модда тибқи интихоби пардохткунанда анҷом дода шавад.

**Моддаи 386. Ба гарав гузоштани мол ва амволи дигар**
1. Мавзӯи гарав метавонад моли ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда ва инчунин амволи дигаре бошад, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзӯи гарав буда метавонад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Гарав бо шартномаи миёни мақоми гумрук ва гаравгузор ба расмият дароварда мешавад. Гаравгузор метавонад шахси масъули пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ва ё ҳар шахси дигар бошад.
3. Дар сурати дар назди мақомоти гумрук иҷро нашудани ӯҳдадориҳои бо гарав таъмингардида маблағи қарзи пардохти боҷи гумрукӣ ва андоз аз тарафи мақомоти гумрук аз ҳисоби арзиши амволи ба гарав гузошташуда ба буҷети давлат гузаронида мешавад.
4. Моли таҳти назорати гумрукӣ қарордошта ва ба мақомоти гумрукӣ ба сифати гарав вогузоршуда, инчунин амволи дигари ба гарав гузошташуда бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешавад.
**Моддаи 387. Кафолати бонкӣ**
1. Мақомоти гумрук ба сифати таъмини пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз кафолатҳои бонкеро қабул мекунад, ки аз ҷониби бонкҳои ба Феҳристи бонкҳои аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ (минбаъд дар ҳамин боб - феҳрист) бо тартиби муайяннамудаи ин мақом бурда мешавад, дода шудааст (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
2. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ вазифадор аст дар нашрияҳои расмии худ ва сомонаи расмии интернетии худ рӯйхати бонкҳои ба Феҳрист дохилшударо ба таври мунтазам интишор намояд (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678, аз 19.07.2022 № 1906).
3. Ҳангоми муносибатҳои ҳуқуқии вобаста ба додани кафолати бонкӣ, пешниҳод кардани талабот дар бораи кафолати бонкӣ, аз тарафи кафолатдиҳанда иҷро шудани ӯҳдадориҳо ва қатъи кафолати бонкӣ муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешавад.
4. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ дар мувофиқа бо Бонки миллии Тоҷикистон барои бонкҳои ба Феҳрист дохилшуда ҳадди аксари маблағи як кафолати бонкӣ ва ҳадди аксари маблағи ҳамаи кафолатҳои бонкии ҳамзамон амалкунандаро, ки аз тарафи як бонк ё як ташкилот барои қабули кафолатҳои бонкӣ аз тарафи мақомоти гумрук бо мақсади таъмини пардохти боҷи гумрукӣ ва андоз дода шудаанд, муқаррар менамояд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
**Моддаи 388. Тартиби дохил намудани бонкҳо ба феҳрист**
1. Бонкҳо бо риояи шартҳои пешбининамудаи ҳамин модда ба феҳрист дохил карда мешаванд. Барои дохил кардани бонк ба феҳрист музд ситонида намешавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
2. Шартҳои дохил шудани бонк ба феҳрист аз инҳо иборатанд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):

1) мавҷуд будани иҷозатнома барои анҷоми амалиёти бонкӣ, ки аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон дода шудааст ва машғул будан бо фаъолияти бонкӣ на камтар аз 5 сол;
2) надоштани қарз оид ба пардохтҳои гумрукӣ ва дигар ӯҳдадориҳо аз мақомоти гумрук;
3) доштани сармояи оинномавии сабтшудаи бонк ба андозаи на камтар аз ҳаҷми 1,1 - каратаи ҳаҷми минималии сармояи оинномавии бонк, ки Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар намудааст;
4) риояи меъёрҳои ҳатмии иқтисоди барои тамоми давраҳои ҳисоботи дар давоми охирин соли тақвимӣ.
3. Шартҳои дохил намудани филиали бонк ба феҳрист аз инҳо иборатанд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):
1) дохил кардани филиал аз ҷониби бонк ба Феҳристи ягонаи сабти давлатии намояндагӣ ва филиалҳои шахсони ҳуқуқӣ (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906);
2) доштани ҳуқуқи додани кафолати бонкӣ аз тарафи филиал, ки дар Низомномаи он пешбинӣ шудааст;
3) мувофиқати бонки болои ба шартҳои дохил намудан ба феҳрист ё ба феҳрист дохил кардани он (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906);
4. Бонк барои дохил шудан ба феҳрист ба мақоми гумрук бо ариза муроҷиат менамояд, ки он бояд маълумоти тасдиққунандаи шартҳои дохилшавӣ ба феҳрист бошад ва ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):
1) бонк пешниҳод менамояд:
- ҳуҷҷатҳои таъсисотӣ;
- шаҳодатномаи бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ;
- иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон барои анҷом додани амалиёти бонкӣ;
- корти расман тасдиқшудаи дорои намунаҳои имзои шахсони мансабдори бонк, ки ба онҳо ҳуқуқи имзо кардани кафолатҳои бонкӣ дода шудааст ва нақши мӯҳри бонк;
- ҳуҷҷати дорои ҳисобу китоби маблағи (сармояи) худ барои ҳар давраи ҳисоботии соли охирини тақвимӣ, ки бо имзои роҳбар ва сармуҳосиб ва бо мӯҳр тасдиқ шудааст;
- ҳисоботи балансии охирин давраи ҳисоботӣ, ки бо имзои роҳбар ва сарҳисобдор ва мӯҳр тасдиқ шуда бошад;
- ҳисобот дар бораи даромад ва зарари охирин давраи ҳисоботӣ, ки бо имзои роҳбар ва сармуҳосиб ва мӯҳр тасдиқ шуда бошад;
- маълумотнома дар бораи иҷрои меъёрҳои иқтисодии ҳатмӣ ва аҳамияти нишондодҳо барои ҳисобу китоби онҳо дар ҳар давраи ҳисоботи охирини соли тақвимӣ, ки бо имзои роҳбар, сармуҳосиб ва мӯҳр тасдиқ шуда бошад;
- нусхаи хулосаи аудитори дар бораи эътимоднокии ҳисоботи бухгалтерии соли гузашта, ки ба он роҳбар ва сармуҳосиб, имзо гузоштаанд ва бо мӯҳр тасдиқ шуда бошад;
2) филиали бонк ба таври илова пешниҳод менамояд:

- низомномаи филиал;
- шаҳодатнома дар бораи дохил намудани филиали банк ба Феҳристи ягонаи сабти давлатии намояндагӣ ва филиалҳои шахсони ҳуқуқӣ (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906);
- корти расми тасдиқшуда бо намунаҳои имзои шахсони мансабдори филиал, ки ба онҳо ҳуқуқи имзо кардани кафолатҳои бонкӣ дода шудааст ва нақши мӯҳри филиал;
5. Ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қисми 4 ҳамин модда мумкин аст, дар шакли асл ё нусхаи расман тасдиқшуда пешниҳод гарданд.
Баъди баррасии ариза мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ бояд бо дархости аризадиҳанда нусхаҳои асли ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо ба вай баргардонад.
6. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ аризаи дохил шудан ба феҳристро дар мӯҳлати на бештар аз 30 рӯзи баъди гирифтани он баррасӣ намуда, дар бораи дохил кардани бонк ба феҳрист қарор қабул мекунад. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ танҳо дар сурати риоя нашудани шартҳои дохилшавӣ ба феҳрист, ки дар қисми 2 ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, дар бораи дохил накардан ба феҳрист қарор қабул мекунад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
Қарори қабулшуда дар давоми 3 рӯзи баъди қабул шудани он ба таври хаттӣ ба маълумоти аризадиҳанда расонида мешавад.
7. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ, ки аризаи дохил намудан ба феҳристро баррасӣ менамояд, барои тасдиқи ҳуҷҷату маълумоти пешниҳоднамудаи аризадиҳанда ҳуқуқ дорад аз шахсони сеюм, инчунин мақомоти давлати ҳуҷҷатҳои дорои маълумоти заруриро талаб намояд. Шахсони мазкур дар давоми 10 рӯзи гирифтани дархост бояд ҳуҷҷатҳои талабшударо пешниҳод намоянд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
8. Қарор дар бораи дохил накардан ба феҳрист танҳо дар сурати риоя нашудани шартҳои пешбининамудаи ҳамин модда метавонад қабул карда шавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
Ба аризадиҳанда хабарномаи дохил накардан ба феҳрист бо зикри сабабҳои қабули чунин қарор дар давоми 3 рӯзи қабули он фиристода мешавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
9. Бонкҳо аз рӯзи аввали моҳе, ки баъди моҳи қабул шудани қарори дохил шудан ба феҳрист фаро мерасад, ба феҳрист дохил карда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
**Моддаи 389. Хориҷ кардани бонкҳо аз феҳрист**
(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906)
1. Бонк бо қарори мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ дар ҳолатҳои зерин аз феҳрист хориҷ карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):
1) барҳам хӯрдан ё азнавташкилшавии бонк;
2) бозхонди иҷозатномаи иҷрои амалиёти бонкии бонк аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон;

3) иҷро нашудани ҳатто яке аз шартҳои дохилшави ба феҳрист (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906);
4) иҷро нашудани ӯҳдадориҳои марбут ба кафолати бонкӣ;
5) гузаштани як сол аз рӯзи дохилшавӣ ба феҳрист, ба шарте агар то гузаштани мӯҳлати мазкур ариза дар бораи дубора дохил шудан ба Феҳрист бо тартиби муқarrаргардида пешниҳод нашуда бошад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
2. Хориҷ кардани бонк аз феҳрист амали кафолатҳои бонкиеро, ки онҳо додаанд ва мақомоти гумрукӣ қабул кардаанд, қатъ намегардонад ва онҳоро аз масъулияти иҷро накардан ё иҷрои номатлуби шартҳои чунин кафолатҳои бонкӣ озод намегардонад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
3. Бонки аз феҳрист хориҷшуда мумкин аст баъди як сол, ба шарти рафъи сабабҳои хориҷ шуданаш аз феҳрист, дубора ба он дохил карда шавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

**Моддаи 390. Супоридани маблағ ба суратҳисоби депозитии мақоми гумрук (гарави пулӣ)**

1. Маблағи ба суратҳисоби депозитии мақоми гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати таъмини пардохти боҷи гумрукӣ ва андоз (гарави пулӣ) бо асъори Тоҷикистон ё арзи хориҷӣ, ки қурби онро Бонки миллии Тоҷикистон муайян мекунад, супурда мешавад (Қонуни ҶТ аз 13.11.2023 № 2001).
2. Фоиз ба маблағи гарави пулӣ ҳисоб карда намешавад.
3. Ҳангоми иҷро накардани ӯҳдадориҳои бо гарави пулӣ таъмингардида маблағи пардохтҳои гумрукӣ, фоизи пардохтшаванда ба буҷети давлатӣ аз маблағи гарави пулӣ гузаронида мешавад.
4. Баъди иҷрои ӯҳдадориҳои бо гарави пули таъмингардида маблағи супоридашуда мувофиқи моддаи 398 ҳамин Кодекс баргардонида мешавад ё мувофиқи хоҳиши супоранда метавонад ба ҳисоби пардохтҳои гумрукии оянда ё барои таъмини супурдани пардохтҳои гумрукӣ тибқи ӯҳдадории дигар дар назди мақомоти гумрук истифода шавад.
5. Барои тасдиқи супоридани гарави пули ба шахсе, ки ба суратҳисоби депозитии мақомоти гумрук пул супоридааст, забонхати гумрукие дода мешавад, ки намуна ва тартиби истифодаи онро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ бо розигии мақоми давлатии ваколатдор дар соҳаи молия мутобиқи моддаи 398 ҳамин Кодекс муайян мекунад. Забонхати гумрукиро ба шахси дигар додан мумкин нест (Қонуни ҶТ аз 13.11.2023 № 2001).

**Моддаи 391. Замонат**

Замонат мувофиқи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи бастани шартнома миёни мақоми гумрук ва зомин ба расмият дароварда мешавад. Брокерҳои гумрукӣ, соҳибони анборҳои нигоҳдории муваққатӣ, соҳибони анборҳои гумрукӣ, соҳибони мағозаҳои савдои бебоҷ инчунин шахсони дигар метавонанд ба сифати зомин баромад намоянд (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).

БОБИ 47. СИТОНИДАНИ ПАРДОХТҲОИ ГУМРУКӢ

**Моддаи 392. Қоидаҳои умумии ситонидани маҷбурии боҷҳои гумрукӣ ва андоз**

1. Дар сурати дар мӯҳлати муқарраршуда насупоридан ё пурра напардохтани боҷи гумрукӣ, андоз мақомоти гумрук боҷҳои гумрукӣ ва андозро маҷбуран, тибқи тартиби муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон меситонанд.

2. Ситонидани маҷбурии боҷҳои гумрукӣ ва андоз нисбати шахсони барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз масъул ё аз ҳисоби арзиши моле, ки боҷҳои гумрукӣ ва андози он супорида нашудааст, анҷом дода мешавад

3. Ситонидани маҷбурии боҷҳои гумрукӣ ва андоз аз шахсон бо роҳи ситонидани боҷҳои гумрукӣ ва андоз аз ҳисоби маблағҳои дар суратҳисобҳои дар бонкҳо будаи пардохткунанда ё аз ҳисоби амволи дигари пардохткунанда тибқи тартиби судӣ анҷом мегирад.

4. Мақоми гумрук пеш аз истифодаи чораҳои вобаста ба ситонидани маҷбурии боҷҳои гумрукӣ ва андоз ба шахси масъули пардохткунандаи онҳо талаби супоридани пардохтҳои гумрукиро пешниҳод мекунад.

**Моддаи 393. Фоизҳо**

1. Ҳангоми дар мӯҳлати муқарраршуда (гузаштани мӯҳлат) напардохтани боҷҳои гумрукӣ ва андоз фоизҳо супорида мешаванд.

2. Ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қисмҳои 3-5 ҳамин модда барои ҳар рӯзи гузаштани мӯҳлати пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз аз рӯзи дигари гузаштани мӯҳлати пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз то рӯзи иҷрои ӯҳдадории пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ё то рӯзи қабул шудани қарор дар бораи батаъхиргузорӣ ё тамдиди мӯҳлат барои супоридани боҷҳои гумрукӣ ва андоз фоиз ҳисоб карда мешавад. Фоиз ба андозаи муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта мешавад.

3. Ҳангоми ба кафил ё зомин пешниҳод кардани талабнома оид ба пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз фоизҳо барои на бештар аз се моҳи баъди рӯзи гузаштани мӯҳлати иҷроиши ӯҳдадории бо кафолат ё замонати бонкӣ таъмингардида, ҳисоб карда мешаванд.

4. Ҳангоми пешниҳоди талабнома оид ба пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ба шахси масъули пардохткунандаи фоизҳо то рӯзи пешниҳоди талабнома ҳисоб карда мешаванд. Ҳангоми напардохтани боҷҳои гумрукӣ ва андоз дар мӯҳлатҳои дар талабнома муқарраршуда фоизҳо мувофиқи талаботи қисми 2 ҳамин модда ҳисоб карда мешаванд.

5. Дар ҳолати вайрон кардани мӯҳлати пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ ҳангоми дар анбори нигоҳдории муваққати будани мол (боби 12) барои давраи нигаҳдории муваққати фоизи пардохтҳои гумрукӣ ҳисоб ва пардохт намешаванд.

6. Фоизҳо, сарфи назар аз бақияпулиҳо, новобаста аз андешидани тадбирҳои дигари ҷавобгарӣ барои вайронкунии қоидаҳои гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида мешаванд.

7. Фоизҳо дар баробари пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ё баъди пардохти ин маблағҳо, вале дар давоми як моҳи баъди супоридани боҷҳои гумрукӣ ва андоз пардохта мешаванд.

8. Додани ариза барои батаъхиргузорӣ ё тамдиди мӯҳлат барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ҳисоб кардани фоизи бақияпулиро бознамедорад.
9. Супоридан, ситонидан ва баргардонидани фоиз тибқи қоидаҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс нисбати супоридан, ситонидан ва баргардонидани боҷҳои гумрукӣ ва андоз амали карда мешаванд.

**Моддаи 394. Талабномаи супоридани пардохти боҷи гумрукӣ ва андоз**

1. Талабномаи супоридани боҷи гумрукӣ ва андоз огоҳномаи мақоми гумрук аст, ки ба таври хаттӣ дар бораи дар мӯҳлати муқарраршуда насупоридани маблағи боҷи гумрукӣ ва андоз, инчунин ӯҳдадориҳои супоридани маблағи боҷи гумрукӣ, андоз ва фоизҳо дар мӯҳлатҳои дар ин талабнома омадаро дар бар мегирад.
2. Талабномаи супоридани боҷҳои гумрукӣ ва андоз бояд маълумотро дар бораи маблағи пардохтшавандаи боҷи гумрукӣ ва андоз, андозаи фоизи дар рӯзи пешниҳоди талабнома ҳисобшуда, мӯҳлати супоридани боҷи гумрукӣ ва андоз мувофиқи ҳамин Кодекс, мӯҳлати иҷрои талабнома, ҳамчунин тадбирҳои маҷбурии ситонидани боҷи гумрукӣ, андоз ва таъмини ситонидани онҳоро, ки дар сурати насупоридани боҷу андозҳои гумрукӣ аз тарафи пардохткунанда истифода мегарданд, инчунин дар бораи асосҳои пешниҳоди талабномаро дар бар гирад. Намунаи талабнома дар бораи супоридани боҷи гумрукӣ ва андоз аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар карда мешавад.
3. Талабнома дар бораи супоридани боҷи гумрукӣ ва андоз ба пардохткунанда бояд дар давоми 10 рӯзи баъд аз ошкор шудани далели насупоридан ё пурра насупоридани боҷи гумрукӣ ва андоз фиристода шавад.
4. Мӯҳлати иҷрои шартҳои талабнома дар бораи супоридани боҷи гумрукӣ ва андоз на зиёда аз 20 рӯзро аз рӯзи қабули талабнома ташкил медиҳад. Ҳангоми иҷро накардани талабномаи мазкур мақомоти гумрук дар бобати маҷбуран ситонидани боҷи гумрукӣ ва андоз мувофиқи талаботи ҳамин Кодекс чора меандешанд.
5. Талабномаи супоридани боҷи гумрукӣ ва андоз ба роҳбар ё шахси ваколатдори намояндаи ташкилот ё шахси воқеӣ бо имзои шахсӣ ё ба тариқи дигар, ки далели гирифтан ва рӯзи гирифтани онро тасдиқ менамояд, супорида мешавад. Агар шахсони мазкур аз гирифтани талабномаи мазкур саркаши намоянд, пас он тавассути почта бо мактуби фармоиши фиристода мешавад. Талабномаи супоридани боҷи гумрукӣ ва андоз баъд аз шаш рӯзи фиристодани мактуби фармоиши дастрасшуда ҳисоб меёбад.
6. Ҳангоми дар мӯҳлати дар қисми 4 ҳамин модда пешбинишуда иҷро накардани шартҳои талабномаи супоридани боҷи гумрукӣ ва андоз мақомоти гумрук тадбирҳои пешбининамудаи моддаи 395 ҳамин Кодексро амали менамоянд.
7. Талабномаи супоридани боҷи гумрукӣ ва андоз ба пардохткунанда сарфи назар аз ҷалби ӯ ба ҷавобгарии маъмурӣ ё ҷиноятӣ фиристода мешавад.
8. Мӯҳлати даъво бо талаби мақомоти гумрук нисбати пардохти маблағи боҷи гумрукӣ, андоз ва фоизҳо аз ҷониби пардохткунанда аз рӯзи ба анҷом

расидани барасмиятдарории мол ҳисоб карда шуда, панҷ солро ташкил медиҳад (Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 № 1298).
9. Мақомоти гумрук дар давраи мӯҳлати даъво ҳуқуқ доранд, ки маблағи пардохтҳои гумрукии аз ҷониби иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ пардохтшавандаро ҳисоб намоянд (иловатан ҳисоб намоянд), пардохтҳои гумрукии ҳисобшударо (иловатан ҳисобшударо) тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонанд (Қонуни ҶТ аз 24.12.2022 № 1932).
10. Иштирокчии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ҳуқуқ дорад, ки дар давраи мӯҳлати даъво мустақилона ӯҳдадории пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андозро аз нав бозҳисобӣ ва ислоҳ намояд, инчунин баргардонидан ё ба ҳисоб гирифтани маблағи барзиёд пардохтшуда ё ситонидашудаи боҷҳои гумрукӣ ва андозро тибқи моддаи 396 ҳамин Кодекс талаб намояд.
11. Мӯҳлати даъво дар давраи амали мораторияи санҷишҳои гумрукӣ боздошта мешавад (Қонуни ҶТ аз 24.12.2022 № 1932).
12. Беэътимод эътироф намудани қарзи пардохткунанда оид ба маблағи боҷи гумрукӣ, андоз ва фоизҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 № 1298, аз 24.12.2022 № 1932).

**Моддаи 395. Чораҳое, ки мақомоти гумрук ҳангоми иҷро накардани талабномаи супоридани боҷҳои гумрукӣ ва андоз меандешанд**

Боздоштани амалиёти хароҷоти аз рӯи ҳисобномаҳои шахс дар бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявию кредитӣ, ҳабси амвол ва ситонидани маблағҳои ба шахс тааллуқдоштаро мақоми гумрук тибқи ҳамин Кодекс ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

## БОБИ 48. БАРГАРДОНИДАНИ БОҶҲОИ ГУМРУКӢ, АНДОЗ ВА МАБЛАUИ ДИГАР

**Моддаи 396. Баргардонидани боҷҳои гумрукӣ ва андози барзиёд супорида ва ё барзиёд ситонидашуда**

1. Маблағи барзиёд супорида ё барзиёд ситонидашудаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз маблағе мебошад, ки ба сифати маблағи боҷи гумрукӣ ва андоз воқеан супорида ё ситонида шуда, андозаи он аз маблағи мутобиқи ҳамин Кодекс ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохтшаванда зиёдтар мебошад.
2. Аризаи баргардонидани маблағи барзиёд супурда ё барзиёд ситонидаи боҷҳои гумрукӣ ва андозро пардохткунанда ба мақоми гумруке, ки ӯ ин маблағро ба он супурдааст ё ҳамин маблағро дар ин мақом аз ӯ ситонидаанд, дар давоми панҷ соли баъд аз супурдан ё ситонида шудани маблағ пешниҳод мекунад (Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 № 1298).
3. Дар сурати ошкор шудани пардохти барзиёд ё ситонидани барзиёди боҷҳои гумрукӣ ва андоз мақоми гумрук вазифадор аст дар давоми на дертар аз як моҳи баъд аз ошкор шудани чунин далел дар бораи маблағи барзиёд супурдашудашуда ё барзиёд ситонидашудаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз ба пардохткунанда хабар диҳад.

4. Баргардонидани боҷҳои гумрукӣ ва андози барзиёд супорида ё барзиёд ситонидашуда аз тарафи мақоми давлатии ваколатдор дар соҳаи молия бо қарори мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ анҷом дода мешавад. Шакл ва тартиби қабули қарор оид ба баргардонидани боҷҳои гумрукӣ ва андози барзиёд супорида ё барзиёд ситонидашуда аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молия тибқи тартиби муқарраргардида муайян карда мешаванд. Мӯҳлати умумии баррасии ариза дар бораи баргардонидан, қабул кардани қарор дар бораи баргардонидан ва баргардонидани маблағи барзиёд супорида ё барзиёд ситонидашудаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз набояд аз рӯзи додани ариза дар бораи баргардонидан ва пешниҳоди ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ бештар аз як моҳ бошад. Ҳангоми вайронкунии мӯҳлати мазкур ба маблағи барзиёд супорида ё барзиёд ситонидашудаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз, ки дар мӯҳлати муқарраргардида баргардонида нашудааст, барои ҳар рӯзи вайронкунии мӯҳлати баргардонидан фоизҳо ба андозаи муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад. Агар пардохт ё ситонидани боҷҳои гумрукӣ ва андоз бо арзи хориҷӣ сурат гирифта бошад, фоизҳои ба маблағи барзиёд супорида ё барзиёд ситонидашудаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз, ки мутобиқи қурби Бонки миллии Тоҷикистон бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯзи супоридан ё ситонидани барзиёд ҳисоб шудааст, ҳисоби карда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).
5. Маблағи барзиёд супорида ё барзиёд ситонидашудаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз ба суратҳисобе гузаронида мешавад, ки дар аризаи баргардонидан нишон дода шудааст.
6. Боҷҳои гумрукӣ ва андози барзиёд супорида ё барзиёд ситонидашуда бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонида мешаванд. Агар супоридан ё ситонидани боҷҳои гумрукӣ ва андоз бо арзи хориҷӣ сурат гирифта бошад, баргардонидани боҷи гумрукӣ ва андози барзиёд супоридашуда ё барзиёд ситонидашуда бо қурби Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар рӯзи супоридани барзиёд ё ситонидани барзиёд амал мекард, анҷом дода мешавад.
7. Ҳангоми баргардонидани боҷҳои гумрукӣ ва андози барзиёд супорида ё барзиёд ситонидашуда ҳамчунин бояд фоизҳо аз маблағи баргардонидашавандаи супорида ё ситонидашудаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз баргардонида шавад, ба истисноӣ баргардонидани маблағи боҷи гумрукӣ ва андоз мувофиқи моддаи 397 ҳамин Кодекс.
8. Баргардонидани боҷҳои гумрукӣ ва андози барзиёд супорида ё барзиёд ситонидашуда бо хоҳиши пардохткунанда метавонад ба шакли ҳисоби кардан ба ҳисоби иҷрои ӯҳдадориҳои пардохтҳои гумрукии дигар, фоизҳо ва ҷаримаҳо анҷом дода шавад. Баҳисобгирии пардохтҳои гумрукии барзиёд супорида ё барзиёд ситонидашуда мутобиқи ҳамин модда вобаста ба тартиби баргардонидан, бо назардошти муқаррароти қисми 9 ҳамин модда амалӣ мегардад.
9. Боҷҳои гумрукӣ ва андози барзиёд супорида ё барзиёд ситонидашуда дар ҳолатҳои зерин баргардонида намешаванд:

1) дар сурати қарздории пардохткунанда оид ба супоридани пардохтҳои гумрукӣ дар ҳаҷми қарзи мазкур. Дар ин ҳолат мумкин аст боҷҳои гумрукӣ ва андози барзиёд супорида ё ситонидашуда ба ҳисоб гирифта шавад;

2) агар маблағи пардохтҳои гумрукии баргардонидашаванда камтар аз андозаи ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо бошад, ба истиснои ҳолатҳои супурдани барзиёди пардохтҳои гумрукӣ аз тарафи шахсони воқеӣ ё барзиёд ситонидани чунин пардохтҳо аз шахсони мазкур (Карор аз 06.10.2008с. № 437);

3) дар сурати додани ариза дар бораи баргардонидани маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андоз баъд аз гузаштани мӯҳлати муқарраршуда.

10. Дар сурати мавҷуд будани қарз оид ба супоридани пардохтҳои гумрукӣ ва фоизҳо мақоми гумрук метавонад мустақилона онро аз ҳисоби маблағи барзиёд супорида ё барзиёд ситонидашудаи пардохтҳои гумрукӣ пӯшонад. Мақоми гумрук вазифадор аст, пардохткунандаро дар бораи ҳисоби кардани қарзаш дар давоми 3 рӯзи пӯшонидани он хабар диҳад (Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 № 1298).

11. Ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 4 ҳамин модда дар сурати баргардонидани пардохтҳои гумрукӣ фоизи он пардохта намешавад, маблағҳо индексатсия карда намешаванд.

**Моддаи 397. Ҳолатҳои дигари баргардонидани боҷҳои гумрукӣ ва андоз**

1. Баргардонидани боҷҳои гумрукӣ ва андоз инчунин дар ҳолатҳои зерин сурат мегирад:

1) агар декларатсияи гумрукии ба мақоми гумрук пешниҳодшуда мутобиқи ҳамин Кодекс пешниҳоднашуда ҳисоб карда шавад;

2) бозхонди декларатсияи гумрукӣ;

3) додани имтиёзоти тарифи дар шакли баргардонидани маблағи супоридашудаи боҷи гумрукӣ;

4) барқарор кардани низоми бештари мусоидаткунандаи миллӣ ё имтиёзҳои тарифӣ;

5) агар ҳамин Кодекс баргардонидани маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андози пардохтшударо ҳангоми баровардани моли хориҷӣ аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикнстон ё ҳангоми нобудкунии онҳо ё даст кашидан ба манфиати давлат ва ё ҳангоми реимпорти мол пешбинӣ карда бошад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

6) бо иҷозати мақоми гумрук тағйир ёфтани низоми гумрукии қаблан арзшуда, агар маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андози ҳангоми қарор додани мол таҳти низоми гумрукии аз нав интихобшуда пардохтшаванда камтар аз маблағи боҷи гумрукӣ ва андозе бошад, ки дар низоми гумрукии аввал супорида шудаанд, ба истиснои ҳолати пешбининамудаи қисми 6 моддаи 212 ҳамин Кодекс;

7) дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тадбирҳои ҳифзи манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни амали намудани тиҷорати хориҷии мол нисбати боҷҳои махсуси муваққатӣ, зиддидемпингӣ ё ҷубронӣ.

2. Ариза дар мавриди баргардонидани бочҳои гумрукӣ ва андоз дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 1 ҳамин модда дар давоми на дертар аз як соли баъди рӯзи фароарсии ҳолате, ки боиси баргардонидани маблағи пардохтшудаи бочҳои гумрукӣ ва андоз мутобиқи муқаррароти моддаи 396 ҳамин Кодекс гардидааст, пешниҳод карда мешавад. Дар ин ҳолат муқарарроти қисми 7 моддаи 396 ҳамин Кодекс истифода бурда намешавад.

**Моддаи 398. Баргардонидани гарави пулӣ**

1. Гарави пулӣ ба шарти иҷрои ӯҳдадориҳои таъминшуда бо гарави пули баргардонида мешавад, агар аризаи баргардонидани он ба мақоми гумрук дар ҷараёни се сол аз рӯзи дигаре, ки баъди иҷрои ӯҳдадориҳо фаро мерасад, дода шуда бошад. Баъди гузаштани мӯҳлати мазкур маблағи гарави пулии талабнашуда ба буҷети давлат гузаронида шуда, баргардонида намешавад.

2. Гарави пули ба мақоми гумруке, ки ба ҳисобномаи он маблағи гарави пули супорида шуда буд ё ба мақоми гумруке, ки дар он расмиёти гумрукӣ ё низоми гумрукие анҷом дода мешавад, ки ӯҳдадории иҷрои онҳо бо гарави пули таъмин гардидааст, баргардонида мешавад (Қонуни ҶТ аз 13.11.2023 № 2001).

3. Гарави пулӣ дар сурати пешниҳод кардани забонхати гумрукӣ (қисми 5 моддаи 390) бо асъори пардохт баргардонида мешавад. Дар сурати пардохти маблағи гарави пулӣ бо арзи хориҷи мақоми гумрук ҳангоми надоштани маблағи пулӣ бо ин арз, метавонад чунин гаравро бо арзи хориҷии дигар, ки қурби онро Бонки миллии Тоҷикистон муайян мекунад ё бо хоҳиши пардохткунанда бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонад. Барои баргардонидани арзи хориҷӣ ба асъори Тоҷикистон қурби Бонки миллии Тоҷикистон дар рӯзи баргардонидани маблағи гарави пулӣ истифода бурда мешавад.

4. Гарави пулӣ тариқи ғайринақдӣ баргардонида мешавад (Қонуни ҶТ аз 13.11.2023 № 2001).

5. Дар сурати қарздории пардохткунанда вобаста ба супоридани пардохтҳои гумрукӣ фоизҳо дар ҳаҷми чунин қарзи гарави пулӣ баргардонида намешаванд. Мақоми гумрук метавонад гарави пулиро мутобиқи моддаи 394 ҳамин Кодекс ситонад.

6. Ҳангоми баргардонидани маблағи гарави пулӣ фоизи он пардохт намешавад, маблағ индексатсия намегардад ва подоши комиссиони тибқи амалиёти бонкӣ аз ҳисоби маблағҳои интиқолшаванда пардохта мешавад.

## ФАСЛИ IV. НАЗОРАТИ ГУМРУКӢ

## БОБИ 49. ҚОИДАҲОИ УМУМИЕ, КИ БА НАЗОРАТИ ГУМРУКӢ ТААЛЛУҚ ДОРАНД

**Моддаи 399. Усулҳои гузаронидани назорати гумрукӣ**

1. Ҳангоми назорати гумрукӣ мақомоти гумрук усулҳои интихобиро асос мекунанд ва одатан танҳо бо ҳамон навъи назорати гумрукӣ маҳдуд мешаванд, ки барои таъмини риояи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон кифоя аст.

2. Дангоми интихоби навъи назорати гумрукӣ усули идора намудани таваккал (риск) истифода мешавад. Дар ин ҳолат тахти мафҳуми таваккал

эҳтимоли риоя нагардидани қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон фаҳмида мешавад.
Усули идора намудани таваккал ба истифодаи самараноки захираҳои мақомоти гумрук барои пешгирии вайрон кардани қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон асос меёбад, ки:
1) хусусияти устувор дорад;
2) бо саркашӣ аз супоридани боҷҳои гумрукию андозҳо дар ҳаҷми ниҳоят калон алоқаманд аст;
3) рақобатпазирии молистеҳсолкунандагони ватаниро халалдор мекунад;
4) ба дигар манфиатҳои барои давлат муҳим, ки риояаш ба зиммаи мақомоти гумрук гузошта шудааст, дахолат мекунад.
3. Мақомоти гумрук усулҳои таҳлили таваккалиро барои муайян кардани молҳо, воситаҳои нақлиёт, ҳуҷҷатҳо ва шахсон, ки ба тафтиш, муоина ва дараҷаи чунин тафтиш ва муоина дахл доранд, истифода мебаранд.
4. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ стратегияи назорати гумрукиро вобаста ба системаи арзёбии таваккал муайян мекунад.
5. Бо мақсади такмил додани назорати гумрукӣ мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ бо мақомоти гумрукӣ давлатҳои хориҷӣ ҳамкорӣ мекунад, бо онҳо оид ба ёрии байниҳамдигарӣ созишномаҳо мебандад.
6. Назорати гумрукиро танҳо мақомоти гумрук мутобиқи ҳамин Кодекс амали менамоянд.
7. Истифода нашудани шаклҳои алоҳидаи назорати гумрукӣ ё озод будан аз онҳо маънои озод намудани шахсонро аз ӯҳдадории риояи муқаррароти ҳамин Кодекс ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ надорад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).
8. Тибқи зарурат мақомоти гумрук метавонанд ҳамаи шаклҳои назорати гумрукиро, ба истисноп ҳолатҳои дар моддаи 430 ҳамин Кодекс пешбинигардида истифода намоянд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).

**Моддаи 400. Мӯҳлати тафтиши декларатсияи гумрукӣ, дигар ҳуҷҷатҳо ва мол ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ**

1. Ҳангоми барасмиятдарории гумрукии мол тафтиши декларатсияи гумрукӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои ба мақоми гумрук пешниҳодшаванда, инчунин тафтиши мол бо мақсади муқаррар кардани мувофиқати маълумоти дар декларатсияи гумрукӣ дарҷгардида, дигар ҳуҷҷатҳо, ном, кишвари истеҳсол, микдор ва нархи мол бояд дар давоми на дертар аз ду рӯзи кории баъди декларатсияи гумрукиро қабул намудани мақомоти гумрук, нишон додани мол ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳо, ба истисноп ҳолатҳое, ки ҳамин Кодекс мӯҳлатҳои аз ин кӯтоҳро муқаррар кардааст, анҷом дода шавад.
2. Мақоми гумрук ҳуқуқ дорад мӯҳлати тафтиши молро дароз намояд, агар моли барои тафтиш пешниҳодшуда ба ҷойҳои борпечони барои намунаҳои алоҳида ва (ё) номгӯи молҳо ва (ё) маълумот оид ба борҷома ва маркировкаи ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ ва (ё) нақлиётии мол тақсим карда нашуда бошад. Мӯҳлати тафтиши мол бо шарте дароз карда мешавад, ки вазъияти зикршуда ба мақомоти гумрук иҷрои амалиётро барои муқаррар кардани мувофиқати

мол ва маълумот дар бораи он имкон намедиҳад. Мӯҳлати тафтиши мол ба мӯҳлате, ки ба шахси нисбати мол ваколатдор барои партияи молро ба молҳои алоҳида ҷудо кардан зарур аст, тамдид карда мешавад.

**Моддаи 401. Молу воситаҳои нақлиёте, ки таҳти назорати гумрукӣ қарор доранд**

1. Молу воситаҳои нақлиёти ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида аз вақти убури сарҳади гумрукӣ ҳангоми ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шуданашон то лаҳзаҳои зерин таҳти назорати гумрукӣ ба ҳисоб мераванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421):

1) иҷозат барои муомилоти озод;

2) нобудкунӣ;

3) даст кашидан ба манфиати давлат;

4) гузаронидани мол ба моликияти давлатӣ ё ихтиёрдории онҳо бо дигар усул мутобиқи фасли VI ҳамин Кодекс;

5) талафот дар натиҷаи нобудшавӣ ҳангоми садама ё таъсири қувваи рафънопазир ё дар натиҷаи коҳиши табиӣ дар шароити мӯътадили боркашонӣ, нигаҳдорӣ (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845);

6) воқеан содир кардани мол ва воситаҳои нақлиёт аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

Истифода ва ихтиёрдории моли воридгардида ва воситаҳои нақлиёти таҳти назорати гумрукӣ қарордошта тибқи тартиб ва шартҳои дар ҳамин Кодекс муайяншуда ба ҷо оварда мешавад.

2. Молу воситаҳои нақлиёти ватанӣ ҳангоми аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани онҳо аз лаҳзаи қабули декларатсияи гумрукӣ ё иҷрои амали бевоситаи баровардани мол аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва то убури сарҳади гумрукӣ таҳти назорати гумрукӣ ба ҳисоб мераванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

3. Мақомоти гумрук назорати иҷрои ӯҳдадории шахсонро ҷиҳати воридоти бозпаси молу воситаҳои нақлиёти ватанӣ ё маҳсули коркарди онҳоро мувофиқи шартҳои низоми гумрукӣ, тибқи тартиби пешбининамудаи ҳамин фасл анҷом медиҳанд, агар чунин мол (маҳсули коркард), ки пештар аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда шуда буданд, мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатман бозпас оварда шавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 402. Назорати минбаъдаи гумрукӣ**

(Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845)

1. Мақомоти гумрук назорати гумрукии молҳои дармуомилот будаеро, ки ба ҳудуди гумрукӣ ворид карда шудаанд, бо мақсадҳои зерин анҷом медиҳанд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421):

1) санҷиши маълумотҳое, ки барасмиятдарории гумрукии чунин молҳоро мутобиқ ба талаботу шартҳои қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамоянд;

2) санҷиши мавҷудияти маркировка ё аломатҳои дигари ҳаммонандсозии молҳо, ки барои тасдиқи воридоти расмии молҳо ба ҳудуди гумрукӣ истифода мешаванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Назорати минбаъдаи гумрукӣ ба низоми баҳодиҳиву идоракунии таваккалҳо асос ёфта, бо тартиби пешбининамудаи боби 50 ҳамин Кодекс амалӣ мегардад.
3. Назорати минбаъдаи гумрукӣ метавонад аз ҷониби мақомоти гумрук дар давоми як соли баъд аз ҳолати таҳти назорати гумрукӣ қарор доштанро гум кардани молҳо амалӣ гардад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).

**Моддаи 403. Минтақаҳои назорати гумрукӣ**

1. Минтақаҳои назорати гумрукӣ бо мақсади назорати гумрукӣ дар шакли азназаргузаронӣ ва муоинаи гумрукии молу воситаҳои нақлиёт, нигаҳдошт ва интиқол таҳти назорати гумрукӣ ташкил карда мешаванд.
Минтақаҳои назорати гумрукӣ қад-қади сарҳади гумрукӣ, дар маҳалҳои барасмиятдарории гумрукӣ, маҳалҳои батанзимдарорӣ ва амалиёти гумрукӣ, дар маҳалҳои борбардорию борфарорӣ, азназаргузаронӣ ва муоинаи онҳо, дар маҳалҳои нигоҳдории муваққатӣ, истгоҳи васоити нақлиёте, ки бори таҳти назорати гумрукӣ бударо мекашонанд ва маҳалҳои дигари мутобиқи ҳамин Кодекс муайяншуда, ташкил карда мешаванд.
2. Дар сурати мунтазам ҷойгиршавии моли таҳти назорати гумрукӣ минтақаҳои назорати гумрукӣ муваққатан ё доимӣ буда метавонанд. Минтақаҳои назорати гумрукии муваққатӣ дар асоси шартҳои зерин ташкил карда мешаванд:
1) барои барасмиятдарории молу воситаҳои нақлиёт берун аз маҳали иҷрои амалиёти гумрукӣ (моддаи 465) - агар иҷрои чунин амалиёт муайян кардани минтақаҳои назорати гумрукиро вобаста ба зарурати таъмини бемамониати фаъолияти мақомоти гумрук талаб намояд;
2) ҳангоми зарурати иҷрои азназаргузаронӣ ва муоинаи молу воситаҳои нақлиёте, ки мақомоти гумрук берун аз минтақаи доимии назорати гумрукӣ ошкор кардаанд;
Қарор дар бораи ташкили минтақаҳои назорати гумрукии муваққатӣ аз тарафи сардори мақомоти гумрук ё шахси ивазкунандаи ӯ дар шакли хаттӣ қабул карда мешавад.
3. Тартиби ташкил ва аломатгузории минтақаҳои назорати гумрукӣ, инчунин талабот ба онҳо, ба истиснои ташкили минтақаи назорати гумрукӣ қад - қади сарҳади гумрукӣ, аз тарафи мақоми салоҳиятдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар карда мешавад. Минтақаҳои назорати гумрукии қад - қади сарҳади гумрукӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.
Тартиби ташкил ва аломатгузории минтақаҳои назорати гумрукӣ, инчунин талабот ба онҳо, дар сурати сохтани онҳо дар минтақаи нуқтаи гузаргоҳ аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақоми салоҳиятдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.
4. Фаъолияти истеҳсолӣ ва фаъолияти дигари тиҷоратӣ, интиқоли молу воситаҳои нақлиёт, шахсон, аз ҷумла шахсони мансабдори мақомоти дигари давлатӣ аз сарҳади минтақаҳои назорати гумрукӣ ва дар ҳудуди онҳо танҳо бо иҷозати мақомоти гумрук ва таҳти назорати онҳо мумкин аст, ба истиснои

ҳолатҳое, ки дар ҳамин Кодекс ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидианд. Дар чунин ҳолатҳо ба минтақаҳои назорати гумрукӣ бо роҳи қаблан огоҳ намудани мақомоти гумрук дохил шудан мумкин аст.

Дар нуқтаи гузаргоҳи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдудиятҳои зикргардида нисбати иҷрои амалиёти интиқоли молу воситаҳои наклиёт ва шахсон аз сарҳади минтақаи назорати гумрукӣ танҳо дар доираи низоми муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд.

5. Мол танҳо дар минтақаҳои назорати гумрукӣ тафтиш карда мешавад.

**Моддаи 404. Пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва маълумоте, ки барои назорати гумрукӣ заруранд**

1. Шахсоне, ки молу воситаҳои нақлиётро аз сарҳади гумрукӣ интиқол медиҳанд, брокерҳои гумрук (намояндаҳо), соҳибони анборҳои нигоҳдории муваққатӣ, соҳибони анборҳои гумрукӣ ва боркашонҳои гумрукӣ вазифадоранд ба мақомоти гумрук ҳуҷҷату маълумотеро пешниҳод намоянд, ки мутобиқи ҳамин Кодекс барои назорати гумрукӣ заруранд.

2. Мақоми гумрук ҳуҷҷату маълумотеро, ки барои назорати гумрукӣ заруранд, ба таври хатти талаб менамояд ва мӯҳлати пешниҳоди онҳоро вобаста ба мӯҳлате, ки барои назорати гумрукӣ кифоя аст, муқаррар менамояд. Бо муроҷиати асосноки шахс ин мӯҳлат аз тарафи мақоми гумрук ба мӯҳлати барои пешниҳоди ҳуҷҷату маълумоти зарурӣ дароз карда мешавад.

3. Барои назорати гумрукӣ мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд аз бонк ва дигар ташкилотҳои қарздиҳанда оид ба алоқамандии амалиёти шахсон бо фаъолияти иқтисодии берунӣ ва пардохти боҷи гумрукӣ ва андозҳо, ки дар моддаи 15 ҳамин Кодекс зикр гардидааст, инчунин оид ба амалиёти брокерҳои гумрукӣ, соҳибони анборҳои нигоҳдории муваққатӣ, соҳибони анборҳои гумрукӣ ва боркашонҳои гумрукӣ низ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот гиранд.

4. Бо мақсади тафтиши дурустии маълумот баъди иҷозати мол барои муомилот, мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ, ҳисобу китоби бухгалтерӣ ва дигар маълумот, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои электрониро, ки ба амалиёти иқтисодии хориҷии ин мол тааллуқ доранд ва ин маълумот дар бораи моли ба минтақаи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида бошад - инчунин барои амалиёти дигар нисбати ин мол аз декларант ё дигар шахсоне, ки ба ин мол муносибат доранд, талаб карда гиранд.

5. Мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд барои назорати гумрукӣ аз мақомоте, ки шахсони ҳуқуқиро ба қайд мегиранд ва аз дигар мақомот маълумот талаб намоянд.

6. Ҳуҷҷатҳои барои назорати гумрукӣ зарурӣ бояд аз тарафи шахсон баъди соле, ки мол статуси таҳти низоми гумрукӣ буданашро гум мекунад, дар давоми се соли тақвими нигоҳ дошта шаванд. Брокерҳои гумрук (намояндаҳо), соҳибони анборҳои нигоҳдории муваққатӣ, соҳибони анборҳои гумрукӣ ва боркашонҳои гумрукӣ баъди соле, ки амалиёти гумрукӣ гузаронида шудааст, бояд се соли тақвими ҳуҷҷатҳоро нигоҳ доранд.

**Моддаи 405. Пешниҳоди ҳисобот бо мақсади назорати гумрукӣ**
Брокерҳои гумрукӣ (намояндаҳо), соҳибони анборҳои нигоҳдории муваққатӣ, соҳибони анборҳои гумрукӣ, соҳибони мағозаҳои савдои бебоҷ, танзимгари ваколатдори иқтисодӣ, боркашонҳои гумрукӣ, инчунин шахсони дорои моли шартан иҷозатшуда ва (ё) онро истифода мебаранд, бо талаби мақомоти гумрук вазифадоранд дар бораи моли нигоҳдошташаванда, интиқолшаванда, фурӯхташаванда, коркардашаванда ва (ё) истифодашаванда тибқи намунаи муайяннамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ маълумот пешниҳод намоянд (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).

**Моддаи 406. Норавоии расонидани зарари ғайриқонунӣ дар вақти назорати гумрукӣ**
1. Ҳангоми назорати гумрукӣ ба боркашонҳо, декларант, намояндагони онҳо, соҳибони анборҳои нигоҳдории муваққатӣ, соҳибони анборҳои гумрукӣ, соҳибони мағозаҳои савдои бебоҷ ва дигар шахсони манфиатдор, инчунин ба молу воситаҳои нақлиёт набояд зарар расонида шавад.
2. Зараре, ки аз қарорҳои ғайриқонунии мақомоти гумрук ё шахсони мансабдори он ҳангоми назорати гумрукӣ расидааст, аз ҷумла манфиати аз даст рафта (даромади ногирифта) бояд пурра ҷуброн карда шавад.
3. Барои зараре, ки ба шахс расидааст, мақомоти гумрук ё шахсони мансабдори он мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.
4. Зараре, ки ба шахс дар натиҷаи қабули қарори қонунӣ ва амали шахсони мансабдори мақомоти гумрук расидааст, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷуброн карда намешавад.

## БОБИ 50. ШАКЛ ВА ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ НАЗОРАТИ ГУМРУКӢ

**Моддаи 407. Шаклҳои назорати гумрукӣ**
Шаклҳои назорати гумрукӣ чунинанд:
1) тафтиши ҳуҷҷату маълумот;
2) пурсиши шифоҳӣ;
3) гирифтани тавзеҳот;
4) мушоҳидаи гумрукӣ;
5) азназаргузаронии гумрукии молу воситаҳои нақлиёт;
6) муоинаи гумрукии молу воситаҳои нақлиёт;
7) муоинаи шахс;
8) тафтиши маркировкаи мол бо маркаҳои махсус, мавҷудияти воситаҳои ҳаммонандсозӣ;
9) азназаргузаронидани бино ва ҳудуди он;
10) санҷиши гумрукӣ.

**Моддаи 408. Тафтиши ҳуҷҷату маълумот**
1. Мақомоти гумрук ҳуҷҷату маълумоти ҳангоми барасмиятдарории гумрукии молу воситаҳои нақлиёт пешниҳодшударо мутобиқи ҳамин Кодекс, бо мақсади муқаррар кардани асли будани ҳуҷҷатҳо ва саҳеҳии маълумоти

онҳо, инчунин дуруст ба расмият даровarda шудани онҳоро тафтиш менамоянд.
2. Дурустии маълумоти ба мақомоти гумрук пешниҳодшуда ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ бо роҳи муқоисаи онҳо бо маълумоти аз дигар манбаъҳо гирифташуда, аз ҷумла тибқи натиҷаи шаклҳои дигари назорати гумрукӣ, таҳлили маълумоти омори гумрукии махсус, коркарди маълумот бо истифодаи воситаҳои барномавӣ, инчунин бо дигар роҳҳое, ки қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, тафтиш карда мешавад.
3. Ҳангоми назорати низоми гумрукӣ мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд ба таври асоснок ҳуҷҷату маълумоти иловагиро танҳо бо мақсади тафтиши маълумоти дар декларатсияи гумрукӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои гумрукӣ дарҷгардида дархост карда гиранд. Мақоми гумрук чунин ҳуҷҷату маълумотро дар шакли хаттӣ талаб мекунад ва мӯҳлати пешниҳоди онҳоро муайян мекунад, ки бояд барои тафтиш кифоя бошад.
4. Дархости ҳуҷҷату маълумоти иловаги ва тафтиши онҳо барои иҷозати мол ба муомилот монеа намешавад (моддаи 149), ба шарте агар дар ҳамин Кодекс тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

**Моддаи 409. Пурсиши шифоҳӣ**

Ҳангоми барасмиятдарории гумрукии молу воситаҳои нақлиёте, ки аз сарҳади гумрукӣ интиқол дода мешаванд, шахсони мансабдори мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд пурсиши шифоҳии шахсони воқеӣ, инчунин шахсонеро, ки намояндагони ташкилотҳои ваколатдори чунин молу воситаҳои нақлиёт мебошанд, бе тартиб додани тавзеҳи ин шахсон дар шакли хаттӣ доир намоянд.

**Моддаи 410. Гирифтани тавзеҳот**

1. Гирифтани тавзеҳот, яъне аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти гумрук дар бораи вазъе, ки барои назорати низоми гумрукӣ зарур аст, аз шахсони дар моддаи 15 ҳамин Кодекс зикргардида, декларантҳо ва дигар шахсоне, ки бо интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумруки машғуланд ва чунин маълумотро доранд.
2. Тавзеҳот ба таври хаттӣ тартиб дода мешавад. Намунаи тавзеҳот аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 411. Мушоҳидаи гумрукӣ**

Мушоҳидаи гумрукӣ яъне ошкоро, мақсаднок мунтазам ё як маротиба, мустақим ё ғайримустақим (бо истифодаи воситаҳои техникӣ) аз ҷониби шахсони мансабдори ваколатдори мақоми гумрук бо чашм мушоҳида кардани интиқоли молу воситаҳои нақлиёти таҳти назорати гумрукӣ қарордошта, амалиёти боркашонӣ ва дигар амалиёт мебошад.

**Моддаи 412. Азназаргузаронии гумрукии молу воситаҳои нақлиёт**

1. Азназаргузаронии гумрукии молу воситаҳои нақлиёт, яъне азназаргузаронии мол, бағоҷи шахсони воқеӣ, воситаҳои нақлиёт, зарфҳои боркашӣ, тамғаҳои гумрукӣ, мӯҳру дигар воситаҳои ҳаммонандсозии мол бо мақсади назорати гумрукӣ аст, ки аз тарафи шахсони мансабдори мақомоти гумрук сурат мегирад, ба шарте, ки чунин азназаргузаронӣ ба кушодани дари

воситаҳои нақлиёт ё баровардани онҳо ва осеб дидани борҷомаи мол алоқаманд набошад.
2. Дар минтақаи назорати гумрукӣ азназаргузаронии гумрукии молу воситаҳои нақлиёт мумкин аст дар ғайби декларант ва дигар шахсони ваколатдори молу воситаҳои нақлиёт ва намояндагони онҳо сурат гирад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки агар шахсони зикргардида хоҳиши ҳангоми муоинаи гумрукӣ иштирок карданро дошта бошанд.
3. Агар дар рафти азназаргузаронии гумрукии молу воситаҳои нақлиёт маълум гардад, ки миқдори мол ҳангоми декларатсиякунонӣ нодуруст нишон дода шудааст, мақоми гумрук миқдори молро барои мақсадҳои гумрукӣ мустақилона муайян мекунад.
4. Аз натиҷаи азназаргузаронии гумрукии молу воситаҳои нақлиёт, агар натиҷаи чунин азназаргузаронӣ дар оянда зарур бошад, шахсони мансабдори мақомоти гумрук тибқи намунаи тасдиқнамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ санад тартиб медиҳанд. Бо талаби шахси ваколатдори мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт шахсони мансабдори мақомоти гумрук вазифадоранд санад тартиб диҳанд ё дар ҳуҷҷатҳои нақлиётии (боркашонии) дар дасти ин шахс буда дар бораи азназаргузаронии гумрукии молу воситаҳои нақлиёт сабт гузоранд. Нусхаи дуюми санади азназаргузаронии гумрукӣ ба шахси ваколатдори мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт супорида мешавад.

**Моддаи 413. Муоинаи гумрукии молу воситаҳои нақлиёт**

1. Муоинаи гумрукӣ, яъне аз тарафи шахсони мансабдори ваколатдори мақоми гумрукӣ барои азназаргузаронии молу воситаҳои нақлиёт бо кушодани тамға, мӯҳр ва дигар воситаи ҳаммонандсозии амвол, кушодани борҷомаи мол ё боргоҳи воситаи нақлиёт ё зарфу контейнерҳо ва дигар ҷойҳо, ки дар онҳо мол ҳаст ё буданаш мумкин аст, гузаронида мешавад.
Муоинаи гумрукии мол баъди қабули декларатсияи гумрукии мол гузаронида мешавад. То қабули декларатсияи гумрукии моле, ки ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда мешавад, муоинаи гумрукӣ бо мақсади ҳаммонандсозии мол барои мақсадҳои гумрукӣ ё ҳангоми будани маълумот доир ба вайронкунии қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати муоинаи чунин маълумот, инчунин барои назорати гумрукӣ дар асоси тафтиши интихобӣ гузаронида мешавад (Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 № 1298, аз 30.05.2017 № 1421).
2. Шахси мансабдори ваколатдори мақоми гумрук барои муоинаи гумрукӣ қарор қабул карда, декларант ё дигар шахси ваколатдори мол ва (ё) воситаҳои нақлиётро, агар ӯ маълум бошад, дар ин бора хабардор мекунад. Ҳангоми муоинаи гумрукии молу воситаҳои нақлиёт шахсони зикршуда иштирок карда метавонанд ва бо талаби шахсони мансабдори ваколатдори мақомоти гумрук бошад, шахсони зикргардида ё намояндаҳои онҳо вазифадоранд иштирок намоянд. Ҳангоми набудани намоянда, ки интиқолдиҳанда махсус ваколатдор намудааст, чунин шахси воқеии идоракунандаи воситаи нақлиёт мебошад.

3. Ҳангоми набудани декларант ё дигар шахсҳои нисбати мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт ваколатдор ва намояндаҳои онҳо мақоми гумрук ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои зерин муоинаи гумрукӣ гузаронад:

1) дар сурати наомадани шахсони мазкур баъди гузаштани мӯҳлати дар қисми 1 моддаи 129 ҳамин Кодекс муайяншуда;

2) ҷой доштани таҳдид ба бехатарии давлатӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳаёт ва саломатии инсон, ҳайвонот, наботот, муҳити табиии зист, ҳифзи арзишҳои маданӣ ва дигар ҳолатҳое, ки таъхирнопазир аст (аз ҷумла нишонаҳое, ки ба моддаи оташангез, ашёи дорои хатари таркиш, тарканда, заҳролудкунанда, моддаҳои химиявию биологии хатарнок, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, зудтаъсиркунанда, заҳролуд, заҳрнок, моддаҳои радиоактивӣ, маводи ядроӣ ва дигар моли шабеҳ ки аз бадбӯй будани мол далолат мекунанд);

3) таҳвили мол тавассути почтаи байналмилалӣ (боби 38);

4) дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоштани молу воситаҳои нақлиёт бо вайрон кардани низоми гумрукии аз ин ҳудуд баровардани молу воситаҳои нақлиёт (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

Молу воситаҳои нақлиёт дар ҳолатҳои зикршуда бо иштироки шахсони холис мавриди муоинаи гумрукӣ қарор мегиранд.

4. Агар як қисми моле, ки дар декларатсияи гумрукӣ чун моли як номгӯй аз муоинаи гумрукӣ гузашта бошад, натиҷаи чунин муоина ба ҳамаи чунин моли дар декларатсияи гумрукӣ қайдшуда дахл мекунад. Агар, декларант ё дигар шахсони нисбати мол ваколатдор чунин шуморанд, ки натиҷаи муоина ҳамаи молро фаро нагирифтааст, онҳо ҳуқуқ доранд гузаронидани муоинаи гумрукии иловагии қисми боқимондаи молро талаб намоянд.

5. Агар дар рафти муоинаи гумрукии молу воситаҳои нақлиёт далели нодуруст нишон додани миқдори мол ҳангоми декларатсиякунони муқаррар карда шавад, мақоми гумрук миқдори молро барои мақсадҳои гумрукӣ мустақилона муайян мекунад.

6. Тибқи натиҷаи муоинаи гумрукӣ ду нусха санад тартиб дода мешавад. Дар санади гузаронидани муоинаи гумрукӣ маълумоти зерин нишон дода мешавад:

1) маълумот дар бораи шахсони мансабдори мақомоти гумрук, ки муоинаи гумрукӣ гузаронидаанд ва шахсоне, ки дар муоинаи гумрукӣ иштирок доштанд;

2) сабабҳои гузаронидани муоинаи гумрукӣ бе иштироки декларант ё дигар шахси нисбати молу воситаҳои нақлиёт ваколатдор;

3) натиҷаи муоинаи гумрукӣ.

Намуди санад аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ тасдиқ карда мешавад.

Нусхаи дуюми санад ба шахси нисбати мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт ваколатдор ё ба намояндаи мол супорида мешавад, ба шарте, ки ӯ аниқ карда шуда бошад.

**Моддаи 414. Муоинаи шахс**

1. Муоинаи шахс ҳамчун шакли истисноии назорати гумрукӣ бо қарори сардори мақоми гумрук ё шахси ивазкунандаи ӯ ҳангоми мавҷуд будани далели кофи барои гумонбар шудан ба он, ки шахси воқеии аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаранда ё дар минтақаи назорати гумрукӣ ё дар минтақаи транзитии фурудгоҳи кушодаи байналмилалӣ қарордошта моли барои воридот ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва содирот аз ин ҳудуд манъбударо ё интиқоли онро бо вайрон кардани тартиботи дар ҳамин Кодекс муқарраршуда пинҳон карда, онро ихтиёран намедиҳад, иҷозат дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

Қарори муоинаи шахс аз тарафи сардори мақоми гумрук ё шахси ивазкунандаи ӯ бо гузоштани амри хаттӣ ба гузориши шахси мансабдори мақомоти гумрук қабул карда мешавад.

2. Шахси мансабдори мақоми гумрук вазифадор аст, ки шахси воқеиро қабл аз шурӯи муоинаи шахси бо қарори муоина шудани шахс, ҳуқуқу вазифаҳояш ҳангоми муоина шинос карда, таклиф намояд, ки моли пинҳонкардаашро ихтиёран супорад.

Далели шиносоии шахси воқеи бо қарори муоина шудани ӯ бо роҳи аз тарафи шахси мазкур гузоштани сабти дахлдор дар ин қарор тасдиқ карда мешавад. Дар сурати аз чунин амал даст кашидан дар ин бора дар қарори муоина шудани шахс сабт гузошта мешавад ва бо имзои шахси мансабдори мақомоти гумрук, ки оид ба муоинаи шахс қарор қабул кардааст, тасдиқ карда мешавад.

3. Шахс аз тарафи шахсони мансабдори мақомоти гумрукӣ, ки бо ӯ ҳамҷинс мебошанд, дар ҳузури ду шахси холиси ҳамҷинсаш дар бинои алоҳидае, ки ба талаботи санитарию гигиенӣ мувофиқ аст, муоина карда мешавад.

Ба ин бино даромадани шахсони воқеии дигар ва рафти муоинаи шахсро мушоҳида кардани онҳо манъ аст. Тани шахси муоинашавандаро бояд танҳо корманди тиб ташхис намояд ва ӯ ҳуқуқ надорад, ки аз иҷрои қарори сардори мақомоти гумрук ё шахси вайро ивазкунанда оид ба муоинаи шахс саркаши кунад.

Ҳангоми муоинаи шахсони ноболиғ ва ғайри қобили амал, намояндагони қонунии онҳо (падар ё модар, падархонд, сарпараст, парастор,) ё шахсони ӯро ҳамроҳикунанда ҳуқуқӣ иштирок доранд.

4. Шахс бояд боодобона муоина шуда, ба иззати нафси ӯ нарасанд, ба саломатӣ ва моли шахси муоинашаванда дар сатҳи зарурии барои ёфтани моли аз тарафи шахси воқеӣ пинҳонкардашуда зарари ғайриқонунӣ расонида нашавад.

5. Шахс (намояндаи қонунии вай) дар рафти муоина вазифадор аст талаботи қонунии шахси мансабдори муоинакунандаи мақоми гумрукро иҷро намояд ва ӯ ҳуқуқ дорад:

1) талаб намояд, ки қарори сардори мақоми гумрук ё шахси ивазкунандаи ӯро дар бобати муоина шуданаш нишон диҳанд;

2) бо ҳуқуқу ӯҳдадориҳои худ шинос шавад;

3) баёнот диҳад, дархост пешниҳод кунад;

4) баъди тартиб додани санади муоина бо он шинос шавад ва изҳорот диҳад, он бояд ба ин санад дохил карда шавад;
5) аз забони модарӣ ё хизмати тарҷумон истифода намояд;
6) мутобиқи ҳамин Кодекс баъди анҷом ёфтани муоинаи шахс ба шарте, ки ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худро ҳангоми муоина шуданаш поймолшуда ҳисобад, метавонад аз амали шахсони мансабдори мақомоти гумрук шикоят намояд.
6. Оид ба муоинаи шахс аз рӯи намунаи аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ тасдиқгардида ду нусха санад тартиб дода мешавад.
Санадро шахси мансабдори мақоми гумрук, ки шахсро муоина кардааст, шахси воқеие (намояндаи қонунии ӯ), ки нисбати вай муоина гузаронида шудааст, шахсони холис ва агар ташхиси бадан гузаронида шуда бошад, корманди тиббӣ имзо мекунад. Нусхаи дуюми санад ба шахсе, ки мавриди муоина қарор гирифтааст (намояндаи қонунии ӯ), супорида мешавад.
**Моддаи 415. Тафтиши маркировкаи мол бо маркаҳои махсус, дар онҳо мавҷуд будани нишонаҳои ҳаммонандсозӣ**
1. Мақомоти гумрук маркаҳои махсус доштани мол ё борҷомаи он, воситаҳои ҳаммонандсозӣ ё дигар усулҳои ишорагузории молро, ки барои тасдиқи воридоти расмии он ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд, тафтиш мекунанд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
2. Агар моли дар қисми якуми ҳамин модда зикршуда маркаҳои махсус, воситаҳои ҳаммонандсозӣ ё усулҳои дигари нишонагузорӣ надошта бошад, ин гуна далел ҳамчун ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бе расмиёти гумрукӣ ва иҷозати мол барои муомилот овардани мол ҳисоб меёбад, ба шарте агар шахси дорандаи чунин мол акси ин ҳолатро исбот накунад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
**Моддаи 416. Азназаргузаронии бино ва ҳудуди он**
1. Бино ва ҳудуди он бо мақсади тасдиқи мавҷудияти молу воситаҳои нақлиёти таҳти назорати гумрукӣ буда, аз ҷумла шартан иҷозатдодашуда дар анборҳои нигоҳдории муваққатӣ, анборҳои гумрукӣ, анборҳои озод, дар биноҳои мағозаи савдои бебоҷ инчунин дар дасти шахсоне, ки бояд мол мутобиқи шартҳои расмиёти гумрукӣ ё низоми гумрукии пешбининамудаи ҳамин Кодекс бошад, мавриди азназаргузарони қарор мегиранд. Бино ва ҳудуди он ҳангоми будани маълумот оид ба талафи мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт, бегона ё истифода намудан бо дигар мақсад ё бо вайрон кардани талабот ва шартҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс барои санҷиши чунин маълумот, инчунин дар асоси тафтиши интихоби тафтиш карда мешавад.
2. Бино ва ҳудуди дар қисми 1 ҳамин модда нишондоданашуда аз ҷониби мақомоти гумрук дар нуқтаи гузаргоҳи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар минтақаҳои назорати гумрукӣ, ки қад - қади сарҳади гумрукӣ ташкил ёфтаанд, инчунин шахсонеро, ки моли овардаашонро ба таври чакана ё яклухт савдо мекунанд, дар сурати расидани маълумот дар мавриди дар бино ё ҳудуди таҳти ихтиёрдории ин шахсон мавҷуд будани

молу воситаҳои нақлиёте, ки ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вайрон кардани тартиби пешбининамудан ҳамин Кодекс оварда шудаанд ва барои тафтиши чунин маълумот аз назар гузаронида мешаванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
3. Азназаргузаронии биноҳои истиқомати иҷозатдода намешавад.
4. Бино ва ҳудуди он бо нишон додани амрномаи аз тарафи сардори мақоми гумрук ё шахси ӯро ивазкунанда имзошуда ва шаҳодатномаи хизматӣ аз назар гузаронида мешавад. Номгӯи шахсони мансабдори мақомоти гумрук, ки ба ин биною ҳудуд ҳуқуқӣ даромадан доранд, инчунин намунаи амрнома аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян карда мешавад. Агар қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигари дастрасии шахсони ваколатдори мақомоти давлатиро ба объектҳои алоҳида муқаррар карда бошад, шахсони ваколатдори мақомоти гумрук хукуқ доранд ба объектҳои зикргардида бо тартиби муайянкардаи ин санадҳои ҳуқуқӣ ворид шаванд.
5. Ҳангоми роҳ надодани шахсони мансабдори мақоми гумрук ба бино ва ҳудуди он, шахсони мазкур ҳуқуқ доранд бо рафъ намудани муқовимат ва кушодани дари бинои махкам дар ҳузури ду шахси холис ба бино дароянд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигари ба объектҳои алоҳида ворид шудани шахсони мансабдори мақомоти давлатиро муқаррар кардааст. Мақомоти гумрук прокурорро аз ҳамаи ҳолатҳои воридшавӣ ба биною ҳудуди он бо рафъи муқовимат, кушодани дари биноҳои маҳкам дар давоми 24 соат огоҳ менамоянд.
6. Бино ва ҳудуди он бояд дар муддати кӯтоҳтарин аз назар гузаронида шавад ва он бояд аз 24 соат зиёд набошад.
7. Оид ба натиҷаи азназаргузарони тибқи намунае, ки мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ тасдиқ мекунад, санад тартиб дода мешавад. Нусхаи дуюми санади мазкур ба дасти шахсе, ки бино ё ҳудуди он аз назар гузаронда шудааст, супурда мешавад.

**Моддаи 417. Санҷиши гумрукӣ**

(Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845)

1. Мақомоти гумрук санҷиши гумрукии декларантҳо ва шахсони дигари анҷомдиҳандаи фаъолиятеро, ки назорати он ба зиммаи мақомоти гумрук аст, дар сурати вуҷуд доштани асоси кофӣ барои гумони аз ҷониби чунин шахсон риоя накардани қонунгузории гумрукӣ мегузаронанд.
2. Санҷиши гумрукиро мақомоти гумрук метавонанд нисбат ба шахсони зерин гузаронанд:
1) декларантҳо ва шахсоне, ки дар моддаи 15 ҳамин Кодекс пешбинӣ шудаанд, - агар дар натиҷаи татбиқи намудҳои дигари назорати гумрукии пешбининамудаи ҳамин боб маълумоте ошкор шуда бошад, ки аз беэътимодии маълумоти ҳангоми барасмиятдарории гумрукии пешниҳодшуда ё аз истифода ва ихтиёрдории мол бо риоя накардани талабот ва маҳдудиятҳои муқарраршуда шаҳодат диҳанд;
2) брокерҳои гумрукӣ (намояндагон), соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ, соҳибони анборҳои гумрукӣ, соҳибони анборҳои озод, соҳибони

мағозаҳои савдои бебоҷ, танзимгари ваколатдори иқтисодӣ ва боркашонҳои гумрукӣ - ҳангоми ошкор шудани маълумоте, ки дар бораи вайрон кардани баҳисобгирии молҳои аз сарҳади гумрукӣ интиқолшаванда ва ҳисобот дар бораи онҳо ё риоя накардани дигар талаботу шартҳои фаъолияти навъи дахлдори муқарраркардаи ҳамин Кодекс шаҳодат медиҳад (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678);
3) шахсоне, ки моли воридкардаашонро ба таври чакана ё яклухт савдо мекунанд - ҳангоми ошкор шудани маълумоти гувоҳидиҳандаи он, ки молҳо ба ҳудуди гумрукӣ бо халалдор шудани талаботу шартҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ворид гаштаанд ва ин боиси вайрон шудани тартиби супоридани боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо ё риоя накардани мамнӯияту маҳдудиятҳои мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда гардидааст (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
3. Санҷиши гумрукӣ аз анҷом додани санҷиши далели ҷойгиркунонии молҳо таҳти низоми гумрукии муайян ё таҳти расмиёти гумрукӣ, риояи талаботу шартҳои истифодаи молҳо дар низоми гумрукӣ ё расмиёти гумрукии марбута, инчунин ҳаққонияти маълумоти дар декларатсияи гумрукӣ ва ҳуҷҷатҳои дигари зимни барасмиятдарории гумрукӣ пешниҳодшаванда нишондодашуда тавассути муқоисаи ин маълумот бо маълумотҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии муҳосибӣ, бо ҳисобҳо, бо иттилооти дигари шахсони дар ҳамин модда зикргардида иборат аст. Ҳангоми гузаронидани санҷиши гумрукӣ амалиёти дигари назорати гумрукӣ метавонанд истифода гарданд. Тибқи зарурат санҷиши гумрукӣ метавонад аз ҷониби мақомоти гумрук бо ҷалби мақомоти дигари давлатӣ гузаронида шавад.
4. Санҷишҳои гумрукӣ метавонанд нақшавӣ ва ғайринақшавӣ бошанд. Санҷиши гумрукии нақшавӣ санҷишест, ки ба нақшаи даврии фаъолияти назоратии мақоми гумрук ворид карда шудааст. Санҷишҳои дигари гумрукӣ санҷишҳои ғайринақшавӣ мебошанд. Вобаста ба мақсаднокӣ ва ҷойи гузарониданашон санҷишҳои гумрукӣ метавонанд маҷмӯӣ, мавзӯъӣ, камералӣ ва сайёр бошанд, ки хусусиятҳои гузаронидanaшонро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ тибқи ҳамин Кодекс муайян менамояд.
5. Санҷиши гумрукӣ дар асоси дастури сардори мақоми гумрук ё муовини ваколатдори ӯ гузаронида мешавад. Дар дастур номгӯи мақоми гумруке, ки санҷишро мегузаронад, номгӯи шахси ҳуқуқӣ ё насаб, ном, номи падари шахсоне, ки нисбаташон санҷиши гумрукӣ гузаронида мешавад, насаб ва сарҳарфҳои ном ва номи падари санҷишгарон, вазифаи онҳо, мавзӯи (масъалаҳои) санҷиши гумрукӣ ва мӯҳлати гузаронидани он қайд карда мешаванд.
6. Мақомоти гумрук дар давоми панҷ рӯзи корӣ қабл аз оғози санҷиш ба таври хаттӣ шахси санҷидашавандаро аз гузаронидани санҷиши гумрукӣ огоҳ менамояд. Қабл аз гузаронидани санҷиши гумрукӣ шахсони мансабдори мақоми гумруке, ки чунин санҷиши гумрукиро мегузаронад, вазифадоранд ба роҳбари шахси ҳуқуқии (намояндагӣ ва филиалҳо) санҷидашаванда, дар вақти ҳозир набуданаш - ба намояндаи шахси ҳуқуқӣ (намояндагӣ ва

филиалҳо) ё ба шахсони дигари санҷидашаванда, дар вақти ҳозир набуданашон - ба намояндагони қонунии онҳо шаҳодатномаи хизматӣ ва дастур дар хусуси гузаронидани санҷиши гумрукиро нишон диҳанд, инчунин маълумоти зарурииро ба китоби баҳисобгирии санҷишҳо (ревизияҳо) сабт намоянд (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).
7. Мӯҳлати гузаронидани санҷиши гумрукӣ набояд аз сӣ рӯзи тақвимӣ зиёд бошад. Мӯҳлати мазкур метавонад аз ҷониби сардори мақоми гумрук ё муовини ваколатдори ӯ то сӣ рӯзи дигар тамдид гардад. Тамдиди мӯҳлати гузаронидани санҷиши гумрукӣ бо тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ сурат мегирад. Гузаронидани санҷиши гумрукӣ метавонад вобаста ба фосилаҳои вақте, ки байни ба шахс изҳор намудани талаботи мақоми гумрук оид ба пешниҳод намудани ҳуҷҷату маълумотҳо ва пешниҳоди ҳуҷҷату маълумотҳои мазкур, инчунин барои бо дархости мақоми гумрук дастрас кардани маълумоту ҳуҷҷатҳои дигар сарф шудааст, бо қарори сардори мақоми гумрук ё муовини ваколатдори ӯ боздошта шавад. Давраи танаффусҳо дар гузаронидани санҷиши гумрукӣ ба мӯҳлати умумии гузаронидани санҷиши гумрукӣ дохил намешавад.
8. Ҳангоми гузаронидани санҷиши гумрукӣ мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд:
1) пешниҳоди ройгони ҳама гуна ҳуҷҷату маълумотро (ҳамчунин ҳуҷҷатҳои бонкиро), аз ҷумла дар шакли ҳуҷҷатҳои электронӣ, ки ба гузаронидани амалиёти истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ё ғайра бо молҳои тавассути сарҳади гумруки интиқолёбанда тааллуқ доранд, талаб намоянд ва бо онҳо шинос гарданд;
2) дар доираи салоҳияти худ ба хазина ва манбаъҳои маълумотии системаҳои автоматикунонидашудаи иттилоотии шахси санҷидашаванда бо назардошти талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи иттилоот роҳ ёбанд;
3) бино ва ҳудуди шахси санҷидашавандаро аз назар гузаронанд, инчунин азназаргузаронии гумрукӣ ва муоинаи гумрукиро мувофиқи талаботи ҳамин Кодекс дар ҳузури намояндагони ваколатдори шахси санҷидашаванда анҷом диҳанд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
4) гузаронидани ҳисобрасии молҳоро бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намоянд, инчунин санҷиши дурустии гузаронидани онҳоро анҷом диҳанд;
5) ҳуҷҷатҳо ва иқтибос аз онҳоро, ки бо имзои шахси мансабдори ваколатдор ва мӯҳри шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ тасдиқ гардидаанд, аз шахсони санҷидашаванда талаб намоянд;
6) баёноти хаттиро аз шахсони мансабдори шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ ва шахсони дигари санҷидашаванда аз рӯи масъалаҳое, ки дар рафти гузаронидани санҷиши гумрукӣ пайдо мешаванд, талаб намоянд;
7) биноҳоро мӯҳри манъи истифода зананд;
8) ҳуҷҷатҳоеро, ки аз содир гаштани ҳуқуқвайронкунӣ шаҳодат медиҳанд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ситонанд. Зимнан шахсони санҷишгар ҳуқуқи нусхабардорӣ кардани ҳуҷҷатҳои ситонидашударо доранд;
9) мутобиқи моддаи 418 ҳамин Кодекс молҳоро ситонанд ё ба ҳабс гиранд;

10) амалҳои дигари пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро анҷом диҳанд.
9. Мӯҳри манъи истифода задан ба биноҳо ва ситонидани ҳуҷҷатҳое, ки аз содир гаштани ҳуқуқвайронкунӣ шаҳодат медиҳанд, дар мавридҳои истисноӣ, дар сурате ки наандешидани тадбирҳои мазкур боиси пинҳон мондани ҳуқуқвайронкунӣ мегардад, анҷом дода мешаванд.
10. Барои мақсадҳои гузаронидани санҷиши гумрукӣ мақомоти гумрук метавонанд натиҷаҳои ҳисобрасии молҳоро, ки шахси дорои ваколат нисбати молҳо ё дорои масъулияти нигаҳдории чунин молҳо ё мақомоти назоратӣ гузаронидааст, хулосаҳои аудиторӣ, инчунин санаду хулосаҳоеро, ки мақомоти давлатӣ таҳия кардаанд, истифода намоянд.
11.Натиҷаҳои гузаронидани санҷиши гумрукӣ бо санаде ба расмият даровард мешаванд, ки шакли онро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар кардааст. Санади санҷиши гумрукӣ дар давоми 10 рӯз пас аз ба анҷом расидани санҷиши гумрукӣ дар на камтар аз ду нусха тартиб дода мешавад.
12. Дар санади санҷиши гумрукӣ бо назардошти хусусиятҳои гузаронидани намудҳои алоҳидаи санҷишҳои гумрукӣ бояд инҳо дарҷ ёбанд:
1) асоси таъин шудани санҷиши гумрукӣ, сана ва рақами дастур барои гузаронидани он, вазифаҳо, насаб ва сарҳарфҳои ном ва номи падари шахсоне, ки санҷишро гузаронидаанд;
2) санаи оғоз ва анҷоми санҷиши гумрукӣ (дар мавриди ҷо доштани танаффусҳо фосилаи онҳо нишон дода мешавад), инчунин макони тартиб дода шудани санади санҷиши гумрукӣ;
3) вазифаҳо, насаб ва сарҳарфҳои ном ва номи падари кормандони шахси санҷидашаванда, ки вазифадоранд санади санҷиши гумрукиро имзо намоянд, бо зикри ҳатмии давраи кориашон дар вазифаҳои ишғолнамуда, насаб ва сарҳарфи ном ва номи падари роҳбари шахси ҳуқуқӣ (намояндагӣ ва филиалҳо) ва шахси ба зиммааш вазифаҳои сармуҳосиби (муҳосиби калон бо ҳуқуқҳои сармуҳосиби) шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродии санҷидашаванда, ки мансабҳои зикршударо дар давраи санҷишӣ ишғол менамуданд, инчунин шахсони дигаре, ки ба санҷиши гумрукӣ ҷалб гардидаанд;
4) номгӯ, макони воқеъшавӣ ва тобеияти шахси ҳуқуқӣ, насаб, ном ва номи падар, ҷойи истиқомати соҳибкори инфиродии санҷидашаванда, рақами инфиродии андозсупорандаи онҳо, рақами суратҳисобҳои ҷорӣ бо зикри бонкҳо ва (ё) ташкилотҳои қарздиҳию молиявии ғайрибонкие, ки дар онҳо ҳисобҳои мазкур кушода шудаанд (дар сурати мавҷуд буданашон);
5) мавҷуд будани китоби баҳисобгирии санҷишҳо (ревизияҳо), инчунин иттилоъ дар хусуси навиштаҷоти дар он сабтшуда оид ба санҷиши гумрукии мазкур;
6) кӣ ва кай санҷишҳои гумрукиро дар давраи санҷишӣ бо худи ҳамон мавзӯъ қаблан гузаронидааст, чӣ гуна тадбирҳо вобаста ба далелҳои ошкоршудаи қонуншиканӣ андешида шудаанд;

7) кадом амалиёти (ҳуҷҷатҳои) молиявию хоҷагидорӣ, бо кадом усул ва мансуб ба кадом давра санҷида шудаанд;
8) макон, замон (агар он муқаррар карда шуда бошад) ва хусусияти ҳуқуқвайронкунии содиршуда, санадҳои қонунгузорие, ки талаботашон вайрон карда шудааст;
9) андозаи зарари расонидашуда (агар он мавҷуд бошад) ва оқибатҳои дигари ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоршуда;
10) маълумоти пешбининамудаи қисми 8 моддаи 418 ҳамин Кодекс;
11) маълумоти дигаре, ки барои баррасии мавод оид ба натиҷаҳои санҷиши гумрукӣ ва қабули қарорҳо аз рӯи онҳо зарур аст.
13. Дар санади санҷиши гумрукӣ бояд дарҷи воқеӣ, амиқ ва дақиқи далелҳои ошкоршуда риоя гардад. Ба санади санҷиши гумрукӣ ворид кардани гумону тахмин ва маълумоти тасдиқнашуда дар бораи фаъолияти шахси санҷидашаванда мумкин нест. Ҳангоми гузаронидани санҷиши гумрукӣ шахсони мансабдори мақоми гумрук вазифадоранд, ки ҳама гуна далелу ҳолатҳои барои қабули қарори асоснок аҳамияти ҷиддӣ доштаро маълум намоянд.
14. Санади санҷиши гумрукӣ аз ҷониби шахсони мансабдори мақоми гумрук, ки санҷиши гумрукиро гузаронидаанд, ба имзо мерасад. Роҳбари шахси ҳуқуқӣ (намояндагӣ ва филиалҳо), дар вақти ҳозир набудани вай -намояндаи қонунии шахси ҳуқуқӣ (намояндагӣ ва филиалҳо) ё соҳибкори инфиродӣ, дар вақти ҳозир набудани он - намояндаи қонунии соҳибкори инфиродӣ, инчунин шахсе, ки вазифаҳои сармуҳосиби (муҳосиби калон бо ҳуқуқҳои сармуҳосиби) шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродии санҷидашавандаро ба зимма дорад, вазифадоранд санади санҷиши гумрукиро имзо намоянд. Дар ҳолати саркашӣ кардани шахсони дар ҳамин қисм зикргардида аз имзо кардани санади санҷиши гумрукӣ, дар он навиштаҷоти дахлдор сабт карда мешавад. Пас аз ба имзо расидани санади санҷиши гумрукӣ ё дар ин санад сабт кардани навиштаҷот дар хусуси аз имзо саркашӣ кардани он, нусхаи дуюми ин санад ба шахсе, ки дар ҳамин қисм зикр гардидааст, супорида мешавад. Дар ҳолати саркашӣ кардан аз гирифтани санади санҷиши гумрукӣ, дар он навиштаҷоти дахлдор сабт гардида, нусхаи дуюми санади мазкур ба унвони шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродии санҷидашуда равон карда мешавад.
15. Дар ҳолати вуҷуд доштани раддия нисбат ба санади санҷиши гумрукӣ шахсони онро имзокунанда пеш аз имзо навиштаҷоти дахлдорро дар ин хусус сабт менамоянд ва на дертар аз сӣ рӯзи тақвимӣ аз рӯзи ба имзо расидани санад раддияи худро вобаста ба мазмуни он ба таври хаттӣ ба мақоми гумруке, ки санҷиши гумрукиро таъин намудааст, пешниҳод мекунанд. Пас аз гузаштани ин мӯҳлат раддияҳо барои баррасӣ қабул карда намешаванд.
16. Асоснокии ваҷҳе, ки дар раддия изҳор шудааст, аз ҷониби шахсони мансабдори санҷиши гумрукиро анҷомдодаи мақоми гумрук санҷида мешавад ва дар ин хусус хулосаи хаттие тартиб дода мешавад, ки бо он

шахсони бо тартиби муқарраршуда пешниҳоднамудаи раддия бо санади санҷиши гумрукӣ бояд шинос карда шаванд.
17. Дар ҳолати ошкор шудани аломатҳои ҷиноят ё ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби шахсони мансабдори мақоми гумрук, ки санҷишро мегузаронанд, то анҷоми санҷиши гумрукӣ санади фосилавии алоҳида тартиб дода мешавад. Дар асоси санади фосилавӣ мақомоти гумрук мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ амал менамоянд. Далелҳои дар санади фосилавӣ нишондодашуда ба санади санҷиши гумрукӣ, ки пас аз анҷоми санҷиши гумрукӣ тартиб дода мешавад, ворид карда мешаванд. Тарзи таҳия кардан, ба имзо расонидан ва супоридани санади фосилавӣ бо ҳамон тартибест, ки барои санади санҷиши гумрукӣ муқаррар шудааст.
18. Қарорро дар шакли фармоиш аз рӯи санади санҷиши гумрукӣ сардори мақоми гумрук ё муовини ваколатдори ӯ дар доираи салоҳияташон, ки ҳамин Кодекс муайян намудааст, дар мӯҳлати на дертар аз сӣ рӯзи тақвимӣ аз рӯзи гирифтани маводҳои санҷиши гумрукӣ қабул мекунанд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845, аз 24.12.2022 № 1932).

**Моддаи 418. Ба ҳабс гирифтан ё ситонидани амвол ҳангоми санҷиши гумрукӣ**

(Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845)

1. Ҳангоми санҷиши гумруки мол дар ҳолатҳои зерин ба ҳабс гирифта мешавад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845):
1) ҳангоми ошкор намудани моле, ки маркаи махсус, воситаҳои ҳаммонандсозӣ, ё тарзҳои дигари нишонагузорӣ надорад аз чунин нишонагузориро ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқи он, ки мол бо роҳи қонуни ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудааст, пешбини намудаанд ё онҳо дорои маркаю нишонаҳои қалбакӣ мебошанд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
2) дар ҳуҷҷатҳои тиҷоратии шахси санҷидашаванда маълумот оид ба иҷозати мол аз тарафи мақомоти гумрук қайд нашуда бошад, ба шарте ки мутобиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ишора шудани чунин маълумот дар ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ ҳангоми муомилоти мол дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ бошад, ҳамчунин ҳангоми ошкор намудани нодурустии ин гуна маълумот ё вуҷуд надоштани ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ, ки дар онҳо чунин маълумот бояд зикр шаванд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845, аз 30.05.2017 № 1421);
3) ошкор намудани далелҳои истифода ва (ё) ихтиёрдории моли шартан барои муомилот иҷозатшуда бо мақсади дигар, нисбати оне, ки онҳо аз пардохти боҷи гумрукию андозҳои воридотӣ қисман ё пурра озод карда шудаанд.
2. Моле, ки нисбаташ ҳабс муқаррар карда шудааст, барои нигоҳ доштан ба соҳибаш ё дигар шахсе, ки нисбати ин мол ваколатдор аст, дода мешавад. Ҷои нигоҳдории чунин мол минтақаи назорати гумрукӣ эълон карда мешавад (моддаи 403).

3. Агар мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон молро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудан ё ба муомилот баровардан мумкин набошад, инчунин ҳангоми будани асоси кофи оид ба эҳтимоли он, ки ҳабси мол барои эҳтиёт кардани он кофи нест, мақомоти гумрук онро меситонанд.
Моли ситонидашуда дар анборҳои муваққатӣ ё дар дигар ҷой, ки минтақаи назорати гумрукӣ мебошад, ҷойгир карда мешавад.
4. Ситонидан ё ба ҳабс гирифтани мол метавонад анҷом дода нашавад. Агар шахси молаш ошкоргардида таъмини супурдани пардохтҳоро, ки метавонад ситонида шавад, пешниҳод намояд, ба истисноי ҳолатҳое, ки воридоти молҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муомилоти онҳо мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст ё нисбати ин молҳо маҳдудияти миқдори муқаррар шудааст, мол метавонад ситонида ё ба ҳабс гирифта нашавад.
Боҷҳои гумрукӣ ва андоз бо мақсади муайян кардани маблағи таъмини пардохти онҳо мутобиқи моддаи 372 ҳамии Кодекс ҳисоб карда мешавад.
5. Мол дар асоси қарори асосноки шахси мансабдори мақомоти гумрук, ки санҷиши гумрукӣ мегузаронад, дар ҳузури соҳиби мол ё намояндаи ӯ, инчунин дар ҳузури ду шахси холис ситонида ё ҳабс карда мешавад. Дар ҳолатҳои зарурӣ барои ситонидан ё ба ҳабс гирифтани мол мутахассис даъват карда мешавад (моддаи 425). Пеш аз ситонидан ё ҳабси мол шахси мансабдори мақомоти гумрук вазифадор аст ба шахсе, ки молаш ситонида ё ҳабс карда мешавад, қарори ситонидан ва ҳабс намудани молро пешниҳод кунад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012  № 845).
6. Оид ба ситонидан ё ҳабс кардани мол протокол тартиб дода мешавад. Дар протокол ё рӯйихати ба он замимагардида моли ситонидашуда ва ё ҳабсшуда номгӯи он, миқдор ва нишонаҳои хоса пурра қайд карда мешавад. Протоколи мазкурро шахси мансабдори мақоми гумрук, ки молро ситонидааст ё ҳабс кардааст ва шахс ё намоянда, ки молаш ситонида ё ҳабс карда мешавад, инчунин шахсони холис имзо мекунанд. Нусхаи протокол ба соҳиби мол ё намояндаи ӯ супурда мешавад.
7. Моли ситонида ё ҳабсшуда, ба истисноי ҳолатҳое, ки он метавонад мавриди мусодира қарор гирад, барои далели шайъи зарур гардад ё аз ҳисоби он боҷи гумрукӣ пардохта шавад, баъди як рӯзи анҷом ёфтани санҷиши гумрукӣ баргардонида ё аз ҳабс озод карда мешавад. Агар дар рафти санҷиш муқаррар нашавад, ки нисбати чунин мол қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вайрон карда нашудааст, он ба соҳибаш баргардонида ё фавран аз ҳабс озод карда мешавад, вале хароҷоти нигоҳдории муваққатии мол аз ҳисоби буҷети давлат пардохта мешавад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012  № 845).
8. Оид ба ихтиёрдории моли ситонидашуда ё ҳабсшуда дар санаде, ки дар он натиҷаи санҷиши гумрукии гузаронидашуда инъикос меёбад, қайд карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012  № 845).
9. Моли ситонида ё ҳабсшудаи талабнашуда баъди ду моҳи ба охир расидани санҷиши гумрукӣ бо тартиби муқаррарнамудаи фасли VI ҳамин Кодекс ихтиёрдори карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012  № 845).
БОБИ 51. ЭКСПЕРТИЗА ВА ТАҲҚИҚ ҲАНГОМИ НАЗОРАТИ ГУМРУКӢ

**Моддаи 419. Муқаррар кардани экспертиза ҳангоми назорати гумрукӣ**

1. Молу воситаҳои нақлиёт ё ҳуҷҷатҳое, ки дар бораи молу воситаҳои нақлиёт ё амалиёти (амали) нисбати онҳо гузаронидашаванда маълумот доранд, дар ҳолатҳое мавриди экспертиза қарор мегиранд, ки дар рафти назорати гумрукӣ барои эзоҳи масъалаҳои пайдошуда маълумоти махсус зарур бошад.

2. Экспертиза аз ҷониби коршиноси лабораторияи гумрукӣ, инчунин дигар ташкилотҳои дахлдор ё дигар коршиносоне, ки мақомоти гумрук таъин мекунад, гузаронида мешавад. Ба сифати коршинос мумкин аст ҳар шахсе, ки барои додани хулоса маълумоти махсус дорад, таъин карда шавад. Барои гузаронидани экспертиза коршинос дар асоси шартнома ҷалб карда мешавад. Ҳангоми таъини экспертиза бо ташаббуси декларант ё дигар шахси манфиатдор шахсони мазкур ҳуқуқ доранд ба мақомоти гумрук номзади коршиносро пешниҳод намоянд.

3. Оид ба таъини экспертиза шахси мансабдори мақоми гумрук бо розигии сардори ин мақомот ё муовини ӯ дар ин бора қарор мебарорад, ки дар он сабаби гузаронидани экспертиза, ному насаби коршинос, номи ташкилоте, ки бояд дар он экспертиза гузаронида шавад, масъалаҳои ба зиммаи коршинос гузошташуда, рӯйихати мавод ва ҳуҷҷатҳои ба ихтиёри коршинос гузошташаванда, мӯҳлати гузаронидани экспертиза ва пешниҳоди хулоса ба мақомоти гумрук қайд карда мешавад.

Дар қарор ҳамчунин дар бораи огоҳонии коршинос оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дидаю дониста додани хулосаи бардурӯғ қайд мешавад.

4. Мӯҳлати экспертиза бояд аз мӯҳлатҳои зерин зиёд набошад:

1) аз мӯҳлати нигоҳдории муваққатӣ (моддаи 103), ба шарте агар мол то гирифтани натиҷаи экспертиза иҷозат дода нашавад;

2) шаш моҳ ба шарте агар экспертиза нисбати воситаҳои нақлиёт анҷом дода шавад;

3) як сол дар дигар ҳолатҳо.

5. Шахси мансабдори мақоми гумрук вазифадор аст декларант ё дигар шахси ваколатдори молро, ба шарте, ки ин шахс аниқ бошад, бо қарори таъин шудани экспертиза шинос намояд ва ҳуқуқҳои дар моддаи 423 ҳамин Кодекс пешбинигардидаро фаҳмонида, дар қарор сабти дахлдор мегузорад, ки онро шахси мазкур ё намояндааш тасдиқ менамояд.

6. Хароҷоти мақомоти гумрук, лабораторияҳои гумрукӣ ва дигар коршиносону ташкилотҳое, ки экспертиза гузаронидаанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки экспертиза бе ташаббуси мақомоти гумрук гузаронида шуда бошад, аз ҳисоби буҷети давлат пардохта мешавад.

**Моддаи 420. Хулосаи коршинос**

1. Коршинос дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда ва бо назардошти натиҷаи онҳо аз номи худ ба таври хатти хулоса пешниҳод мекунад.

2. Дар хулосаи коршинос бояд замон ва макони гузаронидани тадқиқот, аз тарафи ки, дар кадом асос гузаронидани экспертиза, масъалаҳои дар назди коршинос гузошташуда, объекти тадқиқот, маводу ҳуҷҷатҳои ба коршинос пешниҳодшуда, мундариҷа ва натиҷаи тадқиқот, бо нишон додани усулҳои

татбиқшуда, арзёбии натиҷаи тадқиқот, хулосаҳо тибқи масъалаҳои пешниҳодшуда ва асоснокии онҳоро зикр намояд.

Маводу ҳуҷҷатҳое, ки аз хулосаи коршинос ё якчанд коршинос далолат мекунанд, ба хулоса замима мегарданд ва қисми таркиби он мебошанд.

Агар коршинос дар рафти экспертиза ҳолатҳои мавҷудаи муҳимро муайян кунад, ки аз ин хусус дар назди ӯ масъала гузошта нашуда буд, вай ҳуқуқ дорад мулоҳизаҳояшро доир ба ин ҳолатҳо ба хулоса ҳамроҳ кунад.

3. Агар экспертиза бо иштироки якчанд коршинос гузаронида шуда бошад, хулоса аз тарафи ҳамаи онҳо имзо карда мешавад. Агар байни коршиносон мухолифат пайдо шавад, ҳар яки онҳо хулосаашонро алоҳида тартиб медиҳанд.

4. Мақоми гумрук, ки экспертизаро таъин намудаст, ба декларант ё дигар шахсони ваколатдор нисбати мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт, агар ин шахсон аниқ бошанд, нусхаи хулосаи коршинос, маълумоти ӯро оид ба имконпазирии надодани хулоса месупорад.

5. Ҳангоми қабули қарор мақомоти гумрук хулосаи коршиносонро тибқи натиҷаи экспертиза, аз ҷумла экспертизаи бо ташаббуси декларант ё шахси дигари манфиатдор гузаронидашударо барраси менамоянд.

**Моддаи 421. Экспертизаи иловагӣ ва такрорӣ**

1. Ҳангоми нофаҳмо ё номукаммал будани хулоса мумкин аст гузаронидани экспертизаи иловагӣ ба ҳамин коршинос, коршиносӣ дигар ё ташкилот супурда шавад.

2. Дар сурати бо хулосаи коршиноси гумрукӣ аз рӯи экспертизаи аввалия ва (ё) иловагии гумрукӣ розӣ набудани декларант, шахси дигари нисбати мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт ваколатдор ва намояндаҳои онҳо ё мақоми гумруке, ки экспертизаро таъин кардааст, экспертизаи гумрукии такрорӣ гузаронида мешавад. Гузаронидани экспертизаи гумрукии такрорӣ ба комиссияи иборат аз 2 (ду) ва зиёда коршиносон, ба истиснои коршиносе (коршиносоне), ки экспертизаи аввалия ва (ё) иловагиро гузаронидааст (гузаронидаанд), супорида мешавад. Коршиносе (коршиносоне), ки экспертизаи аввалия ва (ё) иловагиро гузаронидааст (гузаронидаанд), метавонад (метавонанд) зимни гузаронидани экспертизаи такрорӣ иштирок намояд (намоянд) ва ба комиссия тавзеҳот диҳад (диҳанд), аммо дар таҳқиқот ва омода намудани хулосаи коршинос иштирок намекунад (намекунанд) (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).

3. Экспертизаи иловагӣ ё такрорӣ мутобиқи моддаҳои 419 ва 420 ҳамин Кодекс таъин карда мешавад.

**Моддаи 422. Ҳуқуқ ва масъулияти коршинос**

1. Коршинос ҳуқуқ дорад:

1) маводи марбут ба экспертизаро дида бароядх;

2) бо розигии мақоми гумрук ба кори экспертиза дигар коршиносонро ҷалб кунад;

3) барои гузаронидани экспертиза маводи иловагии заруриро талаб карда гирад;

4) аз додани хулоса даст кашад, ба шарте ки маводи ба ӯ пешниҳодшуда пурра набошад ё он барои гузаронидани экспертиза дониши зарурӣ надошта бошад. Маълумот дар бораи надодани хулоса ба мақомоти гумрукӣ экспертизаро таъинкарда ба таври хаттӣ пешниҳод карда мешавад;
5) бо иҷозати мақомоти гумрук ҳангоми назорати гумрукӣ дар гузаронидани амалҳои аниқ иштирок намояд.
2. Ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти дар рафти экспертиза ё тайёри бадастовардаи коршинос, ки аз маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ, бонкӣ ва дигар сирри қонунан ҳифзшуда иборат аст, инчунин дигар маълумоти махфиро набояд ошкор кунад, истифода барад ё ба шахсони сеюм диҳад.

**Моддаи 423. Ҳуқуқи декларант, шахси дигари нисбати мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт ваколатдор ва намояндаҳои онҳо ҳангоми таъин кардан ва гузаронидани экспертиза**

1. Ҳангоми таъин кардан ва гузаронидани экспертиза декларант шахси дигари нисбати мол ва ё воситаҳои нақлиёт ваколатдор ва намояндаҳои онҳо ҳуқуқ доранд:
1) ба коршинос раддияи асоснок пешниҳод намоянд;
2) оид ба таъин намудани коршиноси мушаххас дархост пешниҳод кунанд;
3) оид ба гузоштани масъалаҳои иловагӣ дар назди коршинос барои тибқи онҳо хулоса гирифтан дархост пешниҳод кунанд;
4) бо иҷозати мақоми гумрукии экспертизаро таъиннамуда дар он иштирок кунанд ва ба коршинос тавзеҳот диҳанд;
5) чошнӣ ва намунаи молро гиранд (моддаи 424);
6) бо хулосаи коршинос ё ахбори ӯ оид ба надодани хулоса шинос шаванд ва нусхаи чунин хулоса ё ахборро гиранд;
7) оид ба гузаронидани экспертизаи такрорӣ ё иловагӣ дархост пешниҳод кунанд.
2. Ҳангоми қонеъ гардидани дархости декларант, шахси дигари нисбати мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт ваколатдор ё намояндаҳои онҳо, ки экспертизаро таъин намудаанд, шахси мансабдори мақомоти гумрук қарори дахлдор қабул мекунад.
Ҳангоми дархостро қонеъ накардан шахси мансабдори мақомоти гумрук бояд дар ин бора ба шахсе, ки дархост пешниҳод кардааст, ба таври хаттӣ иттилоъи асоснок диҳад.

**Моддаи 424. Чошнӣ ва намуна**

1. Шахси мансабдори мақоми гумрук дар рафти назорати гумруки ҳуқуқ дорад барои тадқиқот аз мол чошнӣ ё намунаи зарурӣ гирад. Оид ба гирифтани чошнӣ ё намунаи дар шакли муайянкардаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ санад тартиб дода мешавад. Нусхаи дуюми санади мазкур бояд ба шахси нисбати мол ваколатдор, агар вай аниқ бошад ё ба намояндаи ӯ супорида шавад.
Дар ҳолатҳои зарурӣ чошнию намуна бо иштироки коршинос ё мутахассис гирифта мешавад.

2. Чошнӣ ё намунаи моли таҳти назорати гумрукӣ бударо декларантҳо, шахсони нисбати мол ваколатдор, намояндаҳои онҳо, шахсони дар қисми 1 моддаи 442 ҳамин Кодекс зикргардида ва кормандони дигар мақомоти давлатӣ, бо иҷозати хаттии мақомоти гумрук гирифта метавонанд.
3. Чошнӣ ё намунаҳо дар ҳаҷми камтарин, ки барои тадқиқоти онҳо заруранд, гирифта мешаванд.
Иҷозати аз мол гирифтани чошни ё намуна аз тарафи шахсони дар қисми 2 ҳамин модда қайдшуда дода мешавад, ба шарте, ки ин амал:
1) назорати гумрукиро душвор нагардонад;
2) тавсифи молро тағйир надиҳад;
3) боиси саркашӣ кардан аз пардохти боҷҳои гумрукию андоз ё риоя накардани мамнӯият ва маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нагардад.
4. Ҳангоми гирифтани чошнӣ ва намунаи мол декларант барои чошнӣ ва намуна декларатсияи гумрукии алоҳида пешниҳод наменамояд, ба шарте агар онҳо дар декларатсияи гумрукии мол қайд шуда бошанд.
Агар чошнӣ ва намуна аз тарафи мақоми гумрук дар мӯҳлати таъиншуда баргардонида нашавад, декларант ҳуқуқ дорад арзиши гумрукии моли декларатсияшавандаро ба андозаи арзиши гумрукии чошнӣ ва намуна кам кунад.
5. Декларантҳо, шахсони нисбати мол ваколатдор, намояндаҳои онҳо ҳуқуқ доранд ҳангоми аз мол чошнӣ ва намуна гирифтани шахсони мансабдори мақомоти гумрук ва кормандони мақомоти дигари давлатӣ иштирок кунанд.
6. Шахсони мансабдори мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд ҳангоми аз мол чошни ё намуна гирифтани кормандони мақомоти дигари давлатӣ, инчунин шахсони дар қисми 2 ҳамин модда зикршуда иштирок намоянд.
7. Декларантҳо ва намояндагони онҳо вазифадоранд ба шахсони мансабдори мақомоти гумрук ҳангоми гирифтани чошнӣ ва намунаи мол ба онҳо ёри расонанд, аз ҷумла аз ҳисоби худашон молро бор кунанд ва фароранд ва дигар амалиёти заруриро нисбати мол иҷро кунанд.
8. Шахсони мансабдори мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд дар ғайби декларантҳо ва намояндагони онҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 3 моддаи 413 ҳамин Кодекс аз мол чошнӣ ё намуна гиранд. Дар чунин ҳолатҳо чошнӣ ё намуна дар ҳузури на камтар аз ду шахси холис гирифта мешавад.
9. Мақомоти гумрук бояд аз натиҷаи тадқиқоти чошнӣ ё намунаи моле, ки аз тарафи мақомоти дигари давлатӣ гирифта шудаанд, хабардор бошанд ва дар ин бора шахсони дар қисми 2 ҳамин модда зикршударо огоҳ намоянд.
10. Тартиби аз мол гирифтани чошнӣ ё намуна, инчунин тартиби тадқиқи онҳо аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ мутобиқи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.
11. Баробари ба охир расидани тадқиқот чошнӣ ё намунаи мол ба соҳибаш баргардонида мешавад, ба истисноҳои ҳолатҳое, ки чунин чошнӣ ва намуна мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд нобуд ё

партов карда шавад, инчунин агар хароҷоти баргардонидани чошнӣ ё намуна аз нархи онҳо бештар бошад.

**Моддаи 425. Иштироки мутахассис ҳангоми гузаронидани назорати гумрукӣ**

1. Ҳангоми зарурат барои иштирок дар иҷрои амалҳои мушаххаси назорати гумрукӣ мумкин аст мутахассиси ба натиҷаи чунин амалҳо манфиатнадоштаи дорои донишу малакаи махсус, ки барои мусоидат ба мақомоти гумрук муҳим аст, махсусан ҳангоми истифодаи воситаҳои техникӣ ҷалб карда шавад.

2. Шахс ба сифати мутахассис дар асоси шартнома ҷалб карда мешавад.

3. Мутахассис ҳуқуқ дорад:

1) бо маводи дахлдори амале, ки бо иштироки ӯ иҷро мегардад, шинос шавад;

2) бо иҷозати шахси мансабдори мақоми гумрук ба иштирокчиёни ин амал саволҳои ба ин амал дахлдорро диҳад;

3) ҳуҷҷатҳоеро, ки тибқи натиҷаи иҷрои амал дар рафти назорати гумрукӣ тартиб дода мешаванд, аз назар гузаронад, пешниҳоду мулоҳизаҳояшро оид ба иҷрои ин амал баён кунад, ки бояд дар чунин ҳуҷҷатҳо қайд карда шаванд.

4. Мутахассис вазифадор аст:

1) дар амале, ки дониши махсусро талаб мекунад, иштирок кунад, оид ба амали пешгирифтааш шарҳу эзоҳот диҳад;

2) иҷро шудани ин амал, мазмун ва натиҷаи онро бо имзои худ тасдиқ кунад.

5. Ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти ҳангоми иҷрои амали назорати гирифтаашро, ки он сирри тиҷоратӣ, бонкӣ ва ё дигар сирри қонунан ҳифзшаванда мебошад, инчунин дигар маълумоти махфиро набояд ошкор кунад, бо мақсади дигар истифода барад ё ба шахси сеюм диҳад.

6. Хароҷоти мақомоти гумрук нисбати ҷалби мутахассис аз ҳисоби буҷети давлатӣ пардохта мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки мутахассис бе дархости мақомоти гумрук ҷалб шуда бошад.

**Моддаи 426. Ҷалби мутахассисони мақомоти дигари давлатӣ барои мусоидат ба назорати гумрукӣ**

1. Мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутахассисони мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ ё мақомоти назораткунандаро барои мусоидат ба назорати гумрукӣ ҷалб намоянд.

2. Хароҷоти вобаста ба ҷалби мутахассисони мақомоти дигари давлатӣ, ба шарте агар кори иҷрокардаи онҳо ба доираи вазифаҳои хизматиашон вобаста набошад, бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда мешавад.

## БОБИ 52. БАҲОДИҲӢ ВА ИДОРАИ ТАВАККАЛ (РИСК)

**Моддаи 427. Мафҳуми умумӣ ва мақсади истифодаи идораи таваккал**

1. Таваккал дараҷаи эҳтимолияти риоя накардани қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки мумкин аст ба давлат зарар орад.

Баҳои таваккал ин мунтазам муайян кардани афзалияти идораи таваккал бо роҳи баҳодиҳӣ ва муқоисаи сатҳи таваккал бо стандарти пешакӣ муайяншуда бошад.
Идораи таваккал ин тарзи истифодаи тадбирҳои пешгирӣ мебошад, ки имконият медиҳанд, усулҳои назорат барои пешакӣ огоҳонидани таваккал муайян карда шаванд.
2. Мақсади истифодаи идораи таваккал чунин аст:
1) таваҷҷӯҳ ба соҳаи таваккали ғайримуқаррарӣ ва самараноктар истифода кардани захираҳои дар ихтиёрдошта;
2) зиёд кардани имконияти ошкор сохтани ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ;
3) барои иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ки қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя мекунанд, муҳайё намудани шароити мусоид ба интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
**Моддаи 428. Категорияҳои таваккал**
Ба категорияҳои таваккал объектҳои зерин дохил мешаванд:
1) намуди мол;
2) рамзи мол мутобиқи Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ;
3) кишвари истеҳсоли мол;
4) кишвари интиқолшавандаи мол;
5) кишвари таъиноти мол;
6) воситаи нақлиёт;
7) арзиши гумрукӣ;
8) хати сайри интиқоли мол;
9) иштирокчии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ;
10) ҳуҷҷатҳое, ки барои барасмиятдарории гумрукӣ пешниҳод карда мешаванд.
**Моддаи 429. Фаъолияти мақомоти гумрук оид ба баҳодиҳӣ ва идораи таваккал**
1. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ҷамъоварӣ, ҷамъбаст, таҳлили маълумоти оморӣ ва фавриро оид ба содир шудани ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ, аз ҷумла - ҳамаи далелҳои ҳуқуқвайронкуниро, ки дар марҳалаи тафтиш қарор доранд, инчунин нисбати онҳо қарори мурофиави қабул шудаанд, анҷом медиҳад.
2. Рӯйхати нишондиҳандаҳои таваккал, меъёри муайян намудан ва татбиқ кардани онҳо аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар карда мешавад.
3. Рӯйхати муқарраргардидаи нишондиҳандаҳои таваккал дар рафти назорати гумрукӣ барои татбиқи усулҳои гуногуни назорати гумрукӣ аз тарафи мақомоти гумрук истифода мешавад ва барои маҳдуд кардани интиқоли мол аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос шуда наметавонад. Рӯйхати мазкур маълумоти махфӣ мебошад.
4. Бо пешниҳоди воҳидҳои минтақавии мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ рӯйхати нишондиҳандаҳои таваккал бо

назардошти вазъи фаврии баамаломада дар ҳамаи давраи амали онҳо метавонад иваз карда шавад.

5. Иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷиро тибқи тартиби муқарарнамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ба дараҷаи таваккали ҳадди ақал ё ҳадди аксар мансуб донистан мумкин аст.

Тартиби мансуб донистани иштирокчиёни фаъолияти иқтисодӣ ба категорияи ҳадди ақал ё ҳадди аксари таваккал ва нисбати онҳо қабул намудани расмиёти алоҳидаи гумрукӣ ва шаклҳои назорати гумрукӣ дар асоси пешниҳоди тартибдодаи воҳидҳои минтақавии мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ, якҷоя бо ташкилотҳои ғайритиҷоратии соҳаи фаъолияти гумрукӣ муқаррар карда мешавад.

## БОБИ 53. МУҚАРРАРОТИ ИЛОВАГИИ МАРБУТ БА НАЗОРАТИ ГУМРУКӢ

### Моддаи 430. Озод кардан аз шаклҳои муайяни назорати гумрукӣ

1. Озод кардан аз татбиқи шаклҳои муайяни назорати гумрукӣ танҳо тибқи ҳамин Кодекс, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

2. Бағоҷи шахсии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилааш муоинаи гумрукӣ карда намешаванд.

3. Бағоҷи шахсии аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилаашон, ки бо онҳо ҳамсафаранд, мавриди муоинаи гумрукӣ қарор намегиранд.

Бағоҷи шахсии аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон агар шахсони мазкур вобаста ба вазифаҳои хизматиашон аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаранд, мавриди муоинаи гумрукӣ қарор намегиранд.

4. Роҳбари мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ё шахси ивазкунандаи ӯ ҳуқуқ дорад шахсони ҷудогона, молу воситаҳои алоҳидаи нақлиётро дар ҳолатҳое, ки он ба таъмини бехатарии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд бошад, аз шаклҳои муайяни назорати гумрукӣ озод намояд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

### Моддаи 431. Маълумот дар бораи шахс

1. Маълумотро дар бораи шахсоне, ки молу воситаҳои нақлиётро аз сарҳади гумрукӣ мегузаронанд, дар бораи шахсоне, ки дар соҳаи гумрук фаъолият доранд (боби 3), мақомоти гумрук ҳангоми назорати гумрукӣ ва барасмиятдарории гумрукии молу воситаҳои нақлиёте, ки аз сарҳади гумрукӣ гузаронида мешаванд, тибқи ҳолатҳо ва тартиби пешбининамудаи ҳамин Кодекс ҷамъ меоваранд.

2. Бо мақсади назорати гумрукӣ ва ситонидани пардохтҳои гумрукӣ, мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин бора маълумот ҷамъоварӣ намоянд, ки иттилооти зайлро дар бар гирад:

1) дар бораи муассисони ташкилот;

2) дар бораи бақайдгирии давлатӣ ба сифати шахси ҳуқуқӣ ё ба сифати соҳибкори инфиродӣ;

3) дар бораи таркиби амволе, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешавад;
4) дар бораи суратҳисобҳои бонкии кушодашуда;
5) дар бораи фаъолияти шахс дар соҳаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ;
6) дар бораи маҳали ҷойгиршавии ташкилот;
7) дар бораи гузаштан аз қайди мақоми андоз ба сифати андозсупоранда ва рақами мушаххаси андозсупоранда;
8) дар бораи қобилияти пардохтпазирии шахсоне, ки ба феҳристи шахсони дар соҳаи фаъолияти гумрук амалкунанда дохил карда шудаанд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845, аз 19.07.2022 № 1906);
9) нисбати шахсони воқеӣ дар бораи маълумоти шахсии шаҳрвандон (ному насаб, шаҳрвандӣ, санаи таваллуд, ҷинс, рақами мушаххаси андозсупоранда (агар бошад), суроғаи ҷои истиқомат), инчунин чанд маротиба аз сарҳади гумрукӣ мол гузарондани онҳо.
3. Шахсони дар қисми 1 ҳамин модда зикршуда ҳуқуқ доранд маълумоти ҳуҷҷаткардаи мақомоти гумрукро дар бораи худ дастрас намоянд ва бо мақсади пурраву боэътимод гардонидани он маълумотро аниқу саҳеҳ кунанд. Мақомоти гумрук ба шахсон маълумоти оид ба онҳо мавҷударо ба таври ройгон медиҳанд.

**Моддаи 432. Истифодаи воситаҳои техникӣ, киштию ҳавопаймоҳо ҳангоми назорати гумрукӣ**

1. Мақомоти гумрук бо мақсади кӯтоҳ кардани вақти назорати гумрукӣ, самаранокӣ ё муносиб гардонидани он метавонанд воситаҳои техникиеро, ки рӯйхаташ аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар карда мешавад, истифода баранд.
Воситаҳои техникии мазкур бояд барои ҳаёт ва саломатии инсон безарар бошанд.
2. Молу воситаҳои нақлиёт дар ҳудуди обҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар маҳалҳои назди сарҳади гумрукӣ бо истифодаи киштиву ҳавопаймоҳои мақомоти гумрук мавриди назорати гумрукӣ қарор мегиранд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).
3. Тартиби истифодаи киштиву ҳавопаймоҳои мақомоти гумрук бо мақсади назорати гумрукӣ мутобиқи ҳамин Кодекс аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 433. Бор кардану фаровардани молу воситаҳои нақлиёт ва дигар амалиёти барои назорати гумрукӣ зарурӣ**

1. Бо талаби мақомоти гумрук декларант, соҳиби анбори нигоҳдории муваққатӣ, соҳиби анбори гумрукӣ, соҳиби анбори озод, брокери гумрукӣ ва дигар шахси нисбати мол ваколатдор вазифадоранд моли таҳти назорати гумрукӣ бударо интиқол диҳанд, баркашида ё шуморида микдорашро аниқ кунанд, бор кунанд ва фароранд, аз як нақлиёт ба дигар нақлиёт бор кунанд, бастабанди осебдидаро ба тартиб биёранд, бастабандро кушоянд, ба бастабанд ҷой кунанд ё аз нав бастабанди кунанд, инчунин дари бино, сарпӯши зарф ва дигар ҷоеро, ки чунин мол мавҷуд ҳаст ва буда метавонад, кушоянд.

2. Интиқолдиҳанда вазифадор аст ба борбардорӣ ва борфарории молу воситаҳои нақлиёте, ки аз сарҳади гумрукӣ мегузаронад, мусоидат намояд.

**Моддаи 434. Ҳаммонандсозии молу воситаҳои нақлиёт**

1. Барои ҳаммонандсозии (идентификатсияи) молу воситаҳои нақлиёти таҳти назорати гумрукӣ буда мӯҳру тамғагузорӣ, маркировкаи ҳарфӣ ва дигар намуди маркировка, аломатҳои ҳаммонандсозӣ, ҳуҷҷатҳои нақлиётӣ (борбарӣ), тиҷоратӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо, гузоштани штамп, гирифтани чошнӣ ва намунаҳои мол, рӯйихаткунии пурраи молу воситаҳои нақлиёт, нақшаҳои кашидашуда, тасвири манзараҳои калонҳаҷм, суратҳо, тасвирҳо ва дигар воситаҳои ҳаммонандсозӣ истифода шуда метавонанд.

2. Воситаҳои ҳаммонандсозӣ ба истиснои таҳдиди хатари воқеии нобуд шудан, тамоман аз даст рафтан ё хароб гардидани молу воситаҳои нақлиёт, танҳо аз тарафи мақомоти гумрукӣ ё бо иҷозати онҳо тағйир дода ё нобуд карда мешаванд. Дар бораи тағйир додан, нобуд кардан канда гирифтан ва ё осеб расонидан ба воситаҳои ҳаммонандсозӣ ба мақоми гумрук фавран хабар дода, барои исботи таҳдиди хатари зикршуда далелҳо пешниҳод карда мешаванд. Оид ба тағйир додан, канда гирифтан, нобуд ё иваз кардани воситаҳои ҳаммонандсози тибқи намунаи тасдиқнамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ аз ҷониби мақомоти гумрук санад тартиб дода мешавад.

3. Агар ба мақсадҳои гумрукӣ тамға, мӯҳр ё дигар воситаҳои ҳаммонандсозии мақомоти гумрукии давлатҳои хориҷӣ ба сифати воситаҳои ҳаммонандкуни истифода гардад, муқаррароти қисми 2 ҳамин модда истифода карда мешавад.

4. Бо хоҳиши декларант мақомоти гумрук моли ватаниеро, ки барои баровардан аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, дар ҷои декларатсиякунониашон ҳаммонанд мекунанд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 435. Ваколатҳои иловагии мақомоти гумрук ҳангоми ошкор кардани моли ғайриқонунӣ ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон овардашуда**

(Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421)

1. Ҳангоми аз тарафи мақомоти гумрук ошкор кардани моли ғайриқонунӣ аз сарҳади гумрукӣ гузаронидашуда, ки онро шахсон дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми машғул шуданашон ба фаъолияти соҳибкорӣ харидаанд ва барояш боҷҳои гумрукӣ ва андоз супорида нашудааст ё мамнӯият ва маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя нагардидааст, нисбати ин мол муқаррароти пешбининамудаи моддаи 418 ҳамин Кодекс татбиқ мегардад. Моли мазкур барои мақсадҳои гумрукӣ ҳамчун моли таҳти назорати гумрукӣ қарордошта дониста мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Шахсони дар қисми 1 ҳамин модда зикршуда ҳуқуқ доранд мутобиқи моддаи 372 ҳамин Кодекс боҷи гумрукиро супоранд ва шарту талаботи барасмиятдарории гумрукии молро бо тартиби соддагардонидашудаи муқаррарнамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ

иҷро намоянд. Дар ин ҳолат мол ситонида намешавад, ба шарте ки агар шахсон пардохтҳои гумрукиро дар давоми панҷ рӯзи ошкор шудани молашон супоранд ё пардохти онро мутобиқи боби 46 ҳамин Кодекс таъмин намоянд. Ба маблағи зикргардидаи пардохтҳои гумрукӣ фоиз ҳисоб карда намешавад.

3. Муқаррароти қисми 2 ҳамин модда дар бобати ба шахсон додани ҳуқуқи супоридани пардохтҳои гумрукӣ ва барасмиятдарории гумрукии моли ғайриқонунӣ ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон овардашуда нисбати молҳои манъшуда, нисбати молҳои воридоташон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муомилоташон мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъшуда, инчунин нисбати молҳое, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбаташон ҳангоми воридот маҳдудияти миқдорӣ муқаррар шудааст, татбиқ намегардад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

4. Ҳангоми супоридани пардохтҳои гумрукӣ ва барасмиятдарории гумрукии он аз тарафи шахсони дар қисми 1 ҳамин модда зикршуда, мол барои мақсадҳои гумрукӣ ҳамчун моли барои муомилоти озод иҷозатдодашуда ҳисоб мешавад, ки ин ба мақомоти гумрук оид ба иҷрои амалҳои зарурӣ барои ошкор кардани шахсоне, ки молро ғайриқонунӣ аз сарҳади гумрукӣ мегузаронанд, монеа намебошад.

5. Агар шахсон аз супоридани пардохтҳои гумрукӣ ва иҷрои амалиёти гумрукӣ нисбати моли ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриқонуни воридшуда саркаши кунанд, ихтиёрдории чунин мол мутобиқи ҳамин Кодекс сурат мегирад. Моли дар қисми 3 ҳамин модда зикршуда дар асоси қарори суд, бо дархости мақомоти гумрук ба моликияти давлатӣ гузаронида мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 436. Истифодаи натиҷаи назорати гумрукӣ ҳангоми пешбурди парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, баррасии парвандаҳои гражданӣ ва ҷиноятӣ**

Натиҷаи назорати гумрукӣ, ки мутобиқи муқаррароти ҳамин фасл ба расмият дароварда шудааст, мумкин аст ҳангоми оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ ва ҳуқуқию маъмурӣ ба сифати далел қабул карда шавад ва бояд аз ҷониби суд ё шахсони мансабдор ҳангоми баррасии парвандаҳои зикргардида, даъво ба қарор, амали (беамалии) мақомоти гумрук ва шахсони мансабдори он ё парвандаҳои дахлдори баҳсҳои иқтисодӣ, ки суди иқтисодӣ ҳал мекунад, дар қатори дигар далелҳо мутобиқи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карда шавад.

## БОБИ 54. АНДЕШИДАНИ ЧОРАҲО НИСБАТИ МОЛИ АЛОҲИДА АЗ ТАРАФИ МАҚОМОТИ ГУМРУК

**Моддаи 437. Асос барои боздошти иҷозати мол**

1. Мақомоти гумрук бо тартиби пешбининамудаи ҳамин боб барои боздошти иҷозати мол дар асоси аризаи шахси соҳиби ҳуқуқҳои истисноӣ (моликияти зеҳнӣ) ба объекти ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои ба ҳам вобастаанд ба нишони мол, ба нишони хизматрасонӣ ва соҳибии истифодабарии номи ҷои истеҳсоли мол (минбаъд - соҳибҳуқуқ) тадбирҳои дахлдор қабул менамояд. Чораҳои дар ҳамин боб пешбинишуда ҳангоми гузаронидани мол аз сарҳади

гумрукӣ ё ҳангоми иҷрои амалҳои дигар бо моле, ки таҳти назорати гумрукӣ қарор доранд, истифода бурда мешаванд.
2. Чораҳои мутобиқи ҳамин боб андешидаи мақомоти гумрук мутобиқи қонунгузории Чумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бо ҳама гуна восита ҳимоя намудани ҳуқуқҳои худ ба дорандаи ҳуқуқ монеа намебошанд.

**Моддаи 438. Аризаи соҳибҳуқуқ ва тартиби баррасии он**

1. Соҳибҳуқуқи дорои асоси кофи, ки ҳуқуқҳои вай мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи моликияти зеҳнӣ бар асари аз сарҳади гумрукӣ гузаронидани моли ба ақидаи ӯ қалбакӣ ё ҳангоми анҷоми дигар амалҳо бо моли таҳти назорати гумрукӣ қарордошта вайрон карда мешаванд, ҳуқуқ дорад ба мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ дар бораи андешидани чораи боздошти иҷозати ин гуна мол ариза пешниҳод кунад. Аризаро метавонад аз номи соҳибҳуқуқ намояндааш пешниҳод намояд.
2. Ариза дар бораи андешидани чораҳои боздошти иҷозати мол бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:
1) дар бораи соҳибҳуқуқ ва агар аризаро намояндаи вай диҳад, инчунин дар бораи намоянда;
2) дар бораи объекти моликияти зеҳнӣ;
3) дар бораи моле, ки ба ақидаи соҳибҳуқуқ қалбакӣ мебошад ва ҳаддалимкон муфассалтар, то он ки мақомоти гумрук тавонанд ин гуна молро ошкор намоянд;
4) дар бораи мӯҳлате, ки мақомоти гумрук мувофиқи ҳамин боб тадбирҳо меандешанд.
Ба аризаи соҳибҳуқуқ дар бораи андешидани чораҳои боздошти иҷозати мол ҳуҷҷатҳое илова карда мешаванд, ки ба объекти моликияти зеҳнӣ ҳуқуқ доштанашро тасдиқ мекунанд (шаҳодатнома, қарордод, аз ҷумла қарордоди литсензионӣ) дар бораи вогузоштани ҳуқуқҳои истисноӣ, дигар ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқҳои ӯро ба объектҳои моликияти зеҳнӣ тасдиқ менамоянд) агар аризаро намоянда диҳад, ба аризаи ӯ инчунин ваколатномаи ба намояндаи худ додаи соҳибҳуқуқ замима карда мешавад.
Соҳибҳуқуқ (намояндаи вай) метавонад ба ариза намунаи молеро, ки метавонад ба сифати тасдиқ барои далели он, ки ҳуқуқҳои вай вайрон карда мешаванд, замима кунад.
3. Тартиби додани ариза ва талабот нисбати маълумоти арзшуда вобаста ба намуди объекти моликияти зеҳнӣ аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян карда мешавад.
4. Ба ариза ӯҳдадории хаттии соҳибҳуқуқ дар бораи товони зарари амволӣ, ки метавонад ба декларант, соҳиби мол ё шахси дар моддаи 15 ҳамин Кодекс зикрдашуда аз сабаби боздошти иҷозати мол расонида шавад, замима мегардад.
5. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ аризаро дар давоми як моҳи расиданаш баррасӣ менамояд ва дар бораи қабули тадбирҳо мувофиқи ҳамин боб ё наандешидани чунин тадбирҳо қарор қабул менамояд.

Бо мақсади санҷиши эътимоднокии маълумоти пешниҳоднамудаи соҳибҳуқуқ (намояндаи вай) мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ҳуқуқ дорад аз шахсони сеюм, инчунин аз мақомоти давлатӣ ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи маълумоти арзшавандаро дархост намояд. Ин шахсон вазифадоранд дар давоми даҳ рӯзи гирифтани дархост ҳуҷҷатҳои дархостшударо пешниҳод намоянд. Ҳамзамон мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ҳуқуқ дорад мӯҳлати баррасии аризаро то як моҳ дароз намояд.
Қарор дар бораи наандешидани чораҳо мувофиқи ҳамин боб ҳангоми аз тарафи соҳибҳуқуқ (намояндаи вай) пешниҳод шудани маълумоти беэътимод, инчунин аз тарафи вай риоя нашудани талаботи муайяннамудаи қисми 2 моддаи 439 ҳамин Кодекс қабул карда мешавад.
Дар бораи қарори қабулшуда соҳибҳуқуқ (намояндаи вай) дар давоми се рӯзи қабул шудани чунин қарор хаттӣ огоҳонида мешавад.
6. Ҳангоми тағйир ёфтани маълумоти дар ариза сабтшуда ё худ ҳуҷҷатҳои ба он замимашуда соҳибҳуқуқ (намояндаи вай) вазифадор аст дар ин бора ба мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ фавран хабар диҳад.

**Моддаи 439. Феҳристи гумрукии объектҳои моликияти зеҳнӣ**

(Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906)

1. Объектҳои моликияти зеҳнӣ, ки нисбати онҳо мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ дар бораи андешидани тадбирҳо мувофиқи ҳамин боб қарор қабул намудааст, ба Феҳристи гумрукии объектҳои моликияти зеҳнӣ (минбаъд дар ҳамин боб - Феҳрист) дохил карда мешаванд. Барои дохил намудан ба Феҳрист музд ситонида намешавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
Бо тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ пешбурди Феҳрист ба роҳ монда мешавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
2. Объекти моликияти зеҳнӣ ба Феҳрист ба шарте дохил карда мешавад, ки соҳибҳуқуқ ӯҳдадориҳои дар қисми 4 моддаи 438 ҳамин Кодекс зикршударо бо усулҳои пешбининамудаи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро намояд. Соҳибҳуқуқ метавонад ба ҷои иҷрои ӯҳдадориҳо қарордоди суғуртаи хавфи масъулиятро барои расонидани зарар ба манфиати шахсони дар қисми 4 моддаи 438 ҳамин Кодекс нишондадашуда пешниҳод намояд. Ҳамзамон маблағи иҷрои ӯҳдадори ё маблағи суғурта бояд аз андозаи 6000 - нишондиҳанда барои ҳисобҳо кам набошад (Конун аз 06.10.2008с. № 437, аз 19.07.2022 № 1906).
3. Объекти моликияти зеҳнӣ аз Феҳрист дар ҳолатҳои зерин хориҷ карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906):
1) бо хоҳиши соҳибҳуқуқ (намояндаи вай);
2) аз тарафи соҳибҳуқуқ иҷро накардани шартҳои пешбининамудаи қисми 2 ҳамин модда;
3) ҳангоми ба анҷом расидани мӯҳлати ҳифзи ҳуқуқии объекти моликияти зеҳни;

4) агар соҳибҳуқуқ дар давоми мӯҳлати боздошти иҷозати мол (моддаи 441) ба мақоми ваколатдор мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳифзи ҳуқуқи худ муроҷиат накарда бошад.

4. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ номгӯи объектҳои моликияти зеҳнии ба Феҳрист дохилшударо дар нашрияҳои расмӣ ва сомонаи расмии интернетии худ чоп мекунад (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678, аз 19.07.2022 № 1906).

**Моддаи 440. Мӯҳлате, ки мақомоти гумрук барои боздошти иҷозати мол чора меандешанд**

Мӯҳлате, ки мақоми гумрук барои боздошти иҷозати мол чора меандешад, дар асоси аризаи соҳибҳуқуқ (намояндаи ӯ), ба муддати на зиёда аз панҷ сол аз рӯзи ворид намудани объекти моликияти зеҳнӣ ба Феҳрист муқаррар карда мешавад. Ин мӯҳлат метавонад дар асоси аризаи соҳибҳуқуқ (намояндаи ӯ) бо шарти риояи талаботи пешбининамудаи моддаи 438 ва қисми 2 моддаи 439 ҳамин Кодекс дароз карда шавад. Мӯҳлате, ки дар муддати он мақомоти гумрук барои боздошти иҷозати мол чора меандешанд, наметавонад аз мӯҳлати ҳифзи ҳуқуқии объекти моликияти зеҳнӣ зиёд бошад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

**Моддаи 441. Боздошти иҷозати мол**

1. Агар ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гумрукӣ мақоми гумрук моли ҳамчун қалбаки зикркардаи соҳибҳуқуқро (намояндаи ӯро) ошкор намояд, иҷозати ин гуна мол ба муддати 10 рӯзи кори боздошта мешавад. Бо дархости асосноки хаттии соҳибҳуқуқ (намояндаи ӯ) ин мӯҳлат метавонад ба муддати на зиёда аз 10 рӯзи кори зиёд карда шавад, агар шахси мазкур ба мақоми ваколатдори муҳофизи ҳуқуқи соҳибҳуқуқ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуда бошад.

Қарор дар бораи боздошти иҷозати мол ва тамдиди мӯҳлати боздошти иҷозати мол аз тарафи сардори мақоми гумрук ё шахси ивазкунандаи ӯ ба шакли хаттӣ қабул карда мешавад.

2. Мақоми гумрук дар мӯҳлати на дертар аз рӯзи дигари баъди боздошти иҷозати мол ба декларант ва соҳибҳуқуқ (намояндаи ӯ) оид ба боздошти иҷозати мол, сабабҳо ва мӯҳлатҳои ин боздошт, инчунин ба декларант дар бораи ном (ном, насаб, номи падар) ва суроғаи соҳибҳуқуқ (намояндаи ӯ), ба соҳибҳуқуқ (намояндаи ӯ) бошад ном (ном, насаб, номи падар) ва суроғаи декларантро хабар медиҳад.

3. Соҳибҳуқуқ мувофиқи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон барои зарари ба декларант, молик, гирандаи мол ё шахси дар моддаи 15 ҳамин Кодекс зикршуда дар натиҷаи боздошти иҷозати мол расонидааш мувофиқи талаботи ҳамин боб ҷавобгар аст, агар мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда нашавад, ки мол (баста ва этикеткаи онҳо) қалбаки мебошанд.

**Моддаи 441(1). Ваколатҳои иловагии мақомоти гумрук оид ба назорати гумрукии молҳои моликияти зеҳнӣ**

(Қонуни ҶТ аз 03.07.2012  № 845)

1. Мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд иҷозати молҳои объекти моликияти зеҳнидоштаеро, ки ба феҳрист дохил нашудаанд, бе аризаи соҳибҳуқуқ оид ба боздошти онҳо ҳангоми иҷозат, тибқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи мазкур дар ҳолатҳои ошкор шудани аломатҳои вайрон шудани ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ боздоранд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
Қарор оид ба боздоштани иҷозати мол мутобиқи моддаи мазкур, инчунин оид ба бекор кардани қарор оид ба боздоштани иҷозати мол аз тарафи роҳбари мақоми гумрук ё шахси онро ивазкунанда тавассути қабули фармоиш амалӣ карда мешавад.
2. Мақомоти гумрук бо мақсади татбиқи ваколатҳои иловагиашон оид ба ҳимояи тамғаи молӣ, тамғаи хизматрасонии ҳифзшаванда маълумотҳои аз феҳристҳои давлатии бақайдгирии мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ дастрас кардаашонро истифода мебаранд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
3. Агар иҷозати мол мувофиқи қисми 1 моддаи мазкур боздошта шавад, мақомоти гумрук фавран ҳамаи чораҳои заруриро барои дар ин хусус огоҳ намудани соҳибҳуқуқ ва декларант ҳангоми ошкор шудани аломатҳои вайроншавии ҳуқуқ ва тасдиқи зарурияти чораҷӯӣ ба хотири боздоштани иҷозати молҳое, ки дорои объектҳои моликияти зеҳнианд, меандешанд. Барои муайян намудани макони соҳибҳуқуқи тамғаи молӣ, тамғаи хизматрасонӣ ё ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он, ки ҳуқуқҳояш эҳтимол вайрон шудаанд, мақоми гумрук ба мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ бо мақсади муайян намудани мавҷудияти бақайдгирии ҳуқуқи муаллиф, дастрас намудани маълумот доир ба тамғаи молӣ, тамғаи хизматрасонӣ ва соҳибҳуқуқ бо хотири огоҳонидани минбаъдаи соҳибҳуқуқ дар бораи зарурияти андешидани чораҳои марбут ба дархост муроҷиат менамояд. Дар дархост бояд дар бораи мақоми гумрук ва молҳое, ки нисбат ба онҳо чораҳои ҳимоя андешида мешаванд, маълумот дода шавад. Мақоми гумрук ва мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ оид ба муайян намудани макон ва огоҳонидани соҳибҳуқуқ дар давоми 24 соат бетаъхир ҳамаи чораҳои заруриро меандешанд. Агар дар давоми 24 соат мақоми гумрук макони соҳибҳуқуқро муайян карда натавонад, қарор дар бораи боздоштани иҷозати мол бекор гардида, барасмиятдарории гумрукӣ ва иҷозати молҳо бетаъхир бо тартиби пешбининамудаи Кодекси мазкур анҷом дода мешавад.
4. Иҷозати молҳо ҳангоми ошкор шудани аломатҳои вайронкунии ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ, бо мақсади огоҳонидани соҳибҳуқуқ ва қабули қарор дар хусуси бекор кардан ё тамдид намудани боздоштани иҷозати молҳо, ба мӯҳлати то 3 рӯзи корӣ боздошта мешавад.
5. Қарор оид ба боздоштани иҷозати молҳо бекор карда шуда, барасмиятдарории гумрукӣ ва иҷозати молҳо тибқи тартиби муайяннамудаи Кодекси мазкур бетаъхир анҷом дода мешавад, агар дар давоми мӯҳлати дар қисми 4 моддаи мазкур пешбинишуда ба мақоми гумрук:

- соҳибҳуқуқ дар бораи тамдид намудани мӯҳлати боздоштани иҷозати молҳо то даҳ рӯзи корӣ ариза пешниҳод накунад;
- соҳибҳуқуқ ариза дар хусуси бекор кардани қарор дар бораи боздоштани иҷозати молҳоро пешниҳод намояд.
6. Агар дар давоми мӯҳлати дар қисми 4 моддаи мазкур пешбинишуда ба мақомоти гумрук аз соҳибҳуқуқ ариза дар хусуси тамдид намудани мӯҳлати боздоштани иҷозати молҳо ворид шавад, иҷозати молҳо то даҳ рӯзи корӣ аз санаи боздошти аввалаи иҷозати молҳо боздошта мешавад. Дар ин ҳолат соҳибҳуқуқ вазифадор аст дар давоми даҳ рӯзи корӣ:
1) таъиноти судро дар бораи қабули аризаи даъвогӣ оид ба вайрон шудани ҳуқуқ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ, ки бо интиқоли молҳо аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандӣ дошта, иҷозати молҳо боздошта шудааст, пешниҳод намояд;
2) оид ба ҷуброни зарари ба декларант ва шахсони дигар расонидашуда, инчунин хароҷоти мақомоти гумрук, ки бо сабаби боздоштани иҷозати молҳое, ки дорои объектҳои моликияти зеҳнианд, пайдо шудаанд, дар ҳолатҳои бо қарори суд муайян шудани он ки молҳо ба вайронкунии ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ марбут нестанд, ӯҳдадорӣ пешниҳод намояд;
3) далелҳоеро, ки муроҷиати соҳибҳуқуқро ба мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ дар хусуси ворид намудани молҳо ба феҳрист тибқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи 439 Кодекси мазкур тасдиқ месозанд, пешниҳод намояд. Агар соҳибҳуқуқ дар давоми даҳ рӯзи корӣ аз санаи боздошти аввалаи иҷозати молҳо таъиноти судро дар бораи қабули аризаи даъвогӣ дар хусуси вайрон шудани ҳуқуқ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ, ки бо интиқоли молҳо аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандӣ дошта, иҷозати молҳо боздошта шудааст, пешниҳод намояд, ҳамчунин агар аз ҷониби соҳибҳуқуқ ӯҳдадориҳои дигар иҷро гарданд, мӯҳлатҳои боздоштани иҷозати молҳо, инчунин мӯҳлатҳои нигаҳдории муваққатии молҳо то эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори суд аз рӯи даъвои зикршуда тамдид мегарданд. Агар дар давоми даҳ рӯзи корӣ аз санаи боздошти аввалаи иҷозати молҳо соҳибҳуқуқ муқаррароти қисми мазкурро риоя накунад, мақоми гумрук қарор дар бораи боздоштани иҷозати молҳоро бекор мекунад ва барасмиятдарории гумрукии молҳоро тибқи тартиби пешбининамудаи Кодекси мазкур анҷом медиҳад. Дар ҳолати мазкур хароҷотҳои декларант ва мақоми гумрук, ки бо боздоштани иҷозати молҳо дар давоми даҳ рӯзи корӣ вобастаанд, ба зиммаи соҳибҳуқуқ гузошта мешаванд. Тартиби ҳамгироӣ ва робитаи иттилоотӣ байни мақомоти гумрук ва мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ тибқи санади якҷоя муайян карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845, аз 30.05.2017 № 1421, аз 19.07.2022 № 1906).

**Моддаи 442. Пешниҳоди маълумот. Гирифтани чошнӣ ва намуна**

1. Бо иҷозати мақомоти гумрук соҳибҳуқуқ (намояндаи ӯ) ва декларант метавонанд таҳти назорати гумруки чошнӣ ва намунаи молро, ки нисбати онҳо қарор дар бораи боздошти иҷозати мол қабул шудааст, таҳқиқ

гузаронанд, ҳамчунин онҳоро аз назар гузаронанд ва аксбародорӣ намоянд ё ба тарзи дигар ин гуна молро сабт намоянд.
2. Бо дархости соҳибҳуқуқ (намояндаи ӯ) мақомоти гумрук метавонад маълумоти иловагиеро, ки барои исботи вайрон шудани ҳуқуқҳои вай заруранд, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳод намояд.
3. Маълумоти гирифтаи соҳибҳуқуқ (намояндаи ӯ) ё декларант мувофиқи ҳамин модда, махфи ба ҳисоб рафта, бояд ифшо нашавад, ба шахсони сеюм, инчунин ба мақомоти давлатӣ, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, дода нашавад.

**Моддаи 443. Бекор кардани қарор дар бораи боздошти иҷозати мол**

1. Агар то гузаштани мӯҳлати боздошти иҷозати мол аз тарафи мақоми ваколатдор мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ситонидани мол, дар бораи ҳабси мол ё мавриди мусодира қарор додани онҳо қарор гирифта нашавад, қарор дар бораи боздошти иҷозати мол аз рӯзи дигар баъди гузаштани мӯҳлати боздошти иҷозати мол бояд бекор карда шавад.
2. Қарор дар бораи боздошти иҷозати мол то гузаштани мӯҳлати боздошти иҷозати мол бояд бекор карда шавад, агар:
1) соҳибҳуқуқ (намояндаи ӯ) ба мақомоти гумрук бо дархости бекор кардани қарор дар бораи боздошти иҷозати мол муроҷиат намуда бошад;
2) объекти моликияти зеҳнӣ аз Феҳрист хориҷ карда шуда бошад (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).
3. Қарор дар бораи боздошти иҷозати мол дар рӯзи маълум гардидани асосҳои дар қисми 2 ҳамин модда пешбинишуда бекор карда мешавад.
4. Бекор карда шудани қарор дар бораи боздошти иҷозати мол аз тарафи сардори мақоми гумрукӣ ин қарорро қабулнамуда ё шахси ивазкунандаи ӯ ба таври хаттӣ амалӣ карда мешавад. Баъди бекор кардани чунин қарор иҷозати мол мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс амалӣ карда мешавад (боби 16).

**Моддаи 444. Моле, ки нисбати он мақомоти гумрук чораҳои боздошти иҷозати молро намеандешанд**

Чораҳои вобаста ба боздошти иҷозати мол мувофиқи ҳамин боб нисбати моли дорои моликияти зеҳнӣ, ки аз тарафи шахсони воқеӣ ё тавассути муросилоти байналмилалии почта ба миқдори кам ирсол мешаванд андешида намешаванд, агар ин мол барои истифодаи шахсӣ, оилавӣ, хонаводагӣ ва дигар эҳтиёҷот, ки ба иҷрои фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нестанд, таъин нагардида бошанд.

## ФАСЛИ V. НАЗОРАТИ ГУМРУКӢ ДАР СОҲАИ НАЗОРАТИ АСЪОР ВА СОДИРОТӢ

## БОБИ 55. ВАЗИФАҲОИ МАҚОМОТИ ГУМРУК ДАР СОҲАИ НАЗОРАТИ АСЪОР

**Моддаи 445. Вазифаҳои мақомоти гумрук дар соҳаи назорати асъор**

Мақомоти гумрук дар доираи ваколатҳои худ назорати риояи қонунгузории асъори Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳангоми интиқоли молу воситаҳои нақлиёт

аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 446. Ваколати мақомоти гумрук дар соҳаи назорати асъор**

Бо мақсади таъмини риояи қонунгузории асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти гумрук:

1) назоратро барои аз тарафи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ риоя гардидани қонунгузории асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд;

2) ба Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи ҳаракати молу воситаҳои нақлиёт аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартибе, ки мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ бо мувофиқаи Бонки милии Тоҷикистон муайян намудааст, ахбор пешниҳод менамояд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

3) Бонки миллии Тоҷикистон ва бонкҳои сатҳи дуюмро дар бораи вайрон кардани қонунгузории асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи мақомоти гумрук ошкор карда шудаанд, огоҳ менамояд.

БОБИ 56. НАЗОРАТИ СОДИРОТӢ, КИ МАҚОМОТИ ГУМРУК АНҶОМ МЕДИҲАНД

**Моддаи 447. Мақомоти гумрук ҳамчун мақоми назорати содиротӣ**

1. Мақомоти гумрук дар соҳаи назорати содиротӣ дар доираи салоҳияти худ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими назорати содиротиро амалӣ менамоянд.

2. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ вазифаҳо ва ваколатҳои мақомоти гумрукро бо роҳи интишори санади меъёрии ҳуқуқии соҳаи назорати содиротӣ дар доираи салоҳияти худ мутобиқи санади меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 448. Салоҳияти мақомоти гумрук дар соҳаи назорати содиротӣ** (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845)

1. Мақомоти гумрук назорати гумрукии молеро, ки таҳти назорати содироти қарор доранд, ҳангоми интиқоли онҳо аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

2. Мақомоти гумрук дар ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳаи назорати содиротӣ иштирок мекунанд ва аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқоли ғайриқонунии маҳсулотро, ки бояд таҳти назорати содиротӣ қарор гирад, пешгирӣ ва манъ менамоянд.

**Моддаи 449. Риояи махфияти маълумот**

Шахсони мансабдори мақомоти гумрук, ки ба татбиқи назорати содироти ваколатдоранд, бояд махфияти маълумоти аз иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва дигар мақомоти давлатии ваколатдор гирифташонро нигоҳ доранд.

**ФАСЛИ VI. БА МОЛИКИЯТИ ДАВЛАТИ ГУЗАРОНИДАНИ МОЛУ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ ВА ИХТИЁРДОРИИ ОНҲО**

**БОБИ 57. АСОСҲО ВА ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ МОЛУ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ БА МОЛИКИЯТИ ДАВЛАТӢ**

**Моддаи 450. Асосҳо барои гузаронидани мол ва воситаҳои нақлиёт ба моликияти давлатӣ**

Мол ва воситаҳои нақлиёт ба моликияти давлатӣ дар асосҳои зерин гузаронида мешаванд:

1) қарори суд ҳангоми истифодаи мусодираи амвол тибқи қонунвайронкунии маъмурӣ ё содир намудани ҷиноят;

2) қарори суд дар бораи ба моликияти давлатӣ гузаронидани мол мувофиқи қисми 9 моддаи 418 ва қисми 5 моддаи 435 ҳамин Кодекс;

3) декларатсияи гумрукие, ки тахти низоми гумрукии даст кашидан ба манфиати давлат ба расмият дароварда шудааст ва санади супоридан ва қабули молу воситаҳои нақлиёт.

**Моддаи 451. Тартиби гузаронидани мол ва воситаҳои нақлиёт ба моликияти давлатӣ бо қарори суд**

1. Молу воситаҳои нақлиёт ба моликияти давлати вобаста ба ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ, аз рӯзи ҳукми қонуни пайдо кардани қарори суд гузаронида мешаванд.

2. Мақоми гумрук дар асоси қарори суд бо санади супоридан ва қабули мол ё ба воситаҳои нақлиёти мусодирашударо ба мақоми ваколатдори давлатии дахлдор месупорад.

**Моддаи 452. Асосҳои ба моликияти давлатӣ гузаронидани мол ва воситаҳои нақлиёт, ки таҳти низоми гумрукии даст кашидан ба манфиати давлат ба расмият дароварда шуданд**

1. Шахси интиқолдиҳандаи молу воситаҳои нақлиёт ба мақомоти гумрук декларатсияи гумрукии таҳти низоми гумрукии даст кашидан ба манфиати давлат арзшударо пешниҳод менамояд.

2. Мол ва воситаҳои нақлиёт, ки таҳти низоми гумрукии даст кашидан ба манфиати давлат ба расмият дароварда шудаанд, ба моликияти давлатӣ дар асоси декларатсияи гумрукӣ ва санади қабул ва супоридан аз лаҳзаи супоридани молу воситаҳои нақлиёт ба мақоми ваколатдори давлатии дахлдор гузаронида мешаванд.

## БОБИ 58. ИХТИЁРДОРИИ МОЛУ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТӢ БА МОЛИКИЯТИ ДАВЛАТӢ ГУЗАРОНИДАШУДА

**Моддаи 453. Тартиби ихтиёрдории мол ва воситаҳои нақлиёти ба моликияти давлатӣ гузаронидашуда**

Ихтиёрдории молу воситаҳои нақлиёти ба моликияти давлатӣ гузаронидашуда мувофиқи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 454. Ихтиёрдории моле, ки мӯҳлати нигоҳдории муваққатии он ё мӯҳлати нигаҳдориаш дар анбори гумрукӣ гузаштааст**

Моле, ки мӯҳлати нигаҳдории муваққатӣ ё мӯҳлати нигаҳдориаш дар анбори гумрукӣ гузаштааст, дар асоси санади тибқи намунаи муайянкардаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ таҳиянамудаи мақомоти гумрук, ки гузаштани мӯҳлати нигаҳдории муваққатӣ ё мӯҳлати нигаҳдорӣ дар анбори гумрукиро ба қайд мегирад, ихтиёрдори карда мешавад. Нусхаи дуюми ин санад бояд ба соҳиби қонунии мол супорида шавад, ба шарте, ки

ин шахс аз тарафи мақоми гумрук муайян карда шуда бошад. Нусхаи санад ба соҳиби анбори нигоҳдории муваққатӣ ё соҳиби анбори гумрукӣ супорида мешавад.

**Моддаи 455. Ихтиёрдории мол ва воситаҳои нақлиёте, ки далели шайъии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурианд**

1. Мақомоти гумрук метавонанд молу воситаҳои нақлиётро, ки далели шайъии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурианд, ҳангоми мавҷуд набудани шароитҳои нигаҳдории онҳо ва ҳангоми аз арзиши мол зиёд будани хароҷоти воқеии нигаҳдории онҳо, инчунин дар ҳолатҳои дигари муайянкардаи Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва қонунҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтиёрдорӣ намоянд.

2. Агар ҳангоми баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар бораи мусодираи молу воситаҳои нақлиёти дар қисми 1 ҳамин модда зикрёфта қарор қабул карда шавад, маблағи аз фурӯши ин молу воситаи нақлиёт бадастомада ба ҳисоби буҷети давлати гузаронида мешавад.

3. Молу воситаҳои нақлиёте, ки далели шайъии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ буда, нисбати онҳо ҷиҳати баргардонидан ба соҳиби қонуниашон қарор қабул карда шудааст, вале соҳибашон дар давоми як моҳи эътибори қонуни пайдо кардани қарор оид ба парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ онҳоро талаб карда нагирифтааст, мувофиқи ҳамин боб ихтиёрдори карда мешавад, ба шарте, ки агар нигаҳдории ин молу воситаҳои нақлиёт аз тарафи мақомоти гумрук ё таҳти назорати онҳо анҷом дода шуда бошад.

Молу воситаҳои нақлиёт дар асоси санади мақомоти гумрук, ки гузаштани мӯҳлати дархости онҳоро сабт менамояд ва тибқи намунаи тасдиқнамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои гумрукӣ таҳия гардидааст, ихтиёрдорӣ карда мешавад.

**Моддаи 456. Тартиб ва усулҳои ихтиёрдории молу воситаҳои нақлиёт**

1. Молу воситаҳои нақлиёт аз ҷониби ташкилоте, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор намудааст, бо роҳи фурӯш, нобуд сохтан ё партов гардонидан тибқи тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтиёрдорӣ карда мешавад.

2. Мақоми гумрук пештар, вале дар мӯҳлати на дертар аз 15 рӯз соҳиби қонунӣ ё шахсӣ дар моддаи 15 ҳамин Кодекс зикршударо (ба шарте, ки ин шахсон аз тарафи мақоми гумрук муайян карда шуда бошанд) дар бораи ба ихтиёри ташкилоти ваколатдор додани молу воситаҳои нақлиёт хабардор менамояд.

3. Молу воситаҳои нақлиёт тибқи нархи муайяннамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон фурӯхта мешавад.

4. Молу воситаҳои нақлиёти ба фурӯш гузошташударо шахсони мансабдори мақомоти гумрук, кормандони ташкилотҳои ваколатдор, ҳамчунин аъзои оилаи онҳо харидорӣ карда наметавонанд.

5. Агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, молу воситаҳои накдиёте, ки муомилоташон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, инчунин моле, ки нархи нигоҳдорӣ ва

фурӯши он аз арзишаш зиёд аст ё мувофиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд несту нобуд карда ва ё партов гардонида шаванд.

6. Молу воситаҳои нақлиёт аз ҳисоби шахси дар моддаи 15 ҳамин Кодекс зикршуда ва агар ин шахс муайян карда нашуда бошад, аз ҳисоби соҳиби қонунӣ ва агар соҳиби қонуни ҳузур надошта бошад аз ҳисоби буҷети давлатӣ несту нобуд карда мешавад, ба шарте агар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати намудҳои алоҳидаи мол тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

**Моддаи 457. Ихтиёрдории маблағи аз фурӯши молу воситаҳои нақлиёт бадастомада**

1. Маблағи аз фурӯши молу воситаҳои нақлиёт бадастомадае, ки ба моликияти давлатӣ гузаронида нашуданд, ба соҳибони қонунӣ тибқи тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 3 сол аз фурӯши онҳо пардохта мешавад. Аз ин маблағ боҷҳои гумрукии воридотӣ, андоз нисбати моли хориҷӣ, ба мисли оне, ки ҳангоми иҷозат ба муомилоти озод супорида мешуд, инчунин хароҷоти ҳамлу нақл (интиқол), нигоҳдорӣ ва фурӯши он, аз ҷумла, хароҷоти экспертиза ва нархгузорӣ, ки мақомоти гумрук ва шахсони дигар масраф намудаанд, ситонида мешаванд.

2. Агар маблағи аз фурӯши молу воситаҳои нақлиёт бадастомада барои пардохти боҷҳои гумрукӣ, андоз ва ҷуброни тамоми хароҷоти мақомоти гумрук ва шахсони дигаре, ки мувофиқи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи аз ҳисоби ин маблағ ҷуброн шудани хароҷоти худро доранд, кофӣ набошад, он тибқи навбати зайл тақсим карда мешавад:

1) дар навбати аввал ба буҷети давлатӣ маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андоз гузаронида мешавад;

2) дар навбати дуввум хароҷоти ҳамлу нақл (интиқол), нигоҳдорӣ ва фурӯши мол ҷуброн карда мешавад.

3. Хароҷот, инчунин ҳисоби чунин хароҷот тибқи тартиби навбати тақвимии ворид гардидани ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқи ҷуброни хароҷотро мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунанд, анҷом дода мешавад.

4. Баъди гузаштани мӯҳлати дар қисми 1 ҳамин модда пешбинишуда, маблағи аз фурӯши молу воситаҳои нақлиёт бадастомада ба буҷети давлатӣ гузаронида мешавад.

5. Маблағҳои аз фурӯши молу воситаҳои нақлиёт бадастомадае, ки ба моликияти давлатӣ гузаронида шудаанд, ба истисноӣ хароҷоти ҳамлу нақл (интиқол), нигаҳдорӣ ва фурӯш, ки дар қисми 1 ҳамин модда пешбинӣ гардидааст, ба буҷети давлатӣ гузаронида мешаванд.

**Моддаи 458. Ҳуқуқи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ҷиҳати ройгон додани моле, ки ба моликияти давлат гузаронида шудааст**

Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ мувофиқи тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад доруворӣ, озуқаи зудвайроншаванда, ғизои кӯдакон, ҳамчунин либос, пойафзол ва маводи дигари зарурии рӯзгорро, ки ба моликияти давлат

гузаронида шудаанд, ба муассисаҳои таъминоти иҷтимоӣ, нигоҳдории тандурустӣ, маориф, муассисаҳои бачагона, мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маводи таърихӣ, объектҳои илмӣ ва асарҳои санъатро, ки арзиши фарҳангӣ надоранд, ба осорхонаҳо, ашёи олами ҳайвонот ва набототро ба боғи ҳайвонот, мамнӯъгоҳҳо, осорхонаҳо, маводи ибодатиро ба ташкилотҳои динӣ супорад.

**Моддаи 459. Хусусияти ихтиёрдории намудҳои алоҳидаи мол**

Металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ва маснуоти онҳо, арзишҳои фарҳангӣ, моли тамғагузоришаванда ва дигар моле, ки муомилоти он дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд карда шудааст, тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтиёрдори карда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

# ФАСЛИ VII. МАҚОМОТИ ГУМРУК

## БОБИ 59. МАҚОМОТИ ГУМРУК ВА ТАЪМИНИ ФАЪОЛИЯТИ ОНҲО

### §1. МАҚОМОТИ ГУМРУК

**Моддаи 460. Мақомоти гумрук ва мавқеи онҳо дар системаи мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Мақомоти гумрук мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ буда, ҳимояи истиқлолият, амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, риояи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ҳангоми интиқол додани мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамоянд.

2. Ҳеч яке аз мақомоти давлатӣ, ба истиснои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ надоранд қароре қабул кунанд, ки ба салоҳияти мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл намояд, бе иҷозати дахлдор вазифаҳои онҳоро иҷро намояд ё тағйир диҳад, ба зиммаи онҳо вазифаҳои иловагӣ гузорад ё бо роҳҳои дигар ба фаъолияти мақомоти гумрук, ки тибқи муқаррароти ҳамин Кодекс ва санадҳои дигари қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад, дахолат намояд.

3. Таъсир расонидан ба фаъолияти хизматии кормандони мақоми гумрук манъ аст.

**Моддаи 461. Сохтори мақомоти гумрук**

1. Мақомоти гумрук инҳоянд:

1) мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ;

2) раёсатҳои минтақавии гумрукӣ (Қонуни ҶТ аз 24.12.2022 № 1932);

3) гумрукҳо;

4) дидбонгоҳҳои гумрукӣ;

2. Ташкил, азнавташкилдиҳӣ, барҳамдиҳии раёсатҳои минтақавии гумрук, гумрукҳо ва дидбонгоҳҳои гумрукӣ аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешаванд (Қонуни ҶТ аз 24.12.2022 № 1932).

Салоҳияти мақомоти муайяни гумрукӣ оид ба иҷрои вазифаҳои мушаххас, ба ҷо овардани амалҳои муайяни гумрукӣ, инчунин минтақаи фаъолияти мақомоти гумрукро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян менамояд. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ҳуқуқ дорад мақомоти махсуси гумруки ташкил намояд, ки ваколатҳои онҳо барои иҷрои баъзе вазифаҳои ба зиммаи мақомоти гумрук гузошташуда ё гузаронидани амалҳои гумрукӣ нисбати навъҳои муайяни мол маҳдуд гардонида шудааст.

3. Раёсатҳои минтақавии гумрукӣ, гумрукҳо ва дидбонгоҳҳои гумрукӣ дар асоси талаботи ҳамин Кодекс, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин Низомномаи тасдиқнамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ амал менамоянд. Гумрукҳо ва дидбонгоҳҳои гумрукӣ метавонанд шахси ҳуқуқӣ набошанд (Қонуни ҶТ аз 24.12.2022 № 1932).

4. Ба системаи мақомоти гумрук инчунин муассисаҳое шомиланд, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб намераванд ва онҳоро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ барои таъмини фаъолияти худ таъсис медиҳад.

**Моддаи 462. Вазифаҳои мақомоти гумрук**

Мақомоти гумрук вазифаҳои асосии зеринро иҷро мекунанд:

1) дар таҳияи сиёсати гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуда, ин сиёсатро амалӣ менамоянд;

2) дар доираи салоҳияти худ ҳимояи соҳибихтиёрӣ ва амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамоянд;

3) риояи қонунгузориҳои гумрук ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки назорати иҷрои онҳо ба зиммаи мақомоти гумрук гузошта шудааст, таъмин менамоянд;

4) мамнӯияту маҳдудиятҳои тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати моли аз сарҳади гумрукӣ интиқолшаванда муайянгардидаро таъмин менамоянд;

5) ҳуқуқу манфиати давлат ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷиро дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ҳимоя мекунанд;

6) заминаи моддию техникӣ ва иҷтимоии мақомоти гумрукро тараққи медиҳанд;

7) дар доираи салоҳияти худ барои ҳифзи амнияти миллӣ, ҳаёт ва саломатии инсон, ҳифзи муҳити зист ва арзишҳои фарҳангӣ тадбирҳо меандешанд;

8) барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гумрукиро татбиқ мекунанд, барои тезонидани интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ шароит фароҳам меоранд;

9) боҷҳои гумрукӣ, андоз, хироҷи гумрукӣ ва дигар пардохтҳои гумрукӣ, боҷҳои зиддидемпингӣ, махсус, боҷҳои ҷубронӣ, ҷаримаҳои ҳуқуқвайронкунии гумрукиро меситонанд, дуруст ва сари вақт ҳисоб ва супоридани ин боҷу хироҷ ва андозҳоро таҳти назорат мегиранд, барои маҷбуран ситонидани онҳо чора меандешанд;

10) тартиби аз сарҳади гумрукӣ гузаронидани молу воситаҳои нақлиётро таъмин менамоянд;
11) дар доираи салоҳияти худ ҳуқуқи моликияти зеҳниро ҳимоя менамоянд;
12) бар зидди қоҷоқ ва дигар ҷиноятчориҳо, ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ мубориза мебаранд, ғайриқонунӣ аз сарҳади гумрукӣ гузаронидани воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, яроқу лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда, арзишҳои фарҳангӣ, маводи радиоактивӣ, намудҳои ҳайвоноту набототе, ки ба онҳо хатари нобудшавӣ таҳдид менамояд, узв ва маҳсули (дериватӣ) онҳо, объектҳои моликияти зеҳнм, дигар молро пешгирӣ менамоянд, инчунин ба муборизаи зидди терроризми байналмилалм ва пешгирӣ кардани дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти авиатсияи гражданӣ дар фурудгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд;
13) чораҳои зарурииро ҷиҳати пешгирӣ ва ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ҳангоми интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон меандешанд ва бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили хавфҳои коррупсиониро дар мақомоти гумрук мегузаронанд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906);
14) дар доираи салоҳияти худ назорати андоз, асъор, содиротӣ ва дигар намудҳои назоратро, ки ҳуқуқи анҷом доданашон ё ҳуқуқи иштирок дар анҷом додани онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти гумрук вогузор гардидааст, анҷом медиҳанд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845);
15) омори гумрукии тиҷорати хориҷӣ ва Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷиро амалӣ менамоянд;
16) иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ таъмин менамоянд, бо мақомоти гумрук ва бо мақомоти дигари босалоҳияти давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмиллалие, ки бо масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ машғуланд, ҳамкорӣ мекунанд;
17) дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ корҳои иттилоотӣ ва машваратиро ба ҷо меоранд, бо тартиби муқарраршуда мақомоти давлатӣ, муассисаҳо ва шаҳрвандонро бо маълумоти марбути масъалаҳои гумрукӣ таъмин менамоянд;
18) дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ корҳои илмию тадқиқотиро доир менамоянд;
19) бо дархости мақоми ваколатдор дар соҳаи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм" маълумотро аз низоми иттилоотии худ пешниҳод менамоянд (Қонуни ҶТ 14.11.2016 № 1366);
20) муқовимат ба экстремизмро ба воситаи пешгирии ҳолатҳои аз сарҳади гумрукӣ интиқол додани маводи экстремистии пешбининамудаи

қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардонанд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906);
21) дигар вазифаҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро менамоянд (Қонуни ҶТ аз 19.07.2022 № 1906).

**Моддаи 463. Парчам ва аломати фарққунандаи мақомоти гумрук**

(Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845)

Мақомоти гумрук дорои парчам ва аломати фарққунанда мебошанд. Дар воситаҳои нақлиётии дар ихтиёри мақомоти гумрукбуда аломати фарққунандаи гумрук ҷойгир кунонида мешавад. Тасвиру нақши парчам ва аломати фарққунандаи мақомоти гумрукро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).

**Моддаи 464. Маҳалли ҷойгиршавии мақомоти гумрук**

1. Мақомоти гумрук дар нуқтаҳои гузаргоҳи Сарҳади давлатии Чумҳурии Тоҷикистон ҷойгир мебошанд. Маҳалҳои дигари ҷойгиршавии мақомоти гумрукро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ бо назардошти ҳаҷми муомилоти мол ва шумораи мусофирон, суръати рушди муносибатҳои иқтисодии хориҷии минтақаҳои алоҳида, талаботи ташкилотҳои нақлиётӣ, содиркунандагону воридкунандагон, дигар иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ муайян менамояд.

2. Мақомоти гумрук дар биноҳое қарор мегиранд, ки моликияти мақомоти гумрук мебошанд.

Мақомоти гумрук инчунин метавонад дар биноҳои марбутаи зайл қарор гиранд:

1) соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ, анборҳои гумрукӣ, мағозаҳои савдои бебоҷ ва анборҳои озод;
2) ташкилотҳое, ки бо интиқоли байналмилалии мусофирон тавассути ҳавопаймо, нақлиёти роҳи оҳан ва автомобилӣ машғул мебошанд;
3) дигар ташкилотҳое, ки мунтазам молро ворид ва содир менамоянд.

**Моддаи 465. Маҳали анҷом додани амалиёти гумрукии мақомоти гумрук**

Барсмиятдароии гумрукии молу воситаҳои нақлиёт бевосита дар маҳали ҷойгиршавии мақомоти гумрук ва воҳидҳои сохтории онҳо анҷом дода мешавад. Аз рӯи дархости асосноки шахси манфиатдор ва иҷозати хаттии роҳбари мақомоти гумрук, ё шахси ваколатдори он амалиёти гумруки метавонад дар дигар маҳалҳо низ анҷом ёбад. Мақомоти гумрук барои анҷом додани амалиёти гумрукӣ дар маҳали ҷойгиршавии молу воситаҳои нақлиёт монеъ намешаванд, ба шарте агар ин самаранокии назорати гумрукиро паст нанамояд.

**Моддаи 466. Вақти кории мақомоти гумрук**

1. Вақти кории мақомоти гумрукро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Вақти кори мақомоти гумрук дар бандарҳо, фурудгоҳҳо ва дигар нуқтаҳои гузаргоҳи аз Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бо вақти кории мақомот ва хадамоти назоратии ин гузаргоҳҳо мувофиқат намояд. Вақти кории мақомоти гумрук дар дигар маҳалҳои барасмиятдарории гумрукӣ бо

назардошти талаботи ташкилотҳои нақлиётӣ ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ муқаррар карда мешаванд.
Вақти кории мақомоти гумрук дар нуқтаҳои гузаргоҳи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо ҷойгиршавии гузаргоҳҳои ҳамсарҳад якҷояанд, аз рӯи имконият бояд бо вақти кории мақомоти гумрукӣ ин давлатҳои ҳамсарҳад мувофиқат намоянд.
2. Аз рӯи дархости асосноки шахси манфиатдор ва ҳангоми мавҷуд будани имконоти мақомоти гумрук амалиёти алоҳидаи гумрукӣ метавонад берун аз вақти кории мақомоти гумрук анҷом дода шаванд.

**§2. Ҳуқуқ, салоҳият ва ҷавобгарии мақомоти гумрук**

**Моддаи 467. Салоҳияти мақомоти гумрук**

Мақомоти гумрук барои иҷрои вазифаҳои ба зиммашон гузошташуда салоҳият доранд, ки:
1) бо мақсади таъмини риояи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои пешбининамудаи ҳамин Кодексро андешанд;
2) ҳуҷҷатҳо, маълумотеро, ки пешниҳоди онҳо мувофиқи ҳамин Кодекс пешбинӣ гардидааст, талаб кунанд;
3) ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсияти шаҳрвандон ва шахсони мансабдорро, ки дар амалиёти гумрукӣ иштирок мекунанд, тафтиш намоянд;
4) аз шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ тасдиқномаи ваколати анҷом додани амалҳои алоҳида ё фаъолияти алоҳидаро дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ талаб кунанд;
5) мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба мақсади ошкор кардан, пешгирӣ намудан, роҳ надодан ва кушодани ҷиноят, амалиёти таҳқиқӣ ва таъхирнопазири тафтишотӣ, ки тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти салоҳияти мақомоти гумрук дониста шудааст, ошкор ва муайян намудани шахсоне, ки барои тайёр кардан, анҷом додан ва ҷиноят содир кардан гунаҳкоранд, гузаронанд (Конуни ЧТ аз 25.03.2011 № 693);
6) дар доираи салоҳияти худ гузаронидани амалиёти таҳқиқӣ ва таъхирнопазири тафтишотиро мувофиқи тартиби муайянкардаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом диҳанд;
7) парвандаҳо оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмуриро баррасӣ намоянд ва шахсонро барои вайрон кардани қоидаҳои маъмурӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашанд;
8) дар ҳолатҳои таъхирнопазир аз воситаҳои алоқа ё нақлиёти мансуби ташкилот ё иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (ба истиснои воситаҳои алоқа ва нақлиёти намояндагиҳои дипломатӣ, консулгарӣ ва дигар муассисаҳои давлатҳои хориҷӣ, инчунин ташкилотҳои байналмилалӣ) барои пешгирии ҷиноят дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ, таъқиб ва дастгир кардани шахсоне, ки ин гуна ҷиноятҳоро содир намудаанд ё шахсони барои содир кардани ҷиноят гумонбаршуда истифода баранд. Дар ин ҳолат зарар ва хароҷоти соҳибони воситаҳои нақлиёт ва алоқа мувофиқи тартиби муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда мешавад;
9) шахсонеро, ки дар содир кардани ҷиноят гумонбар шудаанд ё онро содир намудаанд ё содиркунандагони ҷиноят ё вайронкунандагони қоидаҳои

маъмурии соҳаи фаъолияти мақомоти гумрукро мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгир намоянд ва ба биноҳои хизматии мақомоти гумрук ё мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон расонанд;
10) оид ба далелу воқеаҳои марбути интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ ва интиқолу нигаҳдории моли таҳти низоми назорати гумрукӣ нигоҳдоришаванда, борбардорию борфурори ҳуҷҷат тартиб диҳанд, ба видео ва аудио сабт кунанд, ба навори кино ва сурат акси онҳоро гиранд;
11) аз мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, корхонаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар шахсон маълумоти заруриро барои иҷрои вазифаҳои худ мувофиқи ҳамин Кодекс гиранд;
12) ба роҳбарони мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташколотҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин ба дигар шахсон огоҳинома фиристода, талаб намоянд, ки вайронкунии қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистонро бартараф кунанд ва иҷрои талаботи мазкурро назорат намоянд;
13) дар ҳолатҳои зайл ба судҳо арзу даъво пешниҳод намоянд:
- дар бораи маҷбуран ситонидани боҷҳои гумрукӣ ва андоз;
- дар бораи ситонидани пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз аз ҳисоби мол;
- дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ;
14) бо мақсади ҳамкорӣ ва кӯмак оид ба масъалаҳои татбиқи усулҳои самараноки барасмиятдарории гумрукӣ бо иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, дигар шахсоне, ки фаъолияти онҳо бо иҷрои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ алоқаманд аст ва бо иттиҳодияҳои (ассотсиатсияҳои) касбии онҳо муносибатҳои расмии машварати муқарарар намоянд ва ин муносибатҳоро дастгирӣ кунанд;
15) ҳангоми сафари хизматӣ аз ҳуқуқи пешаки банд кардани ҷой дар меҳмонхонаҳо ва дар ҳама намуди нақлиёт истифода намоянд;
16) робитаҳои байналмилалиро дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ муқаррар намоянд ва давом диҳанд;
17) аз дигар салоҳиятҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро истифода баранд.

**Моддаи 468. Ҳуқуқҳои мақомоти гумрук ҳангоми татбиқи назорати гумрукӣ бо истифода аз киштиҳо ва ҳавопаймоҳои мақомоти гумрук**

1. Ҳангоми татбиқи назорати гумрукӣ бо истифодаи киштиҳо ва ҳавопаймоҳои мақомоти гумрукӣ ин мақомот ҳуқуқ доранд:
1) ҳангоми муайян намудани нишонаҳои он, ки дар воситаҳои нақлиёт мол ғайриқонунӣ интиқол дода мешавад ва он бояд таҳти назорати гумрукӣ қарор гирад, ин воситаҳои нақлиётро боздошта, муоинаи гумрукии онро анҷом диҳанд (моддаи 413);
2) шахсони ба содир кардани ҷиноят гумонбаршудаи савори воситаи нақлиётро, ки амалҳои таъхирнопазири тафтишотӣ ва таҳқиқотиро нисбати онҳо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтиёри мақомоти гумрук гузоштааст, боздошт намоянд, ба шарте ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалии

эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошанд.
3) берун аз ҳудуди сарҳади обии Ҷумҳурии Тоҷикистон киштии дарёии аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бе иҷозати мақомоти гумрук равандаро дар минтақаи наздики Ҷумҳурии Тоҷикистон то дохил шудани он ба ҳудуди обии давлатҳои хориҷӣ таъқиб ва боздошт намоянд, ба шарте агар таъқиб аз сарҳади обии дохилӣ, сарҳади обии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди додани сигнали садоӣ ва назоратӣ дар бораи боз доштани киштӣ аз масофае, ки ин гуна ишораро дидан ва шунидан мумкин аст ва бетанаффус ишора шуда бошад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
4) ҳангоми ошкор намудани нишонаҳои қонунвайронкунӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ воситаҳои нақлиётро барои ситонидани онҳо мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳалли қазия, боздошт намояд;
5) дар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс воситаҳои нақлиётро ҳамроҳи кунанд, аз ҷумла ба онҳо мансабдорони мақомоти гумрукро савор намоянд.
2. Ба сарнишинони киштиву ҳавопаймоҳои мақомоти гумрук ҳуқуқ дода мешавад, ки:
1) ҳудуди оби ва фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, акваторияи бандарҳои дарёӣ, инчунин фурудгоҳҳо, аэродромҳои (майдончаҳои фурудоии) ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро новобаста аз мансубият ва таъиноти онҳо ба таври ройгон истифода намоянд, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);
2) аз ҳуқуқи афзалиятноки даромадан ба бандарҳо, ки бо мақомоти давлатии ваколатдор мувофиқа шудааст, ройгон истифода баранд;
3) аз маълумоти навигатсионӣ, гидрометеорологӣ, гидрографӣ ва ғайра ройгон истифода намояд;
4) парвози ҳавопаймо ва киштирониро ройгон таъмин намоянд.

**Моддаи 469. Ҳуқуқи мақомоти гумрук нисбати воситаҳои нақлиёти автомобилие, ки моли таҳти назорати гумрукро интиқол медиҳанд**

1. Мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд нақлиёти автомобилӣ, аз ҷумла воситаҳои нақлиёти автомобилиеро, ки ба молкашонии байналмилалӣ машғул нестанд, бо мақсади тафтиши мол ва ҳуҷҷатҳо манъ намоянд, ба шарте ки онҳо моли таҳти назорати гумрукӣ қарордоштаро кашонанд. Мақомоти гумрук метавонанд воситаҳои нақлиёти автомобилиро дар минтақаҳои назорати гумрукии қад - қади сарҳади гумрукӣ таъсисёфта, боздоранд.
2. Ҳангоми манъ кардани воситаҳои нақлиёт берун аз минтақаи назорати гумрукӣ вақти тафтиши нақлиёт ва ҳуҷҷатҳои он аз тарафи мақомоти гумрук наметавонад аз ду соат зиёд бошад. Дар бораи тафтиши мол ва ҳуҷҷатҳои он тибқи намунаи муайяннамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ санад тартиб дода мешавад, ки як нусхаи он бояд ба боркашон дода шавад. Воситаҳои нақлиёт ба ҳудуди анборҳои нигаҳдории муваққатӣ ё маҳалҳои дигар, ки минтақаи доимии назорати гумрукӣ ҳисоб меёбад (моддаи 403), танҳо ҳангоми кушодани парванда дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ маҷбуран ҷойгир карда шуда, нусхаи қарор ё

протоколи дахлдор ба интиқолдиҳанда ва ё ронандаи воситаи нақлиёт супорида мешавад. Ҳамзамон, воситаҳои нақлиёт дар ҳудуди анбори нигаҳдории муваққатӣ ё дар маҳали дигар, ки минтақаи назорати гумрукӣ ҳисоб мешавад, то мӯҳлати барои фаровардани бор зарурӣ, ба истисноИ ҳолатҳое, ки воситаҳои нақлиёт мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд мусодира карда шаванд, нигоҳ дошта мешавад.

**Моддаи 470. Фаъолияти мутақобила ва ҳамкории мақомоти гумрук бо дигар мақомоти давлатӣ**

1. Мақомоти гумрук вазифаҳои худро мустақилона ва якҷоя бо дигар мақомоти давлати иҷро менамоянд.

2. Мақомоти гумрук мувофиқи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд барои аз тарафи дигар мақомоти давлатӣ дар минтақаи назорати гумрукӣ иҷро намудани амалҳои алоҳидаи марбути салоҳияташон иҷозат диҳанд.

3. Ҳангоми аз тарафи мақомоти гумрук ошкор намудани нишонаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (ҷиноят), ки баррасии парвандаи он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияти дигар мақомоти давлатӣ мебошад, мақомоти гумрук вазифадоранд ин маълумотро ба мақоми дахлдори давлатии фавран пешкаш намоянд.

Моддаи 470(1). Фаъолияти мутақобила ва ҳамкории мақомоти гумрук бо ташкилотҳои ғайритиҷоратии муттаҳидкунандаи шахсоне, ки фаъолияти вобаста ба интиқоли мол ва воситаҳои нақлиётро тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд, инчунин шахсони дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ амалкунанда

(Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678)

1. Бо мақсади мувофиқати манфиатҳои муҳими ҷамъиятии шахсони анҷомдиҳандаи фаъолияти вобаста ба интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шахсони дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ амалкунанда, мақомоти гумрук бо ташкилотҳои ғайритиҷоратии муттаҳидкунандаи чунин шахсон ҳамкорӣ менамояд.

2. Ҳамкории мақомоти гумрук бо ташкилотҳои ғайритиҷоратии муттаҳидкунандаи шахсони анҷомдиҳандаи фаъолияти вобаста ба интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шахсони дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ амалкунанда метавонад дар шаклҳои зерин анҷом дода шавад:

1) пешниҳод намудани таклифҳо ба лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ;

2) иштирок дар арзёбии самаранокии татбиқи чораҳои маъмурияти гумрукӣ;

3) шаклҳои дигари ҳамкорӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

3. Бо мақсади фаъолияти мутақобила ва ҳамкорӣ оид ба масъалаҳои татбиқи усулҳои самараноки барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гумрукӣ, мақомоти гумрук бо ташкилотҳои ғайритиҷоратии муттаҳидкунандаи шахсони анҷомдиҳандаи фаъолияти вобаста ба интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон машварат

мегузаронад. Тартиби гузаронидани чунин машварат аз ҷониби мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678).

**Моддаи 471. Назорати идории фаъолияти мақомоти гумрук**

Мақоми болоии гумрук ё шахси мансабдори он ҳуқуқ дорад ҳар вақт мувофиқи тартиби назорати идори қарори хилофи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми поёнии гумрук ё мансабдори поёнии мақоми гумрукро бекор кунад, инчунин нисбати амалӣ (беамалии) ғайриқонунии мақомоти поёни гумрук ё шахсони мансабдори поёнии мақомоти гумрук ҳама гуна тадбирҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро андешад.

**Моддаи 472. Ҷавобгарии мақомоти гумрук ва шахсони мансабдори онҳо**

1. Барои қарор ва амал (беамали) - и ғайриқонунии шахсони мансабдори мақомоти гумрук мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии интизомӣ, маъмурӣ, ҷиноятӣ ва дигар ҷавобгариҳо кашида мешаванд.

2. Мақомоти гумрук товони зарареро, ки дар натиҷаи қабули қарор ва амали (беамалии) ғайриқонунии шахсони мансабдори худ ва дигар кормандон ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва меҳнатӣ ба шахсон ва моликияти онҳо расидааст, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн менамоянд.

3. Зараре, ки дар асари амали қонунии мақомоти гумрук ва шахсони мансабдори он расидааст, ҷуброн карда намешавад, ба шарте ки дар ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти гумрук истифода бурдани қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус ва яроқи оташфишон

**Моддаи 473. Шартҳои истифодаи қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус ва яроқи оташфишон аз тарафи шахсони мансабдори мақомоти гумрук**

1. Шахсони мансабдори мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд бо тартиби пешбининамудаи ҳамин Кодекс қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус ва яроқи оташфишонро истифода баранд.

2. Пеш аз истифодабарии қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус ва яроқи оташфишон кас бояд аз нияти кор фармудани онҳо ба таври ошкоро огоҳонида шавад ва ҳангоми истифодаи яроқи оташфишон барои хушдорӣ ба ҳаво тир холи карда шавад. Ҳамзамон шахсони мансабдори мақомоти гумрук вазифадоранд, ки:

1) барои иҷрои талаботи қонунии худ мӯҳлати зарурӣ диҳанд, ба истисной ҳолатҳое, ки ба таъхир гузоштани истифодаи қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус ва яроқи оташфишон барои ҳаёту саломатии онҳо бевосита хатарнок аст, метавонад боиси оқибатҳои дигари вазнин гардад, ҳангоми ҳамлаи ногаҳонӣ ё ҳамлаи яроқнок ҳамла бо истифодаи техникаи ҳарбӣ, киштиҳо ва воситаҳои нақлиёт ё дар ҳолатҳои дигар, ки чунин огоҳӣ ноҷоиз ва ё имконнопазир мебошад;

2) ба шахсоне, ки ҷароҳат бардоштаанд, ёрии аввалияи тиббӣ расонида, аз ҳодисаи рухдода роҳбари мақомоти гумрукро фавран огоҳ намоянд, ки вай дар навбати худ бояд дар муддати 24 соат ба прокурор хабар диҳад.
3. Ҳангоми истифодаи қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус ва яроқи оташфишон вобаста ба хусусият ва андозаи хатари қонуншиканӣ ва муқовимат шахси мансабдори мақомоти гумрук бояд кӯшиш намояд, ки ҳар гуна зарари ҳангоми рафъи хатар расонидашуда то ҳадди имкон камтар бошад.
4. Дар ҳолатҳои муҳофизати зарурӣ ё зарурияти ниҳоӣ шахсони мансабдори мақомоти гумрук дар сурати набудани воситаҳои махсус ҳуқуқ доранд яроқи оташфишон ҳама гуна воситаи дар даст дошта истифода кунанд.
5. Ҳангоми хилофи тартиби муқаррарградида истифода бурдани қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус ва яроқи оташфишон шахсони мансабдори мақомоти гумрук мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 474. Истифодаи қувваи ҷисмонӣ аз тарафи шахсони мансабдори мақомоти гумрук**

1. Шахсони мансабдори мақомоти гумрук ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматиашон ҳуқуқ доранд қувваи ҷисмонӣ, аз ҷумла усулҳои ҷанги танбатанро дар ҳолатҳое ба кор баранд, ки усулҳои ғайризӯроварӣ наметавонанд иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташударо таъмин намоянд.
2. Қувваи ҷисмонӣ барои мақсадҳои зайл истифода бурда мешавад:
1) пешгири намудани ҳуқуқвайронкунӣ;
2) дастгир кардани шахсони содирнамудаи қонуншиканӣ;
3) иҷро накардани талабҳои қонунии шахси мансабдори мақомоти гумрук;
4) мамониат барои ворид шудан ба дохили биноҳо, ҳудуд, ба назди мол ва воситаҳои нақлиёте, ки таҳти назорати гумрукӣ қарор доранд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 475. Истифодаи воситаҳои махсус аз тарафи шахсони мансабдори мақомоти гумрук**

1. Шахсони мансабдори мақомоти гумрук ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизмати ҳуқуқ доранд, ки аз воситаҳои махсуси дар ихтиёрашон буда дар ҳолатҳои зайл истифода баранд:
1) барои рафъи ҳамла ба кормандони мақомоти гумрук ё шахсони дигар;
2) барои рафъи ҳамла ба биноюю иморатҳо ва воситаҳои нақлиёти мақомоти гумрук ё аз тарафи онҳо истифодашаванда, ба молу воситаҳои нақлиёте, ки таҳти назорати гумрукӣ мебошанд, инчунин барои озод кардани объектҳои номбурда дар сурати тасарруфи онҳо;
3) барои дастгир кардани ҳуқуқвайронкунандагон, овардани онҳо ба бинои хизматии мақомоти гумрук ё мақомоти корҳои дохилӣ, ба шарте, ки ин шахсон итоат накунанд, муқобилият нишон диҳанд ё ба атрофиён ва ё ба худ зарар расонанд;
4) барои пешгирӣ намудани муқобилати ҷисмонӣ ба шахси мансабдори мақомоти гумрук;

5) барои боздоштани нақлиёте, ки ронандаи он талаби қонунии шахси мансабдори мақомоти гумрукро дар бораи боз доштани нақлиёт иҷро накунад.
2. Истифодаи воситаҳои махсус нисбати заноне, ки дорои нишонаҳои аёни ҳомилагӣ мебошанд, шахсони дорои нишонаҳои аёни маъюбӣ дошта, ноболиғон, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки онҳо муқобилияти мусаллаҳона нишон медиҳанд, ҳамлаи гурӯҳӣ ва ғайра анҷом медиҳанд, ки ба ҳаёт ва саломатии инсон, амният ва молу воситаҳои нақлиёти таҳти назорати гумрукӣ қарордошта хатарноканд, манъ аст.
3. Номгӯи воситаҳои махсусро, ки мақомоти гумрук мавриди истифода қарор медиҳанд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 476. Истифодаи яроқи оташфишон аз тарафи шахсони мансабдори мақомоти гумрук**

1. Шахсони мансабдори мақомоти гумрук ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизмати ҳуқуқ доранд дар ҳолатҳои зерин аз яроқи оташфишон истифода кунанд:
1) барои рафъи ҳамла ба кормандони мақомоти гумрук, ҳангоме ки ҳаёт ва саломатии онҳо зери хатар аст, ба шарте агар ҳамла бо восита ва усулҳои дигар рафънопазир бошад;
2) барои пешгирӣ намудани кӯшишҳои ба даст овардани аслиҳаи шахсони мансабдори мақомоти гумрук, аз ҷумла кӯшиши шахси дастгиршуда барои наздик шудан ба мансабдори мақомоти гумрук бо мақсади кӯтоҳ кардани масофае, ки шахси мансабдори мақомоти гумрук нишон дода буд ё даст расонидан ба яроқи оташфишони ҳамин шахси мансабдор;
3) барои рафъи ҳамлаи гурӯҳӣ ва мусаллаҳона ба биноию иморатҳо ва воситаҳои нақлиёт, киштиву ҳавопаймоҳои ба мақомоти гумрук тааллуқдошта ё аз ҷониби онҳо истифодашавана ё молу воситаҳои нақлиёти таҳти назорати гумрукӣ қарордошта ё ба объектҳое, ки ин гуна молу воситаҳои нақлиёт мавҷуданд;
4) барои боздоштани шахсоне (шахсе), ки муқобилияти мусаллаҳона нишон медиҳанд, инчунин шахсони (шахси) мусаллаҳе, ки талаби қонунии супоридани яроқи оташфишонро иҷро намекунад;
5) барои боздоштани воситаҳои нақлиёт, кишти бо роҳи вайрон кардани онҳо, ба шарте агар онҳо ба ҳаёт ва саломатии шахсони мансабдори мақомоти гумрук хатари ҷиддӣ пеш оранд ё ба талаби чандинкаратаи онҳо баъди ба ҳаво тир кушодан, итоат накунанд;
6) барои безарар гардонидани ҳайвоноте, ки ба ҳаёт ва саломатии шахси мансабдори мақомоти гумрук таҳдид мекунанд;
7) барои огоҳ намудан аз нияти истифодаи яроқи оташфишон, додани бонги хатар ё имдодталабӣ.
2. Истифодаи яроқи оташфишон нисбати занон, шахсони дорои нишонаҳои аёни маъюби, ноболиғон, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки онҳо муқобилияти мусаллаҳона нишон медиҳанд, ҳамлаи гурӯҳӣ ва ғайра мекунанд, ки ба ҳаёт ва саломатии одамон хатарнок мебошанд, манъ аст.
3. Шахси мансабдори мақомоти гумрук вазифадор аст, дар бораи ҳар як ҳолати истифодаи яроқи оташфишон дар мӯҳлати кӯтоҳтарин ба шакли хаттӣ

роҳбари мақомоти гумрукро огоҳ намояд, ки ӯ дар навбати худ бояд дар давоми 24 соати баъди истифодаи яроқи оташфишон дар ин бора ба прокурор хабар диҳад.
4. Номгӯи намуди яроқи оташфишон ва лавозимоти ҷангии онро, ки мақоми гумрук истифода мебарад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.
5. Агар шахси мансабдори мақомоти гумрук лозим донад, ки дар ҳолати рухдода истифодаи яроқи оташфишон зарур мешавад, ӯ ҳуқуқ дорад мутобиқи қисми 1 ҳамин модда яроқи оташфишонашро омодаи истифода кунад.
4. Таъмини фаъолияти мақомоти гумрук

**Моддаи 477. Маблағгузорӣ ва таъминоти моддию техникии фаъолияти мақомоти гумрук**

Маблағгузории хароҷоти мақомоти гумрук барои таъминот ва рушди он аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ва дигар маблағҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатӣ таъмин карда мешавад.

**Моддаи 478. Ҷойгиронии объектҳои мақомоти гумрук**

1. Қитъаҳои замин, ки барои ҷойгиронии объектҳои мақомоти гумрук таъин гардидаанд, тибқи тартиби ҷудо намудани замин барои эҳтиёҷоти ғайрикишоварзӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи замин дода мешаванд.
2. Ҳангоми ҷойгир намудани воҳидҳои сохтории гумрук барои анҷом додани амалиёти гумрукӣ дар объектҳои марбути ташкилотҳои дар қисми 2 моддаи 464 ҳамин Кодекс зикргардида таъминоти моддию техникии фаъолияти мақомоти гумрук дар бобати истифодаи воситаҳои алоқа, асбобу анҷом ва таҷҳизоти техникии ташкилӣ бо розигии соҳибони ин объектҳо дар асоси шартнома анҷом дода мешавад.

**Моддаи 479. Ҳифзи маълумот дар бораи фаъолияти мақомоти гумрук**

1. Ҳуҷҷату маводи дорои маълумот дар бораи ҳайати кормандони мақомоти гумрук дар бораи ташкил, тарзу услуб ва воситаҳои татбиқи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бояд дар бойгонии мақомоти гумрук мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳдошта шаванд (Конуни ЧТ аз 25.03.2011 № 693).
2. Маводи бойгонии мақомоти гумрук, ки дорои арзишҳои илмӣ ва таърихӣ буда, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ифшо шудаанд, барои нигаҳдорӣ ба бойгонии давлатӣ тибқи тартиби муайяннамудаи санадҳои меъёрии ҳукуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида мешаванд.
3. Сирҳои давлатӣ, бонкӣ, андоз, инчунин итилооти махфии мақомоти гумрук мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд.

**Моддаи 480. Муассисаҳо ва корхонаҳои воҳиди давлатии мақомоти гумрук**

1. Барои таъмини фаъолияти мақомоти гумрук мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии

Тоҷикистон лабораторияҳои гумрукӣ, муассисаҳои илмию тадқиқотӣ, муассисаҳои таълимӣ, матбаа, марказҳои иттилоотии ҳисоббарорӣ ва дигар муассисаҳоро таъсис менамояд, ҳамчунин дар ихтиёри худ корхонаҳои воҳиди давлатие дошта метавонад, ки фаъолияти онҳо барои иҷрои вазифаҳои мақомоти гумрук мусоидат мекунанд.

2. Вазифаҳои муассиса ва корхонаҳои воҳиди давлатии мақомоти гумрук мувофиқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

**Моддаи 481. Амволи мақомоти гумрук ва ташкилотҳои мақомоти гумрук**

Амволи мақомоти гумрук, муассиса ва корхонаҳои воҳиди давлатии мақомоти гумрук моликияти давлат ҳисоб мешавад. Амволи мазкур аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтёрдори карда мешавад.

## БОБИ 60. ТАРТИБИ АДОИ ХИЗМАТ ДАР МАҚОМОТИ ГУМРУК

**Моддаи 482. Хизмат дар мақомоти гумрук**

1. Хизмат дар мақомоти гумрук намуди хизмати махсуси шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки фаъолияти касбиро ҷиҳати татбиқи вазифа, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои мақомоти гумрук мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мекунад.

2. Тартиби адои хизмат дар мақомоти гумрук тибқи ҳамин Кодекс ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд.

**Моддаи 483. Қабул ба хизмат дар мақомоти гумрук**

1. Корманди мақомоти гумрук он шахсе шуда метавонад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дорад, синнаш аз 20 кам ва аз 35 зиёд набошад, дорои таҳсилоти миёнаи махсус ё оли бошад, забони давлатиро донад , хизмати ҳарбии ҳатмии мӯҳлатнокро (ба истиснои занон, инчунин мардоне, ки билети ҳарбӣ доранд, ба ғайр аз онҳое, ки хизмати ҳарбиро дар ҳайати захираҳои даъвати сафарбарӣ адо кардаанд) адо карда бошад ва бо сифатҳои шахсӣ, ахлоқӣ, кордонӣ, касбӣ ва вазъи саломатии худ аз ӯҳдаи иҷрои вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда барояд (Конуни ЧТ аз 28.06.2011 № 747, аз 30.05.2017 № 1421, аз 29.01.2021 № 1768).

2. Дохил шудани шаҳрвандон ба хизмати мақомоти гумрук ихтиёри буда, он мувофиқи қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти хусусиятҳои хоси пешбининамудаи ҳамин Кодекс, сурат мегирад.

3. Ба вазифаи мақомоти гумрук шаҳрвандони дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва оли қабул карда мешаванд.

4. Барои дохил шудан ба хизмат дар мақомоти гумрук ҳуҷҷатҳои зерин зарур аст:

1) аризаи шахсӣ;

2) ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи таҳсилоти касбӣ;

3) хулосаномаи тибби дар бораи коршоям будан ба хизмат.

4) тарҷумаи ҳол;

5) пешниҳоди эъломияҳо дар бораи даромад ва вазъи молумулкӣ (Қонуни ҶТ аз 20.06.2019 № 1621);
6) пешниҳоди дигар ҳуҷҷатҳое, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд.
5. Талабот нисбати саломатии шаҳрвандоне, ки ба хизмати мақомоти гумрук меоянд, тибқи меъёрҳои барои хизматчиёни ҳарбӣ муқарраршуда муайян карда мешавад.
6. Ҳангоми дохил шудан ба хизмат дар мақомоти гумрук мӯҳлати санҷиш то шаш моҳ бидуни додани рутбаи махсус муқаррар карда мешавад.
Барои хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ки онҳоро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ба таҳсил фиристодааст ё барои онҳое, ки аз дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомигардонидашуда гузаштаанд, мӯҳлати санҷиш муқаррар карда намешавад.
7. Ба хизмати гумрукӣ шаҳрвандоне, ки доғи суди доштанд ё доранд (сарфи назар аз мӯҳлати адои ҷазои таъиншуда, озод кардан аз адои минбаъдаи ҷазо, қабул ва татбиқи санади авф, ба истиснои онҳое, ки аз тарафи суд сафед карда ё бегуноҳ дониста шудаанд), қабул карда намешаванд.
8. Шахсони дорои ӯҳдадории ҳарбӣ, ки ба хизмати мақомоти гумрук омадаанд, мувофиқи тартиби муайяншуда аз қайди ҳарбӣ баромада, ба қайди махсуси мақомоти гумрук гузошта мешаванд.
9. Бо мақсади таъмини техникии фаъолияти мақомоти гумрук дар воҳидҳои кории онҳо вазифаҳои дахлдори озоди кормандони кироаи мақомоти гумрук (минбаъд кормандон ва хизматчиён) пешбинӣ карда мешавад. Номгӯи вазифаҳои мазкур аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян карда мешавад. Муносибатҳои меҳнатии ҳайати кормандони кироаи (кормандон ва хизматчиёни) мақомоти гумрук мувофиқи қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад.
10. Номгӯи вазифаҳои ҳайати хурд, миёна ва калони роҳбарикунандаи мақомоти гумрук ва талаботи тахассуси нисбати кормандони мақомоти гумрук, ки вазифаҳоро ишғол намудаанд аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ тасдиқ карда мешавад.
11. Адои хизмат дар мақомоти гумрук дар парвандаи шахсии кормандони мақомоти гумрук дарҷ карда мешавад. Парвандаи шахсии кормандони мақомоти гумрук аз тарафи мақоми кадрии хадамоти гумрук пеш бурда мешавад ва ҳангоми гузаштани корманд ба маҳали дигари хизмат ба он ҷо фиристода мешавад. Тартиби пешбурди парвандаҳои шахсии кормандони мақомоти гумрукро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян менамояд.
12. Ҳангоми қабул ва хизмат дар мақоми гумрук шаҳрванд бояд аз қайди давлатии дактилоскопи гузаронида шавад.
13. Ҷамъ ва дохил кардани маълумот доир ба мансубияти сиёсӣ, динӣ ва ҳаёти шахсии кормандони мақомоти гумрук дар парвандаи шахсӣ манъ аст.
14. Хориҷ карда шуд (Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 № 1298)

**Моддаи 484. Маҳдудиятҳо ҳангоми адои хизмат дар мақомоти гумрук**

1. Шахсони мансабдори мақомоти гумрук ҳуқуқ надоранд, ки:
1) ягон кори музднoки муштаракро ба истисноии фаъолияти илмию эҷодӣ ва омӯзгорӣ иҷро намоянд;
2) ба фаъолияти соҳибкорӣ шахсан ё ба воситаи миёнарав машғул шаванд;
3) мустақилона ва ё тавассути намоянда дар идораи субъектҳои хоҷагидорӣ ширкат варзанд;
4) дар корҳои шахси сеюм дар мақомоти гумрук шахси боваринок ё намоянда бошанд;
5) корҳои вобаста ба фаъолияти гумрукиро тибқи қарордоди дорои хусусияти ҳуқуқи шаҳрвандӣ ба ҷо оваранд;
6) ба шахсон бар ивази подош, хизматрасонӣ ва имтиёзҳо бо истифода аз вазифаи хизматӣ ҳар гуна кӯмаки дар қонун пешбининашударо расонанд;
7) вазифаи хизматии худро ба манфиати ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои динӣ барои таблиғи муносибат бо онҳо истифода намоянд (дар мақомоти гумрук ташкили сохторҳои ҳизбҳои сиёсӣ, инчунин иттиҳодияҳои динӣ манъ аст);
8) корпартои ташкил кунанд ва дар гузаронидани онҳо иштирок намоянд.
Нисбати кормандони хадамоти гумрук инчунин дигар маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегарданд.
2. Кормандони мақомоти гумрук вазифадоранд дар давраи адои хизмат дар мақомоти гумрук ҳиссаи шахсии худ (пакети саҳмия)-ро дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ тибқи тартиби муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои идораи эътимоднок супоранд.
3. Ба кормандони мақомоти гумрук, ки хешу ақрабои наздик ё ба ҳам наздиканд (падару модар, зану шавҳар, бародарон, хоҳарон, писарон, духтарон, ҳамчунин бародарону хоҳарони падару модар, писарон, духтарон, ҳамчунин бародарону хоҳарони падару модар, фарзандони зану шавҳар) агар он ба тобеияти бевосита ё таҳти назорати бевоситаи алоқаманд бошанд, адои хизмат дар ҳамон мақоми гумрук манъ аст.

**Моддаи 485. Пешниҳоди эъломияҳо дар бораи даромад ва вазъи молумулкии кормандони мақомоти гумрук**

(Қонуни ҶТ аз 20.06.2019 № 1621)

Кормандони мақомоти гумрук (ба истисноии ҳайати техникӣ ва хизматрасон) эъломияҳо дар бораи даромад ва вазъи молумулкии худро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд (Қонуни ҶТ аз 20.06.2019 № 1621).

**Моддаи 486. Савганди шахси мансабдори мақомоти гумрук**

1. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал ба вазифа таъин мегарданд, баъди ду моҳи додани рутбаи аввали махсус савганди зеринро ёд мекунанд: "Савганд ёд мекунам, ки ҳангоми иҷрои вазифаи шахси мансабдори мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конститутсия ва қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бечунучаро риоя карда, истиқлолият ва амнияти иқтисодии Тоҷикистонро ҳимоя намуда вазифаҳои хизматии худро софдилона баҷо меоварам, талаботи интизоми хадамоти гумрукро риоя мекунам".

2. Тартиби маросими савгандёдкуниро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрук муайян мекунад.

**Моддаи 487 Рутбаҳои махсуси шахсони мансабдори мақомоти гумрук**

1. Рутбаҳои махсуси кормандони мақомоти гумрук аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

2. Тартиби додани рутбаҳои махсус ба кормандони мақомоти гумрукро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

3. Муқаррароти ҳамин модда инчунин нисбати роҳбарон ва мутахассисони ташкилотҳои махсусгардонидашудаи муассисаҳои гумрук татбиқ карда мешавад.

**Моддаи 488. Асосҳои қатъи хизмат дар мақомоти гумрук**

1. Фаъолияти корманди мақомоти гумрук бо асосҳои зерин қатъ мегардад:

1) бо хоҳиши шахсӣ;

2) бинобар расидан ба синни ниҳоие, ки моддаи 500(1) Кодекси мазкур муқаррар намудааст (Қонуни ҶТ 28.12.2012 № 906);

3) баъди ба охир расидани мӯҳлати хизмат, ки ҳуқуқи ба нафақа баромаданро медиҳад (бо ташаббуси корманди мақомоти гумрук ва ё ризоияти ӯ);

4) бо сабаби ба охир расидани мӯҳлати хизмат мувофиқи қарордод;

5) бинобар риоя накардани шартҳои қарордод;

6) бо сабаби ихтисори ҳайати кормандон;

7) бо сабаби беморӣ - дар асоси хулосаи комиссияи тиббии ҳарбӣ оид ба корношоямии ӯ ба хизмат дар мақомоти гумрук;

8) бинобар иллатмандӣ дар асоси хулосаи комиссияи тиббии ҳарбӣ оид ба нокифоя будани ҳолаташ барои хизмат ва бинобар беморӣ иҷро карда натавонистани ӯҳдадории хизматӣ, вобаста ба вазифааш ва набудани имконияти ба кори дигар гузаштан;

9) барои дағалона ва ё мунтазам вайрон кардани интизом;

10) барои содир кардани рафторе, ки ба шарафи корманди мақомоти гумрук доғ меорад;

11) эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунии суд ё қатъи парвандаи ҷиноятӣ тибқи асосҳое, ки сафед намекунанд (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678);

12) бо сабаби мувофиқат накардани вазифаи хизматӣ ба ихтисосаш аз рӯи натиҷаи аттестатсия;

13) ҳангоми вафот;

14) барои вайрон кардани тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо(Конун аз 30.07.2007с.№ 319);

15) бо сабаби қатъ гардидани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё соҳиб шудан ба шаҳрвандии давлати дигар (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421);

16) дар ҳолатҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

2. Шахсони мансабдори мақомоти гумрукӣ аз хизмат ҷавобшуда ҳамчун низомии эҳтиётӣ ба қайд гирифта мешаванд, ба шарте ки онҳо ба синни

ниҳоии муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаштан ба ҷумлаи шахсони ҳарбии эҳтиётии коршоями хизмати ҳарбӣ нарасида бошанд.

**Моддаи 489. Ҳуқуқу вазифаҳои кормандони мақомоти гумрук**

1. Кормандони мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд:

1) бо тамоми маводи парвандаи шахсии худ шинос шаванд;

2) аз ҳисоби маблағе, ки барои таъмини мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ пешбинӣ шудааст, касбу ихтисос омӯзанд, ихтисоси худро тағйир ва такмил диҳанд;

3) аз кафолатҳо ва ҳифзи иҷтимоии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намоянд.

Кормандони мақомоти гумрук инчунин дорои дигар ҳуқуқҳое мебошанд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

2. Ҳуқуқу вазифаҳои хизматии кормандони мақомоти гумрук вобаста ба вазифаи ишғолнамудан онҳо бо дастуруламали вазифавӣ муайян карда мешаванд. Тартиби таҳия ва тасдиқи дастурамали вазифавиро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои гумрук муқаррар менамояд.

3. Иҷрои амалҳои зерин аз тарафи кормандони мақомоти гумрук ҳамчун иҷрои вазифаҳои хизмати дониста мешавад:

1) иштирок дар ҷамъомаду машқҳои ҳарбӣ, мусобиқаҳо ва дигар чорабиниҳои хизматие, ки тибқи нақшаи тасдиқнамудаи роҳбари мақомоти гумрук гузаронида мешаванд;

2) амалҳо оид ба ҳимояи ҳаёт, саломатӣ, эътибори шаҳрвандон, ҳамчунин оид ба амнияти худ вобаста ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ;

3) гаравгон гаштан дар рафти иҷрои вазифаҳои хизматӣ;

4) рафтуомад ба ҷои кор ва сафари хизматӣ.

**Моддаи 490. Ҳавасмандгардонии кормандони мақомоти гумрук**

1. Кормандони мақомоти гумрук барои иҷрои софдилонаи ӯҳдадориҳои хизматӣ, натиҷаҳои баланди хизматӣ, ташаббускорӣ, ҳимояи моликияти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва хусусӣ, кори тӯлонии бенуқсон, инчунин барои шуҷоату фидокорӣ ҳангоми иҷрои вазифаи хизматӣ ҳавасманд гардонида мешаванд.

Кормандони мақомоти гумрук метавонанд бо таври зайл ҳавасманд карда шаванд:

1) эълони раҳматнома;

2) бекор кардани ҷазои интизомии қаблан додашуда;

3) додани мукофоти пулӣ;

4) мукофотони бо тӯҳфаи пурқиммат;

5) сарфарозгардони бо ифтихорнома;

6) сарфарозгардони бо нишони сарисинагии "Корманди ифтихории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Аълочии хадамоти гумрук" ва медалҳои хадамоти гумрук (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 874);

7) дигар намуди ҳавасмандгардонӣ, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

Кормандони мақомоти гумрук бо тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ҳавасманд гардонида мешавад.
2. Кормандони мақомоти гумрук метавонанд, барои хизматҳои махсуси ҳимояи амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин корнамоиҳои дигари хизматӣ ба мукофотҳои давлатӣ пешбарӣ гарданд.

**Моддаи 491. Ҷазоҳои интизоми барои кормандони мақомоти гумрук**

1. Барои риоя накардани интизоми хизматӣ ба кормандони мақомоти гумрук метавонанд намудҳои зерини ҷазои интизомӣ дода шаванд:
1) сарзаниш (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012  № 845);
2) танбеҳ;
3) танбеҳи қатъӣ (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1422);
4) гузарондан ба вазифаи поёнтар ба мӯҳлати то шаш моҳ (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012  № 845);
5) як зина паст кардани рутбаи махсус;
6) озод кардан аз мақомоти гумрук (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012  № 845).
2. Ҷазои интизоми гирифтани корманде, ки кирдори ношоям содир кардааст, ӯро аз ҷавобгарии моддӣ озод намесозад.
3. Ҷазои интизоми бояд муносиби гуноҳ ва кирдори содиршуда бошад. Ҳангоми муайян намудани ҷазо хусусияти кирдор, вазъияте, ки он содир шудааст, рафтори қаблии гунаҳгор, муносибати вай бо кору хизмат, собиқаи хизматӣ, тахассус ба инобат гирифта мешаванд (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1422).
Барои як кирдор таъин намудани якчанд ҷазои интизомӣ манъ аст.
4. Тартиби додани ҷазои интизоми ба кормандони мақомоти гумрук тибқи Оинномаи тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

**Моддаи 492. Тартиби ба вазифа таъин намудани шахсони мансабдори мақомоти гумрук, ҷойивазкунӣ (ротатсия) ва ба кори дигар гузаронидани онҳо**

(Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 № 1298)
1. Сардорони раёсатҳои дастгоҳи марказӣ, сардорони раёсатҳои минтақавии гумрукӣ бо розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони сардорони раёсатҳо, сардорони шуъбаҳо, саронозирон, нозирони калон ва нозирони воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӢ, муовинони сардорони раёстҳои минтақавии гумрукӣ, сардорони шуъбаҳо, гурӯҳҳо, гумрукҳо, дидбонгоҳои гумрукӣ ва муовинони онҳо, сарнозирон, нозирони калон, нозирон ва нозирони хурди раёсатҳои минтақавии гумрукӣ, гумрукҳо ва дидбонгоҳҳои гумрукӣ, инчунин роҳбарон, сарнозирпон, нозирони калон, нозирон ва мутахассисони муассисаҳои гумрукии махсусгардонидашуда ва роҳбарони корхонаҳои воҳиди давлатии мақомоти гумрук дар асоси қарордод бо фармоиши роҳбари мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ба мансаб таъин карда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 13.11.2024 №2108).
2. Бо шахсони мансабдори мақомоти гумрукии дар қисми 1 ҳамин модда зикршуда ба мӯҳлати то се сол шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ ба имзо

расонда мешавад. Барои шахсони мансабдори мақомоти гумрук, ки бори аввал ба ин вазифа таъин мешаванд, мӯҳлати санҷиш то 6 моҳ муқаррар карда мешавад.
3. Кормандони мақомоти гумрук, ки мавриди санҷишҳои хизматӣ қарор гирифтаанд, метавонанд муваққатан, аммо на зиёда аз ду моҳ аз иҷрои вазифаҳои мансабиашон бо нигаҳдории музди миёнаи меҳнат барканор карда шаванд. Қарори муваққатан аз вазифа барканор кардани кормандони дар қисми 1 ҳамин модда зикршударо роҳбари мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ қабул менамояд.
4. Ҷойивазкунии (ротатсияи) шахсони мансабдори мақомоти гумрук, тартиби дар ихтиёри кадрҳо нигоҳ доштани онҳо бо тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ амалӣ карда мешаванд.
5. Барои муайян намудани мувофиқати кормандони мақомоти гумрук ба вазифаҳои ишғолнамудаашон ҳар се сол аттестатсияи кормандони мақомоти гумрук гузаронида мешавад. Тартиби гузаронидани аттестатсияи кормандони мақомоти гумрук бо Низомнома дар бораи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи кормандони мақомоти гумрук, ки аз тарафи роҳбари мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ тасдиқ мегардад, муайян карда мешавад.
6. Кормандони мақомоти гумрук баъди ба мансабҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ интихоб ё таъин шуданашон дар ихтиёри кадрҳои мақомоти гумрук нигоҳ дошта мешаванд (Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 № 1298).

**Моддаи 493. Тартиботи дохилии фаъолияти мақомоти гумрук**

1. Қоидаҳои тартиботи дохилӣ дар мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ва раёсатҳои минтақавии он аз тарафи роҳбарони ин мақомот тасдиқ карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 24.12.2022 № 1932).
2. Давомнокии вақти хизмати ҳафтаинаи кормандони мақомоти гумрук набояд аз давомнокии ҳафтаинаи вақти кории муайяннамудаи қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд бошад.
Кормандони мақомоти гумрук барои иҷрои вазифаҳои таъхирнопазир ё ғайричашмдошти хизматӣ метавонанд барои иҷрои вазифаҳои худ илова аз меъёри вақти хизматии муайяншуда, ҳамчунин шабонгоҳ рӯзҳои ид ва истироҳат бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб карда шаванд.
Барои кормандони мақомоти гумрук, ки вазифаҳои худро дар шароити зараровар иҷро менамоянд, вақти кории кӯтоҳи хизматӣ муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 494. Хусусиятҳои ба рухсатии меҳнати баромадани кормандони мақомоти гумрук**

1. Ба кормандони мақомоти гумрук мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон рухсатии меҳнатӣ дода мешавад.
Ҳангоми рухсатии меҳнатӣ ба кормандони мақомоти гумрук дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳкиро пардохта мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

2. Ба кормандони мақомоти гумрук рухсатии меҳнатии пардохтшавандаи ҳарсолаи давомнокиаш 30 рӯзи тақвимӣ аммо ба шахсоне, ки дар маҳалҳои баландкӯҳ ва маҳалҳои шароити иқлимашон вазнин кор мекунанд, рухсатии давомнокиаш 45 рӯзи тақвимӣ дода мешавад. Номгӯи ин ноҳияву маҳалҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд (Қонуни ҶТ 28.12.2012 № 906).
Сархати дуюми қисми 2 моддаи 494 хориҷ карда шуд (Қонун аз 3 марти соли 2006 № 169).
3. Ба кормандони мақомоти гумрук ҳар сол чунин рухсатии пардохтшавандаи иловагӣ дода мешавад(Қонуни ҶТ 28.12.2012 № 906):
1) баъди 10 соли собиқаи хизматӣ - 5 рӯзи тақвимӣ (Қонуни ҶТ 28.12.2012 № 906);
2) баъди 15 соли собиқаи хизматӣ - 10 рӯзи тақвимӣ (Қонуни ҶТ 28.12.2012 № 906);
3) баъди 20 соли собиқаи хизматӣ - 15 рӯзи тақвимӣ (Қонуни ҶТ 28.12.2012 № 906).
4. Ба кормандони мақомоти гумрук мумкин аст ба сабабҳои асоснок рухсатии бемузди давомнокиаш то ду моҳ дода шавад. Чунин рухсати ба ҳисоби рухсатии навбатии ҳарсола дохил карда намешавад.

**Моддаи 495. Музди меҳнати кормандони мақомоти гумрук**

1. Музди меҳнати кормандони мақомоти гумрук аз пардохтҳои зерин иборат аст:
1) маоши вазифавӣ;
2) маош барои рутбаи махсус;
3) иловапулӣ барои собиқаи хизмат (Қонун аз 3 марти соли 2006 № 169);
бандҳои чорум ва панҷуми қисми 1 хориҷ карда шуд (Қонун аз 3 марти соли 2006 № 169).
2. Маоши вазифавӣ, маош барои рутбаи махсус, андоза ва тартиби додани иловапулӣ барои собиқаи хизмати кормандони мақомоти гумрукро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад (Қонун аз 3 марти соли 2006 № 169).
3. Ба корманди мақомоти гумрук ба ивази озуқавори ҷубронпулӣ пардохта мешавад, ки ҳаҷми он бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои ҳар сол муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 496. Ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кормандони мақомоти гумрук**

1. Шахсони мансабдори мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ бо пешниҳоди шаҳодатномаи хизматӣ аз нақлиёти ҷамъиятӣ (ба истиснои таксӣ) дар доираи маҳалли адои хизмат ба таври ройгон истифода намоянд. Тартиби пӯшонидани хароҷот барои истифодаи ройгон аз хизматрасонии нақлиётиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд  (Қонуни ҶТ аз 17.12.2020 № 1746).
2. Шахсони мансабдори мақомоти гумрук баъди ба нафақа баромаданашон аз ҳуқуқу имтиёзҳое истифода мекунанд, ки ҳамин Кодекс пешбинӣ кардааст, аз ҷумла таъминоти тиббӣ дар муассисаҳои табобатие, ки он ҷо ба қайд гирифта шудаанд.

3. Шахсони мансабдори мақомоти гумрук аз ҳисоби маблағи буҷети ҷумҳуриявӣ ба маблағи баробар ба ҳаҷми 8 - каратаи музди миёнаи якмоҳаашон ҳатман суғуртаи шахсии давлатӣ карда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 01.08.2012 № 881).

Мақомоти суғуртаи давлатӣ маблағи суғуртаро дар мавридҳои зайл медиҳанд:

1) ҳалокати (вафоти) шахсони мансабдори мақомоти гумрук дар давраи кор ё баъди ҷавоб шудан, агар он дар натиҷаи расонидани ҷароҳати ҷисмонӣ ё зарари дигаре ба саломатӣ, ки ба иҷрои вазифаҳои хизматиашон вобаста аст, ба амал омада бошад - ба ворисонашон ба андозаи баробар ба ҳаҷми 8 - каратаи музди миёнаи якмоҳаи шахсони мансабдори мақомоти гумрук (Қонуни ҶТ аз 01.08.2012 № 881);

2) ба шахсони мансабдори мақомоти гумрук ба иртиботи иҷрои фаъолияти хизмати расонидани ҷароҳати ҷисмонӣ ё зарари дигаре ба саломатиашон, ки минбаъд ба фаъолияти касбӣ машғул шудани онҳоро ғайриимкон мегардонад, ба андозаи баробар ба ҳаҷми 6 - каратаи музди миёнаи якмоҳаашон (Қонуни ҶТ аз 01.08.2012 № 881);

3) ба шахсони мансабдори мақомоти гумрук ба иртиботи иҷрои фаъолияти хизматӣ расонидани ҷароҳати ҷисмонӣ ё зарари дигаре ба саломатиашон, ки дар натиҷаи он қобилияти кориашон ба таври пойдор гум нашуда, ба қобилияти минбаъд машғул шудан ба фаъолияти касбӣ асар накардааст, ба андозаи баробар ба ҳаҷми 5 - каратаи музди миёнаи якмоҳаашон (Қонуни ҶТ аз 01.08.2012 № 881).

Агар ба шахсони мансабдори мақомоти гумрук ба иртиботи фаъолияти хизматиашон ҷароҳати ҷисмонӣ ё ба саломатиашон зарари дигаре расонида шавад, ки минбаъд бо фаъолияти касбӣ машғул шудани онҳоро ғайриимкон мегардонад, барояшон ҳар моҳ дар шакли фарқи байни музди миёнаи якмоҳа ва нафақаи ба ҳамин муносибат таъиншуда, бидуни ба ҳисоб гирифтани маблағи пардохт, ки аз ҳисоби суғуртаи ҳатмии шахсии давлати гирифта шудааст, ҷубронпулӣ дода мешавад.

Агар шахсони мансабдори мақомоти гумрук вобаста ба фаъолияти хизматиашон ҳалок шаванд (вафот кунад), ҳамчунин шахсони мансабдори мақомоти гумрукӣ аз хизмат ҷавобшуда, дар натиҷаи вобаста ба фаъолияти хизматӣ ба онҳо ҷароҳати ҷисмонӣ ё ба саломатиашон зарари дигар расонидан вафот кунанд, ба аъзои ғайри қобили меҳнатӣ оилаи онҳо, ки нонхӯри онҳо мебошанд, дар шакли фарқи байни ҳиссаи барояшон баробаршавандаи қисми музди меҳнати ҳалокшуда (вафоткарда) ва нафақаи бинобар гум кардани саробон барояшон таъиншуда, бидуни ба ҳисоб гирифтани маблағи пардохт, ки аз ҳисоби суғуртаи ҳатмии шахсии давлатӣ гирифта шудааст, ҳар моҳ ҷубронпулӣ дода мешавад. Барои муайян кардани қисми мазкури маблағ музди миёнаи меҳнати шахси мансабдори ҳалокшуда (вафоткарда) ба шумораи аъзои оилаи нонхӯраш, аз ҷумла аъзои қобили меҳнат тақсим карда мешавад.

Зараре, ки ба тариқи несту нобуд кардан ва хароб кардан ба амволи шахсони мансабдори мақомоти гумрук ё ин ки ба амволи аъзои оилаи онҳо вобаста ба

иҷрои вазифаҳои хизматиашон расонида шудааст, дар ҳаҷми пуррааш, аз ҷумла фоидаи аз дастрафта аз рӯи тартиби муқарраркардаи қонунгузори ҷуброн мегардад.

Асос барои надодани суғуртапулиҳо ва ҷубронпулиҳои дар ҳамин модда пешбинишуда фақат ҳукмнома ё қарори суд нисбати шахсе шуда метавонад, ки ба ҳалокшавии (вафот кардани) шахсони мансабдори мақомоти гумрук ба онҳо расонидани ҷароҳати ҷисмонӣ ё нобуд кардану хароб кардани амволи ба онҳо тааллуқдошта айбдор дониста шудааст ва мувофиқи қарори дахлдор муқаррар шудааст, ки ин ҳодиса ба иҷрои вазифаи хизматиашон вобастагӣ надорад.

**Моддаи 497. Таъминоти моддию маишии кормандони мақомоти гумрук ва аъзои оилаи онҳо**

1. Ба шахсоне, ки дар мақомоти гумрук ба вазифа таъин шудаанд, аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар навбати аввал, вале дар давоми як соли баъди муроҷиат манзили истиқоматии хизматӣ дода мешавад. Мақомоти гумрук метавонад фонди манзили идоравӣ дошта бошад, ки тартиби ташкил ва истифодабарии он аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 № 1298).

Дар сурати фавти шахси мансабдори мақомоти гумрук ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ ба аъзои оилаи марҳум ҳуқуқи гирифтани манзил боқӣ мемонад.

2. Кормандони мақомоти гумрук ва аъзои оилаи онҳо барои хизмати ройгони тиббӣ дар муассисаҳои тандурустии системаи мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд. Ҳангоми дар ҷойи кор ва ё дар ҷойи истиқомати корманди мақомоти гумрук набудани муассисаҳои тандурустии системаи мақомоти гумрук, шӯъбаҳои дахлдор дар онҳо ё таҷҳизоти махсуси тиббӣ, инчунин дар ҳолатҳои таъхирнопазир ба кормандони мақомоти гумрук ва аъзои оилаи онҳо дар муассисаҳои давлатӣ ё идоравии системаи тандурустӣ ёрии тиббӣ расонида мешавад.

3. Кормандони мақомоти гумрук ва аъзои оилаи онҳо ҳангоми гузаронидан ба маҳали дигари хизмат мувофиқи тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷуброни хароҷоти роҳкиро ва интиқоли моли шахси тавассути нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ ва автомобилӣ аз ҳисоби маблағҳои мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои гумрукӣ ҳуқуқ доранд.

**Моддаи 498. Тайёр намудани кадрҳои мақомоти гумрук**

1. Тарбияи мутахассисон, бозомӯзонӣ (тағйири тахассус) ва баланд бардоштани ихтисоси кормандони мақомоти гумрук дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар муассисаҳои таълимии давлатҳои хориҷӣ дар асоси санадҳои дахлдори ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

2. Тартиб ва шартҳои тайёр намудан, бозомӯзонӣ (тағйири тахассус) ва баланд бардоштани ихтисоси кормандони мақомоти гумрук аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ бо мувофиқаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои таълимӣ муайян карда мешавад.

3. Ба хатмкунандаи муассисаҳои таълимӣ, ки аз ҳисоби мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ барои таҳсил фиристода шуданд, баъди хатми муассисаҳои таълимии мазкур дар мақомоти гумрук мувофиқи ихтисос ва касбӣ гирифтааш вазифаҳо кафолат дода мешавад.
4. Ба донишҷӯёни муассисаҳои таълимии олии хориҷӣ, ки дар доираи барномаи тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсил фиристода шудаанд, стипендияи ҳармоҳа, соле як маротиба кирои рафтуомад ба маҳали зисти доимӣ ва таҳсил пардохта шуда, инчунин онҳо бо либоси расмӣ таъмин карда мешаванд.

**Моддаи 499. Либоси расмии кормандони мақомоти гумрук**

1. Барои кормандони мақомоти гумрук пӯшида гаштани либоси расмӣ пешбинӣ карда мешавад. Шакли либоси мазкур, нишонаҳои фарққунада ва меъёри таъмини ашёи кормандони мақомоти гумрукро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд. Тартиб, мӯҳлат ва қоидаҳои пӯшидани либоси расмиро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян менамояд.
2. Либоси расмӣ ба кормандони мақомоти гумрук аз ҳисоби буҷети давлат дода мешавад.
3. Дар ҳолатҳои бо либоси расмӣ таъмин накардани кормандони мақомоти гумрук ба онҳо ба андозаи арзиши либоси расмӣ, бо назардошти меъёри таъмини амвол мувофиқи қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷубронпулӣ дода мешавад.

**Моддаи 500. Таъмини нафақаи кормандони мақомоти гумрук**

Таъминоти нафақаи кормандони мақомоти гумрук ва аъзои оилаи онҳо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ" амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 500(1). Маҳдудиятҳо вобаста ба синну сол, ки барои хизмат дар мақомоти гумрук муқаррар шудаанд**

(Қонуни ҶТ 28.12.2012 № 906)

1. Кормандони мақомоти гумрук то расидан ба синни зайл ба адои хизмат дар ин мақомот ҳуқуқ доранд:
1) сержанти хурди хадамоти гумрук, сержанти хадамоти гумрук, сержанти калони хадамоти гумрук, старшинаи хадамоти гумрук, лейтенанти хурди хадамоти гумрук, лейтенанти хадамоти гумрук, лейтенанти калони хадамоти гумрук, капитани хадамоти гумрук - 53 солагӣ (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1422);
2) майори хадамоти гумрук, подполковники хадамоти гумрук, полковники хадамоти гумрук - 58 солагӣ (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1422);
3) генерал-майори хадамоти гумрук, генерал-лейтенанти хадамоти гумрук - 63 солагӣ (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1422).
2. Кормандони мақомоти гумрук - занҳо бо хоҳиши худ метавонанд панҷ сол пештар аз мӯҳлати дар қисми 1 ҳамин модда пешбинишуда ба нафақа бароянд.
3. Мӯҳлати адои хизмат дар мақомоти гумрук барои кормандони мақомоти гумрук, ки ба синни ниҳоии муқаррарнамудаи қисми 1 ҳамин модда

расидаанд, аз ҷониби роҳбари мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ дар асоси хулосаи комиссияи тиббии ҳарбӣ метавонад то ду сол тамдид карда шавад, ба истисноси кормандоне, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешаванд. Дар ин сурат бо корманд шартномаи (қарордоди) мӯҳлатноки меҳнатӣ баста мешавад(Қонуни ҶТ 28.12.2012 № 906).

**Моддаи 500(2). Кӯмакпулии якваќта ба кормандони аз хизмат ҷавобшудаи мақомоти гумрук**

(Қонуни ҶТ 28.12.2012 № 906)

1. Ба кормандони мақомоти гумрук ҳангоми ҷавоб шудан аз хизмат ва ё баромадан ба нафақа кӯмакпулии якваќта барои собиқаи хизматӣ пардохта мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1422):

- то 5 сол - ба андозаи 1 маоши таъминоти пулӣ;
- аз 5 то 10 сол - ба андозаи 2 маоши таъминоти пулӣ;
- аз 10 то 20 сол - ба андозаи 3 маоши таъминоти пулӣ;
- зиёда аз 20 сол ба андозаи 4 маоши таъминоти пулӣ (Қонуни ҶТ 28.12.2012 № 906).

2. Ба кормандони мақомоти гумрук, ки бо асосҳои сархатҳои сеюм, чорум, шашум, ҳафтум, ҳаштум, нуҳум, даҳум, ёздаҳум, дувоздаҳум, сенздаҳум, чордаҳум, шонздаҳум, ҳабдаҳум ва нуздаҳуми қисми 1 моддаи 42 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 5), 9), 10), 11), 12) ва 14) қисми 1 моддаи 488 Кодекси мазкур ва (ё) бо асосҳое, ки Оинномаи интизомии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд, аз хизмат ҷавоб шудаанд, кумакпулии якваќтаи дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинишуда пардохта намешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1422).

**Моддаи 501. Барқароркунии кормандони мақомоти гумрук ба хизмат дар мақомоти гумрук**

1. Ба кормандони мақомоти гумрук, ки ба хизмат барқарор шудаанд, вақти аз рӯзи озодшавии онҳо то рӯзи барқароршавӣ ба хизмат дар мақомоти гумрук ба собиқаи хизмати дарозмуддат барои додани рутбаи махсуси навбатӣ, додани иловапулӣ барои собиқаи хизматӣ дохил карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1422).

2. Ба кормандони мақомоти гумрук, ки ба хизмат дар мақомоти гумрук барқарор карда шудаанд, музди миёнаи меҳнаташон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта мешавад.

3. Роҳбари мақоми гумруке, ки дар бораи озод кардан аз кор дар мақомоти гумрук ё ба кори дигар гузаронидани корманди мақомоти гумрук бо вайрон кардани талаботи ҳамин Кодекс қарор қабул намудааст ё иҷрои қарори ба хизмати мақомоти гумрук барқароркунии корманди мазкурро боздоштааст, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошад.

## БОБИ 61. СИСТЕМАҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ГУМРУКӢ

**Моддаи 502. Системаҳои иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва воситаҳои таъмини онҳо, ки дар мақомоти гумрук истифода мешаванд**

1. Тахия, эҷод ва истифодаи системаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои иттилоотӣ, ҳамчунин ба усулҳои мубодилаи электронии иттилоот асосёфта ва воситаҳои таъмини онҳоро мақомоти гумрук мувофиқи ҳамин Кодекс ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд.
2. Ҷори намудани системаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои иттилоотм бо истифодаи воситаҳои техникаи ҳисоббарор ва алоқа мувофиқи стандартҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунандаи байналмилали сурат мегирад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 845).
3. Системаҳои иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва воситаҳои таъмини онҳо, ки аз тарафи мақомоти гумрук тахия, эҷод ва ё харида шудаанд, моликияти давлатӣ ба ҳисоб мераванд. Ҳуқуқи соҳибмулкиро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ мувофиқи санадҳои меъёрии хуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад.
4. Истифодаи системаҳои иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва воситаҳои таъмини онҳоро, ки моликияти давлатӣ намебошанд, мақомоти гумрук дар асоси шартномаҳо амалӣ менамояд.
5. Шарт ва тартиби истифодаи системаҳои иттилоотм, технологияҳои иттилоотӣ ва воситаҳои таъмини онҳо барои мақсадҳои гумрукӣ аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 503. Сертификатонии системаҳои иттилоотӣ, технолгияҳои иттилоотӣ, воситаҳои таъмин ва ҳифзи онҳо**

Системаҳои иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотӣ, воситаҳои таъмини онҳо, ҳамчунин воситаҳои барномавию техникии ҳифзи иттилоот, ки дар фаъолияти гумрукӣ истифода мешаванд, бояд тибқи ҳолат ва тартиби пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сертификатсия шаванд.

**Моддаи 504. Захираҳои иттилоотии мақомоти гумрук**

1. Захираҳои иттилоотии мақомоти гумрукро ҳуҷҷатҳо ва маълумоте, ки шахс ҳангоми мутобиқи ҳамин Кодекс гузаронидани амалиёти гумрукӣ пешниҳод менамояд, инчунин ҳуҷҷатҳо ва маълумоти дигари мувофиқи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ихтиёри мақомоти гумрук қарордошта ташкил медиҳанд.
2. Захираҳои иттилоотии мақомоти гумрук моликияти давлатӣ мебошанд. Ҳуқуқи соҳибмулкро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.
3. Тартиби ташаккул ва истифодаи захираҳои иттилоотии мақомоти гумрук, талабот оид ба ҳуҷҷатгузории иттилоот аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.
4. Ҳуҷҷатҳое, ки пешниҳод ё тартиби пешниҳоди онҳоро ҳамин Кодекс пешбинӣ намудааст, аз ҷумла декларатсияи гумрукӣ, метавонад тавассути усулҳои электронии мубодилаи иттилоот ҳангоми риояи талабот оид ба ҳуҷҷатгузории иттилоот, ки мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар намудааст, инчунин талаботи дигари

муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шаванд.

5. Тартиби аз тарафи шахсон гирифтани иттилоотӣ аз захираҳои иттилоотӣ мавҷуда, ки дар ихтиёри мақомоти гумрук мебошанд, аз ҷониби мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ мувофиқи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 505. Системаҳои иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва воситаҳои таъмини онҳо, ки иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ истифода менамоянд**

1. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ талаботеро муқаррар менамояд, ки системаҳои иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва воситаҳои таъмини онҳо бояд ба ин талабот ҷавобгӯ бошанд ва аз ҷониби инҳо истифода гарданд:

1) аз тарафи танзимгари ваколатдори иқтисодӣ (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678);

2) аз тарафи соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ, соҳибони анборҳои гумрукӣ, брокерҳои гумрукӣ ва шахсони дигар бо хоҳиши онҳо, барои пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва маълумоти пешбининамудаи ҳамин Кодекс.

2. Истифодаи объектҳои мазкур барои мақсади гумрукӣ танҳо баъди санҷиши мувофиқати онҳо ба талаботи муқарраршуда иҷозат дода мешавад. Санҷишро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ анҷом медиҳад.

**Моддаи 506. Ҳифзи иттилоот ва ҳуқуқҳои субъектҳои дар ҷараёни иттилоотӣ ва иттилоотони иштироккунанда**

1. Таҳия, эҷод ва истифодаи воситаҳои махсуси барномавии техникии ҳифзи иттилоот, ки бо воситаҳои таъмини системаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои иттилоотӣ мувофиқат мекунанд, аз тарафи мақомоти гумрук бо мақсадҳои ҳифзи иттилоот ва ҳуқуқҳои субектҳои дар ҷараёни иттилоотӣ ва иттилоот иштироккунанда мувофиқи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

2. Дараҷаи ҳифзи иттилоотӣ ба воситаи ҳифзи иттилоот таъминшаванда бояд ба категорияи иттилоот мувофиқат намояд. Мувофиқати дараҷаи ҳифзи иттилоот бо категорияи муайяни иттилоотӣ аз ҷониби мақомоти гумрук, ки захираи иттилоотиро дар ихтиёр доранд, таъмин карда мешавад.

3. Назорати риояи талаботи ҳифзи иттилоот ва истифодаи воситаҳои ҳифзи иттилоотро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ва мақомоти дигари давлатӣ мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд.

## БОБИ 62. ТАҲВИЛИ НАЗОРАТШАВАНДАИ МОЛИ АЗ САРҲАДИ ГУМРУКӢ ИНТИҚОЛШАВАНДА

**Моддаи 507. Хусусиятҳои таҳвили назоратшавандаи моле, ки аз сарҳади гумрукӣ интиқол дода мешавад**

1. Таҳвили назоратшавандаи моли аз сарҳади гумрукӣ интиқолшаванда чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯие мебошад, ки ҳангоми он бо огоҳонӣ ва таҳти назорати мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии

воридоти мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, содирот аз ин ҳудуд ё ҳамлу нақли моли воридшуда дар ин ҳудуд иҷозат дода мешавад (Конуни ЧТ аз 25.03.2011 № 693, аз 30.05.2017 № 1421).

Ҳангоми интиқоли мол аз сарҳади гумрукӣ таҳвили назоратшаванда бо мақсади огоҳ намудан, ошкор кардан, пешгирӣ намудан ва кушодани ҷиноятҳои вобаста ба муомилоти ғайриқонунии мол истифода бурда мешавад.

Мақомоти дигари амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ таҳвили назоратшавандаи молро бо мувофиқаи мақомоти гумрук мегузаронанд. Тартиби чунин мувофиқанамои тибқи созишномаи байни мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ва мақомоти дахлдори давлатии анҷомдиҳандаи амалиёти оперативию ҷустуҷӯи муайян карда мешавад (Конуни ЧТ аз 25.03.2011 № 693).

2. Ҳангоми қабули қарор оид ба анҷомдиҳии таҳвили назоратшавандаи моли аз ҳудудии гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон содиршаванда дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё шартнома бо мақомоти салоҳиятдори давлати хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда намешавад ва роҳбари мақомоти анҷомдиҳандаи таҳвили назоратшаванда прокурорро мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қарори қабулгардида фавран хабардор месозад (Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 № 1421).

**Моддаи 508. Ситонидан ва ё иваз намудани моли аз сарҳади гумрукии** Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолшаванда ҳангоми анҷомдиҳии таҳвили назоратшаванда

Ҳангоми таҳвили назоратшавандаи моли аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолшаванда, ки фурӯши озоди онҳо манъ аст ё муомилоти онҳо бо иҷозати махсус мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон рухсат дода шудааст, ин мол метавонад тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ва ё қисман ситонида ё иваз карда шавад. Моле, ки ба саломатии одамон, муҳити табиии зист хатарнок ё барои тайёр кардани яроқи қатли ом ҳамчун замина истифода шуда метавонад, бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иваз карда мешавад.